Нерешенных же вопросов в этом контексте действительно немало в странах Центральной Азии. Это и проблемы использования водных ресурсов, деградация окружающей среды, межнациональные конфликты, наркобизнес, организованная преступность, международный терроризм, религиозный экстремизм и рост народонаселения. Вместе с тем на сегодня наибольшей остроты достигли многие внутренние проблемы регионального порядка, способные вызвать в будущем противостояние между государствами Центральной Азии.

Возьмем, к примеру, водные проблемы. Вода Таджикистана, Киргизии, Узбекистана и Казахстана представляет собой важную переменную величину и в вопросах обеспечения региональной безопасности. Центральная Азия входит в число районов, испытывающих хронический недостаток воды, что в прошлом приводило к возникновению острых конфликтных ситуаций, а в настоящее время остается источником напряжения во всем регионе.

Анализ показывает, что Таджикистан и Киргизия в использовании водных ресурсов находятся приблизительно в одинаковом положении. При этом на долю Таджикистана приходится 55,4 % от общего объема, на долю же Киргизии – 25,3 %. Из ежегодно накапливаемой воды в водохранилищах Киргизии (23 куб.км) только 7 % потребляет сама республика, а остальная часть регулярно подается в Узбекистан, Казахстан и Таджикистан. Отметим, что Туркменистан и Узбекистан – страны, находящиеся в низовьях водного бассейна Аральского моря, почти целиком зависят от водных источников, покрывающих 90 % их потребностей в воде, что выступает одной из главных причин возникновения напряженности в деле обеспечения водой этих стран. В частности, Узбекистан использует примерно три пятых общего объема водных запасов региона. Намного меньший объем воды используется и потребляется Киргизией и Таджикистаном – странами, расположенными в верховьях водного бассейна. [4]

Сложная ситуация сложилась в обеспечении водой Казахстана. Реальное состояние системы водоснабжения южных областей Казахстана практически полностью зависит от государств, расположенных выше по течению Сырдарьи, а именно Узбекистана, Таджикистана и Киргизии. В отношении стран, располагающих более богатыми водными ресурсами, со стороны пользователей применяются в качестве рычагов давления транзитный проезд по территории автотранспорта и пассажиров, пристрастное ужесточение контроля над въездом-выездом граждан и др., что не может не вызвать опасную угрозу безопасности Центральноазиатского региона. По этой причине некоторые круги государств, расположенных в непосредственной близости от водных источников, выступают за построение межгосударственных водных отношений в Центральной Азии на качественно новой экономической основе и считают актуальным участие водопотребляющих стран в строительстве, содержании и эксплуатации гидротехнических объектов в зонах формирования стока. Видимо назрела необходимость разработки системы мер по созданию и практической реализации программы

устойчивого развития Центральноазиатского региона с опорой на научно-технический и технологический, экономический и экологический потенциал.

В этом смысле одним из позитивных примеров внешнеполитических инициатив правительства Республики Таджикистан служит реализуемый проект «Международного года пресной воды, 2003». Её инициатором в ходе 54-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН выступал Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, чья активная позиция была поддержана 147 странами-участницами сессии. [5]

В тугой узел противоречий завязаны межнациональные конфликты и религиозное сознание, обретшее экстремистский характер. Напомним, что нынешние границы государств Центральной Азии возникли почти без учета распределения этнических групп, в основном таджиков, узбеков и киргизов. Фактор проживания, к примеру, внушительного числа таджиков в Узбекистане и узбеков в Таджикистане нередко был поводом возникновения межнациональных противостояний между таджиками и узбеками в этих странах.

Аналогичные примеры можно привести по Киргизии и Казахстану. Отсутствие механизма решения проблем этнических меньшинств на межгосударственной основе и факты невнимания к их правам могут стать мобилизующей тенденцией межнациональных конфликтов в регионе. Отсюда само собой встаёт задача оптимального использования ныне существующего потенциала государств в направлении обеспечения прав миноритарных народов.

Другим актуальным вопросом для стран Центральной Азии является религия и религиозная идентификация. Известно, что кроме ислама народы этого региона также исповедуют христианство, иудаизм и буддизм. В последнее время активизировали свою деятельность различные сектантские течения, в которых задействованы иностранные религиозные силы.

В этой связи необходимо отметить, что допускается некоторая лояльность, беспечность, может быть, и попустительство в создании условий для воспитания нового поколения проповедующих идеологию насилия фундаменталистов, взращенных и вдохновленных исламской моделью, насаждаемого движением «Талибан». Тысяча иностранных исламских радикалов, сражающихся вместе с талибами, не оставляют агрессивных устремлений по свержению законной власти в своих собственных странах и осуществлению исламской революции талибского типа во всем регионе. Талибский режим в Афганистане подготовил для боевиков из республик Центральной Азии - Таджикистана, Узбекистана, Кыргызстана – благодатную почву и возможности для отыскания убежища и получения финансовых средств с помощью контрабанды.

Военные лагеря, где экстремисты проходят военную выучку стали фактически университетами, способствующими исламскому радикализму в регионе. Территория Афганистана использовалась определенными силами в период межтаджикского конфликта. Там же были расположены базы узбекских боевиков, вторгшихся в приграничные районы Узбекистана и южную часть Киргизии. Существовала угроза разрастания афганского конфликта в широкомасштабную войну с вовлечением всех стран Центральной Азии и возгорания межнациональной вражды из-за дискриминации и этнических чисток, проводимых талибами.

В создавшихся условиях важным и принципиальным шагом в обеспечении безопасности государств Центральной Азии, по свидетельству опыта мирового сообщества, является углубление интеграционных процессов, в первую очередь экономического сотрудничества в регионе как в двустороннем формате, так и многостороннем: использование водных, топливо-энергетических ресурсов, развитие транспорта и коммуникаций; создание единой энергетической системы; совместная борьба с наркобизнесом; самодостаточное укрепление обороноспособности. В дальнейшем интеграционный процесс в регионе, решая экономические проблемы, расширяя и углубляя сферы сотрудничества должен охватить гуманитарные и иные проблемы интеграции, создавая тем самым надежную и прочную основу обеспечения региональной безопасности.

Интеграционные процессы в Центральной Азии, разумеется, выходят далеко за пределы экономики. Они должны подкрепляться политическими, правовыми, гуманитарными и информационными карт-бланшами.

Касаясь этой проблемы необходимо отметить исключительную роль, которую играет ШОС. Члены этой организации – Китай, Россия, Казахстан, Узбекистан, Таджикистан, Киргизия главное внимание уделяют укреплению взаимодействия в сфере военной безопасности и экономики. Подписанные документы с членами ШОС: Декларация Совета глав государств; Концепция сотрудничества государств членов ШОС в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом; Соглашения об оказании помощи при ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций; о порядке организации и проведения совместных антитеррористических мероприятий на территориях государств членов ШОС свидетельствуют об эффективной деятельности этой организации.

Фонд развития, Деловой совет ШОС имеют принципиальное значение для создания правовой базы экономического сотрудничества и реализации Программы многостороннего торгово-экономического сотрудничества государств-членов ШОС.

В настоящее время в одном из субъектов Центральноазиатского региона, в частности Таджикистане, ведется активная работа по привлечению зарубежных инвесторов в таких сферах: текстильной и легкой промышленности – корейцы и итальянцы, золота – англичане, китайцы, канадцы, сурьмы – американцы, цементного производства – чехи, гидроэнергетики и коммуникации (тоннель) – Россия, Иран, Китай, газодобычи – Россия, США, Канада, в строительстве комфортабельных гостиниц, коммуникаций и текстильной промышленности - Турция, Россия и т.д.

Ключевая сфера сотрудничества в Таджикистане, таящая в себе огромный экономический потенциал – энергетика ныне передана почти полностью в руки российских инвесторов и специалистов. В условиях глобальной экономики, чем выше и крепче уровень интеграции последней, тем выше ее способность в сфере конкурентной борьбы на мировом рынке. Ведь в современных условиях основным двигателем развития торгово-экономических отношений является конкуренция. Завоевать рынок может тот, кто выпускает конкурентоспособную продукцию и экспортирует последнюю по оптимальным рыночным ценам.

Активное участие Таджикистана в интеграционной политике региона по сотрудничеству как в многостороннем, так и двустороннем формате по решению проблем связанных с обеспечением безопасности, безусловно и в дальнейшем будет находить свое воплощение в рамках решений СНГ, ШОС и ЕврАзЭС.

Выводы:

- Необходимо странам Центральной Азии самим в первую очередь налаживать взаимодействия и плодотворное сотрудничество между собой в деле обеспечения безопасности региона в рамках СНГ, ЕврАзЭС, прежде всего, ОДКБ.

- В связи с ослаблением эффективности деятельности СНГ и ЕврАзЭС, странам Центральноазиатского региона целесообразно активизировать свое сотрудничество по обеспечению безопасности в рамках ОДКБ и ШОС, в частности с Россией и с Китаем.

- В силу того, что присутствие западных стран, в частности США и ряда европейских государств, в Центральноазиатском регионе на фоне факта международной антитеррористической операции в Афганистане становится реальным, целесообразно было бы странам Центральной Азии решать свои региональные проблемы в рамках ОДКБ, прежде всего со своим главным стратегическим партнером и союзником - Россией, а затем с другими, в частности, странами - членами ШОС.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обеспечение региональной безопасности Центральной Азии, система коллективной безопасности, интеграционная политика, региональные проблемы, сотрудничество.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Уткин А.И. Единственная сверхдержава. –М.:Алгоритм.-2003.-с.-10-85.
2. Рогов СМ. Доктрина Д. Буша и перспективы российско-американских отношений. // Независимая газета. 3 апреля 2002. с. 1-11.
3. Бжезинский 3. Великая шахматная доска. -М., 1999, -с. 10; 62; 108.
4. Рахмонов Э. Таджикистан на пороге XX1 века. - Душанбе, 2001.
5. Ликоев М., Сайдалиев У. Историческое значение глобальной инициативы правительства Республики Таджикистан по пресной воде // Дипломатия Таджикистана. –Душанбе. 2004.

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАКАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР РАФТИ РАҚОБАТ ВА БОЗИҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

***У. Сайдалиев***

Мақолаи мазкур ба таҳлили баъзе ҷанбаҳои масъалаи таъмини амнияти минтакаи мазкур бахшида шудааст. Мақола инчунин то кадом дараҷа аҳамиятнок будани минтакаи Осиёи Марказиро дар қитъаи АвроОсиё таъкид намуда, дар як вақт онро ба ҳайси нуктаи пайвасткунанда ҳам бо қитъаҳои Аврупои Шаркӣ ва Аврупои Ғарбӣ ва ҳам бо давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ муаррифӣ менамояд.

## THE GREAT CHESS GAME UP TO ENSURING THE CENTRAL ASIA WITH THE REGIONAL SECURITY DEDICATED

***U. Saiedaliev***

The article from to the analysis some issues related to the Central Asian region and its security. As well as the article explains how much is important the Central Asia in the Euro-Asian mainland being as connector among Eastern and Western European continents and South Asian countries.

# СИНЕРГЕТИКАИ РАВАНДҲОИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

*М.А.Назаров*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Синергетика, ки ҳамчун ҷараёни байнифаннии тадқиқоти илмӣ дар нимаи дуюми асри XX ба вуҷуд омадааст, аз ҷиҳати методологӣ дарёфтӣ буданашро дар илми муосир собит намудааст. Дар доираи синергетика равандҳои гузариш аз низомнокӣ ба бенизомӣ ва баръакс, инчунин худташкилшавӣ ва худвайроншавӣ дар муҳитҳои кушоди ғайрироствтхатии гуногунтабиат омӯхта мешаванд. Моҳияти илмии синергетика аз ҷониби олимони машҳур, аз ҷумла Г.Хакен, И.Пригожин, И.Стенгерс, Г.Николис, Е.Князева, С.Курдюмов ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст [ниг.:3; 5; 6; 9 ва ғ.]. Дар таълифотҳои сершумори тамоюли илмиашон на танҳо ба табиатшиносӣ, инчунин ба фарҳангшиносию гуманитарӣ самтгирифта аз истилоҳҳои синергетика васеъ истифода бурда мешавад. Чунин мафҳумҳо, ба монанди ғайрироствхатӣ, кушодагӣ, худташкилшавӣ, худидоракунӣ, аттрактор, номувозинатӣ, ноустуворӣ, гуногунии роҳҳои таҳаввул ва интихоби онҳо дар нуқтаҳои бифуркатсия (*гузариш*), низомнокшавӣ тавассути флуктуатсия (*лағжиш*) ва ғайраҳо дар сохтори матнҳои илмӣ беш аз беш истифода мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки парадигмаи синергетика тавассути тафаккури илмӣ ба нигариши нави инсон нисбати табиат, ҷамъият, фаъолият роҳ мекушояд. Дар давоми даҳсолаҳои охир маҷмӯи гуногуни масъалаҳои илмӣ-табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ аз мавқеи методологияи синергетика таҳлил шудаанд, ки номгӯи онҳо дар феҳристи таълифоти гуногун пайдо кардан мумкин аст.

Яке аз равандҳое, ки мазмун ва натиҷааш барои инсонияту тамаддун тақдирсоз аст, ин – глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) мебошад. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ вобаста ба пажӯҳиши сабабу натиҷа ва хусусиятҳои глобализатсияи муосир аз методологияҳои гуногун истифода карда, хулосаҳои гуногун бароварда мешавад. Чунин гуногунрангии шарҳдиҳии ин масъалаҳо аз ҷониби муаллифон, ки масъалаи мазкурро боз ҳам мубрамтар месозад, феълан мунозираи доманадорро дар ҷомеаи илмӣ ба миён овардааст. Дар хулосагириҳои муҳаққиқон андешаҳои дарёфтию пурарзиш кам нестанд. Инҷо матлаби мо идомаи баҳсу мунозира ё доварӣ дар атрофи гуногунандешӣ набуда, балки баррасии таҳлили баъзе ҷанбаҳои раванди глобализатсия аз мавқеи синергетика мебошад.

Дар шароити муосир раванди глобализатсия, ки барои мамлакатҳои дар зинаҳои гуногуни рушди худ қарордошта арзиши мухталиф дорад, ҳамчун давраи дуюми ҷаҳишмонанди худташкилшавии материяи иҷтимоӣ, давраи гузариши он ба сифати нав маънидод карда мешавад. Барои боз ҳам амиқу дақиқтар фаҳмидани механизми иҷтимоии ин гузариши таърихӣ зарур аст, ки аввалан омилҳои умумии табдилёбии инкишофи устувор ба ноустуворро дида бароем.

Синергетика се навъи омилҳоро ҷудо мекунад, ки сабаби ба ҳолати ноустувор гузаштани материя буда метавонанд.

*Навъи якуми* чунин омилҳоро И.Пригожин асоснок намудааст. Низом дар ҳолате ноустувор мегардад, ки агар константҳо (бузургиҳои доимӣ)-и муҳити он зиёда аз ҳадди устувориашон тағйир ёбанд, яъне ҳадди муайяни нишондиҳандаи бӯҳрониро гузаранд. Дар натиҷа низом ба доираи *бифуркатсия* – интихоби беихтиёронаи инкишофи минбаъдаи низом – дохил мешавад. Маҳз дар ҳамин лаҳза яке аз флуктуатсияҳои сершумор, ки ба маркази низом наздиктар аст ё сохтори нисбатан мураккабтар дорад, вобаста ба бартарии нерӯи ботинӣ ва қобилияти ҳамгиросозандааш ба муттаҳидшавию амалҳои синергии дигар флуктуатсияҳои гуногунрангу гуногунсамт таъсири ҳалкунанда мерасонад. Вай ба *аттрактор* – маркази ҷамъшавию ба раванди ягона муттаҳидшавии равандҳои бетартибонаи флуктуатсияҳо – табдил мегардад [6, 206-240]. Шарти зарур ва кифояи табдилёбии тасодуфии як флуктуатсия ба аттрактор инҳо аст: кушодагии муҳити низом; афзалияти амали сохтордиҳандагии флуктуатсияи мазкур чун сарчашма дар муқобили амалҳои диссипативӣ (*пошхӯрӣ*), ки флуктуатсияҳои дигарро паҳну парешон месозад.

Мисоли равшани чунин навъи ҷаҳиши сифатӣ – ин пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва сохти сотсиалистии он мебошад. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта сатҳи бӯҳронии се нишондиҳандаи муҳими пойдории низоми шӯравӣ убур шуд.

Ошкорбаёнӣ, дарки имконнопазирии амалӣ кардани мақсадҳои коммунизм, аз нуқтаҳои савдо ғайб задани молҳо нишондиҳандаи якуми он – нақши созандагии идеологияи марксистиро ба нерӯи харобиовар табдил дод. Асоси идеологии сохти шӯравӣ барбод рафт.

Маҷрои демократикунонӣ ва шикасти идеологияи коммунистӣ асоси дуюми сохти шӯравӣ – нақши роҳбарикунандаи ҳизби коммунистиро ночиз гардонид, низоми авторитарии идораи мамлакатро вайрон кард.

Номутаносибӣ дар иқтисодиёт ба чунин сатҳи бӯҳронӣ расид, ки дигар барқарори таносуби мӯътадил ва нақшавии он имконнопазир гашт. Ҳамин тавр, асоси сеюм, яъне асоси иқтисодии ин сохти ҷамъият низ барҳам хӯрд.

Худпошхӯрии ин сохти ҷамъиятии ноустуворгашта аз сабаби вайрон шудани асосҳояш – идеологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ – ногузир гардид. Таъсири омилҳои беруна (ҷазбманд будани тарзи ҳаёти аврупоию америкоӣ, бартарӣ пайдо кардани идеологияи буржуазӣ ва ғайра) дуюмдараҷа буданд ва ба ин худпошхӯрӣ мусоидат намуданд.

Самти шӯравии сотсиалистии инкишофи қисми зиёди материяи иҷтимоӣ муваққатӣ буданашро нишон дод. Роҳи асосии гузариш ба сифати нав ҳатмӣ буд: бозгашт ба тамоюли асосии инкишофи сайёравии материяи иҷтимоӣ – ба демократия ва иқтисоди бозоргонӣ. Вале роҳҳои мушаххаси чунин бозгашт бо интихоби тасодуфонаи сараттракторҳо дар ҳамон ҳудуди имкониятҳои воқеӣ муайян мегардид. Чунин аттракторҳо алтернативӣ буданд – роҳи хитойии тадриҷан сохтордиҳии иқтисоди бозоргонӣ бо нигаҳдошти реҷаи сиёсӣ, суръатбахшӣ ба ҷамъоварии ибтидоии капитал (сармоя) дар партави истифодабарӣ аз имтиёзҳои ҳокимиятдорӣ. Маҷмӯи чунин роҳҳо, ки ба сифати аттракторҳо буданд, дар фарқияти ҷиддии комёбиҳои муосири мамлакатҳои баъдисотсиалистӣ ба назар мерасад.

Мактаби россиягии математик-синергетикҳо бо сарварии олими забардаст С.П.Курдюмов навъҳои дуюм ва сеюми омилҳои мусоидаткунандаи гузариши низом ба ҳолати ноустуворро ба таври назариявӣ асоснок намуд.

*Навъи дуюм.* Дар натиҷаи худинкишофёбии равандҳо дар ҳамон як муҳит ва бе тағйироти қатъии нишондиҳандаҳои асосии он метавонанд сохторҳои гуногун ба миён оянд, ки ба сифати аттракторҳои азнавсохтордиҳандаи муҳит баромад мекунанд. Дар назар дошта мешавад, ки дар натиҷаи сохторгирии нав муҳит ё мураккаб, ё вайрон (нобуд) мешавад [3, 40-42].

Намунаи ин – Чин мебошад, ки дар ҳудудаш 1/5 ҳиссаи инсоният сукунат дорад. Дар ин мамлакат баъди ғалабаи инқилоб тақрибан 30 сол инкишофи устувори карахтонаи навъи шӯравӣ давом дошт. Гузариш аз чунин устуворӣ ба ноустуворию инкишофи вусъатнок бе тағироти қатъии нишондиҳандаҳои асосии ин сохт – идеология, воқеияти сотсиализми тоталитарӣ, нақши роҳбарикунандаи ҳизби коммунистӣ ва ҳокимияти тоталитарӣ – оғоз гардид. Танҳо як нишондиҳанда – иқтисодиёт, ҳамон ҳам на ба таври қатъӣ, тағйир дода шуд. Иқтисоди мутамаркази нақшавӣ барҳам дода нашуд, аммо соҳибкорӣ ва озодии бозоргонӣ, ки давлат танзим бояд мекард, иҷозат дода шуд. Маҳз ҳамин навовариҳо ба сифати сохтор-аттрактор тавонистанд, ки муҳити устувори иқтисодиро ба ноустувори идорашаванда табдил диҳанд ва ба инкишофи босуръати иқтисодию иҷтимоии мамлакат роҳ кушоянд. Воқеан, ин ибтидои гузариш аз сотсиализми навъи шӯравӣ ба капитализми иҷтимоишудаи навъи ғарбӣ не, балки шарқӣ буд. Тафовути моҳиятии ин гузаришҳо дар он аст, ки дар Ғарб гузариш аз капитализми классикӣ ба капитализми иҷтимоии муосир амалӣ мегардад, вале дар мамлакати Чин марҳилаи классикии капитализмро аз сар нагузаронида, якбора ба навъи иҷтимоишудаи он, ки хусусиятҳои муҳими сохтори навъи шӯравиро нигоҳ медорад, гузариш идома ёфт. Дар ҳолати мусоидии шароит, вобаста ба ин роҳҳои инкишоф дар асри XXI тақрибан 2,5 миллиард одамон дар капитализми иҷтимоӣ, ки барои аксарияти инсоният ояндаи дур аст, зиндагӣ хоҳанд кард.

Пажӯҳиши ин самти глобализатсия (яъне ҳамтаъсирию омезишёбии ду роҳҳои ҳаракат ба капитализми иҷтимоӣ) аз мадди назари аксарияти ҷамъиятшиносон дур мондааст. Аҷибияти ин самти дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ дар он аст, ки дар Ғарб ба сифати аттракторҳояш демократия, бозор, инқилоби технологию иттилоотӣ хизмат мекунанд. Дар Шарқ бошад, аттракторҳои дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ инҳо аст: ҳокимияти авторитарии ҳизбҳои коммунистӣ, идеологияи сотсиалистӣ, соҳибкории озоди танзимшаванда, вусъатёбии маблағгузорӣ аз хориҷа. Чунин самти пурзиддияти синтези роҳҳои гузариш ба капитализми иҷтимоӣ то дараҷае хусусияти прогрессивии марҳилаи муосири глобализатсияро таъмин намуд.

*Навъи сеюми* омилҳоеро, ки табдилоти устуворӣ ба ноустувориро ба миён меоваранд, аз назар мегузаронем. Ин омилҳо дар шароите амал хоҳанд кард, ки агар низом на ҳамту ба ҳолати ноустуврӣ, балки ба ҳолати инкишофи фавқуллода тезсуръат гузарад. Омили ҳалкунандаи он алоқаи ҷавобии ғайрихостхатии мусбӣ ба шумор меравад. Ин намуди алоқа вусъатёбии равандҳои худинкишофёбиро ба миён меоварад, ки аз ҳисоби ихтисоршавии вақти саргардонии низом дар майдони роҳҳои имконии инкишофи ояндааш ва воқеъишавии самараноки яке аз роҳҳои имкониаш имконпазир мегардад. Дар чунин ҳолат реҷаи рушди худвасляшавӣ, яъне реҷаи автокатализ дар тамоми фазои муҳити низом ҷорӣ мешавад [3, 49-53].

Намунаи хоси ин – рушди босуръати иқтисодиёти Олмон, Ҷопон ва якчанд мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ буд. Асоси рушди босуръати иқтисодиёти ин мамлакатҳо ҳамчун қисмҳои алоҳидаи материяи иҷтимоӣ на танҳо дар мавҷуд будани алоқаи мусбии ҷавобӣ байни муҳитҳои иқтисодӣ ва

сиёсӣ, инчунин дар истифодабарии шаклу усулҳои самараноки ҳамгиротар гардонидани таъсири мутақобила ва ба ҳамдигараш мутобиқ гардонидани инкишофи ин муҳитҳо аз ҷониби ҳукуматҳои ин мамлакатҳо буд. Аз ин бармеояд, ки инкишофи босуръати ин мамлакатҳо – натиҷаи амалҳои муштараки самараноку мутаносиби ибтидоҳои *худташкилшавӣ* ва *ташкилкунӣ* мебошад. Самаранокии ибтидоҳои ташкилкунӣ махсусан дар Олмон ва Ҷопон назаррас аст. Ҳокимияти ин мамлакатҳо бо сиёсати пешгирифтаи демократикунонӣ, истифодаи хусусиятҳои миллии муҳити фарҳангӣ, ҷорӣ намудани соҳибкории озод ва тақвиятбахшӣ ба рақобати тезутунд, дастгирии иқтисодии соҳаҳои татбиқгардонандаи комёбиҳои илмӣ ба табдилёбии мусбию босуръати бенизомиҳои баъдиҷангӣ мусоидат карда тавонистанд. Аттракторҳои объективӣ-субъективии пешбарандаи чунин табдилёбӣ, аз ҷумла демократикунонӣ ва ҳамгирошавии маблағгузориҳо ба татбиқоти технологию иҷтимоигардонии муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд. Амали аттракторҳои мазкур боиси пайдоишу вусъатёбии судманди таъсири мутақобилаи муҳитҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҳар нуқтаи ҳамтаъсирӣ гашта, ба рушди ҳар яки ин муҳит сабабгор шуд. Ҳамин тавр, аз ин хулосагирӣ метавон кард, ки на танҳо алоқаи мусбии ҷавобӣ, инчунин вусъатёбии ҳамтаъсирии судманду созандаи ду муҳити асосии ин мамлакатҳо ва ду ибтидои сармоя – *худташкилшавӣ* ва *ташкилкунӣ* – ба рушди босуръати иқтисодӣ ва аз капитализми классикӣ интиқол шудан ба капитализми иҷтимоӣ сабаб гардиданд.

Дар шароити муосир раванди инкишофи босуръати қисми зиёди материяи иҷтимоӣ (аллакай чоряк аср аст, ки) дар мамлакати Чин давом меёбад. Дар ин раванд навъҳои дуюм ва сеюми омилҳои гузариши низоми иҷтимоӣ ба ҳолати ноустуворӣ амал мекунанд.

Аз таҳлили амали ин омилҳои умумитарин, ки гузариш аз инкишофи устувор ба ноустуворонаи материяро умуман, аз ҷумла шакли иҷтимоии онро ба миён меоваранд, се хулоса бармеояд.

I. Дар равандҳои иҷтимоии ноустувору динамикӣ детерминизм, баръакси эътирофи И.Пригожин [6, 50], гум намешавад, балки сифати наверо соҳиб мегардад, ки бо маҳдудияти интихоби худ ба худи (ғайричашмдошти) роҳҳои имконии инкишофи минбаъдаи низомҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Раванди ростхатӣ ба раванди ғайриростхатӣ ва гуногунандоза табдил мегардад.

С.Курдюмов тасдиқоти И.Пригожинро доир ба бартараф шудани детерминизм дар дигаргунсозии низомҳои мураккаби динамикӣ танқид намудаст. Ӯ сифати нави динамикӣ гирифтани детерминизмро асоснок намуда [3, 53-54], бо ҳамин имкон фароҳам сохт, то ки ҷой доштани хусусияти нави таъсирҳои мутақобилаи *зарурат* ва *тасодуф* дар минтақаи бифуркатсия исбот карда шавад. Дар минтақаи номбаршуда *тасодуф* ба дараҷаи муайяни детерминизми динамикӣ соҳиб мегардад, ки он дар се муносибат назаррас мебошад:

А). На ҳар як *тасодуф* имконӣ аст. Фақат ҳамонаш имконӣ аст, ки дар доираи маҷмӯи роҳҳои инкишофи ояндаи низом ҷойгир бошад. Ин маҷмӯъ (гуногунандозагӣ) аз хусусияту хосиятҳои динамикии низом вобаста аст. Хусусияти номаҳдудии *тасодуф* ба маҳдудӣ мубаддал мегардад, ки сабабаш ҳад доштани маҷмӯи имкониятҳояш мебошад.

В). *Тасодуф* – ин худ ба худ интихоб шудани як флуктуатсия аз маҷмӯи флуктуатсияҳои низоми интиқолёбанда мебошад, ки ба худ сифати аттрактори навсохтордиҳандаи низомро касб мекунад. Аз ин сабаб дараҷаи эҳтимолияти ин ё он тасодуф аз маҷмӯи флуктуатсияҳои низом вобаста мебошад. Детерминизми динамикии *тасодуф* вобаста ба маҳдуд будани ин маҷмӯъ боз ҳам муайянтар мегардад.

С). *Тасодуф* бо қонуниятҳои давомат дар инкишофи материя, алалхусус дар инкишофи шакли иҷтимоии он, маҳдуд карда мешавад. На ҳар як флуктуатсия, балки танҳо яке аз онҳо, ки дар худ тамоюли мусбии хосиятҳои ба сифати нав интиқолёбии материяи иҷтимоиро маҳфуз медорад, ба аттрактор (мутаносибан – ба зарурати сохторёбии низоми муайян) табдил меёбад.

Бояд қайд намуд, ки на танҳо *тасодуф* хосиятҳои зикршударо соҳиб мегардад, инчунин дар навбати худ *зарурат* низ чанде аз хосиятҳои тасодуфро дар бар мегирад.

*Аввалан*, худташкилшавии зарурат худ ба худ аз маҷмӯи муайяни флуктуатсияҳо сурат мегирад. Дар минтақаи бифуркатсия вай шакли аттракторро ва баъди гузаштан аз ин минтақа, шакли сохтори диссипативиро (пошхӯрандаро) соҳиб мегардад. Худ ба худ ба аттрактор (мутаносибан – ба шакли зарурат) табдил шудани яке аз флуктуатсияҳо маънои онро дорад, ки *зарурат тасодуфро* дар худ гирифт, *тасодуф* ба *зарурат* мубаддал гашт.

*Сониян*, дар шакли аттрактор ё сохтори диссипативӣ *зарурат* дар шохаи минбаъдаи интиқолёбии низом ба сифати нав боз ба яке аз флуктуатсияҳо (ба *тасодуф*) табдил мегардад.

Чунин аст механизми баҳамгузарии *зарурат* ва *тасодуф*, синтези динамикии онҳо, ки шакли баҳамтабдилёбии флуктуатсияҳо ба аттрактору сохторҳои диссипативӣ ва баракси онро ба худ мегирад.

Синтези динамикӣ ва баҳамгузарии зарурату тасодуф механизми мушаххас гардонидашудаи синергетикии амали *қонуни инкори инкор* мебошад. Ин механизм ба ҷаҳиши сифатӣ мазмуни

мушаххастари баҳамгузариҳои флуктуатсияҳо ва аттракторҳо, ғайричашмдоштӣ (худ ба худ) ва қонуниятӣ, зарурат ва тасодуфро зам менамояд. Нававарии баёни синергетикии ин қонун маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад.

II. Ҳарчанд, ки самти асосии инкишофи материяи иҷтимоии муосир (мураккабшавии он бо роҳҳои такмилдиҳии демократия, маданият, иқтисоди бозоргонӣ) дар асри XX ҳукмфармо буд, аммо як қисми он (низоми ҷаҳонии сотсиализм) аз ин самти асосии инкишофаш дур шуд. Маҳз бо сабаби дуршавӣ аз қонуниятҳои ҳукмфармои инкишофи шакли иҷтимоии материя (яъне аз раванди мураккабшавӣ) сотсиализми навъи шӯравӣ вақти тӯлонӣ вуҷуд дошта натавонист ва мамлакатҳои сотсиалистӣ объективан маҷбур шуданд, ки ба маҷрои асосии инкишофи он баргарданд.

III. Ба давраи муосири таҳаввули материяи иҷтимоӣ алалхусус афзоиши тафовути суръати инкишофи қисматҳои бузургаш хос мебошад. Баъзе аз мамлакатҳо бо суръати баланд инкишофи худро давом медиҳанд, аммо дигар мамлакатҳо бо суръати миёна ё суст пешравӣ доранд. Мамлакатҳое низ мавҷуданд, ки сохтори низоми ҷамъиятиашон дар ҳолати карахтӣ ё пошхӯрӣ қарор гирифтааст. Аз ин бармеояд, ки дар ибтидои асри XXI низ нисбат ба таърихи гузашта олами иҷтимоӣ беш аз беш чун зинаҳои сершумори ченаки вақтии гуногундоштаи инкишофи қисмҳои азимаш бо гуногунии дараҷаи вусъати ҳамтаъсирии иҷтимоӣ ва худташкилшавии он аён мегардад. Ҳамчунин тамоюли умумии таҳаввули материяи иҷтимоӣ, ки дар тӯли тамоми таърихи мавҷудияташ хос буд (ҳаммавҷудиятии мураккабшавӣ бо вайроншавӣ, пешравӣ бо заволёбӣ, тартиботёбӣ бо бенизомӣ), равшан зоҳир мешавад.

Дар марҳилаи муосир ивазшавии инкишофи устуворона ва ноустуворонаи материяи иҷтимоӣ вусъати тоза гирифта, ҳамтаъсирии онҳо зичтар гардидааст. Ин ҳамчун афзоиши ноустуворӣ дар равандҳои муосири глобализатсия зуҳур меёбад. Инҷо дар бораи панҷ зуҳуроти афзоиши ноустувории глобализатсия истода мегузарем.

Зуҳуроти *якум* – рафти мавҷмонанди глобализатсия. Вай дар сатҳҳои гуногун ба таҳаввули ҳам ҷузъҳо ва ҳам томияти материяи иҷтимоӣ хос буда, ҳамчун ивазшавии даврии тағйироти босуръат бо тағйироти сусттар ва ҳатто бо вайроншавӣ баён мегардад. Ин давраҳо хусусияти бениҳоят мураккаб дошта, ҳамтаъсирӣ ва ҳаммахлутшавии чунин мавҷҳоро фаро мегиранд: кӯтоҳ (бӯҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ); миёна (сохторӣ-технологӣ); дароз (даҳсолаҳои зиёд давомёбанда); дарозтарин (миқёси тамаддунӣ дошта, садсолаҳо давом меёбад). Ин таркибдиҳандагони давраҳои мураккаб (яъне мавҷҳо) метавонанд нақши созандагӣ ё вайронкорӣ дошта бошанд.

Зуҳуроти *дуюм* – нобаробар мураккабшавии материяи иҷтимоӣ. Раванди мураккабшавии як қисми азими он дар як вақт бо соддашавии (таназзул, заволёбии) қисми дигараш сурат мегирад. Тамоюли асосии бардавом ин мураккабшавӣ мебошад, ки дар рафти он сарҳади имкониятҳои инкишофи инсоният васеъ мегардад. Вобаста ба ин, нақши *тасодуф* дар табдилоти баъзе флуктуатсияҳои муҳими ҷаҳонӣ ва аттракторҳои сохтордиҳандаи замонавӣ объективан меафзояд. Бо маълумсозӣ ва мусоидат кардан ба нақши болоравандаи чунин флуктуатсияҳо дар вусъатёбии глобализатсияи муосир қисми пешқадами элитаи сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ тавассути сохторҳои СММ ва ташкилотҳои байналхалқӣ машғул мебошад.

Ивазшавии равандҳои мураккабшавӣ бо соддашавии сохтори материяи иҷтимоӣ дар мисоли ташкилшавӣ ва барҳамхӯрии империяҳо равшан ба назар мерасад. Империяи охирин дар таърихи навтарин ин низоми ҷаҳонии сотсиализми навъи шӯравӣ ба шумор меравад, ки дар он дараҷаҳои сохтори худташкилшаванда (озодӣ, сармоя, бозор, демократия) бартараф карда шуда, бо идораи камсамари муттамарказонидашудаи сиёсӣ-иқтисодӣ иваз карда шуд. Аслан ин тарзи инқилобии табдилдиҳии сохтори мураккаби материяи иҷтимоӣ ба нисбатан соддаю камсамар буд. Аз мавқеи таҳаввулоти умумиҷаҳонӣ чунин дигаргунсозии инқилобӣ на пешравӣ, балки заволёбӣ буд. Аммо ин таназзул дар муносибати муайяне буд ва онро ақибравии мутлақ ҳисобидан раво нест. Таърих гувоҳ аст, ки комёбиҳои муайяни ҳаракати сотсиалистӣ хусусияти прогрессивӣ доштанд ва ҳатто то дараҷае дар баъзе соҳаҳо аз дастовардҳои Ғарб боло меистоданд. Таъсири ин комёбиҳо ва паҳншавии сотсиализм гузариши мамлакатҳои Ғарбро ба капитализми иҷтимоӣ тезонид. Дар навбати худ мамлакатҳои мутараққии Ғарб ба вайроншавии сотсиализми ҷаҳонии навъи шӯравӣ таъсири пурзӯр расониданд, ҳарчанд ки дар ин пошхӯрӣ қувваю сабабҳои дохилӣ ҳалкунанда буданд. Хотиррасон менамоем, ки дар ҳудуди шакли мураккаби иҷтимоии материя имкони пайдоиши шаклҳои оддитари он низ ҷой дошта метавонад. Вале он объективан дер вуҷуд дошта наметавонад.

Чунин ҳамтаъсирии пурзӯру яквақтаи ду тамоюли ҷаҳонии асри XX ҳамин мӯътақидиро асоснок менамояд, ки бошиддат ба ҳамдигар таъсир расонидани равандҳоии мураккабшавии як қисми материяи иҷтимоӣ ва соддашавии қисми дигари он дар натиҷа ба рафту самти инкишофи материяи иҷтимоӣ таъсири ҳалкунанда расонид.

*Сеюм* зуҳуроти муҳими афзоиши ноустувории глобализатсия – пайдоиши даврӣ ва инкишофи зуҳуроти хусусияти резонансӣ (инъикосӣ, ҷавобӣ) дошта дар таҳаввули таркибдиҳандагони он.

Мураккабии ин ё он равандҳои лаппиши резонансӣ дар он аст, ки онҳо дутарафа мебошанд. Аз як тараф, дар равандҳои глобализатсия дар зери таъсири зичшавии нерӯи вақти иҷтимоӣ ва ҳамтаъсирии ибтидоҳои худташкилшавии таҳаввули ин материя бо ибтидоҳои фаъолияти ташкилкунии ташкилоту сохторҳои муосири байналхалқӣ феълан мураккабӣ ва ноустувории материяи иҷтимоӣ босуръат меафзояд. Аз тарафи дигар, дар зери таъсири ин нерӯҳо беҳад тезонидани афзоиши мураккабшавӣ ва ноустувории материяи иҷтимоиӣ, дар навбати худ, алоқаи ҷавобии мусбии зичшавии синергетикии нерӯи вақти иҷтимоӣ ва нерӯи ҳамтаъсирии ибтидоҳои худташкилшавию ташкилкунии таҳаввули материяи иҷтимоиро ба миён меоварад. Ин равандҳои даврии пайдоиши лаппиши резонансии қисмҳои асосии глобализатсия аз ибтидои пайдоишашон дар зери назорати доимӣ ва идоракунии сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ бояд бошанд. Дар акси ҳол онҳо метавонанд чудо шаванд. Сатҳи фаҳмиши ин хатар аз сарфаҳмравии ҳокимиятҳои абарқудрати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зуҳурёбию мазмуни шаклҳои инкишофёбандаи ин равандҳо вобаста аст.

*Чорум* зуҳуроти муҳими афзоиши ноустувории глобализатсия – натиҷаҳои созандагӣ-вайронкории ҷангҳои гуногунмиқёс, давомнокӣ ва ҳудуди фарогирифтаашон. Маҳз ҷангҳо то имрӯз яке аз омилҳои ҳалкунандаи он буд ва мемонад, ки таҳаввули материяи иҷтимоии ҷаҳонӣ дар худ равандҳои ҳам мураккабшавӣ ва ҳам заволёбиро фарогир аст. Махсусан дар марҳилаҳои алоҳидаи ҷангҳои бузург ва дарозмуддат раванди заволёбии қисми зиёди материяи иҷтимоӣ афзалият пайдо мекунад. Ду ҷангҳои ҷаҳонӣ дар асри XX – намунаи хоси чунин афзалият мебошад.

Аз тарҷеҳи таърихии ҷангҳо бармеояд, ки онҳо бештар ба вайронкорию таназзулёбӣ мусоидат кардаанд, дар оқибати кор – ба нобудшавии чандин тамаддунҳо. Иловатан аз назар набояд дур кард, ки онҳо, аввалан, ба пешрафти техникӣ дар соҳаи истеҳсоли аслиҳаю техникаи ҳарбӣ ва сониян, ба рушди истеҳсоли молҳои ниёзи мардум мусоидат намудаанд, дар ташкили ҳаёти муносиби ҷамъиятӣ ва болоравии худшиносии аҳолӣ нақши ҷолиб бозидаанд. Тамаддунҳои навин, ки дар ҷои тамаддунҳои фаногашта пайдо мешуданд, комёбиҳои бузурги гузаштагони худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мерос гирифта, чун қоида, пешрафти таҳаввули худро суръат мебахшиданд. Чунин нуқтаи назар ба ҷангҳо, албатта, назардошти ҷиҳатҳои ахлоқиро истисно мекунад, ки бешубҳа аз рӯи натиҷаҳояш даҳшатнок аст. Одамон аз баҳри ҳадафҳои идеологӣ ва сиёсӣ, барои ғорату ғулом кардани дигар халқҳо меҷангиданд ва меҷанганд. Умуман, аз ҷиҳати қурбониовариашон ҷангҳо – ин худнобудкунии воқеъӣ ва каннибализми махсусе мебошанд.

*Панҷум* зуҳуроти муҳими афзоиши ноустувории глобализатсия – афзоиши селмонанди ҳаҷми иттилоот ва навшавии технологияи иттилоотӣ [ниг.: 2; 7; 10 ва ғ.]. Натиҷаҳои зуҳуроти зикршударо кӯтоҳ баён мекунем.

Давраҳои ивазшавии қатъии технологияҳои иттилоотӣ беш аз беш кӯтоҳмуддат мегарданд, ки ин устуворияти нисбии бунёди техникӣ-иқтисодии соҳаи истеҳсолотро мунтазам халалдор менамояд. Ин ҳолат дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон бештар назаррас аст.

Талаботи қобилияти харидории аҳолӣ ва истеҳсоли намунаҳои такмилёфтаву мукаммали техникаи компютерию иттилоотӣ-иртиботӣ ба дараҷае тағйирпазир гардиданд, ки мусобиқаи ҳақиқии истеъмолкунандагонро барои маҳсулоти наву замонавӣ, дар истеҳсолот бошад, кӯшишҳои такмилдиҳии коркарди чунин маҳсулоти гуногуни ҷавобгӯи талаботро ба миён оварданд. Чунин мусобиқаҳои вусъатёбанда беш аз беш аз доираи имкониятҳои ҷисмонию ақлӣ берун мебароянд. Махсусан дар мамлакатҳои навтараққиёбанда, ки ба ин мусобиқаи рақобатнок ҳамроҳ шудаанд, маҳдуд будани ин имкониятҳо равшантар ба назар мерасад.

Алоқаи мобилӣ, Интернету телевизиони умумиҷаҳонӣ ба ҷомеаҳои алоҳида (маҳаллӣ), ки пештар дар канор монда буданд, роҳ меёбанд ва ба тезонидани воридшавиашон ба раванди глобализатсия дар самтҳои гуногун мусоидат мекунанд. Алалхусус дар равандҳои тиҷорати умумиҷаҳонӣ ва мубодилаи иттилоотӣ-фарҳангӣ ин нақш ошкоро ба назар мерасад. Андозанокии тарзи ҳаёти анъанавии ин ҷомеаҳо ба гузаштаи таърих махлут мегардад. Сели вусъатгирандаи тағйироти олами зиндагӣ ба онҳо низ хос мегардад. Дар як вақт ба фазои иттилоотӣ-иртиботӣ воридшавии бевоситаи ҳамаи ҷомеаҳои алоҳида барои гурӯҳҳои террористӣ таъкони ҷиддии идеологию психикӣ хоҳад дод, чунки натиҷаҳои амали террористии онҳо фавран ба тамоми ҷаҳон маълум мегарданд ва тарсу ҳароси оммавиро ба миён меоваранд. Аммо афзоиши селмонанди ҳаҷм ва суръатнокии мубодилаи иттилоотии байни ҷомеаҳои алоҳида на танҳо ба афзоиши ноустуворӣ, инчунин ба пешрафти устуворонаи инкишофи равандҳои муосири глобализатсия мусоидат мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки афзоиши мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ ва коркард шудани онҳо тавассути технологияҳои компютерӣ имконият фароҳам сохтанд, то ки якчанд лоиҳаҳои азиму

ҷасоратмандона вокеӣ гардонида шаванд. Ҳамчунин вусъати ҷаҳонии иттилоотикунонӣ ҳам муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам муҳити зисти биологии одамонро тағйир медиҳад.

Селаи умумиҷаҳонии иттилооти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмӣ афзуда, дар марҳилаи муосир аз флуктуатсияҳо ба аттракторҳои вусъатёбии муттаҳидшавии низоми молияи ҷаҳонӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ табдил гардидаанд. Моҳиятан ин марҳилаи ибтидоии табдилшавии бозорҳои миллӣ ва иқтисодҳои бозоргонии дохилидавлатӣ ба низоми ягонаю мураккаби иқтисоди умумиҷаҳонӣ мебошад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки ҳамаи зуҳуроти муҳими баррасишудаи афзоиши ноустувории глобализатсия ба вусъатёбӣ ва мураккабшавии материяи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Чунин вусъатёбии тағйирпазиронаи мураккабшавӣ худро ҳамчун шаҳодатдиҳандаи андозаи зичшавии вақти иҷтимоӣ зоҳир мегардонад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** материяи иҷтимоӣ,глобализатсия, зарурат ва тасодуф, синергетика, флуктуатсия, аттрактор, бифуркатсия, мураккабшавӣ, ноустуворӣ, худташкилшавӣ.

## АДАБИЁТ

1. Азроянц Э. Глобализация: катастрофа или путь к развитию? -М.: Новый век, 2002.
2. Вагурин В.А. Синергетика эволюции современного общества. -М.: КомКнига, 2007.
3. Князева Е.Н., Курдюмов С.П. Основания синергетики. Синергетическое мировидение. -М.: КомКнига, 2005.
4. Лукащук И.И. Глобализация, государство, право, XXI век. -М.: Спарк, 2000.
5. Николис Г., Пригожин И. Познание сложного. Введение. -М.: УРСС, 2003.
6. Пригожин И., Стенгерс И. Порядок из хаоса: новый диалог с природой. -М.: Прогресс, 1986; КомКнига/URSS, 2005.
7. Синергетика, философия, культура. -М.: РАГС, 2001.
8. Трубецков Д.И. Введение в синергетику. Хаос и структура. -М.: Едиториал УРСС, 2004.
9. Хакен Г. Синергетика. -М.: Мир, 1980.
10. Чернавский Д.С. Синергетика и информация (динамическая теория информации).- М.: УРСС, 2004.

## СИНЕРГЕТИКА В ПРОЦЕССАХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

***М.А. Назаров***

В статье с позиции синергетической методологии предпринята попытка рассмотреть процессы глобализации. Основное внимание уделяется выявлению аттракторов, точки бифуркации, освещению роли случайности и необходимости и других явлений в процессах глобализации.

## SINERGETIKS IN THE GLOBALIZATION PROCESS

***M.A.Nazarov***

The article from the synergetic methodology has undertaken an attempt of envisaging the process of the globalization. The main attention was payed to the elicit of the attracts, the points of the bifurcation, the illumination role of the incidental and necessity and the other phenomenon in the globalization process.

# ИРАН: ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ ЭТНОНАЦИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ НА ЭТАПЕ ЗАВОЕВАНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

***Х.Саидов***
**Академия государственной службы при Президенте Российской Федерации**

Исследование основных тенденций развития этнонациональных процессов в Иране, в начале XX в., имеет важное значение для характеристики складывающихся в настоящее время в иранском обществе систем межнациональных отношений. Поскольку именно в этом периоде можно выявить наиболее существенные моменты в этносоциальной политике, сыгравшей основополагающую роль в становлении иранской макросоциальной целостности, а также этнической и социальной эволюции иранского социума.

В рассматриваемое время социальная реальность иранского общества показывает, что характер взаимодействия этноса и государства стало трансформироваться под воздействием

распространившихся в стране новых общественных отношений, а этнонациональные процессы в Иране протекли в иную социальную плоскость, отличающую его от других государств.

В начале XX века этнический состав Ирана был многообразен. Он состоял из многих народностей и племен, которые говорили на различных языках: иранских, арабских, семитских и др. Эти народности и племена различались, кроме того по своему происхождению, культуре и быту, нравам и обычаям.

Историческая панорама показывает нам, что находясь на пути передвижения народов Иран неоднократно подвергался чужеземным завоеваниям и нашествиям: вторжение греков в IV в. до н.э., арабское завоевание в VII в. н.э., вторжение тюрок-сельджуков в XIVв., монгольское нашествие в XIII в., завоевание Тимура в XIV в., вторжение афганцев в XVII в. после чего в стране оставались кочевые и оседлые группы этих народов и племен. Кроме того, иранские правители (Сефевиды, Афшары, Каджары) с целью укрепления своей власти широко применяли переселение племен и народностей или их частей из одних районов страны в другие. Применяя эту политику, лояльные племена переселялись в приграничные районы для защиты границ, а враждебные в глухие, малоплодородные пустынные районы.[1]

В рассматриваемое время Иран представлял собой отсталую, аграрную страну, где господствовали феодальные отношения. Почти четверть населения страны вело кочевой и полукочевой образ жизни.[2] Это были главным образом племена курдов, луров, бахтиар, белуджей, кашкайцев, туркмен, шахсевен, кохгулуйе, хамсе, мамасани и др., которые в большинстве случаев обитали в труднодоступных горных районах и занимались в основном кочевым скотоводством. Среди кочевых и полукочевых племен существовали феодально-патриархальные отношения.

Оседлое сельское население, в первую очередь, персы и азербайджанцы, занимались земледелием, применяя примитивные орудия, а также скотоводством и домашней промышленностью. В иранской деревне в основном сохранялось натуральное хозяйство. Крестьяне, за редким исключением, своей земли не имели и обрабатывали землю феодалов, подвергаясь жесткой эксплуатации. Урожай делился на основе средневековой пятичленной формулы: в зависимости от собственности на землю, воду, семена, рабочий скот и рабочие руки. Поскольку у крестьянина иногда были только его рабочие руки, он должен был отдавать землевладельцу от одной трети до четырех пятых всего урожая и, кроме того, нести ряд барщин и т.д. В Бамском и Нармаширском районах Керманской области, на юго-востоке страны, широко использовался рабский труд в земледелии.

В экономическом отношении области Ирана были развиты весьма неравномерно. Уровень экономического и общественного развития Иранского Азербайджана, Прикаспийских областей и некоторых центральных районов, например, Исфагана был выше, чем в районах, расположенных к югу и востоку от них. Самыми отсталыми были юго-восточные районы: Керман, Иранский Белуджистан, побережье Оманского и Персидского залива, а также труднодоступные горные районы, населенные, как правило кочевыми племенами. Феодальная раздробленность не была ещё преодолена. Правители провинций и областей, так же как и ханы-вожди кочевых и полукочевых племен, являлись по существу почти независимыми феодальными князьями.

Эти характерные черты общественно-экономической жизни Ирана способствовали сохранению пестроты этнического состава населения страны. Процессы смешения и ассимиляции этнических общностей происходили весьма медленно, эти общности находились на различных уровнях этнического развития. Персы и азербайджанцы, населявшие более развитые в экономическом отношении районы страны, по сравнению с другими этническими общностями и группами продвинулись дальше по пути создания предпосылок интенсивного этнического развития.

На самой низшей ступени этнического развития находились племена в малодоступных горных районах, наподобие племен кухгилуйе (бахмен, боюрахмеди, дош-манзияри), обитавших в горах на границе Фарса с Хузестаном, ряд курдских, лурских, белуджских и других племен. Некоторые племена объединялись в союзы племен, например кашкайские племена, бахтиарские, лурские и т.д. армяне и ассирийцы представляли собой народности, которые уже давно утеряли племенную структуру.

Пестрота этнического состава населения Ирана осложнялась также его религиозной принадлежностью. Подавляющее большинство жителей этой страны – мусульмане, из них шииты составляли свыше четырех пятых. Сунниты встречались главным образом среди курдов, булуджей, туркменов, арабов, армяне исповедовали христианство несторианского толка. Евреи исповедовали иудаизм. К этому времени в Иране существовала также небольшая зороастрийская община, представлявшая собой особую этнографическую группу, сохранившую специфические особенности в области культуры и быта.[3]

Жители села в начале XX века составляли 55% от 10 млн. населения Ирана, и проживали примерно в 10000 населенных пунктах. Городские жители составляли 20% населения страны и

проживали в 80 городах. К наиболее крупным городам с 250 тыс. населением относились: Табрез, Исфаган, Мешхед, Йезд, Хамадан, Керман, Урумия, Керманшах, Шираз и Казвин. Кочевые племена составляли 25% от общего количества населения и разделялись на 25 основных племенных групп.[4]

Наряду с различием и противоречием естественно исторического характера, существовало огромное различие и противоречие этнонационального содержания. В центральных регионах городское население разговаривало на фарси, бахтияри, лури и армянском языке, кочевые племена разговаривали на языковых диалектах бахтияри, кашкайи, белуджи, арабском или мамасани. В провинциях, долинах Каспия деревенские жители разговаривали на гиляки, тольши или мезандаранских языках, а городские разговаривали на фарси, азербайджанском или туркменском диалекте турецкого языка. Население Азербайджана большинство разговаривало на азербайджанском языке. Однако в этом регионе проживали также тати, армяне, курдские племена, шахсуны, туркмены, афшары и кардагцы.

В западных провинциях в основном проживали курдские племена, лури и арабы. Национальные меньшинства в этом регионе были афшари, азербайджанцы, персы, баяти, гурани и ассирийцы, В многочисленных деревнях разговаривали на диалектах курдского языка. В юго-восточных провинциях проживали белуджские, арабские, афганские, афшарские курды и нушерванские племена. И наконец состав населения северо-восточных провинций образовали персы, азербайджанцы, туркмены, курды, арабы, шахсееваны, афшари, джемшеды, таджики, афганцы, каджары, хазарейцы, баяти и белуджи. К таким пестротам и этническим разнообразиям можно добавить этноконфессиональные противоречия и возникновение разногласий на этнической почве. Большинство составляли мусульмане и меньшинство немусульмане. К категории меньшинства можно отнести армянское общество, число которого составляло 110000, они проживали в Исфагане и его окрестностях, Тегеране, Тебризе, Хамадане и Араке, ассирийцы проживали в основном в Западном Азербайджане и их насчитывалось 138000 чел., евреи 32000 чел. и проживали в больших городах; зороастрийцы (20000 чел.) проживали в Кермане, Язде и Тегеране.[4. 157-184]

Для больших городов свойственно было разделение этнических групп населения по конфессиональным признакам, как наподобие хейдари и не'мати. Основателем религиозного течения хейдари был известный духовный наставник Кутбиддин Хейдар и принадлежал к династии Сеффеввидов. Основателем группы не'матуллаи был суфи Амир Нуриддин Неъматулла.

В городах четко наблюдалась дифференциация общества на религиозной основе. Например, в городе Кермане проживали 49000 человек. В отдельных друг от друга кварталах находились моджтахиди, сторонники двенадцати имамов, каримхони, шейхи, суфии, евреи и зороастрийцы. Город Шираз был разделен на пять кварталов. На западе проживали хейдари. Один квартал в окрестности города принадлежал евреям. Город Шуштар с 20000 населением состоял из четырех кварталов на севере, принадлежащих хейдари, восемь кварталов на юге принадлежащих неъмати. Город Тебриз со стотысячным населением был разделен на 13 кварталов: в одном квартале в верхней части города проживали в основном городская аристократия, в одном квартале армяне, в шести сельскохозяйственных кварталах проживали сторонники двенадцати имамов. В трех центральных кварталах – Хиябане, Нувбаре и Амирхезе проживали торговцы и ремесленники принадлежавшие к течению шейхия. В двух кварталах - Давати и Сарджат в основном проживали бедные слои общества: рабочие, носильщики и др. - сторонники двенадцати имамов (на местном диалекте их называли муташариа).[5]

Таким образом иранское общество было в состоянии этнического многообразия, где существовали огромные противоречия и различия между городским и сельским населением. Это отражалось и на отношениях между мусульманами и немусульманами, между сторонниками двенадцати имамов-моджтахиди и других шиитских течений. Такая ситуация в целом определяла социальную структуру общества.

Различные национальные слои, как племенные общества деревенских и городских жителей имели определенный социальный облик и внутреннюю социальную структуру. Они были более похожи на существующую социальную пирамиду в иранском обществе, основу которого составляло простое провинциальное население, крестьяне и городское население. Местную аристократию, находящуюся на верхнем эшелоне этой пирамиды называли ханами или тивалдарон, крупных землевладельцев - моликон, духовенство высшего ранга - уламои олирутба и крупных торговцев - туджари умда. Средний слой пирамиды составляли местные руководители, вожди племен -руасои кабоил и старосты деревень (кадхудо).

Основная социальная единица - кочевые племена (кабоили кучанда) - были обездоленные группы (гурӯҳҳои хонабардуш). Члены этой группы как обычно были из племени или близкие к одному роду (тира) и в зависимости от географических условий состояли от 10 до 100 семей. Во главе

группы находился или староста (кадхудо) или старейшина (ришсафедон), Они по социальному происхождению были из членов более состоятельных семей, однако старостой избирали сначала пожилых людей племени, потом его кандидатуру утверждали вожди племен. Эти официальные и неофициальные руководители имели две похожие задачи: первое - защищали внешние интересы племен, особенно во время возникновения разногласий с другими племенами по поводу использования земли или водных ресурсов, второе - обеспечение мира и покоя в группе. Поэтому они и одновременно были своеобразными судьями (кази). Племенные общества в своих советах рассматривали любые вопросы вплоть до присоединения к другим группам. По утверждению Фредерика Борса «Сохранение групп в качестве социальной единицы было связано с общим согласием всех членов по актуальным экономическим проблемам.[6]

Носир Хусрав скептически подчеркивает недостаточность знания отдельных людей, которые не желают стремиться к достижению истины через знание. Эта мысль в частности выражена в следующих строках: «Есть среди группы те, которые владеют меньшим, а другие - большим знанием... Обладатели меньшего знания не осведомлены о том, что знают великие знатоки и по причине того, что они не знают [их знаний], не завидуют им и не нарушают себе покой».[12] Такой скептицизм приводит его к такому заключению, что «...разумное наслаждение бесконечно. Совершенство человека в этом наслаждении заключается в том, чтобы уметь наставлять других людей на путь знания. Это есть его духовное рождение [помогающее ему] увековечить себя и других, как увековечили себя предки, мир им, и мудрецы».[13]

Декарт, несмотря на то, что подчеркивает неуверенность человека в знании, т.е. в познании чего-то познаваемого, из-за причины критерий истины, направляет мысль читателя на достижение этой истины через настойчивое и постоянное стремление человека к знанию. Он подчеркивает: ««И таким образом я очень ясно признаю, что уверенность и правда всего знания зависят только от знания истинного Бога, до той степени, что, прежде, чем я знал его, я не мог обладать совершенным знанием о бесконечности вещей».[14]

**IV. Онтологические аргументы**

Самый запутанный скептицизм заключен в онтологическом разбирательстве сущности Бога, которая, опять же, не поддается познанию человека, с одной стороны, и с другой, как уже было сказано, в недопущении антропоморфизма Бога. Носир Хусрав подчеркивает: «Оность Творца - не бытие сущего, а неоность Истинного заключается в небытии сущего. Верное познание Творца Истинного – отрицание Его бытия и небытия, ибо если приписывать Ему бытие, то уподобляешь Его себе».[15]

Суть первичного доказательства существования Бога Декартом заключается в следующем: идея Бога должна иметь причины в самом Боге, и наше рассуждение о Боге это первый аргумент в пользу Его бытия. Этот аргумент подкрепляется следующими другими доказательствами: а) идея Бога не происходит от меня самого, так как «Я - вещь мыслящая, и обладаю идеей о Боге в пределах меня, как бы там ни было, в конце концов быть причиной, предназначенной для мое существование; оно должно позволить, что это аналогична мыслящей вещи и что оно обладает само по себе идеей о всех видах совершенствований, которые я приписываю Богу».[16]

В этой же причине должны быть свойства обладания реальностью и следствием, принцип же причинности вытекает из «когито»; б) человек осознает свое несовершенство только по отношению к более совершенному сущему: «…мы должны заключить от факта только, что я существую или что идея о Сущестующем Боге безукоризненна, что есть Бог – находится во мне, что доказательство существования Бога основано на наивысшем свидетельстве»[17] и «…поскольку Я должен был присваивать самому себе каждое совершенствование, которым я обладал через любую идею и должен таким образом быть Богом».[18]

Существование человека. Декарт этот вопрос рассматривает в отрицательном оттенке, т.е. он не говорит о существовании человека как телесном существе: «Я не состав органов, который называется человеческое тело»[19], более того, он себя называет «мыслящая вещь - thinking think».

**V. Гносеологические аргументы.** В уже упомянутой касыде «Спор с Богом» Носир Хусрав обращается к Богу как к источнику всего доброго и злого. В этом обращении он не столько предъявляет обвинение Богу в его делах, сколько методом сомнения стремится к познанию сущности Творца. Философ позволяет себе перекинуть заблуждения человека в познании истины на Бога, тем самым в логических посылках проверяет уровень собственного знания в постижении истины.

Если созданы мы только для молитв,
Для чего ты создал дьявола, Господь.
Много слов для разговора я припас
Страха все же не могу я побороть...

…Мир загробный не таков, как мир земной:
Там насилие и взятки ни к чему,
На тебя ведь все возложены дела,-
Исполняй же! В чем задержка- не пойму?

Грех не нужен был покорному рабу,
Ты греху открыл, увы, дорогу сам!
Сам ты дьявола уловки поощрил,
Проложив ему стезю к людским сердцам…

Гносеологический подход Декарта к постижению истинного знания и познания во многом сходится с гносеологией Носира Хусрава. Его подход к познанию Бога выполнен через определенную способность отличить истину ото лжи и эта способность, которая дана ему Богом. Возможность познания связывается с благостью Бога, ибо только Он не может являться причиной зла. В достижении знания человек заблуждается, злоупотребляя своей свободой, другими словами, Декарт видит заблуждение человека в его свободной воле: «В этом-то неправильном употреблении свободного решения и заключается недостаток, составляющий форму заблуждения».[20] Здесь Декарту следует задать себе вопрос – почему Бог создал человека таким заблуждающимся, а не так, чтоб он никогда не ошибался. Но из-за того, что человек не может постичь совершенства Бога, сам Декарт тоже отрекается от ответа на этот вопрос.

Итак, заблуждение в познании Бога и мира происходит от наших предубеждений, а также от утомления ума и неточности выражения в разговоре.

**VI. Бог – необходимое сущее и он есть.** Носир Хусрав обосновывает существование Бога т.к. называемой теорией "вуджудизм" (онтологическая теория о необходимости) посредством логического построения ее структуры. В этом построении ввиду недоступности, он удаляет Бога от постижения человека. Теория «вуджудизм» перефразируется в соответствии с потребностью его учения, на примере нижеследующей цитаты: «Всему, что есть вид, неизбежно имение рода. Следовательно, есть необходимость сказать, что некий вид превосходит те два вида, один из которых является необходимым, а другой возможным - по достоинству, а не по времени». Этот вид - повеление Бога - да возвеличат Его имя!, - который абсолютное сущее. Оно – сущее, не сотворенное из сотворенного сущего. Необходимосущее под Ним – Разум, а возможносущее – Душа, которая находится под Разумом...».[21] В его представлении, человек с Богом может иметь причинную связь, которую он обеспечивает через познание Его первой эманации – Разум: «Подобно тому, что каждая причинность нуждается в достоинстве этой причины, каждое следствие нуждается в достоинстве этого следствия, /поэтому/ всякое познание, ведущее к единству Бога, нуждается в познании и признании Разума"[22].

В продолжении вышеприведенного, Декарт добавляет, что «мои представления не исходят от меня» и если бы они происходили откуда-нибудь, а не от самих вещей, то Бог был бы обманщиком. Так, Декарт заключает, что достоверность всякого знания основывается на существовании совершенного и правдивого Бога, т.е. Бог как первоисточник достоверного знания - необходимосущее.

Необходимость существования Бога Декарт также видит в обеспечение сохранения человека во времени его существования. Так, человек осознает свою греховность (сомнение в своем знании), бессмертие своей души (когито и рассуждения о душе и теле), ощущает в себе голос совести, которая подсказывает, что хорошо, и что плохо (критерий истинности), понимает, что он не может творить добра без Бога (утверждение необходимости существования Бога для обоснования критерия истинности).

Суммируя все это, Декарт делает вывод, что Бог – есть.

Оба философа в своих учениях о возможности достижения достоверного знания опираются на совершенство Бога-Творца, но делают это где-то одинаково, а где-то по-разному. Схожесть взглядов, в частности, определяется в подборе отдельных атрибутов и концепций по отношению к Богу в философском его значении, как например, концепция "свет" - некий источник истинного знания или же Его потенцией. Разница же, в целом, состоит в следующем: для Декарта, Бог, прежде всего, Творец человека и он в своих рассуждениях исходит из мыслящего «Я» - критического ответственного разума. Для Носира Хусрава же Бог - это Создатель мира и только потом человека, поэтому его анализ сущности Бога имеет дедуктивный характер. Если Декарт основывается на «я мыслю», Носир Хусрав на том, как Бог «мыслит» мир. Мир Декарта, как было сказано ранее в учении о достоверном знании, носит этический оттенок, а у Носира Хусрава преобладает эстетический характер, отражающийся в бесчисленных эманациях света (потенции) Бога в душах человеческих, которые стремятся к

совершенству, бесконечности. Каждая душа человеческая, как уникальный индивидуальный источник жизни вовлечена в составление гармонии всего мира и т.п.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** отношение к идее о Боге, взгляды Носира Хусрава и Декарта, идея двух мыслителей разного мировоззрения, скептицизм Носира Хусрава.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Descartes. Meditation III // The Longman standard history of philosophy/Daniel Kolak, Garrett Thomson. 2006, p. 399 (переводы цитат из этой книги выполнены автором статьи).
2. Descartes. Meditation III. p. 3 99.
3. Носир Хусрав. Зад-ул-мусафирин. с. 316.
4. Descartes. Meditation III, p. 396.
5. Носири Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.240.
6. Носири Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.54-55.
7. Там же. с.54.
8. Descartes…p.395.
9. Носири Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.179.
10. Носир Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.61.
11. Descartes…, p.404.
12. Там же. с.277.
13. Носир Хусрав. Зад ул-мусафирин. с.317.
14. Descartes…, p.413.
15. Носир Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.226.
16. Descartes….p. 405.
17. ibid, p.405.
18. Ibid, p.404.
19. Descartes. Meditation II/ The Great Conversation….p.342.
20. ibid, p.351.
21. Носири Хусрав. Куллиет. Осори фалсафи. с.152.
22. там же, с.17-18.


### ҒОЯИ ХУДО ДАР АФКОРИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА ДЕКАРТ

*Р. Назариев*

Дар мақола муқоисаи ғояи Худо дар афкори Носири Хусрав – файласуфи тоҷик (асри IX) ва Декарт (XVIII) оварда шудааст. Он ғояи ду мутафаккирест, ки дорои ҷаҳонбинии гуногуни доираи шароити гуногуни иҷтимоию фарҳангии даврҳо ва макони гуногун мебошад. Муқоисаи афкор аз тариқи таҳқиқи скептитсизми Носири Хусрав ва шаккокии усули Декарт, масоили вобастаи нафс ва ҷисми инсон, меъёрҳои камоли инсон, меъёри «роҳи илму дониш», далелҳои онтологӣ, гносиологӣ ва ғайра сурат мегирад.

### IDEA OF THE GOD IN YFSIR KHUSRAW AND DESCARTES' THOUGHTS

*R. Nasariev*

The article covers comparion of the idea of the god in Nasir Khusraw (9 th century) and Descartes' (18 th century) thoughts. It is idea of two thinkers with different worldviews within the frame of different sociocultural circumstances is both on the time and the spase. The comparison of their thoughtsleads through the consideration of Nasir Khusraw skepticism and Descartes' methodical doubt, the problem of correlation of soul and a body, perception of the true, criterion of the perfection, criterion "following on a way of knowledge", ontological, epistemological arguments and so on.

# НАЗАРИЯИ МАЪРИФАТИ ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

*С.С. Ҳайдарова*
**Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон**

Абӯбакр Муҳаммад Ибни Закариё Ибни Яҳёи Розӣ яке аз файласуфону табибони барҷастаест, ки бахри барафрӯхтани чароғи илму маърифат ва эҳёи тамаддуни ниёгонамон хидмати бузурги таърихиро анҷом додааст. Закариёи Розӣ яке аз он симоҳои барҷастаест, ки дар илми тиб, фалсафа, кимиё ва ахлоқ шоҳроҳи махсуси худро дорад. Абӯбакри Розӣ агар ба василаи асарҳои тиббии худ

аҳли ҷомеаро ҷисман табобат карда бошаду онҳоро аз озор наҷот дода бошад, пас бо асарҳои ахлоқии худ кӯшиш намудааст, ки рӯҳ ва ботини ҷамъиятро табобат намояд.

Барои дуруст муайян намудани мазмуну моҳияти афкори фалсафии Закариёи Розӣ қабл аз ҳама зарур аст назарияи маърифати ӯро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор бидиҳем.

Дар назарияи маърифати хеш Абӯбакри Розӣ донисташавандагии оламро эътироф намудааст, зеро ин назарияи ӯ табиатан ратсионалистӣ ва ақлгароёна буда, ба ақидаи ӯ танҳо бо туфайли ақл (хирад) имкони амали фаъолона ва эҷодкорона ба вуҷуд хоҳад омад. Мутафаккир ақлро атои Худованд, на ин ки маҳсули майнаи инсонӣ დониста, зикр месозад, ки инсон танҳо ба воситаи ақл (хирад) ва маърифати ақлӣ ба сарфарозию бузургӣ ва комёбиҳо ноил мегардад.

Закариёи Розӣ ба ин ишора намуда, дар фасли якуми рисолаи «Тибби рӯҳонӣ», тахти унвони «Ситоиши фазилати ақл» чунин мегӯяд: «Бояд зикр намуд, ки Парвардигори мутаол ақлро ба инсон ато намуд ва одамизод ба тавассути он ба сарфарозию бузургӣ ноил гардид. Маҳз ба воситаи он (ақл) аз манофеи ҳозира ва оянда баҳраманд гардида, ба шоёнтарин чизе, ки дар ҷавҳари афъоли мо вуҷуд дорад, мерасем. Гузашта аз ин, ба кӯмаки он ҷавҳари аслро дарёфт менамоем, зеро ки ақл беҳтарин тӯҳфаи Худовандӣ буда, ба мо қудрату судмандӣ мебахшад». [1]

Закариёи Розӣ нақши хирадро дар инкишофу пешрафти маърифати инсонӣ нишон дода, дар ситоиши хирад ва судмандии он тазаккур медиҳад, ки «ҳеҷ чизе дар судмандӣ бар мо бартар аз хирад нест. Мо ба тавассути хирад (ақл) аз ҳайвони ғайринотиқ афзалият пайдо намуда, онҳоро молик шудем. Мо ҳайвонотро мутеи ҳукми худ сохтем ва мувофиқи дархӯри манфиатамон ба ҳар ваҷҳе ба онҳо соҳиб шудем, то ки мутобиқи судмандиашон истифода барем.

Инчунин ақл (хирад) марому мартабаи моро нисбат ба ҳар чизи олам баланд мебардорад. Маҳз ба тавассути он зиндагии мо хушу лаззатбахш мегардад. Гузашта аз ин, мо ба шарофати ақл ҳастии оламро дарк мекунем, ба мақсаду муроди хеш мерасем.

… Мо ба василаи ақл сохтани киштиҳо ва кор фармудани онҳоро кашф намудем, то ин ки ба воситаи онҳо баҳрҳоро аз худ кунем, тавассути ақл ба асрори илмҳо, аз ҷумла илми тиб расидем ва ошкор сохтем, ки дар тиб барои авлодони мо созгориҳои наҷибе ниҳон аст, … тавассути ақл кулли санъатҳои дигареро аз худ кардем, ки онҳо ба мо фоида мерасонанду моро баҳраманд мегардонанд, маҳз тавассути ақл умури пӯшидаи қадиму махфии табиатро дарк намудем. Бад - ин сон бо имдоди ақл шакли замину фалак, нопадидҳои Офтобу Моҳ ва охири кавокиб (ситораҳо) ва масофати буъду ҳаракатҳои онҳоро донистем. Маҳз ба шарафи ақл Парвардигор ва иззату ҷалоли вайро шинохтем ва донистем, ки Ӯ азимтарин чиз Офаридгори мост … хуллас ақл чизест, ки агар он намебуд, аҳволи мо тибқи аҳволи ҳайвон мешуд, ё худ мисли кӯдакону девонаҳо дар вартаи парешонӣ мемондем».[2]

Хулоса, Закариёи Розӣ хирад (ақл) -ро чизе медонад, ки маҳз бо туфайли он афъоли ақлии инсон, пеш аз он ки дар ҳисҳои панҷгонаи зоҳирӣ ошкор шавад, тасаввур мешавад, дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, ки гӯё эҳсосашон карда бошанд. Сипас, ин суратҳо дар афъоли ҳиссии инсон пайдо гардида, мутобиқати онҳо бо он чи пештар суратгирӣ ва тахайюл карда шуда буд, ошкор мешавад.

Мутафаккир нақши дониши ҳиссиро низ дар ҷараёни маърифат эътироф менамояд. Ӯ чунин меҳисобад, ки ақл (хирад) танҳо дар сурате воситаи тавонои дониш шуда метавонад, ки ба эҳсосҳо ва маълумоти онҳо такя намояд: «… бе тавассути ақл ҳар як ҷанбаи афъоли худро, ки пеш аз рӯйдод бо узвҳои ҳиссӣ эҳсос наметавонистем, ки онҳо афъолро, гӯё қаблан ҳис кардаем. Пас, мо ба воситаи ақл афъоли ҳиссии худро тасаввур намуда, воқиф мешавем, ки рӯйдоди намоиши фикрӣ ҳатман мутобиқи он намоиши зоҳирӣ ба амал омадааст ва мо баъдан аз онҳо ҷудо шудем».[3] Назарияи маърифати Закариёи Розӣ ба назарияи инъикос хеле шабоҳат дорад. Масалан, Розӣ дониши ҳиссиро натиҷаи таъсири ашё ва ҳодисаҳо ба эҳсосҳои инсон медонад.

Ба ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои мутафаккир метавон хулоса намуд, ки дар низоми назарияи маърифати ӯ ду шакли маърифат: маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ вуҷуд дорад. Инсон, қабл аз ҳама, тавассути панҷ узви ҳисси худ, аз қабили: сомеа, шомеа, зоиқа, ламс ва босира шакли аввалини маърифатро касб намуда, аз тариқи онҳо хунукӣ, гармӣ, эътидол, туршӣ, ширинӣ, садоҳо ва ашёҳоро дарк менамояд. Ба ибораи дигар маърифати ҳиссӣ асоси бунёди маърифати аклиро гузошта, аввалин ва соддатарин шакли донисташавандагии олам ва идроки он аст.

Умуман метавон хулоса намуд, ки Розӣ робитаи ақлу ҳиссиёт ва эҳсоси таъсир, дигаргунӣ, тағирпазирӣ ва пайдоишу маҳвшавии ашёи олами ҳастӣ ва кулли воқеаҳои онро, ки инсон бори аввал ба воситаи узвҳои ҳис воқиф гардида, пас аз он ба шарофати тахайюлу фаъолияти ақл идрок месозад, хотирнишон сохтааст.

Нуктаи ҷолиби назарияи маърифати Абӯбакри Розӣ ин аст, ки ӯ бунёди дониш ва донисташавандагии оламро дар амалия ва таҷриба мебинад. Ба андешаи вай дониш ва илм бидуни таҷриба заъиф ва бебунёд ҳаст. Донише, ки тавассути таҷриба санҷида шавад ва ба исбот расад, чунин

дониш ба воқеият наздик аст. Ба хусус донишмандони «асҳоби таҷориб», ки Абӯбакри Розӣ низ мансуб ба онҳост, на танҳо илми тибро аз таҷрибаи донишандӯзии инсон медонанд, балки илмро (хусусан илми тибро) то андозае мушоҳидакорӣ ва тақлиди инсон медонанд, ки дар натиҷаи он инсон ба донише соҳиб мегардад. Барои исботи гуфтаи худ доир ба усули мушоҳидавии дониши таҷрибавӣ А. Розӣ (дар масъалаи тиб) бо тариқи намуна мисолҳое аз ҳаёти олами паррандагон ва хазандагон меоварад. Масалан, ба андешаи вай «парасту барои табобати чӯҷаҳояш аз касалии яроқон санги бурқонро пайдо карда, ба лонааш мегузорад. Илова бар ин парасту чӯҷаҳояшро бо заъфарон ранг мекунад, то ки мардум онҳоро ба касалии яроқон гирифтор ҳисобида, ба лонаи ӯ даст накобанду он сангро нарабоянд. Аммо шахсони касалии зардча ё зардадор он санги тобону барқдори лонаи парастуро гирифта, ба гардан меовезанд то, ки сиҳат шаванд. Мисоли дигар, уқоб барои сиҳату солим баровардани чӯҷаҳояш донаи гиёҳи килкилро, ки он сиёҳи нурдору хушбӯй аст, истифода мебарад. Инсон ин донаро аз лонаи уқоб пайдо намуда, ба гардани зани ҳомиладор меовезад, то ин ки давраи ҳомиладории он зан бехавфу хатар ва дуруст анҷом пазирад. Мисоли дигар ин аст, ки мор дар зимистон ба зери хок фуру меравад ва ҳангоми баҳор аз ҷои хоб берун меояд, ки чашмонаш тира аст, биноияш суст аст. Ин вақт мор гиёҳи навдамидаи розиёнаро пайдо карда, чашмонашро мемолад, ки дар натиҷа тирагии чашм барҳам хӯрда, биноияш барқарор мешавад. Инсон ҳам оби ҳамин гиёҳро ба чашми тирашудааш чаконда, биноияшро бармегардонад».[4]

Аз чунин гуфтаҳои Розӣ бармеояд, ки илм (илми тиб) ба давраҳои аввали пайдоиши инсон, ки ӯ ҳоло ба инсони меҳнатию нотиқ табдил наёфта буд, таалluқ дошта, минбаъд бо такомули афкори аҳли башар илм низ такмил ёфтааст. Аз ин мисолҳо чунин бармеояд, ки инсон марҳила ба марҳила аз дониши содаву мушоҳидавӣ ба дониши мураккабу дар таҷриба санҷидашуда гузашта, роҳро аз раванди надонистан ба донистан мекушояд.

Розӣ бар он эътиқод дошт, ки инсон ба донистану дарки ҳама чизҳо қобил аст ва дар олам чизе нест, ки ақли вай онро таҳлил карда натавонад ва хулоса набарорад.

Закариёи Розӣ дар заминаи ҳамин эътиқоди гнесеологии хеш ба ҳар гуна хурофоти динӣ зид баромада аст, ки тасдиқи ин фикрҳоро мо аз маънии порчаҳои боқимондаи асарҳои ӯ «Нақзуладён» ва «Ҳиялулмутанаббиин» дида метавонем. Мутафаккир дар ҳамин замина меорад: «Худованд ҳамаи бандагони худро мусовӣ (баробар) халқ карда ва ҳеҷ касро бар дигаре бартарӣ надодааст. Ва агар бигӯем, ки барои раҳнамоии онон ҳоҷат ба интихоби касе дошт, ҳикмати болиғаи вай мебоист чунин иқтизо кунад, ки ононро ба манофеу мазории онию отиашон огоҳ созад ва касеро аз миёни эшон бар дигарон бартарӣ надиҳад ва мояи ихтилофу низои онон нагардад ва ба интихоби имому пешво боиси он нашавад, ки ҳар фирқа танҳо аз пешвои худ пайравӣ ва дигаронро такзиб кунад ва ба назари бӯғз ба онон бингарад ва ҷамоате ба сари ин ихтилоф аз миён биравад.

… Мӯъҷизоти мутанаббиён низ чизе ҷуз худъа (макр) ва найрангу фиреб нест ва ғолиби онҳо ҳам аз маъкулаи афсонаҳои динист, ки баъд аз онон падид омад».[5]

Таҳлили осори илмию-фалсафии гузаштагон ва омӯзиши рукнҳои асосии шариати ислом барои Розӣ муайян сохтанд, ки дар байни динҳои мухталиф мубориза ва мухолифатҳои гуногун вуҷуд дорад. Мутафаккир мавқеи худро нисбат ба динҳо ва осори илмии файласуфони бузурги пешин муайян сохта, чунин таъкид кардааст: «Мобайни (манбаъ) ва усули адён ба ҳақоиқ (ҳақиқат) мухолифоту муғойирот дорад ва ба ҳамин сабаб миёни онҳо ихтилоф дида мешавад. Адёну мазоҳиб иллати асосии ҷангҳо ва мухолифат бо андешаҳои фалсафӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ ҳастанд. Китобҳое, ки бо ном китоби муқаддаси осмонӣ маъруфанд, холӣ аз арзишу эътиборанд. Осори касоне, ки қудамо монанди Афлотун, Арасту ва Уқлидусу Буқрот хидмати муҳимтар ва муфидтаре ба башар кардааст».[6]

Ба ҳамин тариқ, таҳлили осори Абӯбакри Розӣ нишон медиҳад, ки ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои вай дар масъалаи маърифати олам зиддияти дохилӣ доранд:

Аввал, мутафаккир ақл (хирад) ва ҳиссиёт (эҳсос)-ро ду зинаи муҳими раванди маърифат донистааст ва дар ин масъала ӯ материалистона рафтор менамояд; сониян, вақте ки зинаи дуюми маърифат хирад (ақл)-ро атои Худованд медонад, дар ин ҷо назари ӯ идеалистона мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** назарияи маърифатии Закариёи Розӣ, бунёди дониш ва донисташавандагии олам, эътиқоди гносеологии Закариёи Розӣ, ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои Розӣ.

## АДАБИЁТ

1. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе, Адиб, соли 1989. – с. 45.
2. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. -с. 45 – 46.
3. Ҳамон ҷо. - с.46.
4. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. с. 13.

5. Забехулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ. Теҳрон, 1331- с.175 – 176.
6. Забехулло Сафо Таърихи улуми ақлӣ. Теҳрон, 1331. с.– 176.

**ВОПРОСЫ ПОЗНАВАЕМОСТИ У АБУБАКРА РАЗИ**

*С.С.Хайдарова*

В вопросах познаваемости мира, Ар – Рази, на первое место ставит разум. По его мнению, человек с помощью разума может познавать и изменить мир, хотя он считает, что разум дан человеку от Бога.

**THE MATTERS (PROBLEMS) OF COGNITION IN ABUBAKR AR-ROSIS WORKS**

*S.S.Haidarova*

In the matter of becoming known the world of Ar-Rai the reason puts on the first place. In his opinion (person) by helping of reason can became know and change the world but he prefers reason has given (by God) to (Person).

# ГУАШОН ВА СИНОШИНОСӢ ДАР ФАРОНСА

***С.А.Султонов***
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Амели Мари Гуашон яке аз бузургтарин синошиносони Фаронсаи нимаи аввали асри XX ба шумор меравад. Ӯ дорандаи дипломи Институти таҳқиқотҳои олии арабии назди Донишгоҳи Сорбон, китобдори факултаи илмҳои инсонгарои Донишгоҳи Бордо, китобдори факултаи тиббии Донишгоҳи Париж, омӯзгори Донишгоҳи Бордо, узви ҷамъияти Осиёгии Париж будааст. Гуашон маҳз ба туфайли таҳқиқоти амиқи фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино, алалхусус, таҳқиқоти мантиқи ӯ, ҳамчунин тарҷумаи фаронсавии «Китобулишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино машҳури ҷаҳон гаштааст.

Чароғи шӯҳрати Абӯалӣ ибни Сино дар Ғарб то кунун фурӯзон аст (4,126),- гуфтааст синошиноси бузург Гуашон. Воқеан шарқшиносӣ ва синошиносӣ мавзӯи нав набуда, таърихи тавъами дерина доранд. Пеш аз он ки дар бораи файласуфи машҳур Гуашон ва таҳқиқоти илмии ӯ оид ба Ибни Сино ҳарф занем, меҳоҳем нигоҳи мухтасаре ба таърихи шарқшиносӣ ва синошиносӣ дар Аврупо дошта бошем. Далелҳо ва маъхазҳои илмӣ исбот менамоянд, ки дар ин марзу бум илми шарқшиносӣ аз давраи атиқа ибтидо гирифта, дар асрҳои минбаъда пояҳои худро мустаҳкаму устувор намудааст. Шарқшиносиро аз давраи атиқа то имрӯз метавон ба се давра ҷудо намуд, ки ин давраҳо низ дар навбати худ имкон дорад ба марҳалаҳо ҷудо карда шаванд. Муносибатҳои аввалини илмию фарҳангӣ миёни кишварҳои Шарқу Ғарб дар муносибатҳои фарҳангии тоисломӣ, аслан миёни Юнони Қадим ва Мисру Бобул муайян карда шудааст. Давраи дувум аз асри VIII, пас аз ҳуҷуми арабҳо ба Аврупо оғоз ёфта, то давраи пешазилмӣ, яъне то асри XVI идома меёбад. Дар ин давра аввалин бор «Қонуни тибб»-и Ибни Сино аз тарафи Ҷерарди Кремонӣ дар асри XII ба лотинӣ тарҷума гашта, таваҷҷӯҳи ҳамагонро ба худ ҷалб намуд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан дар асрҳои XII-XIII таъсири таълимоти Ибни Сино ба Ғарб ниҳоят назаррас аст. Агар ба таърих назар андозем, тарҷума ва таҳқиқи осори Ибни Сино ва синошиносӣ дар кишварҳои Аврупо аз асри XII то имрӯз яксону якнавохт набуда, комёбию нокомӣ ва пастию баландиҳои зиёдро аз сар гузаронидааст. Дар баъзе марҳалаҳо муҳаққиқон ниҳоят шефтаи осори ӯ гардидаанд ва дар баъзе мавридҳо ба осори ӯ айбҷӯӣ кардаанд. Дар муддати ду аср ҳамаи файласуфони мо - мегӯяд Гуашон, он чи ки Ибни Сино ба онҳо пешкаш мекард, ҳар кадом ба таври худ ё барои аз он илҳом гирифтан ва ё барои бар зидди ӯ мубориза бурдан, қабул мекарданд (12,89). Гуашон таъсири таълимоти Ибни Синоро дар асрҳои XII-XIII ба Ғарб ба се давра ҷудо кардааст: Давраи якум, чунонки дар боло ишора кардем, аз асри XII ибтидо гирифта, қариб як аср то соли 1230 тӯл мекашад. Дар ин давра мардум шефтаю мафтуни осори ӯ мегарданд ва ҳама аз рӯи таълимоти ӯ амал мекунанд. Давраи дувум, ки соли 1231 оғоз меёбад, маъракаи авҷ гирифтани айбҷӯӣ ба осори Ибни Сино мебошад… Давраи сеюм, аз соли 1260 оғоз гардида, Алберти Кабир дар таълифоти худ масъалаҳои муҳокимашавандаро бо камоли оромӣ ва пухтакорӣ дубора таҷдиди назар мекунад (12,92). Ба андешаи аксари муҳаққиқон тиб ва фалсафаи Ибни Сино дар тафаккури асримиёнагӣ нақши азим гузошта, ба Эҳёи Аврупо заминаи мусоид фароҳам овардааст (13,788). Дар асрҳои баъдина низ ҳамин тавр олимону мутафаккирон гоҳе ба ӯ зид баромада, гоҳе ӯро ситоиш мекарданд ва то асри XVII дар Аврупо таълимоти Ибни Сино қариб дар ҳама соҳаҳо ҳукмфармо буд. Хусусан илми тиб дар факултаи тиббии донишгоҳи шаҳри Монпелиеи Фаронса то асри XVII аз рӯи таълимоти Ибни Сино омӯхта мешуд (9,70).

Давраи сеюм аз асри XVII оғоз меёбад, ки се марҳаларо дар бар мегирад. Ба андешаи шарқшиноси бузург Брагинский И.С., марҳалаи аввали давраи сеюм охири асри XVII ва аввали асри XVIII-ро дар бар мегирад ва ин марҳалаи оғози таҳқиқотҳои илмӣ оид ба Шарқ мебошад. Дар ин марҳала доираи омӯзиши забонҳои шарқӣ васеътар гардида, ғарбиён чун: Петро делла Валле, Жан Таверн (1605-1689), Жан Шарден (1643-1713), Адам Олеария ба Шарқ сафарҳо анҷом медиҳанд. Таҳияи луғатҳои забонҳои шарқӣ авҷ гирифта, қисман «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Ҳазору як шаб» (Париж, 1634) аз ҷониби Жан Таверн ва дигар муҳаққиқон тарҷума гардидаанд. Дар охири асри XVII донишгоҳҳои Лейден, Париж, Оксфорд ба ҷамъоварии беҳтарин дастнависҳои шарқӣ шурӯъ намудаанд, ки ин ба нашри нахустин таҳқиқоти амиқи илмӣ дар асоси маъхазҳои шарқӣ, ба хусус дар «Китобхонаи шарқӣ»-и д`Эрбело (Париж, 1667) имконият фароҳам овард. Дар он айём мафҳуми филоориентализм (дӯстдории Шарқ) ба вуҷуд омад, ки дар осори адибони давраи маорифпарварӣ, чун драмаҳои «Шарқӣ»-и Волтер, «Мактубҳои форсӣ»-и Монтескё ва ғайра дида мешавад (3,45). Дар асри XVII файласуфони фаронсавӣ аз фалсафаи Ибни Сино хуб бархурдор будаанд. Ба қавли адабиётшинос Шокир Мухтор, замоне ки дар илму адабиёти бадеии фаронсавӣ ратсионализми Рене Декарт (1596-1650) даврон дошт, фаронсавиён бо мантиқи Ибни Сино дар «Наҷот» шиносоӣ пайдо кардаанд (11).

Марҳалаи дигар, аз нимаи дувуми асри XVIII оғоз гардида, то нимаи аввали асри XIX идома ёфт ва дар тамоми соҳаҳо на танҳо шароити мусоид фароҳам оварад, балки пояҳои илмии шарқшиносиро асос гузошт (3,45), ки мо инро дар тарҷумаи «Авесто» дар соли 1771 аз ҷониби Анкетил Дюперрон ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Марҳалаи сеюм, аз нимаи асри XIX, аз мураттаб гардидани феҳристи дастнависҳои шарқӣ дар бузургтарин китобхонаҳои Ғарб оғоз гардид (3,45). Дар ин марҳала оид ба Шарқ конгрессҳои байналхалқӣ баргузор гардида, ҳамзамон табъу нашри луғатҳо афзун мегардад. Ба осори мутафаккирони шарқӣ бештар аз ҷиҳати илмӣ баҳо додан аз хусусиятҳои хоси ин марҳала ба ҳисоб меравад. Аз нимаи дувуми асри XIX сар карда, то имрӯз ба қатори шарқшиносон олимони касбӣ - файласуфон ҳамроҳ шуданд, то ки осори бойи олими забардасти тоҷик Ибни Синоро аз нуқтаи назари илми фалсафаи давр шарҳу таҳқиқ намоянд (11).

Дар ҳақиқат Ибни Сино яке аз бузургтарин намояндагони барҷастаи илм ва фалсафаи олами Ислом буда, бо бузугтарин мутафаккирони башарият, чун Афлотуну Арасту, Букроту (Гиппократ) Ҷолинус (Гален)… дар як саф қарор дорад. Аз замони зиндагии Ибни Сино то имрӯз беш аз ҳазор сол сипарӣ гардида бошад ҳам, ҳазорон нафар ӯро пайравӣ намудаанд, ба осори ӯ шарҳҳо навишта, осори ӯро ба забонҳои худ борҳо тарҷума карда, ҷаҳон-ҷаҳон дарси илму маънӣ бардоштаанд. Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи донишманди маъруфи тоҷик акад. М. Диноршоев, хусусан, фалсафаи табиати Ибни Сино дар тараққиёти минбаъдаи тафаккури фалсафии Шарқу Ғарб таъсири калон расонидааст. Таъсири ақидаҳои Ибни Сино аз Умари Хайём (асри XI) сар карда то Садриддини Шерозӣ (асри XVII) ва Аҳмади Дониш (асри XIX), аз Сигери Брабантӣ (асри XIII) то материалистони бузурги фаронсавии асри XVIII идома ёфтааст (5,237). Ба ҳамагон маълум аст, ки осори Ибни Сино аз асри XII сар карда то имрӯз ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, инглисӣ ва ба даҳҳо забонҳои дигар тарҷума шудааст ва ин амал то ҳол идома дорад. Ин, бешубҳа, далели он аст, ки таълимоти Ибни Сино миёни қавму миллатҳои гуногуни олам дар гузашта ва ҳозира мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад. Ба андешаи акад. М. Диноршоев табиист, ки бо тараққиёти босуръати илму техника бисёр падидаҳои низоми илму фалсафаи Ибни Сино кӯҳна гардиданд, вале ҳанӯз ҳам бисёр ақидаҳои ӯ аҳамият ва ҳамоҳангии худро бо ақоиди муосир нигоҳ медоранд (1,5).

Абӯалӣ ибни Сино дар Аврупо бо номи Авитсенна (Avicenna-аз ибрии Aven-Sina) маълуму машҳур аст. Гуашон тавзеҳ медиҳад, ки ин файласуфи араб чун боди пур аз тамоюлҳои нави юнонию шарқӣ, вазида ақли ҳанӯз ҷавони Аврупоро (аз асри XII инҷониб) ҷонбахшӣ мекард (12,91). Дар замони Ибни Сино афкори фалсафӣ дар Осиёи Миёна (ватани Ибни Сино), дар Афғонистон (зодгоҳи падари мутафаккир) ва Эрон, ки ӯ 25 соли пурмаҳсули охири ҳаёташро он ҷо гузаронидааст, роҳи бузурги тараққиётро тай кардааст (5,55). Ба ақидаи А.А. Семенов ҳар қадар, ки осори ӯ ба тараққиёти илм ва фарҳанги Шарқи мусулмонӣ таъсири бағоят калон расонид, ба Ғарби насронӣ низ ҳамон гуна таъсирро дошт (6,7). Осори безаволи ин шахсияти бузурги таърихӣ ниҳоят васеъ ва доманадор аст, аз ин хотир муҳаққиқони осораш хеле зиёданд. Агар синошиносӣ дар мо аз устод Айнӣ сар шуда, то Ғафуров Б., Улуғзода С., Баҳоваддинов А.М., Диноршоев М.Д., Болтаев М.Н., Султонов М., Султонов У., аз муҳаққиқони эронӣ Саид Нафисӣ, аз муҳаққиқони шӯравӣ Семенов А.А., Сагадеев А. В. ва дигарон идома ёбад, дар Фаронса синошиносони бузург Кара де Во, Анри Массэ, Анри Корбэн, Мэрэн, Форже, Луи Гарде ва дигарон маҳсуб мешаванд. Аввалин таҳқиқоти ҷиддии илмиро оид ба осори Ибни Сино файласуфи фаронсавӣ Кара де Во ба анҷом расонида, монографияи илмиашро бо унвони «Avicenne» (Авитсенна) соли 1900 ба табъ расонида, дар илми синошиносии фаронсавӣ ба

муҳаққиқони оянда роҳ кушодааст. Хусусан, Кара де Во ва Мэрэн аз аввалинҳо шуда, ба таҳқиқи осори Ибни Сино камар баста, барои муҳаққиқони ояндаи осори ин файласуф на танҳо дар Фаронса, балки дар тамоми Аврупои Ғарбӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд (10,50). Баъдтар, яъне сӣ сол пас, дар заминаи таҳқиқоти илмии Кара де Во ва Мэрэн файласуфи номӣ Гуашон, ба таҳқиқи осори Ибни Сино камари ҳиммат барбаст.

Амели Мари Гуашон яке аз бузургтарин синошиносон ба шумор рафта, мавқеи Ибни Синоро дар Аврупои асрҳои миёна то имрӯз бо далелу бурҳонҳои қатъии илмӣ муайян намудааст. Бо шарофати тадқиқотҳои Кара де Во, Мэрэн, Форже, Луи Гардэ ва дигарон дар Фаронса асарҳои фалсафии Ибни Сино машҳур гардидаанд, аммо чун Гуашон ягон муҳаққиқ бо ин қадар ҷидду ҷаҳд ба осори Ибни Сино шуғл наварзидааст. Дар омӯзиш ва тарғиби мероси фалсафии Ибни Сино ҳиссаи Гуашон камназир аст. Аслан Гуашон ба омӯзиши осори Ибни Сино солҳои 30-юми асри гузашта оғоз кардааст. Аввалин кори илмии ӯ оид ба Ибни Сино соли 1937 таҳти унвони «Тафовути ҷавҳар ва вуҷуд аз рӯи таълимоти Ибни Сино» нашр гардид, ки дар олами илм зуд эътибори калон пайдо кард (10,52). Пас аз як сол Гуашон таҳқиқоти дигарашро бо номи «Фарҳанги қиёсии истилоҳоти Арасту ва Ибни Сино» ба табъ расонид (10,52). Ҳамзамон дар маҷаллаи «Африк франсез» (Африқои фаронсавӣ) мақолаи Гуашон «Асосҳои ҳамкорӣ бо мусулмонон» ба чоп расид. Соли 1939 Гуашон боз китоби дигареро оид ба «Муқоисаи истилоҳоти Ибни Сино ва Арасту» мунташир кард. Ҳамаи ин боиси машҳур гардидани Гуашон дар Аврупо гардид ва аз ин хотир бисёр муассисаҳои олии таълимӣ Гуашонро барои хондани лексияҳо оид ба Ибни Сино даъват намудаанд. Ҳамин тавр ӯ барои донишҷӯёни Мактаби омӯзиши Шарқ ва Африқои Донишгоҳи Лондон (соли 1940) се лексия хондааст. Ин лексияҳо ба мавзӯи асосии фалсафаи Ибни Сино бахшида шудаанд. Ҳангоми қироати лексияҳо Гуашон шунавандагони инглисзабонро ба фалсафаи араб ва истилоҳоти он ошно кардааст. Аз ҳама лексияи аҷоиби Гуашон ин фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он ба фалсафаи асримиёнагии Аврупо мебошад (10,53). Лексияҳои мазкур дар яке аз китобҳои асосии Гуашон «Фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он ба Аврупои асрҳои миёна» дарҷ гардидаанд. Ин китоб бори аввал соли 1942 нашр гардида, таваҷҷӯҳи зиёди олимонро ба худ ҷалб кард. Мувофиқи талабу дархости аҳли илму адаб ин китоб бо каме тағйиру иловаҳо соли 1951 дар нашриёти «Андрен Мезонёв» (Париж) аз нав мунташир гардид (12). Асари мазкур ба забони англисӣ тарҷума гардида, соли 1969 дар Деҳлӣ низ мунташир шудааст. Боби охири китоб бо каме ихтисор дар тарҷумаи Н. Садовский ва Шамсӣ Собир ба забони тоҷикӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» нашр гардидааст (4,126). Гуашон маҳз ба туфайли тадқиқоти амиқи фалсафаи Ибни Сино, алалхусус тадқиқоти мантиқи ӯ, ҳамчунин тарҷумаи фаронсавии «Китоб-ул-ишорот в-ат-танбеҳот»-и Ибни Сино машҳури ҷаҳон гардидааст. Ба андешаи А.А. Семенов, «Китоб-ул- ишорот ва-т-танбеҳот» аз тарафи Форже дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта (асри XIX дар назар аст), ба фаронсавӣ тарҷума шуда, ҳамроҳи матни арабиаш нашр гардидааст ва соли 1951 аз нав дар тарҷумаи Гуашон ба табъ расидааст (6,14). Гуашон асосан барои чор асари худ: «Муқаддима ва таълимоти Абӯалӣ ибни Сино», «Тафовути ҷавҳар ва вуҷуд аз рӯи таълимоти Ибни Сино», «Истилоҳоти забони фалсафии Абӯалӣ ибни Сино» ва «Фарҳанги қиёсии истилоҳоти Арасту ва Ибни Сино» сазовори мукофоти Академияи илмҳои Фаронса гардидааст (4,126). Дигар хизмати шоистаи Гуашон ин аст, ки аз зумраи олимони Ғарб аввалин шуда, даъвоҳои беасоси олимони Ғарбро дар бобати қимати илмӣ надоштани таълимоти Абӯалӣ ибни Сино ва муқаллидии ӯро ба Арасту рад кардааст (4,126), ки дар ин бобат муҳаққиқи тоҷик У. Султонов низ ба ҳамин монанд гуфтааст: «Шайхурраис ҳаргиз пайрави оддӣ ва муқаллиди осори маънавии пешиниён набуд» (7,148). Гуашон осори Ибни Синоро на танҳо тарҷума ва таҳқиқ намудааст, балки тарҷумаҳои асримиёнагии осори ӯро ба нусхаҳои асл муқоиса намуда, норасоӣ ва камбудиҳои тарҷумаҳоро ошкор кардааст. Маълум аст, ки Ибни Сино дар фалсафа пайрави Арасту буд, вале назар ба қавли Гуашон таъсири ҷараёни навафлотуниён ба Ибни Сино нисбат ба таълимоти Арасту нақши амиқтар гузоштааст (12,94). Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи Гуашон таъсири Ибни Сино ба Ғарб дар асри XIII ба қуллаҳои баланд расида буд. Дар ин аср аслан се самти асосии таълимоти Ибни Сино назаррас аст: назарияи маърифат, таълимот оид ба ҳастӣ ва назарияи фардият (индивидуатсия) (12,103). Ба тафаккури ғарбиён пеш аз ҳама назарияи маърифати Ибни Сино таъсир расонд, ки ин дар рисолаи «Нафс»-и Гундисалвӣ дида мешавад.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд аврупоиён дар асри XVII бештар рӯ ба Шарқ оварданд, аз ҷумла «Гулистон»-и Саъдӣ, китоби муқаддаси дини Зардушт «Авесто»-ро тарҷума карданд, аммо таълифот аз осори Ибни Сино дар нимаи аввали асри XVIII як андоза коҳиш ёфт ва дар асрҳои баъдина маҳз бо кӯшиши файласуфони синошиноси дар боло зикрёфта, ба хусус бонуи донишманд Гуашон ин норасоӣ рафъ гардид. Бояд гуфт, ки дар илми синошиносии муосир Гуашон воқеан саҳифаи наверо боз кард ва диққати тамоми мардуми Аврупоро ба сӯи осори безаволи ин бузургмард равона намуд. Хусусан бо шарофати Гуашон «Қонуни тиб» бори дигар тавонист диққати мутафаккирони Аврупои ғарбиро ба

худ чалб намояд (9,70). Бисёр мутафаккирону тарҷумонҳо аз қабили Ҷерарди Кремонӣ (асри XII, аввалин тарҷумони «Ал-Қонун»), Ги де Шолиак (асри XIV, тарғибгари Ибни Сино) ва ғайраҳо тавассути тарҷума ва ташвиқи осори Ибни Сино номашонро тавонистанд абадӣ гардонанд. Гуашон низ аз қабили ҳамин гуна ашхос аст, ки ӯ на танҳо тавассути таҳқиқоташ дар тамоми олам машҳуру абадӣ гардид, балки пас аз ҳазор сол Ибни Синоро дар Фаронса боз ҳам зиндатар, абадитар ва безаволтар гардонд ва моҳияти осори ӯро ба аврупоиён пешкаш кард.

Гуашон қайд кардааст, ки илоҳиёти Сино дар Аврупо аз илоҳиёти Арасту пештар маълум буд. Ин файласуфи атиқаро аврупоиён бо «Таҳлили дувум», «Топика» ва дигар асарҳояш агар шиносанд, Ибни Синоро дар Аврупои асрҳои миёна бо асарҳояш «Наҷот», «Шифо», «Тайр», «Риёзиёт»-у «Донишнома», пораҳо аз мантиқ ва илмҳои табиатшиносиаш, ки дар Аврупо ҳамчун илмҳои фалсафии низомманд (системавӣ) ҳисобида мешуданд, мешинохтанд (9,70). Гуашон бар он ақида аст, ки истилоҳи машҳури «Коржито эгро сум», (он ки фикр мекунад мавҷуд аст) ки ба Декарт Р., марбут аст, ба Ибни Сино низ алоқамандии зич дорад (12,96).

Сабаби дар асри XII ба забони лотинӣ тарҷума гаштани «Қонуни тиб» ва минбаъд дигар асарҳои Ибни Синоро Гуашон дар он мебинад, ки Уcқуф Реймонди Толедой бо мақсади шиносонидани дунёи насрониён бо асарҳои асосии юнонию арабӣ дар Испания коллеҷи тарҷумонӣ таъсис дод. Кори тарҷумонӣ асосан миёни солҳои 1130 ва 1150 сурат гирифта, то нимаи авали асри XIII идома ёфт (12,93). Дар ин айём авҷи фалсафаи Ибни Сино дар Аврупои асрҳои миёна бо ҳама сайъу талоши схоластикаи лотинӣ мувофиқат мекард, аз ин хотир фалсафаи Ибни Сино чун тибби ӯ зуд дар Аврупо эътибори зиёд пайдо кард.

Ба қавли Гуашон, дар соҳаи тиб таъсири Ибни Сино бо ду роҳ дар Аврупо амалӣ мегардид, якум, бо роҳи ба миён омадани асарҳое, ки муаллифонашон аз осори Ибни Сино илҳом мегирифтанд ва дувум, бо роҳи бевосита тарҷума ва мунташир гардидани асарҳои худи мутафаккир. Аз асри XII то асри XVI ҳамаи муаллифони Ғарбу Шарқ, аз ҷумла Маймонид…Ибни Зора (4,126) ва дигарон табибоне буданд, ки дар тиб Синоро пайравӣ мекарданд. Ҳамин тавр мероси илмии Ибни Сино ба ҳама соҳаҳои илми кишварҳои Аврупои ғарбӣ таъсири калон расонида, хусусан «Қонуни тиб» то охири асри XVIII дастури асосии илми тиб маҳсуб мегардид (8,250).

Гуашон тазаккур медиҳад, ки ӯ муҳаққиқи танҳо осори Ибни Сино мебошад ва дар таҳқиқоташ оид ба Ғазолӣ ва Ибни Рушд аҳамияти хоса надодааст. Лекин дар охир арз менамояд, ки агар як рӯз таъсири мутафаккирони мазкур, яъне Ғазолӣ ва Ибни Рушд низ дар Аврупо муайян карда шавад, он гоҳ чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои арабию лотинӣ, мусулмонию насронӣ муайян хоҳад гашт ва дар натиҷа кӯмаки файласуфони мусулмон ба аврупоиён бахри дарёфти **ҳақиқат** бешак аён хоҳад шуд (12,132).

Хулоса, дар илми шарқшиносӣ синошиносӣ мавқеи муҳим дорад, ки бо номи муҳаққиқони барҷастаи Фаронса Кара де Во, Мэрэн, Анри Массэ, Анри Корбэн ва ба хусус бону Амели Мари Гуашон сахт алоқаманд аст. Имрӯз аксари муҳаққиқони дохиливу хориҷии осори Ибни Сино бештар ба таҳқиқоти ин олимаи тавоно такя мекунанд ва барои тақвияти сухани худ ба ӯ истиснод менамоянд. Устодон Баҳоваддинов А.М., Диноршоев М, Болтаев М., Султонов У., Султонов М., Шокир Мухтор, олимони маъруфи шӯравӣ Семенов А.А., Сагадаев А.В., ва дигарон дар таҳқиқоти худ аз Гуашон иқтибос овардаанд, ки ин аз эътибори таҳқиқоти анҷомдодаи Гуашон, шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, акад. Баҳоваддинов А., ба хулосаҳои Гуашон баҳои баланд додааст (2,174).

Имрӯзҳо низ анъанаи Гуашон дар Фаронса идома дорад ва доираи синошиносӣ дар заминаи таҳқиқоти Гуашон фарохтару васеътар доман паҳн кардааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти охирон, ки ба Ибни Сино ва осори ӯ тааллуқ доранд аз инҳо иборатанд: Ибни Сино «ал-Ишорот», Врен, 1999; «Нома ба Абу Саид Ал-Буроқ», 2001; Пол Мазилиак, «Ибни Сино ва Ибни Рушд, табиб ва табиатшиноси тамаддуни исломӣ», Вуибер, 2004; Мариям Себтӣ, «Ибни Сино ва рӯҳи башар» PUF, 2000; Анри Корбэн, «Ибни Сино ва нақли фантастикӣ», Вердие, 1999; Жилбер Синуэ, «Ибни Сино ё Роҳи Исфаҳон», Галлимар, 1999. Ин ҳама тарҷумаву таҳқиқот баёнгари робитаҳои мутақобили илмию фарҳангии Шарқу Ғарб мебошанд, ки Мари Гуашон дар ин раванд саҳми арзанда дорад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: синошиносӣ, муносибатҳои илмию фарҳангӣ миёни кишварҳои Шарқу Ғарб,муносибатҳои фарҳангии тоисломӣ, таъсири таълимоти Ибни Сино дар Ғарб.

## АДАБИЁТ

1. Абу Али Ибн Сино. Избранные произведения, Т. 1, Душанбе: Ирфон, 1980. 419 с.
2. Богоутдинов А.М., Избранные произведения, Душанбе. 1980. 419с.
3. Брагинский И.С., Проблемы востоковедения, М.: Наука, 1974. 493 с.
4. Гуашон А.М., Таъсири Сино ба Ғарб// Садои Шарқ, 1967, №1.- с. 126-134.

5. Диноршоев М., Натурфилософия Ибн Сины, Душанбе: Дониш, 1985. 256 с.
6. Семенов А.А., Абу-Али Ибн-Сина, «Таджикгосиздат», 1953. 64 с.
7. Султонов У., Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуалӣ ибни Сино, Душанбе. 1975. 166 с.
8. Торжество разума, Душанбе: Дониш, 1988. 392 с.
9. Шокир Мухтор, Абуали Сино во Франции//Памир.-1980 № 4.-с.70-76.
10. Шокир Мухтор, История развития французской научной иранистики, Душанбе. 1996. 99 с.
11. Шокир Мухтор, Саҳми ду синошиноси фаронсавӣ// Комсомоли Тоҷикистон 1980.-№16.
12. Goichon A,-M. La philosophie d`Avicenne et son influence en Europe Médiévale, Paris, 1951. 139 p.
13. Grand Larousse encyclopédique, en dix volumes, tome premier, Paris 1960. 990 p.

### ГУАШОН И АВИЦЕННОВЕДЕНИЕ ВО ФРАНЦИИ

*С.А. Султанов*

В данной статье рассматривается востоковедение и авиценноведение, особенно философия Ибн Сины, а также ее влияние на французскую философию XII - XX вв. Это исследование провела Амели Мари Гуашон - известный французский философ первой половины XX в..

### GOICHON AND AVICENNOLOGY IN FRANCE

*S.A. Sultonov*

In this article the question is about oriental studies and avicennology investigated by a famous French philosopher Ameli Marie Goichon, also the influence of Avicenna's philosophy to European and French philosophy in different periods (XII-XX s.).

## ТААССУБ ҲАМЧУН ОМИЛИ МОҶАРО ДАР ДИН

***З.Д. Ҳукмишоев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таассуби динию мазҳабӣ ҳамчун падидаи манфӣ зуҳур намуда, иттиҳоду ваҳдатро аз миён бурда, ихтилофу низоъро тавлид месозад. Сарчашмаи таассуби динию мазҳабӣ нашинохтани мазмун ва моҳияти дин аст. Яке аз роҳҳои аз байн бурдани таассуби динӣ боло бардоштани сатҳи маърифатнокии динии шахс дар ҷомеа мебошад. То замоне, ки маърифати динӣ дар ҷомеа дар сатҳи паст қарор дорад, нерӯҳои гуногуни сиёсӣ аз таассубу ҷаҳолати динии мардум истифода намуда, моҷарои диниро ба вуҷуд меоранд, вазъи ороми ҷомеаро ноором сохта, манфиатҳои худро амалӣ месозанд. Дар сиёсати дохилии кишварҳои олам ва дар сиёсати кабир нерӯҳои сиёсие вуҷуд доранд, ки дар зери ниқоби дин ва мазҳаб пинҳон гашта, аз идеологияи динӣ моҳирона истифода мебаранд. Дур гаштани мардум аз дин ва дар ҷаҳолат фурӯъ рафтани онҳо таассубро ба вуҷуд оварда, экстримизми диниро дар ҷомеа тавлид месозад. Чи қадаре, ки диндорон ба мақсад ва моҳияти дин наздик мешаванд, фазои таассуб ва ҷаҳолат ҳамон қадар маҳдуд хоҳад шуд.

Дар саҳнаи бархӯрди манфиатҳо ҳукуматҳо ва нерӯҳои сиёсӣ бо ҳам меҷанганд ва дар аксари мавридҳо аз дин ҳамчун яроқи идеологӣ истифода мебаранд. Ҷавҳари таълимоти адён ва мазоҳиби олам ба ҷуз аз имон доштан ба Худои ягона ва Офаридгор, адолатхоҳиву инсондӯстӣ, андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек доштан чизи дигаре нест. Дин таълимотест, ки олами маънавии инсонро комил сохта, ахлоқи инсонро ҳамида месозад.

Моҷароҳои ғоявие, ки дар миёни пайравони динҳои яктопарастӣ, яъне яҳудия, масеҳият ва ислом вуҷуд дорад, беасос Буда, заминаи он паст будани маърифати динӣ мебошад.

Ҷавҳари ҳақиқат дар ҳама адён ниҳон аст ва онро мебояд пайдо намуд. Ҳар ки пайдо намояд, ваҳдатро хоҳад дарёфт. Он чи метавонад динҳоро дар иттиҳод нигоҳ дорад ва садди роҳи моҷарои динӣ гардад ва ваҳдатро дар ҷомеа ба вуҷуд орад, таълимоти яктопарастӣ мебошад Худованд қиблаест, ки ҳамагон рӯ ба ӯ овардаанд.

Моҳиятан яктопарастӣ дар дин ҳамчун омили иттиҳоду ваҳдат буда, дар заминаи ин таълимот инсоният аз лиҳози идеологӣ муттаҳид мегардад. ҳадафи муштарак доштани адёни ҷаҳонӣ шаҳодати он аст, ки дин маҳкумкунандаи тафриқа ва ихтилофу низоъ дар ҷомеаи башарӣ мебошад. Иттиҳод ва ваҳдат ҳамчун омили асосии суботи сиёсӣ дар ҷомеа мебошанд.

Ислом тавассути таълимоти яктопарастии худ тавонист парокандагии сиёсиро дар нимҷазираи араб аз миён бубарад ва суботи сиёсиро дар заминаи иттиҳод ва ваҳдат ба вуҷуд орад. Ислом тавонист

бо таълимоти яктопарастии худ қавму қабоили арабро, ки қаблан аҳли ширк буданд ва дар ҷаҳолат зиндагӣ доштанд, муттаҳид созад. Пас, чаро наметавонад ғояи яктопарастӣ, ки ҷавҳари таълимоти яҳудия, насрония ва ислом аст, иттиҳодро ба вуҷуд оварда, моҷарои ғоявиро аз миён бубарад.

Моҷароҷӯи ғоявии диниро аввалан таассуб ва ҷаҳолати динӣ ба вуҷуд меорад ва баъдан онро нерӯҳои сиёсие, ки аз ин тафриқаҳо ва моҷароҳо манфиатдоранд, ривоҷу равнақ медиҳанд.

Таълимоти яктопарастӣ, агар моҳиятан ҳукумат пайдо намояд, на танҳо тафриқаҳои динию мазҳабиро аз миён бурда, оташи моҷарои диниро хомӯш месозад, балки таассуби нажодию миллиро низ аз миён бурда, садди роҳи моҷароҳо мегардад. Зеро таълимоти яктопарастӣ маҳдудиятҳои динию мазҳабӣ ва нажодию миллиро аз миён хоҳад бурд. Мафҳуми Ислом дар доираи нажоде ё миллате маҳдуд нахоҳад шуд. Ислом моҳиятан таслим будани инсон дар нисбати Худост. Яъне, кулли ашхосе, ки ба Худои ягона имон доранд, мусалмон мебошанд. Ислом дар ҳалқаи худ тамоми мӯъминонро фаро мегирад.

Таълимоти яктопарастии Ислом аз Қуръон сарчашма мегирад.

Ҳамчуноне ки дар Қуръон дар қиссаи Иброҳим (а) омадааст:

«Он гоҳ, ки фаро гирифташ торикии шаб, дид ситораро, гуфт: ин аст парвардигори ман ва ҳангоме ки фурӯ нишаст, гуфт: дӯст надорам фурӯ рафтагонро».

«Ва ҳангоме, ки дид моҳро тобанда, гуфт: ин аст парвардигори ман ва чун фурӯ нишаст, гуфт: агар роҳбариям накунад, парвардигорам, ҳамоно мешавам аз гурӯҳи гумроҳон».

«Пас, ҳамин ки дид хуршедро дурахшон гуфт: ин аст парвардигори ман ин бузургтар аст, сипас, ҳангоме ки нопадид шуд, гуфт: эй қавм, ҳамоно безорам аз он чӣ Шумо ширк меварзед».

«Ба дурустӣ ман мегардонам рӯи худро ба сӯи он, ки офарид осмонҳо ва заминро ба яктопарастӣ ва нестам аз ширк оварандагон». Қуръон; 76:79.

Ин тамсилест баҳри исботи Худо. Иброҳим (а) тамоми мавҷудоти оламро дар ҳоле дид, ки меоянду мераванд ва ӯ дар ҷустуҷӯи ҳақиқати мутлақ ва вуҷуди мутлақ шуд. Худованд он ҳиҷоберо, ки дар миёни худ ва Иброҳим (а) буд, аз миён бардошт ва Иброҳим (а) Худоро зоте дид бемисл, тағйирнопазиру ҳақиқати мутлақ, бениёзу вуҷуди мутлақ. Имон оварду ягонагии ӯро дар қалби хеш тасдиқ намуд. Мақсад аз ояҳои мазкур он аст, ки он чӣ меояду аз миён меравад ва дар ҳоли тағйир аст, мумкинулвуҷуд аст на воҷибулвуҷуд. Ӯро Худо хондан нашояд.

«Иброҳим на яҳуд буд, на насоро балки ҳанифии мусалмон буд ва аз мушрикин набуд». Қуръон; 3:67.

«Бигу, ӯст Худои ягона. Худованд бениёз аст. На зоидааст ва на зоида шудааст. Ва набудааст бар ӯ ҳеҷ ҳамтое». Қуръон; 112.

Он чиро Иброҳим (а) диду имон овард, Мӯсо (а) низ онро дид ва мардумро ба шинохти он Худои ягона даъват намуд.

«Санаме ва ҳар сурате, аз он чи дар осмонҳо дар болост ва аз он чи дар замин аз поён аст ва аз он чи дар об аз зери замин аст, барои худ насоз, ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун». Таврот; Хуруҷ 20, бандҳои 4-5.

Моҷароҳои ғоявӣ ва ихтилофи назар дар дин худо карда натавонистани ҳақиқат аз маҷоз мебошад. Яке аз ғояҳои пурихтилоф ин мафҳумҳои Падар, Худо ва Писар Худо дар масеҳият аст.

Худоро падар ва худро писари Худо хондани Исо (а) маънои маҷозӣ дошта, онро маънои ҳақиқӣ додан хатост. Исо (а) на танҳо худро писари Худо мехонд, балки ҳамаи ононеро, ки ба Худо имон доштанд, фарзандони Худо мехонад. Яъне фарзанди Худо будан маънои ҳақиқиаш бандаи хоси Худо будан аст.

«Лекин ба онҳое, ки ӯро қабул кардаанд ва ба исми Ӯ имон доранд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд».

«Ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтанд». Инҷил; Юҳанно 1; 12-13.

Исо (а) Худоро оғозу анҷом медид ва ба ононе, ки имон ба Худо доштанд, мегуфт: Худо оғозу ҳам анҷоми Шумост. Фарзанди Худо намехонд ононеро, ки ба Худо имон надоштанд. Зеро онон ғофил аз оғозу анҷоми худ буданд.

Исо (а) ҳақиқати ҳастии худро дар назар дошт, на он вуҷуди ҷисмонии худро, ки аён дар чашми сар буд. Ҳақиқати ҳастиро, ки он хони олам ва одам аст, на дар гузашта оғоз буд ва на дар оянда анҷом хоҳад буд. То худро нашносед, он ҳақиқати ҳастии хешро, ки Мусо (а), Исо (а) ва Муҳаммад (с) дар назар доштанд ва шуморо ба шинохти он даъват намудаанд, дарк нахоҳад кард.

Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани мазоҳиб, аз ҷумла адёни ҷаҳонӣ, дарк накардани ҳақиқати дин ва бар дунболи андешаҳои ботили худ рафтани инсон мебошад. Ба вуҷуд омадани тафриқаҳо дар дин моҷароҳои ғоявиро ба миён хоҳад овард. Агар пайравони динҳои яктопарастӣ: яҳудия, Насрония

ва Ислом маърифати динии баланд дошта бошанд, ҳеҷ гоҳ ихтилофоу низоъ дар олам ба вуқуъ нахоҳад омад. Дар баробари низоъҳои динӣ низоъҳои мазҳабӣ низ вуҷуд доранд, ки ин ҳам дар ҷаҳони Насрония ва ҳам дар ҷаҳони Ислом ба назар мерасад.

Низоъҳое, ки хосияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд, дар заминаи бархӯрди манфиатҳо ба вуҷуд меоянд. Дар раванди бархӯрди манфиатҳо дар заминаи таассуби динию мазҳабӣ дину мазҳаб ҳамчун яроқи идеологӣ истифода мегарданд.

Дини Насрония ва Ислом пайравони худро на ба низоъ ва ихтилоф, балки ба дӯстӣ, бародарӣ ва ҳусни тафоҳум даъват менамояд.

«Якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед». Инҷил; Ба Румиён 12:10.

«Ҳар ки гуяд, ки вай дар нур аст, валекин аз бародари худ нафрат дошта бошад, вай ҳанӯз дар зулмат аст».

«Касе ки бародари худро дӯст медорад, вай дар нур сокин аст ва дар вай васваса нест». Инҷил; Юҳано: 2-9-10.

Ислом тамоми мӯъминонро, яъне кулли ашхосеро, ки ба ягонагии Худо бовар доранд, бародари якдигар мехонад.

«Ҷуз ин нест, ки мӯъминон бародаранд, пас, оштӣ афканед миёни бародарони хеш ва битарсед аз Худо, шояд раҳм карда шавед». Қуръон 49:10.

Ислом дар нисбати аҳли китоб ҳусни тавачҷӯҳ дошта, мусалмононро ба ҳусни тафоҳум даъват менамояд.

Ислом он ихтилофоту низоъҳоеро, ки дар миёни яҳудият ва масеҳият буданд ва яке дигареро ботил мехонд, маҳкум месозад.

«Ва гуфтанд, ки нестанд насоро бар чизебарҳақ ва гуфтанд, ки нестанд яҳуд ба чизебарҳақ, бо он ки мехонданд китобро ва чунин мегуфтанд, ононе ки намедонанд монанди гуфтори эшонро, пас Худо ҳукм мекунад миёни эшон дар рӯзи қиёмат дар бораи он чи ихтилоф мекарданд». Қуръон; 2:113.

«Ва гуфтанд касе ба биҳишт ворид намешавад, ҷуз он ки яҳудӣ ё насронӣ аст, ин орзуҳои онҳост, биоваред далели хешро агар ростгӯ ҳастед». Қуръон 26:111.

The Sasanids epoch played essentially role in the development and becoming pedagogical thoughts of iranian languages of nationality. The article considers about the development and becoming of pedagogical thoughts in the epoch of Sasanids.

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАРОДНЫХ ТРАДИЦИЙ В ТРУДОВОМ ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ

***Н. Рахмонова***

**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Воспитание детей на современном этапе должно строиться в тесной связи с истоками национальной культуры, народными традициями и достижениями отечественной и мировой педагогической мысли, так как исследование вопроса влияния народных традиций и обычаев на формирование личности непосредственно касается решения острых вопросов развития общества.

Традиции и обычаи, как педагогическое творчество народа, представляют разнообразные формы и методы педагогического воздействия на чувства, волю, сознание и поведение детей. Будучи общественным явлением, традиции выступают также в принципах, нормах и правилах, регламентирующих взаимоотношения людей в обществе и личной жизни, они одобряются и поддерживаются общественным мнением. [5;4]

В таджикских семьях трудовое воспитание осуществлялось с малых лет. Анализ этнографических, фольклорных и исторических материалов показал, что в трудовом воспитании детей в таджикской семье прослеживается следующая тенденция:

1. Зависимость между младшими и старшими детьми. То есть братья и сестры по отношению к младшим были своего рода воспитателями. Уход за малолетними, при наличии в семье нескольких детей, традиционно ложился на плечи девочек. Дети обычно укачивали маленьких в колыбели (или качелях), выводили гулять, играли в отсутствие родителей, умывали, обували, одевали, кормили их: напевали им колыбельную (алла), песни раннего детства (пастушки, потешки), забавляли, развлекали, придумывали игры, делали игрушки, рассказывали сказки и т.п. этот детский труд был, в полном смысле, педагогическим, -воспитывающим, обучающим, развивающим и формирующим личность ребенка, подготавливающим к будущей жизни. Нередко проявляли творчество в этой работе, так как маленькие дети оставались все таки детьми, и в этом их творчестве находили отражение детские интересы, желания. Таким образом, многообразие народных игр и есть результат творческого отношения старших детей к выполнению трудовых поручений, выполнению педагогической задачи.

2. В раздельном воспитании девочек и мальчиков с учётом индивидуальных, половых, природных, этнических и других особенностей и явлений учитываются специфические особенности их организма, социального статуса. Индивидуализация трудового воспитания-эффективное средство преодоления стандартизации личности. Дифференцированный подход к трудовому воспитанию не только закономерен, но и необходим. Каждый человек индивидуален, каждый человек-личность. Это результат большого и многообразного комплекса социальных влияний, в числе которых решающим является воспитание.

С особым вниманием и любовью относились родители к воспитанию мальчиков, считая их своей «надеждой» и «своим будущим». В социально-экономическом и социально-педагогическом плане, мальчик в будущем неутомимый труженик, готовый принять на себя трудовые обязанности, требующие наибольшего напряжения физических и духовных сил, в будущем храбрый воин–патриот, внимательный и заботливый отец, муж, готовый защитить женщину, семью, Родину. Кроме того, мальчик, который вырастает трудолюбивым, заботливым, духовным и физически развитым, считается гордостью семьи [5;5-16].

Воспитательное значение обычаев и обрядов, связанных с трудовым воспитанием детей и подростков заключается в следующем:

1. Каждый этап жизни детей для семьи имеет важное значение, и он всегда находится под пристальным вниманием взрослых. Они всегда следят за физическим и психологическим развитием детей;
2. Выполнение обрядов и обычаев создаёт положительную эмоциональную атмосферу для ребенка и других членов семьи;

3. Принимая участие в обрядах и обычаях, дети чувствуют себя равноправными членами семьи;
4. Многие обряды и обычаи способствуют формированию трудовых навыков у детей.

В процессе трудового воспитания формируются нравственные качества, как принято в современной педагогической карте, дошкольный возраст-период обучения детей самостоятельности, трудовым навыкам по самообслуживанию, взаимопомощи, посильное участие в трудовой жизни семьи.

Традиции имеют социальный характер, и их сущность состоит в том, что это исторически сложившиеся, устойчивые, повторяющиеся отношения, передающиеся из поколения в поколение. По характеру и сущности они имеют воспитательные функции и значения.

Слово «традиция» (от лат. Tradio–передача)–передача духовных ценностей из поколения в поколение; на традициях основана культурная жизнь. Традицией называется также и то, что передают: в то же время всё, что на традиции основано, называют традиционным.

Понятие «традиция» распространено и во всех сферах общественной жизни, оно отображает общественные отношения и является социальным феноменом [6;39].

«Традиция» и «обычай» понятия одно порядковые, но далеко не идентичные. Сходство традиций и обычаев заключается в том, что они соблюдаются в силу убеждения, привычки, поддержки общественным мнением. Они выполняют в целом одинаковую социальную роль–формируют у широких народных масс духовные качества, чувства, навыки, привычки, настроения в соответствии с общественными потребностями и интересами.

Вместе с тем между традициями и обычаями имеются и существенные различия. Исторические обычаи возникли раньше общественных отношений рода и племени, сложились родоплеменные обычаи, детально регламентирующие способы реализации того или иного общественного отношения.

Обычай–правило социального поведения, передающееся из поколения в поколение, воспроизводящееся в определенном обществе или социальной группе, укоренившееся, вошедшее в привычку, быт, сознание их членов. Обычай служит средством приобщения индивида к социальному и культурному опыту, регламентирует поведение индивидов, поддерживает внутригрупповую сплоченность.

Важнейшей функцией различных традиций и обычаев является закрепление и передача из поколения в поколение общепринятого социального опыта.

Механизм передачи социального опыта с помощью традиций и обычаев заключается в закреплении определенного комплекса действий, а также посредством повторения уже известных образцов.

Отличительной особенностью передачи социального опыта с помощью традиций и обычаев является их прочность. Традиция с одной стороны, подкрепляется авторитетом предков, а с другой, - тягой к многократно проверенному образу жизни и действий. Видимо, так происходит потому, что усвоение новых, оправданных практикой стереотипов пока новое не испытано, не проверено, к нему относятся настороженно. Кроме того, внедрение нового требует перестройки поведения, изменения ценностных ориентаций и т.д. что нарушает привычный образ жизни, психическое состояние человека [5;27].

Традиции и обычаи являются частью народной педагогики. Народные традиции воспитания имеют непосредственное отношение к научной педагогике. Характерная особенность традиций и обычаев ещё заключается в том, что они способствуют развитию появления новых понятий и отраслей в педагогической науке. Связь педагогики с этнопедагогикой, фольклористикой, историографией, антропологией и философией способствует расширению знаний о процессе воспитания, обучения и образования, направленных на развитие и формирование личности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** народные традиции, педагогическое творчество народа, трудовое воспитание, воспитательное значение обычаев и обрядов.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Амонов А. Таджикские народные сказки. (Перевод с таджикского). М., 1990.
2. Афзалов Х., Рахимов Б. История педагогики таджикского народа. Душанбе, 1994.
3. Атаханов Т. Авесто – китоби тарбия // Омӯзгор, 2001, №18.
4. Атаханов Т., Сулаймони С. Тамаддун. Китоби I (Цивилизация. Кн. I) Душанбе, 2003.
5. Маджидова Б. Традиции и обычаи таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. Душанбе, 2004. С.-4; 15-16;27.
6. Плахов В.Д. Традиции и общество. Опыт философско-социологического исследования. М., «Мысль», 1982. С.-39-41.

ИСТИФОДАИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ БАЧАГОН

*Н.Раҳмонова*

Тарбияи бачагон дар марҳилаи муосир бояд дар алоқаи зич бо сарчашмаҳои фарҳанги халқӣ ва анъанаҳои халқӣ ба роҳ монда шавад. Дар мақолаи мазкур дар бораи паҳлӯҳои мусбии истифодаи анъанаҳои халқӣ дар тарбияи меҳнатии бачагон сухан меравад.

THE USING NATIONAL TRADITION IN THE LABOURS UPBRINGING OF CHILDREN

*N. Rahmonova*

Upbringing of children to the modern stage must make in the dissicult connection with sources of national cultures, national traditional tradition in the labours upbringing of children. The article considers about the using national tradition in the abours upbringing of children.

## ТАШАККУЛИ ШАХС ВА АХЛОҚИ ҲАМИДАИ ИНСОН АЗ НАЗАРИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА УНСУРМАОЛИИ КАЙКОВУС

*Қ. Т. Хоҷаев*
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**

Мутафаккири бузурги асри XI Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар қасидаи тарбиявӣ – ахлоқии хеш таҳти унвони «Эй одамӣ ба сурату бе ҳеҷ мардумӣ» дар ҳаҷми 45 байт ба бани инсон бо шеваи муроҷиат ва суолҳову посуххо, хитобҳо ва итобҳо рӯ оварда, сурати инсонро ба сират, зоҳирро ба ботин, рафтору гуфторро ба аъмолу афъолаш бо ҳайвон ба панҷаи қиёс мекашад. Ҳаким фазилат ва хосиятҳои ҳайвону инсонро силсилабандӣ намуда, бад-ин васила чандин самтҳои тарбияи афроди бадкунишро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додаст. Дар назари Ҳаким, инсони худноогоҳ, тинату тамизи инсонӣ надошта, амсоли «дев», «ҳайвони саворӣ», «замини шуразор ва бенам», «Каждум» ва амсоли он аст. Яъне, сурати инсонӣ доштан ҳанӯз маънии «Инсон»-ро надорад. Инсон боист хулқу атвори шоиста, дорои ақлу тамизи хуҷаста, соҳиби хираду ҳунару фазлу дониш, номи накӯ, дар саховат чун Ҳотам, дар заковат чун Балъамӣ бошад. Қасида бо оҳанг ва шева, лаҳну баёни қотеъона, дурушт ва сахт навишта шуда, амсоли нушдоруест талху пандпазирандаро доруи тарбият бошад. Барои далел чанд байти ӯро овардан кофист:

Эй одамӣ ба сурату бе ҳеҷ мардумӣ,
Чунӣ ба феъли дев чу фарзанди одамӣ.
Гар асп нест астару на хар, ту ҳамчун ӯ,
На мардумӣ, на дев, яке девмардумӣ.
Чун хум ҳамехӯриву чуз ин нестат ҳунар,
Бар хум чамию бадсияру беҳунар хумӣ. (д., с. 721)

Аз назари Ҳаким, агарчи инсон тарбиядида бошад ҳам, бо афроди палид ва бетамиз, ситамгар ҳамроҳу мунис гардидан, мумкин аст, даррандҳӯ бигардад:
Ё дар мавқеи дигар:

Гурги дарранда, гарчи куштанӣ аст,
Беҳтар аз мардуми ситамгар аст.
Аз бади гург растан осон аст
В-аз ситамгар сахт душвор аст.
(д.с.125)

Ба ақидаи Носири Хусрав, фазилатҳои ахлоқӣ дар табиати инсон бе таъсири муҳит падид намеоянд, балки дар раванди ҳаёт, тадриҷан зимни муносибати байниҳамдигарии одамон, бо фароҳам омадани шароит ва муҳити мусоид тавлид мёёбад ва ба дараҷаи камолот мерасад. Ба мисол, агар инсони поксириштро дар муҳити фосид ё баръакс, бадхулқеро дар муҳити солим нигоҳ доранд, онҳо, бешубҳа, зери таъсири ҳамон муҳити тарбия хислату рафтору ахлоқи хешро тағйир медиҳанд. Чунон ки ӯ мегӯяд:

Аз қарини бад ҳазар бояд-т кард,
К-аз қарини бад биёлояд қарин.
Зар надидастӣ, ки беқимат шавад.

Чун бияндой-ш бо чизе мисин.
Мушк чун афтад, бибӯяд ҳар касе,
Гарчи аз саргин физояд ёсумин.

(д.с.533-34)

Вале ҳаёти воқеӣ ва таҷрибаи зиндагӣ Носири Хусравро водор намуд, ки зимни баҳо додан ба тарбияи насли инсон мавқеи хешро тағйир бидиҳад, зеро тахти мушоҳида ва муоина маълум гардид, ки таъсири тарбия ва қабули он дар одамон мухталиф сурат мегирад: Яке дарку фахмишаш хуб, зираку доно, шавқу ҳаваси беандоза, ҳариси илму таълим, дигарӣ, муддати мадиде лозим, ки таълиму тарбия даргир шавад ва саввумӣ кундфаҳм, танбал ва кавдан. Аз ин лиҳоз, шоир таълиму тарбияро барои бархе афроди беқобилият амали ноҷо ва беҷо медонад:

Дареғ дор зи нодон сухан, ки нест савоб,
Ба пеши хук ниҳодан на манну на салво
Ҳаргиз нагашт неку муҳаззаб нашуд,
Фарзанди нобакор ба аҳсанту зеҳ.

(д.с.92)

Дар фарҷом Ҳаким ба чунин натиҷае меояд, ки манбаъ ва ҷанини хисоли одамиро аз сиришту сарнавишт ва ирсияти ӯ низ ҷуста, фитрӣ ва модарзодӣ будан ва ба тарбияю муҳити иҷтимоӣ марбут набудани ахлоқи ҳамидаро эътироф намояд:

Аз набид омад палидӣ ҷаҳл пайдо бар хирад,
Чун бувад модар палид, н-ояд писар з-ӯ ҷуз палид.

(д.с.163)

Ҷуз к-аз асли нек н-ояд феъли нек.
Бор бад бошад, чу бад бошад ниҳол

(д.с.53)

Бор чу фарзанду тухми ӯ падари ӯст,
Аз ҷав ҷав зояду зи пилпил-пилпил.

(д.с.59)

Бад–ин сон гуногунандешии мутафаккир – Ҳакими Қубодиёнӣ муҳаққиқро водор менамояд, ки дар кадом мавқеъ: муҳитгаро ва ё таворисгаро будани ӯро собит намояд. Дарвоқеъ, ӯ ҷонибдори ирсӣ-ҷавҳари асл будани хулқи одамист ва ё василаи муҳит ва таълиму тарбия парвариш ёфтани онро мепарастад? Чи тавре ки аз андешаҳои фавқ бармеояд, барои собит намудани ҳар ду нуқтаи назар далелҳо дар девон ва дигар осори фалсафии ӯ фаровонанд. Кадоме аз онҳо бартарӣ дорад, мушкил тавон баркашидан. Вале ҳамин андеша мусаллам аст, ки Ҳаким ҳар ду консепсияро дар мадди назари устод қарор медиҳад ва дар таълиму тарбия ба инобат гирифтани ин ду нукоти тарбияро ҳидоят менамояд.

Табиист, ки Носири Хусрав бо вуҷуди файласуфи бузург ва Ҳаким буданаш масъалаи ирсият ва ё ислоҳ гардидани хулқи одамӣ бо таъсири тарбияро дар замина ва бунёди илмӣ собит карда натавонистааст. Ва бидуни ин ҳам наметавон буд, зеро дар давраи ӯ илми ирсиятшиносӣ (генетика), ки фарқияти ҷиҳатҳои табиии зотӣ ва иҷтимоии муктасабро собит месозад, кашф нагардида буд. То падид омадани илми мазкур муҳаққиқон ағлаб ҷанбаи ирсии хулқро боло гузошта, нақши муҳит ва таъсири тарбияро дар ташаккулу тағйири хулқи одамӣ то андозае бесамар мепиндоштаанд. Вале бидуни пиндошти фитрии ирсияти ахлоқу қобилияти зеҳн Носири Хусрав таъсири муҳит ва тарбияро дар ташаккул ёфтани хулқи одамӣ расман эътироф менамуд, вагарна мутафаккирро чӣ пеш омада буд, ки муддати тӯлонии умри азизи хешро харҷи сафари баҳру бар намояд (Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам, Н-аз хонаам ёд омаду н-аз гулшану манзар).

Бинобар ин, дар афкори педагогии Носири Хусрав масъалаи илму дониш ва ақлу хирад, қобилият ва истеъдод аз мавқеи гносеологӣ-ахлоқӣ ва ҳам мазҳабӣ мавриди тадқиқ қарор ёфтааст. Ҳаким ин аркони тарбияро таззоди ҳамдигар нагузошта, балки дар ҳамбастагӣ ва робитаи ҳамдигарӣ медонист, зеро мазҳаби исмоилия, ки шоир ба он гаравида ва эътиқоди қавӣ дошт, на ба сифати пайравикунанда, балки чун ташвиқу тарғибгари он таълимот шинохта шудааст, дину ойин, дониш ва ҳикмату панду андарз ба толибилмон маромнома ва маншури ин равия буд.

Носири Хусрав мӯтмаин бар он нуқтаи назар низ буд, ки ҳатто ба атфоли як оила як маром таълим дода шавад ҳам, дараҷаи қабул, дарку фаҳмиш ва қобилияту истеъдоди онҳо мухталиф сурат мегирад:

К-аз хок ду тухм мепадид орад,
Ин хуш хурмову он туруш лиму.

(д.с.62)

Ҳам бар он сон, ки бор бар ду дарахт,
Бар яке мева, бар дигар хор аст.
Ҳамчунон к-аз нами ҳаво ба баҳор,
Шӯра гилзору боғ гулзор аст.

(д.с.125)

Тахмин меравад, ки Носири Хусрав дар ҳаллу фасли анвои мухталифи қобилиятҳои равонӣ ва зинаҳои такомули ақлонии шахс ба таълимоти Абӯалӣ Сино пайравӣ кардааст, вале бидуни афкори ӯ, ки ғолибан асоси илмӣ дошта, ба таҳлили аниқу ҳамаҷонибаи масъала асос меёбад, бештар ба ҷанбаҳои таълимию тарбиявӣ ва динии он мутаваҷеҳ гардидааст. Ё ин ки шояд Носири Хусрав чунин масъаларо ҳал- шуда пиндошта, ба ҳикмати амалии он кӯшидааст.

Адиб ростгӯӣ, илмварзӣ ва тоатро ба ақли муктасаб мансуб медонад:

Рост гӯям, илм варзам, тоати Яздон кунам,
Ин се чиз аст, эй бародар, кори ақли муқтасаб.

(д.с.76)

Аз назари Унсурулмаолии Кайковус ақлу хиради инсон ғаризӣ (табиӣ) аст. Онро тавассути устод натавон омӯхт, зеро атои Худовандист. Вале ақли муктасаб ба василаи омӯхтан, таълиму тарбия ба даст хоҳад омад.

«… ақл аз ду гуна аст: яке ақли ғаризӣ аст ва дувум ақли муктасаб аст. Онро, ки ақли ғаризӣ бувад, хирад хонанд. Аммо ҳар чи муктасаб аст, битавон омӯхт, валекин ақли ғаризӣ ҳадяи Худоист, он таълим аз муаллим бинатавон омӯхт» (с.183.)

Кайковус парварандаеро, ки доири ақли ғаризист, қаноатманд намеҳисобад ва онро ҳарчанд накд аст, нокифоя, номукаммал медонад. Мутафаккир ҳар ду намуди ақлро ба ҳамдигар тавъм дониста, тақвиятдиҳандаи якдигар мешуморад, то заковати инсон нуран ало нур гардад. Адиби носеҳ ҷонибдори бо заҳмату ранҷу машаққат пайдо намудани ақлу хиради инсонист. Ба ижа, он атфоле, ки аз ақлу ақли ғаразӣ орист, аз яъсу ноумедӣ ба сӯи кӯшишу ғайрат ва саъйи маърифати олами ҳастӣ аз тариқи омӯхтан, ҳифз намудан роҳнамун месозад. Чунончӣ: «Агар чунон ки ақли ғаризӣ туро Худоитаоло дода бувад, беҳу беҳ, ту дар ақли муктасабӣ ранҷ бару биёмӯз. Муктасабиро бо ғаризӣ ёр кун, то бадоеъуззамон бошӣ, пас агар ғаризӣ набувад, ману ту ҳеҷ натавонем кардан, ба муктасабӣ тақсир макун, чандон ки тоқат бошад боре ба муктасабӣ тақсир макун, чандон ки тоқат бошад, биёмӯз, то агар аз ҷамъи донишмандон набошӣ, боре аз ҷамъи доноён бошӣ. Аз дугона яке бо ту ҳосил беҳ, ки ҳеҷ набошад, ки гуфтаанд: «Чун падар набошад, ҳеҷ беҳтар аз шӯи модар нест:». (с. 183)

**КАЛИДВОЖАҲО**: ташаккули шахсият, ахлоқи ҳамида, ақлу хиради инсон, анвоъи мухталифи қобилиятҳои равонӣ ва зинаҳои такомули ақлонии шахс, ақли ғаризӣ, ақли муктасабӣ.

## АДАБИЁТ

1. Носири Хусрав. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» (Таҳия ва тадвини А. Девонақулов, А. Алимардонов ва Ф. Бобоев) – Душанбе, 2003 – 955 с.
2. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. Нашр. Маориф. Душанбе, 1979 с.

## ФОРМИРОВАНИЕ ЧЕЛОВЕКА И ДОСТОЙНОЕ ПОВЕДЕНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НОСИРА ХУСРАВА И УНСУРМАОЛИ КАЙКОВУСА

*К. Т. Ходжаев*

В статье автор анализирует ряд воспитательно-нравственных касыд Хакима Носира Хусрава. Исследователь доказывает, что по многим направлениям отрасли педагогики существуют особые точки зрения мыслителя. Соответственно, по педагогическим направлениям автором была выявлена совокупность некоторых воспитательных аспектов и пути усвоения знания в творчестве поэта.

## A NUMBER OF EDUCATIONAL QASID OF HAKIM NOSIR KHUSRAV AND UNSURMAOLY KAYKOVUS

*K. T. Hodjaev*

The researcher proves that the thinker proves that the thinker has special points of view in accordance with all branches of pedagogical directions. The author reveals set of educational aspects and the ways of assimilating knowledge in the poetics works.

# «АЗИЗНОМАИ ЛУТФ»

***М. Афғонов***
**Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон**

Муҳаррири китоби мазкур олими шинохтаи тоҷик академик Ф. Шарифов буда, сарсухани он бо нақли тамсилӣ чунин сар мешавад: «Мурғи хушилҳоми умр ба қуллаи умед расид. Чанде давр ронду болафшонӣ кард. Рӯ ба пастӣ овард. Болои харсанге фурӯ рафт ба фикр. «Умрро чи тавр гузаронд? Бобаракат ё бебаракат? Агар бебаракат, ҳайф ва агар бобаракат, шукр». Шукри баракати умр гуфту ин номаро иншо намуд бар халқаш, бар ақрабояш, бар фарзандону набераю абераҳояш, бар дӯстонаш, бар ҳамкасбонаш ва барои он ки сухан ба дароз накашад, аз рӯи меҳрубонӣ ва навозиш «Азизномаи Лутф» номиду ҳамагонро бо як калимаи зебо ва дилорои «Азизон» мунодӣ намуд».

Китоби мазкурро аз рӯи мазмуну мундариҷа панднома, насиҳатнома ё ҳикматномаи устод М. Лутфуллоев ба қалам додан ҳам ҷоиз аст. Дар ҳар сурат китоби мазкур саросар аз панду ҳикмат ва насиҳатҳои оқилона барои омӯзгорон ва оммаи васеи хонандагон аҳамияти панду ахлоқӣ дошта, баҳри тарбияи шахсиятҳои комилу сазовори даврy замон хизмат хоҳад кард.

Ба қавли муаллиф, зери мафҳуми «азизон» ӯ ҳам ба рафиқон, ҳам ба рақибон, ҳам ба наздикону ҳам ба дурон, ҳам ба кӯдакону ҳам ба пирон муроҷиат намудааст. Муаллиф дар натиҷаи «аз ҳар як гул накҳате» чидан ин асарро офарида, онро маҳсули омӯзиши таҷрибаи ҳаёт, панду ахлоқи ниёгон ва фалсафаи муосир меномад. Мақсади таълифи онро муаллиф тарбияи насли наврас ва ҷомеа мешуморад, ки то ҷое, ки даст додаст, ин кор ба муаллиф муяссар гардидааст.

Китоби мазкур ба шакли ифодаи сирфи панду андарз ва мақолҳо эҷод шуда, дар боби кулли мавзӯъҳои зиндагӣ чакомаҳои хомаи муаллифро дар бар гирифтааст. Бештари мавзӯъҳои онро тарғиби одоби ҳамидаи инсонӣ, фурӯтанӣ, мукаддасоти оламу одам, ватандӯстию ватандорӣ, сабру қаноат, хештаншиносӣ, ойини ҷавонмардӣ, омӯзиши илму дониш, инсонгароӣ, қадри инсон, ҳурмати падару модар, устодону омӯзгорон, ростқавлию поктинатӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими ахлоқи инсон дар бар гирифтааст.

Акнун ба овардани мисолҳо ва таҳлилу дидабароии чанде аз он панду андарзҳо шурӯъ мекунем.

Сароғоз мехоҳам аз мавзӯи Ватану ватандорӣ ва садоқат нисбат ба он чанд намунаеро мутолиа кунем. «Азизон, калимаҳои ҷиддӣ, азиз, меҳрубон ва баҳри ҳама наздики Ватан, Модар, Сулҳ, Об, Замин, Тоҷикистон, Ваҳдат, Ифтихор, Дӯстро ҳамеша вирди забонҳо дошта бошед» (Панди 8, саҳ. 6).

Ба андешаи муаллиф хушбахттарин кас он аст, ки аз аввал то охири умр соҳибватан аст: «Азизон, Ватанро дӯст доред, онро хор накунед, ки хор шавед. Агар бахт баландӣ кунаду дар Ватан таваллуд шавед, дар Ватан бизиед ва дар Ватан хок шавед, шумо хушбахттарин одамед» (Панди 1, саҳ. 5)

Дар хусуси аз ҳеҷ чиз дареғ надоштанро барои ҳифзи Ватан муаллиф чунин ақида меронад: «Азизон, чун сухан аз боби Ватану ватанпарастӣ ва ҳимояи он меравад, мо бояд ҳама чиро қурбон кунем». (Панди 232, саҳ. 41)

Дар бораи роҳ надодан ба манбаи асосии бадбахтии миллат–маҳалгароӣ муаллиф хеле мӯшикофона ақидаронӣ мекунад: «Азизон, деҳа ва маҳалли худро, ки пораи хоки Ватан аст, дӯст доред, баҳри ободиаш бикӯшед, вале ҳеҷ гоҳ маҳалгароӣ накунед, ки яке аз сабаби ақибмонӣ ва пастии зиндагии мо ҳамин дарди сар аст. Маҳалгароӣ ҷоҳилӣ ва касалист». (Панди 233, саҳ. 41). Ба ин маънӣ дар бахши ғанимат шумурдани ватандорӣ ва муқаддас доштани он пандеро пеш оварда: «Азизон, аҷаб хислате дорад инсон: вақте ки ӯ дар ҳалқаи хешу табор, ёру дӯстон, бародарон ва шаҳрвандони худ умр ба сар мебарад, ба булбуле монанд аст, ки дар боғу чаман месарояд. Вале чун дар кишвари бегона ғариб мешавад, булбулеро мемонад, ки дар биёбони бедолу дарахт афтодааст ва дар қафасаш кардаанд» (Панди 490, саҳ. 94).

Барои бахши дастгирии сиёсати давлатӣ, дар бахши танзими оила ва мақсадҳои стратегии давлатӣ, халос шудан аз одатҳои зиёнвари мардумӣ–анъанаи бисёрфарзандӣ муаллиф чунин овардааст: «Азизон, Тоҷикистон мулки камзамин аст. Агар хоҳед, ки фарзандон имрӯз ва оянда дар ҳамин мулк ҷое, мавқее дошта бошанд ва дар тақсими замину мерос хархаша ба амал наояд, оилаҳоро ба танзим дароред. Гузаштагони дури мо аз ду-се фарзанд зиёд надоштанд». (Панди 234, саҳ. 41)

Дар лаҳзаҳои ҳалкунандаи тақдиру сарнавишти Ватан муаллиф ҳамчун шахси рӯзгордидаю хирадманд ба шаҳрвандон ва сарбозон; ҳангоми ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳар як ваҷаб хоки он чунин даъват ба амал оварда: «Азизон, шумо дар муҳорибаҳо вақте зафар меёбед, ки Модар-Ватанро пеши назар дошта бошед». (Панди 263, саҳ. 45).

Муаллиф ҳар дам таъкид намуда, ки мардум, махсусан ҷавонон бояд хушбин бошанд, зеро маҳз ҳамин хислат боиси ташаккули шахс, ҷомеа, давлат ва умуман зиндагӣ мегардад: «Азизон, шабеҳи оби мусаффо ва зулоли чашмаҳои кӯҳсорон бошед. Аз монеаҳо ноумед нашавед, ба пеш ба сӯи қуллаҳои мурод қадам гузоред. Ҳатман пирӯз мешавед» (Панди 2, саҳ. 5). Ё дар ҷои дигар чунин фармуда: «Азизон! Шумо як бор ба дунё меоед. Азизед, арҷи аълоед».

Қадри мактабро донистан барои ҳар як фард, алахусус барои падару модарон, ҷалби онҳо ба масоили мактабу маориф, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии онҳо, саҳм гузоштан барои ободии онро шарту зарур меҳисобад: «Азизон, мактабро хонаи дуюми фарзандони худ бишуморед: мактаб макони тарбия, ҷойи омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар аст». (Панди 6, саҳ. 5).

Дар бобати тарбия ҳамчун маҳсули тафаккури ҷамъият будан чунин меандешад: «Азизон, тарбия маҳсули дидану омӯхтан, пайравӣ ва таъсири муҳит аст».

Қадру қимати устодро донистан, эҳтироми ӯро ба ҷо овардан аз беҳтарин ва накӯтарин хислатҳо аст: «Азизон, боре ба чеҳраи зебои омӯзгор зеҳн монед: аз он гоҳ нури табассум ва гоҳ борони ҷиддият мебора д».

Дар боби айби худро дар дигарон наҷӯстан муаллиф хеле оқилона фармудааст: «Азизон, хирадманд суду зиён, бурду бохти зиндагиро дар худ меҷӯяд ва аз худ талаб мекунад, бехирад аз дигарон металабад ва дар дигарон меҷӯяд» (Панди 571, с. 111). Ва дар боби инсондӯстӣ чунин гуфта: «Азизон, хоҳед, ки дигарон шуморо ҳурмат кунанд ва дӯст доранд, шумо низ дигаронро дӯст доред, ҳурмат кунед».

Як зумра ашхос, бовуҷуди аз бисёр ҷиҳатҳо ахлоқи ҳамида дар зиндагӣ доштан, махсусан дар ҳаёти оилавӣ бисёр хурдагир ҳастанд. Муаллиф маҳз барои ҳазар намудан аз чунин одати бад ва манбаи вайронкунандаи баъзе оилаҳо, хоҳ аз ҷониби мардон ва хоҳ аз ҷониби занон насиҳатомезона чунин фармудааст: «Азизон, зиндагӣ пастию баландиҳо дорад, ба ҳар як кор хурдагирӣ макунед, то дар хонавода рақобат ва хусумат пайдо нашавад» (Панди 70, саҳ. 14).

Дар хусуси тарғиби ҳунармандӣ ва сарфаҷӯӣ дар оила, ки дар ҳақиқат ганҷи ноёбанд, муаллиф гуфтааст: «Азизон, марди ҳунарманду зани сарфаҷӯ сарвати хонаанд». Ҷиҳати танзими оиладорӣ, ки имрӯз масъалаи хеле муҳим дар як қатор мамолики дунё, бахусус дар кишвари мо Тоҷикистон гашта, роҳбарияти давлату ҳукумат ҳам таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда истодаанд, муаллиф чунин арз намудааст: «Азизон, дар Аврупо ва Амрико бойҳо ва сарватмандон хеле зиёданд. Онҳо боигарии фаровон доранд, вале фарзанд кам. Барои чӣ? Барои он ки тарбияи фарзандро меандешанд. Агар инсон хоҳад, ки фарзандро тарбияи хуб диҳад, умраш ба тарбияи ду-се фарзанд мерасаду халос». Дар ҷомеаи мо олимон, зиёиён ва васоити ахбори умумро лозим аст, ки маҳз чунин нуктаҳои таъкиднамудаи устодро асоснок намуда, ба мардуми кишвар тавассути корҳои таблиғотӣ ва нишастҳои матбуотӣ, фаҳмиши қолабию зараровари онҳоро дар боби оиладорӣ ва реҷаю танзим зери интиқод қарор диҳанд.

Барои он ки фарзандон фардо тарбия ёфта, ба қадри падару модар ва хешону устодон расанд, панде чунин омада: «Азизон, бузургтарин қарзи падару модар назди фарзанд тарбия асту адаб. Инҳо, ки шуд (анд–А.М.), чизҳои дигар худашон меоянд». Ё ин ки дар ҷои дигар фармудааст: «Азизон, фарзандро таълим диҳед, ки дар назди дигарон хамёза накашанд, туф накунанд ва бинӣ наафшонанд». Ва ё чунин гуфтааст: «Азизон, заҳмати тарбия талху меваваш ширин аст. Беҳуда нагуфтаанд: «Агар хоҳед, ки як сол умр бинед, ғалла коред, хоҳед, ки даҳ сол умр бинед, дарахт сабзонед ва агар хоҳед, ки сад сол умр бинед, фарзанд тарбия кунед».

Барои он ки фарзандон бо раҳму шафқат тарбия ёбанд, тавсияи муаллиф чунин аст: «Азизон, фарзандро аз хурдӣ бо ҳайвонҳо ва нигоҳубини онҳо одат кунонед: дар дилашон тараҳҳум ва раҳму шафқат меафзояд».

Дар бораи якдилию ваҳдати мардум дар хонавода ва дар ҷамъият пандҳои хеле арзишманд додаст: «Азизон, ҳамдилу ҳамрой шуданро омӯзед, ки ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст». Дар ҷои дигар муаллиф мефармояд: «Азизон, озодӣ бе иттиҳоду якдилӣ, бе мубориза ю ҷадал ба даст намеояд. Иттиҳоду якҷиҳатӣ дар ҳар хонавода ва дар ҳар оила низ чун обу ҳаво зарур аст» (Панди 109, саҳ.19). Иттифоқу иттиҳодро дар ин панд низ шарти асосии ободию некбахтӣ меҳисобад: «Азизон, агар шарти зарурии зиндагӣ саҳеҳ ва бахту иқболи ҳар хонавода иттиҳод ва иттифоқ бошад, пас биёед, онро ба кишварамон, сарзаминамон–Тоҷикистон нисбат диҳем. Баҳри ҳамин орзу, яъне ободию некбахтии кишвари мо ҳамагон бояд иттиҳоду дӯстӣ пеша кунем. Ободию некбахтии кишвар бояд чун парчам моро дӯсту бародар бо ҳам бипайвандад. Дар алоҳидагӣ ҳақирему нотавон, дар мутаҳиддӣ зӯру тавоно. Нашунидаед, ки гуфтаанд:

Парокандагӣ аз нифоқ хезад,
Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад». (Панди 110, саҳ. 19)

Ҳар як панду ҳикмати китоби мазкурро шахс метавонад чун андарзи зиндагӣ қарор дода, аз он баракат бардорад. Масалан, дар бораи саркашӣ накардан аз хидмати Ватан чунин панде оварда шудааст: «Азизон, ватандӯстӣ дар гуфтор нест, дар амал аст. Мо ватандӯст гӯему вале фарзандони худро аз хизмат гурезонем, ватандӯстӣ нест».

Бояд қайд кард, ки дар чанд ҷойи китоб муаллиф ба ҳадисҳои ҳазрати Муҳаммад салаллоҳу вассалам такя намудааст: «Азизон, бикӯшед, ки «адаби мард беҳ аз тиллои ӯст»». Дар ҷойи дигар муаллиф барои тақвияти сухани хеш чунин ҳадисро ба асос гирифта: «Азизон, агар некӣ карданӣ бошед, фикр накунед, ки ба кӣ некӣ бикунам. Ҳатто ба бадон ҳам некӣ кардан гиред». «Бо бадон некӣ кун, то онҳоро аз бадӣ кардан боздорӣ»».

Роҷеъ ба нафси бад, боздоштани он аз тарафи иродаи инсон муаллиф чунин нигоштааст:

«Азизон, дар сӯҳбате гуфтам:

– Нафси саркаш душмани ашадии инсон аст.

– Шогирде гуфт:

– Не, устод, роҳбареро медонам, ки нафси калон дошт. Аз мардум мегирифт. Бо вуҷуди ин 58 сол умр дид ва ба дарди худ бимурд.

– Гуфтам:

– Ӯ метавонист 68 ё 78 сол умр бинад. Вале ҳамин нафс ӯро дар синни 58–солагиаш кушт».

Муаллиф ҳангоми панди 440 (саҳ. 74) дар мавриди шахсияти дӯст, волоияти қимати ӯ ва мафҳуми муқобилмаънои он–душман фикрронӣ намуда, зимни баёни сӯҳбате бо пири равшанзамир менависад:

– Чӣ гуна бувад қалби дӯсту қалби душман?

– Қалби дӯст аст поку беғубор, қалби душман ифлосу пурғубор.

– Чӣ гуна аст рӯҳи дӯсту рӯҳи душман?

– Рӯҳи дӯст аст зиндаю пурнишон, рӯҳи душман мурдаю бенишон.

– Дасти дӯсту душман?

– Дасти дӯст диҳандаю саховатманд, дасти душман гирандаю хасисманд.

– Қадами дӯсту душман?

– Қадами дӯст муборак асту қадами душман номуборак.

– Нияти дӯсту душман?

– Дӯстро ният хайр бошад, душманро ният шарр.

– Дӯст кадом паррандаро парастаду душман кадом?

– Дӯст кабӯтару парастуро парастаду душман зоғу чуғзро.

– Сӯҳбати дӯсту душман?

– Сӯҳбати дӯст гарму ширин, сӯҳбати душман хунуку ғамгин.

– Роҳи дӯсту душман?

– Дӯстро зери бағал рубобу чанг, душманро зери бағал сангу туфанг.

– Дар хаёли дӯсту душман?

– Дар хаёли дӯст ободии мулку осудаҳолии ҳамсоя бошад, дар хаёли душман вайронии мулку парешонҳолии ҳамсоя.

– Дидори дӯсту душман?

– Парвардигорро, ҳаргиз набинӣ дидори душман, сер шавӣ аз дидори дӯст. Он тавр ки бузургвор Рӯдакӣ фармуда:

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

Панду ҳикматҳо дар китоб дар бораи донишомӯзӣ ва расидан ба қадри он хеле зиёданд. Яке аз онҳо, ки ба тариқи иқтибос аз бузургони сухан оварда шудаанд, чунин аст: «Азизон, нашунидаед, ки Фирдавсии бузургвор гуфта:

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Ва ё шоири кабир Носири Хусрав:

Туро лаззат зи илму аз амал бӯй,
Камоли ту зи илму аз амал ҷӯй.

Ва Саъдии инсонпарвар:

«Ду кас ранҷи беҳуда бурданд: яке он ки мол андӯхту нахӯрд, дигар он ки илм омӯхту амал накард».

Ба қавли муаллиф инсон бояд ҳама вақт кӯшишу ғайрат намояд: «Азизон, кору заҳмат, сайъу кӯшиш шарики доимии шумо дар зиндагист. Ва ин хуб аст, зеро зиндагӣ кӯшиш аст. Он лаҳза, ки даст аз кӯшиш бардоштем, марг оғоз мешавад (Муҳаммад Ҳиҷозӣ). Ва мардуми Ҳинд таъкид кардаанд: «Чун дарёи пурталотум ҳамеша дар ҳаракат бошед ва доимо бикӯшед, аз коҳилӣ ва танбалӣ бипарҳезед».

Муаллиф таъкид месозад, ки ҳаёт аз пастию баландиҳо ва шебу фарозҳо иборат аст. Ҳангоми тай намудани он мебояд эҳтиёт шуд: «Азизон, эҳтиёт шавед: инсон метавонад дар муддате комёбиҳои бузург ва обрӯ ба даст орад, ҳамчунин ӯ метавонад дар як муддати кӯтоҳ ҳамаи инро аз даст диҳад».

Худписандию такаббурро муаллиф маҳкум намуда, онро дар тинати ҳамаи одамон, бахусус дар вуҷуди қисме аз роҳбарону зимомдорони давлат бисёр зараровар медонад: «Азизон, агар як одами оддӣ ва муқаррарӣ худписандӣ кунад, мусаллам аст, ки ба худаш зарар меорад, вале агар ин корро амирону ҳокимону вазирон кунанд, ба одамон, ба соҳа, ба мулк зарар меоранд».

Аз ҳама аҳли ҷомеа даъват ба амал меоранд, ки гуноҳҳои ҳамдигарро омӯрзиш намуда, ҳамдигарро бахшанд: «Азизон, зиндагӣ саросар фароз, нишебиҳо дорад, авфпазир бошед. «Ҳарчанд гуноҳ бузургтар аст, фазилати авфкунанда зиёд аст»».

Дар хусуси худро дар сари қахру ғазаб нигоҳ дошта тавонистан, ки аз аъмоли накӯи инсонист, чунин фармудааст: «Азизон, шуҷоату мардӣ беҳтарин хислати инсон аст, ки аз дил бармеояд. Вале шуҷоату мардӣ танҳо дар он нест, ки муқобили душманон ҷангида, кишварро ҳимоя намояд. Ба қавли Саъдӣ «мардӣ на он аст, ки ҳамла оварда, балки мардӣ он аст, ки ҳама вақт хашми худро ба ҷой бидорад ва пой аз ҳадди инсоф берун наниҳад». Ҳатто ба хатой ва иштибоҳи худ иқрор шудан нишони хирадмандӣ ва мардонагист» (Панди 144, саҳ. 25).

Озодиро муаллиф дар дунё яке аз муқаддасот меҳисобад: «Азизон, азиз ва гуворост калимаи озодӣ! Дил мехоҳад ҳамаи ҳарфҳои онро калон бинависад. Чӣ мурғи ҳумост, ки миллионҳо одамон аз пайи шикори онанд. Чӣ олиҳаест, ки халқҳо баҳри ба даст даровarданаш ҷони ширини худро қурбон мекунанд. Чӣ ормонест, ки парранда дар ҳаво, чарранда дар замин, моҳӣ дар об орзуи онро дорад. Тӯтӣ ва кабк бо ҳазор айшу нӯше, ки дар қафас доранд, умре орзуи озодиро дар сина мепарваранд. Бозону уқобони шикорӣ низ ҳамеша чашм сӯи кӯҳу пушта доранд». Ин аст қимати озодӣ ва моро лозим аст, ки дар ҳаёт ба қадри ҳар як ҷузъиёти он расем.

Дар боби хушбахтӣ ва саодати рӯзгор ҳамчун панд иқтибосеро аз Муҳаммади Ҳиҷозӣ меорад: «Азизон, дар хотир дошта бошед, ки «саодати шумо дар чаҳор чиз аст: зани шоиста фарзанди хайрманд, рафиқони хуб ва рӯзӣ дар Ватан»» (Панди 108, саҳ. 19).

Мо, ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки муаллиф даҳҳо асарҳои тарбиявию илмӣ дар хусуси тарбияи ҷавонону наврасон дорад. Дар ин радиф, барои эҳтироми ақидаи онҳо низ чунин мегӯяд: «Азизон, наврасону ҷавононро навбати сухан диҳед, то андешаҳояшонро боз гӯянд». (Панди 89, саҳ. 16). Танқиди беғаразу ҳаққониро муаллиф мепарастад ва онро сабаби рушду такомул ҳисобидааст: «Азизон, аз танқиди ҳаққонӣ наранҷед, ки боиси пешравӣ аст. Аз танқиди ғаразнок тарсед». (Панди 83, саҳ. 16). Дар бораи нигоҳдошти саломатӣ, бахусус дандонҳо чунин ҳикматеро таъкид намудааст: «Азизон, дандонҳои марвориди худро эҳтиёт кунед, бо ҳар гуна чӯб накобед, пистаю чормағз нашиканед». (Панди 77, саҳ. 15).

Нақши тозагӣ ва риояи меъёрҳои онро мо дар ҳаёт бараъло медонем. Бо вуҷуди он, устод чунин фармудааст: «Азизон, анкабут (тортанак) ҳашароти бад аст. Тори анкабут ҳам хуб нест. Хона, даҳлез ва дару деворро ҳамеша аз он пок нигоҳ доред» (Панди 79, саҳ. 15). Аксарияти мардуми мо ин панди устодро чун ҳалқа бу гӯши худ овехта, аз рӯи он амал мекунанд, зеро дар эҷодиёти шифоҳии халқ ҳам ба ин мазмун ривоятҳо вуҷуд доранд. Аммо ҳастанд одамоне, ки ин пандро нодида мегиранд.

Дар хусуси омӯзгорон, таснифоти онҳо муаллиф ақидаи зеринро баён намудааст: «Азизон, омӯзгор ҳамонест, ки сӯи ташналабон мешитобад». (Панди 44, саҳ. 10), ё дар ҷои дигаре: «Азизон, омӯзгорон ҳам мисли дӯстон се қисманд: нонию забонию ҷонӣ. Нониҳо майна об намекунанд, дар ҳар ҷо кор мекунанд, ки нон ёбанд; забониҳо серҷоғанд ва забонро баҳри рӯпӯшии нодонии худ ба кор мебаранд, ҷониҳо баҳри фарзанди мардум ҷон мебахшанд». (Панди 45, саҳ. 10)

Поку беолоиш нигоҳ доштани забон вазифаи ҳар як соҳиби забон ба шумор меравад. Муаллиф ин нуктаро хуб дарк намуда, мефармояд: «Азизон, забони тоҷикӣ, ки худ ширину гуворост, муҳити тоза, оромию осудагиро мепарварад. Лаҳни форамро гӯши шунавою тоза, муҳити гуворо мебояд, ҳам гӯянда ва ҳам шунавандаи ин забон бояд одамони поку покиза, орӣ аз ҳар гуна фисқу фуҷур бошанд».

Барои накӯкорӣ намудан, ба некӣ рӯ овардан муаллиф чунин мегӯяд: «Азизон, накӯӣ ва накӯкориро фазилат ва шарафи худ қарор диҳед. Аз баракату неъмати накӯкорӣ зиндагӣ ободу, дил шод мегардад» (Панди 8, саҳ. 6).

Рашку ҳасадро яке аз бадтарин хулқи инсонӣ медонад: «Азизон, ҳазар кунед, аз ҳасудон, онҳо ба Офтобу Моҳ ҳам, ҳатто ба фарзандону хешони худ рашк мебаранд». Дар робита бо ин, менависад: «Азизон, рашк инсонро ба ҷиноят тела медиҳад. Аз ҷиноят ба хиёнат як қадам». Ё дар бобати ҳангоми сӯҳбатҳо ҳарф назадан дар бораи рашку ҳасад чунин мегӯяд: «Азизон, дар хона, ҷои кор, бозор ва кӯча ҳарфи ҷангро ба забон нагиред, аз боби сулҳу оштӣ сӯҳбат кунед».

Дар китоби мазкур вобаста ба ҳамаи мавзӯъҳои гуногуни ҳаёт чунин панду андарзҳои судманд зиёд буда, ҳар яке аз он барои ташаккули ҷаҳонбинии толибилм, тарбияи хонандагон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ҷавонмардӣ, донишандӯзӣ, садоқатмандию меҳанпарастӣ мусоидат намуда, ғанӣ намудани педагогикаи муосир, бахусус барои воқеан соҳибистиқлол шудани кишвари азизамон аҳамияти бағоят назаррас дорад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** китоби «Азизномаи лутф», мавзӯи ватану ватандорӣ, қадри мактаб, тарғиби ҳунармандӣ, якдилӣ ва ваҳдати миллӣ, меҳнатдӯстӣ, донишандӯзӣ, ҷавонмардӣ.

## АДАБИЁТ

1. «А.В.Луначарский о народном образовании», Москва, 1958г.
2. Боронов Бозор ва Ҷамолиддин Саидзода (зери таҳрири академик Ф. Шарифов) китоби Равшангари омӯзиш ва парвариш, матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005.
3. Ғафуров Бобоҷон, Тоҷикон, Душанбе, соли 1983.
4. Ёқубов С., Аминов С. Олим ва педагоги шинохта, Душанбе, соли 1995.
5. Қодиров Қ., Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик, Душанбе, Ирфон, соли 1998.
6. Лутфуллоев М. Дастури фаъолияти омӯзгор, Душанбе, 2007.
7. Лутфуллоев М., Дидактикаи муосир, Душанбе, соли 2001.
8. Лутфуллоев М., Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин, Душанбе, соли 2006.
9. Лутфуллоев М., Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ, Душанбе, соли 2007.
10. Шарифов Ф., Таълими ҳамгиро, проблема, таҳқиқ ва андешаҳо, қисми 1, Душанбе, соли 1999.
11. Эмомалӣ Раҳмон, Маориф – омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат, ҳафтаномаи «Омӯзгор», 1-уми январи соли 2006.

**«АЗИЗНАМЕ ЛУТФА»**

***М. Афғонов***

В данной статье речь идёт о книге академика М. Лутфуллоева «Азизнаме Лутфа». Автор книги с использованием устного народного творчества и произведений таких классиков как Авиценна, Фирдоуси, Руми, Шерози, Бедиля и других рекомендует данную книгу как руководство для повседневного использования. В ней говорится о гуманистических идеях как о высших идеях, которые призывают подрастающее поколение к изучению истории и культуры своего народа.

**«AZIZNAME LUTFA»**

***M. Afgonov***

The author considers about the book «Aziziname Lutfa» with attractive of oral creativ of folk and the production of clacciks so as Avicenna, Firdavci, Rumi, Sherozi, Bedil and anothers recomend given book as a lead for the dayly using. The book considers about the humanistical ideas? As a high ideas.

# ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ИСЛОМ

***Ш. Маҳмудов, Маҳмуди Аъзамӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавзӯи ҳуқуқи кӯдак дар фарҳанги исломӣ дорои решаҳои амиқ буда ва қарнҳои пеш бунёдгузорони олимақоми дини ислом ҳуқуқи кӯдаконро ба расмият шинохта ва мусулмононро ба риояти он тарғиб ва ташвиқ намудаанд.

Қуръон шарофати инсонро матраҳ менамояд, дар ҳақиқат дар заминаи мовароии табиӣ афроди бо ҳубудияти (банда) муштарак дар пешгоҳи Худованд бо якдигар баробарии комил доранд.

Ҳуқуқи башар ё шарофати инсон натоиҷи номустақими бандагӣ аст. Озодӣ дар баробарӣ хосияти олии инсон аст. Дастури эҳтиром ба шахсияти дигарон сареҳан баён шуда, асли баробарӣ, ки дар ислом омадааст, мафҳуми инсонро таин мекунад, ки низоми иҷтимоӣ бар он қарор мегирад. Ҳеҷ дине мафҳуми баробарии инсонро сареҳан мисли ислом матраҳ накардааст.

Дар ислом ба ҷанбаҳои мухталифи ҷисмӣ, равонӣ, отифӣ ва иҷтимоии кӯдакон таваҷҷӯҳ шудааст ва дар сураҳои зиёде аз Қуръони Карим фарзандон мояи чашму равшанӣ ва зиннати зиндагӣ унвон шудаанд. Ҳуқуқи кӯдак дар ислом ҳатто қабл аз таваллуд, дар даврони ҷанинӣ ҳам мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта ва дар ин даврон кӯдак, ки ҳануз таваллуд нашудааст, аз ҳуқуқи маданӣ бархӯрдор аст.

«Сиқти ҷанинро, муҷозоти муқаррар, аз нигоҳи ҳимоятҳои қонунӣ аз кӯдак шумурдаанд. Сиқти ҷанин гоҳ бо ризоияти модар ва замоне бидуни ризоияти модар сурат мегирад, ки ҳар як муқарраротии хоси худашро дар муҷозоти ислом дорад».

«Дар мӯҷозоти исломӣ бордории модар ҳам дар навъи муҷозоти зани бордори муҷрим (гунаҳгор) таъсир мегузорад, ки тамоми ин мавридҳои нишонгар аҳамияти ҳуқуқи кӯдак аз дидгоҳи ислом аст, ҳатто барои кӯдаке, ки ҳануз мутаваллид нашудааст».

Дар аҳодис ва ривоёти исломӣ ҳуқуқи кӯдак ба гунаҳои мутафовуте матраҳ шудааст, монанди дӯстию меҳрубонӣ ба кӯдакон, бо адолат рафтор кардан бо кӯдакон, эҳтиром ба шахсияти кӯдакон ва муносибати хуби рафторӣ бо кӯдакон, ки дар зернамунаҳое аз ин аҳодис пешниҳод мегардад.

Дар мавриди дӯстию меҳрубонӣ бо кӯдакон аз Имом Содиқ (а) ривоят шудааст, ки: «Мӯсо, фарзанди Имрон, паёмбари Худо мегӯяд: «Эй Парвардигор, кадомин амал дар назди ту бартар аст?» Ва Худои бузург мефармояд: «Дӯстӣ бо кӯдакон, зеро фитрати онҳо бар асоси тавҳиди ман поярезӣ шудааст» «Мустадракулвасоил».-ҷ.15,боби 2:) Ва боз ҳам аз Имом Содиқ (а) ривоят шудааст, ки: «Худованд ба бандааш раҳму меҳрубонӣ мекунад, чун ӯ фарзандашро бисёр дӯст медорад» (Васоилушшиа»,ҷ.15, боби 88). Аз Расули Акрам (с) ривоят шуда: «Фарзандони худро бисёр бибӯсед, зеро барои ҳар бӯсае дар биҳишт дараҷае хоҳед ёфт» («Баҳоруланвор»,ҷ.104,с.92). Нақл шудааст, ки «Ҳар кас фарзандашро бибӯсад, барои ӯ ҳасанае навишта мешавад» («Васоилшшиа».-ҷ.15, боби 83). Ва боз омадааст: «Кӯдаконро дӯст бидоред ва бо онҳо меҳрубонӣ кунед» («Васоилушшиа»,ҷ.15, боби 88).

Дар мавзӯи адолат бо кӯдакон аз Расули Акрам (с) ривоят шуда: «Байни фарзандонатон бо адолат рафтор кунед, ҳамон гунае ки дӯст доред, байни шумо дар некию лутф бо адолат рафтор кунанд»

Дар мавзӯи эҳтиром бо кӯдакон аз Расули Акрам (с) ривоят шуда: «Фарзандонатонро икром кунед ва равишҳои рафторияшонро некӯ созед» (Биҳор-ул-анвор, Ҷ. 104, боби 2).

Дар мавриди муносибатҳои бадрафторӣ бо кӯдакон аз Расули Акрам (с) ривоят шуда: *«Фарзандонатонро ба хотири гиряҳояшон калтак назанед»* («Васоилушшиа»,ҷ.15, боби 63).

**Ҳуқуқи табиии навҷавонон ва ҷавонон аз дидгоҳи Ислом**

1). Омӯзиш ва тарбият. 2). Шуғл ва кифояти иқтисодӣ. 3). Бозёбии ҳуввияти фарҳангӣ. 4). Дастрасӣ ба иттилоот. 5). Беҳдошт ва саломатии равон.6). Издивоҷ ва ташкили хонавода. 7). Авқоти фароғат.

Дар Қуръони Карим аз навҷавонӣ, ҷавонӣ ва булуғ ба сурати давра ва марҳалае аз мароҳили чандгонаи ҳаёти инсонӣ ёд шудааст. Даврони навҷавонӣ ва ҷавонӣ дар муқоиса бо дигар давраҳо тамоил ба озодӣ ва ҳуррият бо сиришти навҷавон ва ҷавон омехта шуда ва яке аз матбӯътарин ва гуворотарин тамоюлоти табиӣ аст. Ҳарчанд пешниҳоди феҳрастии комил аз вижагиҳои ҳуқуқи табиии кӯдакон ва навҷавонон аз дидгоҳи ислом ниёз ба таҳқиқи густурдае дорад, дар зер ҷиҳати шиносоии бештар ба бархе аз ҳуқуқи кӯдак ва навҷавон ишора мешавад.

1. **Ҳақи омӯзиш ва тарбият.** «Ҳазрати Алӣ (а) дар баҳси ҳуқуқи мутақобили давлат ва мардум ишора мекунад: «Эй мардум, маро бар шумо ҳақе ва шуморо низ бар ман ҳақе дигар бар гардан аст. Аммо ҳақи шумо бар ман он аст, ки мавъизагар ва хайрхоҳи шумо бошам, дар танзими масоили иқтисодӣ бикӯшам, ба шумо омӯзиш диҳам то аз нодонӣ наҷот ёбед ва ба тарбияти рӯҳии шумо ҳиммат гузорам то ба камоли инсонӣ даст ёбед ва …».

Бар тибқи ин баёни мутаолӣ, аввалан, омӯзиш ва таҳсили илм, ҳақи мусаллами ҳар навҷавон ва ҷавон аст ва давлат мукаллаф (вазифадор) аст, имконот ва васоили онро фароҳам оварад. Ин мавзӯъ дар қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Ирон ҳам матраҳ шудааст. Омӯзиш ва парвариш дар худшиносӣ, маърифатнокӣ ва аз сӯи дигар инкишофи рӯҳ иноят дорад.

2. **Ҳақи озодӣ.** Яке аз бузургтарин неъмати илоҳӣ ва табиитарин ҳақи одамӣ озодӣ аст. Ҳазрати Алӣ (а) мефармояд: «Бипарҳезед аз ин ки бандаи дигаре бошӣ, зеро Худованд туро озод офарид».

Аз вижагиҳои пой ниҳодан ба давраи навҷавонӣ ва ҷавонӣ тамоил ба вобастагӣ ва истиқлол аст. Тамоил ба озодӣ бо сиришти навҷавон омехта шуда ва таклифи хонавода ва ниҳодҳои фарҳангӣ ва омӯзишӣ бояд навҷавонро кӯмак кунанд, то ба ҳақи табиии худ бирасад ва озодию истиқлолро ҳамроҳ бо масъулият ва ҳифзу равобити иҷтимоӣ ва хонаводагӣ ба даст орад.

3. **Ҳақи шуғл.** Паёмбари гиромӣ дар ҷавоби марде, ки пурсид: «Ё расули Худо, писари ман бар ман чӣ ҳақ дорад»? –Фармуданд: «Ҳақи писарат бар ту ин аст, ки номи нек бар ӯ ниҳӣ, дар адабу тарбияти ӯ бикӯшӣ ва шуғлу касбе муносиб ба ӯ биёмӯзӣ».

4. **Авқоти фароғат.** Аз паёмбари ислом ривоят шудааст, ки фармуданд: «Ба фарзандони худ тирандозӣ, шино ва аспсаворӣ биёмӯзед, ки мусалламан ин омӯхтаҳо ҳам ба унвони тафреҳ ва ҳам фароғат аст, ҳам дар ҳукми омӯзишу таълим».

**Вазъияти ҳимоят аз ҳуқуқи кӯдак дар ҷаҳон.** Ҳимоят аз ҳуқуқи кӯдакон аз муҳимтарин авомили эҷоди як ҷомеаи солим аст, ки заминаи муносибе барои тавсиа дар куллияи ҷанбаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиро фароҳам меоварад. Рушду парвариши солими кӯдакон, ниёзманди он аст, ки ҳуқуқи асосии онҳо аз ҷониби бузургтарҳо ба расмият шинохта шавад ва шароити муносиб барои рушди ҳамаҷонибаи онон фароҳам ояд.

Аввалин ҳимоятҳои байналмилалӣ аз ҳуқуқи кӯдакон ба соли 1924 боз мегардад. Дар ин сол дар паи ҷанги ҷаҳонии аввал ва мусибатҳои фаровоне, ки бо худ оварда буд ва кӯдакон осебпазиртар аз дигарон дучори садамоти фаровоне шуда буданд, зарурати ҳимоят аз ин қишр беш аз гузашта эҳсос шуд.

Ба дунболи фаъолиятҳои хонум Аглентин Жаб, ки бунёдгузори муассисаи наҷоти кӯдакон дар Англия (соли 1919) буд, иттиҳодияи байналмилалии имдоди кӯдакон баъд аз ҷанги ҷаҳонии дуввум тавассути вай таъсис шуд ва саранҷом дар паи иқдомот (соли 1924), аввалин санади байналмилалӣ дар ҳимоят аз кӯдакон ба тасвиби ҷомеаи милал расид.

Баъд аз эъломияи ҳуқуқи кӯдак, дар соли 1924 ниёз ба тадвини усули дигаре, ки мукаммали он бошад, рӯз ба рӯз бештар шуд. Билохира 20-уми ноябри соли 1959 маҷмаъаи умумии СММ ба иттифоқ ироаи эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи кӯдакро тасвиб кард. Ин эъломия шомили як муқаддима ва 10 фасл буд. Ба дунболи иқдомоти байналмилалӣ, барои кӯдакон, соли1979 соли байналмиллалии кӯдак номида шуд, ки аз муҳимтарин иқдомоти СММ ва гоми муассире дар ҳимояти байналмилалӣ аз ҳуқуқи кӯдакон ба шумор меояд. Аз сӯи анҷумани байналмилалии равоншиносии омӯзишгоҳӣ ISPA, аҳдофи соли ҷаҳонии кӯдак матраҳ шуд. Ин аҳдоф ҳамаи кӯдаконро дар ҳама кишварҳои ҷаҳон дар назар мегирифт. Дар ҳамин сол, аз сӯи анҷумани байналмилалии равоншиносии омӯзишгоҳи ISPA эъломияи ҳуқуқи равонии кӯдак, ки шомили 9 фасл буд, тадвин шуд ва ин эъломия манбаи муҳими дигаре буд, ки дар тадвини паймони ҷаҳонии кӯдак муассир буд.

Сандуқи кӯдакони Милали Муттаҳид (Юнисеф), аз соли 1946 фаъолиятҳои худро дар мавриди ҳимоят аз кӯдакон дар саросари ҷаҳон оғоз кард. Саранҷом 20-уми ноябри 1989 конвенсияи ҳуқуқи кӯдак дар маҷмааи умумии СММ тасвиб шуд. Аҳамияти ҷаҳонии паймони ҳуқуқи кӯдак аз ин ҷиҳат аст, ки барои тамоми кишварҳои тараф ин паймони байналмилалӣ ҷанбаи лозимоваре дорад. Вай давлатҳоро муваззоф мекунад, то ба ҳуқуқи кӯдакон таваҷҷӯҳи ҷиддитаре дошта бошанд. Пажӯҳиши ин мақола низ баргирифта аз як пажӯҳиши байналмилалӣ дар мавриди ҳуқуқи кӯдак, дар хонаву мадраса, дар шароити мавҷуд ва матлуб, ё идеалӣ дар байни кӯдакони иронӣ аст. Абзори ин пажӯҳиш як пурсишномаи бо 40 саволи пӯшида ва 2 саволи боз, ки саволоти пурсишнома баргирифта аз моводи паймони ҷаҳонии ҳуқуқи кӯдак аст. Ҳадафи пажӯҳиш ин аст, ки баррасӣ намояд, то чи андоза духтарону писарони давраи роҳнамоӣ 12 то 14-солаи иронӣ дар шароити мавҷуд ба ҳуқуқи ҳақи худ, ки дар паймони ҷаҳонии ҳуқуқи кӯдак омадааст, ноил шудаанд. Ва оё интизори онон дар шароити матлуб, ё идеалӣ дар мавриди дастёбӣ ба ҳуқуқи ҳақи худашон чӣ гуна аст? Ҳамчунин дидгоҳҳои муаллимони зану мард, донишомӯзон низ аз тариқи ҳамин пурсишнома мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳосиботи оморӣ бо истифода аз озмуни оморӣ дар мавриди вуҷуд ё адами вуҷуд, иртиботи маънодор байни назари муаллимону донишомӯзон дар мавриди вазъи мавҷуд ва матлуб, ҳуқуқи кӯдак дар хона ва мадраса ва ҳамчунин баррасии вуҷуд ё адами вуҷуди иртиботи маънодор байни вазъи матлуб ва ҳуқуқи кӯдак дар хона ва мадраса аз дидгоҳи муаллимон ва донишомӯзон аст. Ҳамчунин дар бахши дигар аз муҳосиботи оморӣ, бо истифода аз озмун тафовути миёни посухҳо байни ду гурӯҳи духтарону писарон мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

Натоиҷи бадастомада нишон медиҳад, ки дар маворидӣ байни назари муаллимону донишомӯзон, дар мавриди муроoти ҳуқуқи кӯдак дар вазъи мавҷуд ва матлуб, иртиботи маънодор вуҷуд дорад. Бад ин тартиб, ки ҳудуди ниме аз донишомӯзон муроoти ҳуқуқи кӯдакро дар шароити мавҷуд, дар сатҳи боло ва бисёр боло унвон кардаанд ва дар шароити матлуб ҳам, тақрибан ҳамин интизорро доранд. Ин дар ҳоле аст, ки муаллимон вазъи ҳуқуқи кӯдакро дар ҳадди мутавассит медонанд, ва ба муроoти бештари ҳуқуқи кӯдакон дар шароити матлуб бештар аз донишомӯзон баҳо медиҳанд. Аз иртибот миёни вазъи мавҷуд ва матлуб ва ҳуқуқи кӯдак аз дидгоҳи муаллимон чунин бармеояд, ки аз дидгоҳи муаллимон, муроoти ҳуқуқи кӯдакон дар ҳоли ҳозир, дар он сатҳе нест, ки бояд бошад. Ин дар ҳоле аст, ки донишомӯзон муроoти ҳуқуқи кӯдакро дар вазъи мавҷуд, дар сатҳи боло ва бисёр боло медонанд,

дар шароити матлуб ҳам ҳамин интизорро доранд. Аз муҳосибаи озмун тафовути миёни посухҳои гурӯҳи духтарону писарон чунин бармеояд, ки писарон дар шароити мавҷуди хона аз назари дарёфти кумакҳои пизишкӣ, имкони рушди солим аз лиҳози ҷисмӣ, зеҳнӣ, доштани имконот мисли ғизо, либос, маконе барои зиндагӣ, тавоноӣ ҷиҳати зиндагӣ кардан ба танҳоӣ ва дарёфти омӯзиш дар ҳадди ниёзи фардӣ, ба таври маънодоре бештар аз духтарон баҳраманд ҳастанд. Дар шароити матлуб низ дарёфти бештари ин ҳуқуқ аз дидгоҳи писарон боаҳамияттар аз дидгоҳи духтарон аст. Духтарон аз ҳуқуқҳое, монанди ташвиқ шудан ба эҳтиром гузоридан ба мардуме бо мазоҳиб, забонҳо, рангҳо ва нажодҳои дигар, ҳимоят дар баробари зӯроварӣ, доштани номи махсус ба худ аз ҳангоми таваллуд, аз дидгоҳи худашон ба таври маънодор аз писарон, дар шароити мавҷуд бештар баҳраманд ҳастанд.

## ПЕШНИҲОДОТ

Пешниҳод мегардад, ки дар таҳқиқоти баъдӣ дар хусуси ҳуқуқи кӯдак ба нукоти зер таваҷҷӯҳ гардад:

1. Омӯзиши ҳуқуқи кӯдак ба кӯдакон ва назархоҳӣ аз онон.

2.Анҷоми таҳқиқ дар сатҳи мухталифи синнӣ, пешдабистонӣ, дабистон, дабиристонӣ.

–нисбат ба заҳмати худ ва шогирдон дилсӯзона муносибат намояд.

Омӯзгоре ба моҳияти таълими фанни забони модарӣ сарфаҳм меравад, ки ба моҳияти суханони зерин сарфаҳм рафта бошад: «Забони модарии мо, ки худ ширину гуворост, муҳити тоза, оромию осудагиро мепарварад. Лаҳни форамро гӯши шунавою тоза, муҳити гуворо мебояд; ҳам гӯянда ва ҳам шунавандаи ин забон одамони поку покиза, орӣ аз ҳар гуна фиску фуҷур бошанд».

Яке аз ҳаракатҳо ва кӯшишҳо аз таълими забон иборат аз вазифаҳои инкишофи нутқи мазмуннок, ифоданок, дуруст, фаҳмо, бехато ва такмилу бой намудани он аст. Нутқи наврас мӯҳтоҷи луғатҳои зиёд, ибора ва ҷумласозиҳои мураттаб мебошад. Ин вазифаро мактаб ба ҷо меорад.

Ҷаҳони мутамаддин ба сӯи пеш меравад. Доираи сифатҳои таҳсилот (маҷмӯи муайяни дониш, маҳорату малакаҳо) васеътар мешаванд. Мақсади хондану омӯхтан торафт маънии тоза касб мекунад:

–мехонам, ки хондан, маърифат карданро ёд гирам;

–ба фаъолияти минбаъда омода шавам, созанда, офаранда бошам, худро ҷузъи таркибии табиат донам;

–мехонам, ки бо дигар халқҳо дар муҳити сулҳу оштӣ зиндагӣ карданро ёд гирам, бо таърих, анъана ва фарҳанги онҳо шинос шавам;

–мехонам, ки зиндагиамро худам биофарам.

Ин аст маънои хондан аз назари муаллиф. Ӯ таъкид менамояд, ки нақши забони модарӣ дар он аст, ки дар ҷараёни омӯзиши он худи талабаҳо ташаккул мeёбанд. Ба ташаккул ва тарбияи бачаҳо сифати таҳсилот низ таъсири калон мерасонад.

Муаллиф алоқаи забон ва тафаккурро зич меҳисобад. Аз тарафи бачаҳо аз худ кардани маводи забон (луғат, грамматика ва имло) бояд бошуурона сурат гирад. Дар машғулиятҳои грамматика бисёр тарзҳо, монанди муҳокима, таҳлил, муқоиса, хулоса ва ғайра истифода карда мешаванд, ки ҳамаи он ба инкишофи тафаккури кӯдак таъсир мерасонад. Қоидаҳои имлоро ҳамон талаба сари вақт дар амал татбиқ менамояд, ки агар ӯ тез ва дуруст муқоиса, таҳлил ва ҷамъбаст карда тавонад, хулоса барорад, хулосаашро асоснок карда тавонад ва бо овози баланд баён намояд.

Тафовути назари муаллиф нисбат ба дигар муҳаққиқон дар он аст, ки ӯ бештар ба тараққиёту пешрафти замони муосир такя мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки солҳои охир доир ба як қисм китобҳои дарсӣ нусхаҳои имконпазир – алтернативаҳо ба вуҷуд омада истодаанд, ки ин мувофиқи мақсад ва талаби ҷомеаи демократӣ аст. Китоби алтернатив бояд нисбат ба китоби мавҷуда афзалият дошта, давраи омӯзиши пешакиро гузашта бошад. Ҳоло барои китобҳои дарсии «Алифбо» ва «Забони модарӣ» барои синфҳои 2 ва 3 нусхаҳои алтернативӣ мавҷуд аст.

Дар ин бобати китобҳои дарсӣ таассуфи муаллиф аз он аст, ки онҳо аз камбудиҳо холӣ нестанд. «Як қисм матнҳо аз синф ба синф такрор мешаванд, самти таълимии қисми дигари матнҳо заиф аст, барои корҳои мустақилона мавод кифоя нест, стандартҳои таҳсилот дар ҳар саҳифа риоя намешавад». Ва қайд мекунад, ки умед аст муаллифон китобҳои дарсии худро омӯхта, аз нашр ба нашр сайқал медиҳанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ, методикаи таълими забони модарӣ, усули фаъолияти муаллиму талабаҳо, алоқамандии педагогика ва методика.

**«ОСНОВЫ НАЧАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ»**
**(книга М. Лутфуллоева, Душанбе-2007г.)**

*М.Афгонов*

В данной статье речь идёт о книге академика АН РТ М. Лутфуллоева «Основы начального обучения таджикскому языку», в которой на основе реальных фактов и примеров из национальной истории, культуры и науки даются ценные рекомендации о привитии любви и уважения к национальным достояниям.

**«THE BASE OF PRIMARY OF TEACHING OF TAJIK LANGUAGE»**
**(the book by M. Lutphulloeva, Dushanbe-2007)**

*M.Afgonov*

The article considers about the book of academic AAN RT M. Lutphulloeva. «The base of primary of teaching of tajik language» which gives on the base of real facts and examples from the national history, culture and science gives a good recommendation about the graft of love and respect to the national property.

## ТАРБИЯИ БАШАРДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ АҲМАДИ ДОНИШ

***А.А. Ҳайдаров***
**Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат**

Мавзӯи тарбияи башардӯстӣ дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик яке аз муҳимтарин мавзӯъҳо ба ҳисоб рафта, дар осори бузургони фарҳанги мо чун Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон, ки эҷодиёти онҳо чун шоҳкориҳои тамаддуни башарӣ эътироф шудааст, ҷавҳари аслии таълимотро ташкил медиҳад.

Аҳмади Дониш ҳамчун пешвои маорифпарварон, ҷадидон ва зиёиён ва мутафаккирони пешқадами асри XIX дар қатори он бузургмардони тарғибгари ақоиди башардӯстӣ меистад. Бо назардошти фунуни аз бар намуда ва таҳлилу таҳқиқи мероси илмиву адабии мутафаккир ӯро, бешубҳа, метавон олими ҳамадон (энсиклопедист) номид.

Мӯҳтавои аслии осори ӯро, мағзи осори ӯро ақидаҳои башар-дӯстонаи ӯ ташкил медиҳанд.

Масоили барои чӣ махлуқ шудани инсон, бузургии он, раҳмдилӣ бар фуқарову мискинон, ташаккулёбии инсон аз ҷиҳати фикриву ҷисмонӣ, дӯстии байни милалу адёни мухталиф, эҳтироми якдигар ва донистани қадри занон, пешрафти ҷомеа ва ғайра аз қабили масоили башардӯстонае мебошанд, ки мутафаккир чун мураббии нуктадон ба хонандагони замони хеш ва имрӯза талқин намудааст. Ӯ ҳамчун мутафаккири башардӯст (гуманист) инсонро ва қадри инсонро аз ҳама боло медонад: «Чунки ашрафи махлуқот одамӣ аст ва дигарон дар ҳақиқат барои ӯянд… Ва ӯ махдуми оламиён аст…».[1]

Инчунин ӯ ҳамаи инсонҳоро баробар дониста, амали носавоби молик шудани якеро ба моли дигар нораво медонад:

> Нуқсон зи Қобил аст, вагарна алалдавом,
> Файзи саодаташ ҳама касро баробар аст.[2]

Мабнои ин ақида бар ривояти динии Қобил (писари Одам алайҳиссалом) ҳаст, ки бародари хеш Ҳобилро ба хотири соҳиб шудани ба зани ӯ мекушад ва ба фасод, зулм, хиёнат, ғосибӣ ва муттаҷовизӣ оғоз мебахшад.

Адиб содир шудани ин хунрезиҳо ва таҷовузҳоро на хости Худо, балки ба иродаи инсон вобаста медонад, ки муҷрим онҳоянд. Инсон барои ободии ҷаҳон ва иморату зироат кардан омадааст.

Мутафаккир барои таҳлил кадом нуқтаи назари ҷараёни фалсафӣ ё диниеро, ки наорад, дар он ҷӯёи ақидаҳои инсонпарваронаи онҳост.

Ӯ мӯътақид аст, ки агар барои инсон шароити мувофиқи зиндагӣ муҳайё карда шавад, умри ӯро дарозтар намудан имконпазир мегардад. Чунончӣ: «Ва агар аҷзои таркиб дар ғояти эътидол бувад ва дар авқоти масъуда ва азмони мувофиқа ва қувввати ҳоли мураттибон, сурати вуқӯъ гирифта бувад, умри мавлуд ба умри табиӣ кашад, ки назди омма саду бист сол аст ва назди ҳукамо то ҳазор сол меравад.[3]

Ӯ имкониятҳои фикрӣ ва ҷисмонии инсонро беинтиҳо дониста, инсонро олами кабир ва олами шаҳодатро олами сағир медонад.

Эътимоди ӯ ба нерӯи фикриву ҷисмонии инсон аз огоҳӣ доштани мутафаккир, аз инкишофи илму техникаи замонаи хеш гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, ӯ ба нерӯи инсонӣ баҳои баланд медиҳад:

«Набинӣ, ки одамӣ ба тадбир мурғ аз ҳаво фуруд орад ва ба тазвир моҳӣ аз дарё барорад ва ба чанголи қаҳру ҷалодат пӯстин аз китфи бабр барканад…. Сарҳ биниҳад, то ба самовот дарояд ва манҷаниқ кунад, то ба курраи кавокиб барояд».[4].

Дар ҳақиқат, инсони имрӯза аз он пешгӯиҳои мутафаккир дида, ба комёбиҳои бештаре ноил шуда, фатҳи кайҳон намуда истодааст.

Инсони комили Аҳмади Дониш бошад, ин, пеш аз ҳама, Инсони комили таълимоти тасаввуфӣ мебошад. Дар ин ҷода пайравии ӯ ба Мирзо Абдулқодири Бедил баръало ҳис карда мешавад. Ақидаи башардӯстонаи Инсони комили Аҳмади Дониш дар он зоҳир мешавад, ки вай бар пояи теосентризм не, балки антропосентризм қарор гирифтааст. Инсони комили ӯ на танҳо прототипи олам, балки «нусхаи ҳақ» низ дониста мешавад: «Ва он шахс инсони комил аст, ки зоҳиркунандаи ҳақоиқи нуру зулмат аст: «Иннал-лоҳа халақа Одама ало суратиҳи ай сифатиҳи ва минҳу-л-изҳору». »[5]

Аҳмади Дониш инсонро бар хилофи исломи муқаррарӣ дар аъмоли хайру шарри хеш соҳибихтиёр медонад.

Дар ҳақиқат, Инсони комили Аҳмад Маҳдуми Дониш аз Инсони комили дини муқаррарии ислом озодтар, аз Инсони комили таълимоти тасаввуф ҷӯяндатару муборизтар ва аз инсони бартари (супермени) Фридрих Нитше бораҳмтару хушахлоқтар ва ба сифати устоду раҳнамо ва тарбияткар мувофиқтар аст.

Пуштибонии раият, қадрдонӣ намудани сипоҳу лашкар, ки посбонони ватананд ва дилсӯзӣ ба мискинон дар осори Аҳмади Дониш, чи бевосита аз забони ӯ ва чи аз забони қаҳрамонони ӯ пайваста дастгирӣ ва таблиғу ташвиқ карда мешавад. Барои ободӣ ва пойдории давлат дар пайравӣ аз мутафаккирони салаф, чун Муҳаммади Ғазолӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар навиштаҳои хеш барои амирону давлатдорон роҳ нишон медиҳад.

Аз ин хотир, муаллиф қайд мекунад, шоҳе, ки раиятро ба бенавоӣ дучор мекунад, на шоҳи мамлакат, балки шоҳи бенавоён аст ва шоҳе, ки сипоҳиёнро гурусна ва озурда нигоҳ дорад ба вақти ҷанг ҳаргиз аз онҳо ҳимоят ва пуштибонӣ нахоҳад дид

Аҳмад Маҳдуми Дониш, чун башардӯсти дилсӯз, ки аз бартарияти асокири Русия огоҳии нек дошт, ба шурӯъ кардани ҷанг муқобил буд, вале амир аз бефаросатӣ ба ӯ гӯш надод ва то ба шикасти шармандавор дучор шудан ба ӯ бовар накард. Баъди шикасти пурра (20-уми майи соли 1868), тибқи шартномаи сулҳ амири Бухоро бояд ба Руссия 500 ҳазор тилло товони ҷанг медод.[6]

Ин ҳама азобу кулфат боз ҳам  ба сари халқи мазлум бор мешуд.

Ақидаи дигаре, ки ба башардӯсти ҳақиқӣ будани Аҳмади Дониш далолат мекунад, ин талаби бекор кардани ҳукми қатли инсон мебошад. Адиб қайд мекунад: «Пас қатли шахс ба ҳеҷ ваҷҳ муҷаввазнабошад… дигар ҷароим ба таъзиру нафй ва ҳабс дуруст ояд. Ва барои рондани хашм зиёда эҳтимом равона дорад, ки даридану хастан ва задану куштан сифоти сабӯъ аст».[7]

Мутафаккир тазаккур медиҳад, ки куштану даридан ин сифати ҳайвони даранда буда, барои инсон раво нест.

Шахсе, ки ҷинояте содир кардааст, агар ба қатл расонида шавад, ин худ таблиғи бераҳмиву дарандагӣ дар ҷомеа мешавад. Сониян, аз мақтул дигар нафъе ба ҷомеа намерасад. Солисан, ӯро агар зану фарзанд ҳаст, онҳо бесаробон мемонанд ва давлатро боист, ки онҳоро бо нафақа таъмин созад.

Ин андешаи башардӯстонаи мутафаккир, агар аз як тараф, қисман аз «Қуръон» сарчашма гирифта бошад, аз тарафи дигар, аз андешаҳои гуманистии намояндагони ҳавзаҳои фарҳангӣ-ислоҳотчигии миёнаҳои асри XIX- Русия, ки адиби забардасти рус Лев Николаевич Толстой низ ба онҳо шомил буд, ба андешаи мо, марҷаи худро пайдо намудааст. Масъалаи ҳукми қатл дар ҷаҳони имрӯза то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Адиб чунин менигорад, ки салотини турк аз рӯи кибру ғурур илм намеомӯзанд ва аз олиме ҳам маслиҳат намепурсанд ва чун шунидаанд, ки подшоҳро «зиллуллоҳ ва халифатуллоҳ» гуфтаанд, пас ӯ дар мулку мол ва нафсу хони мардум ҳақ дорад. Ӯро сояи Худо ва халифаи Ӯ дар замин медонанд.

Дар ағлаби маворид Аҳмад Маҳдуми Дониш подшоҳро сари халқ, сарвар ва пешвои халқ номидааст. Вале дар ин рисолаи фавқуззикр, ӯ ҳамчун мураббии башардӯст ва ба ибораи имрӯза, тарафдори ҳокимияти халқӣ (демократӣ), подшоҳро муздур ва ходими халқ номидааст: «Ва надонанд, ки подшоҳ, филҳақиқа муздур ва ходими фуқарост….

Инчунин раоё, ки тафвизу таслими ушру хироҷ ва закот ба султон мекунанд, барои он аст, ки нигаҳбонии мо кун ва оби масорифи моро бирасон ва роҳҳои моро аз ашрор пок дор, то моро фароғат бошад. Ва агар ту фориғ нишинӣ, маро куҷо фароғат даст диҳад?».[8]

Адиб чун инсони дилсӯз аз умаро талаб мекунад, ки волӣ ҳангоми ҳисоби дахли вилоят ҳаққи фуқаро ва масокину айтом ва дигаронро бояд худо кунад ва ба касоне, ки аз аҷзу пирӣ ва маъюбӣ барҷомондаанд, нафақае таъйин кунад, ки ин хайрест зоеъ нашаванда.[9]

Яке аз падидаҳои номатлуби ҷомеаи сармоядории имрӯза ва ҷомеаи аморати Бухорои асри XIX зиёдшавии сафи бекорон аст. Мутафаккири нозукбин яке аз сабабҳои асосии дуздӣ, қиморбозӣ ва ҷиноятпешагиро дар ҷомеа, пеш аз ҳама, дар мавҷудияти ин падида медонад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки корхонаҳо сохта шаванд ва мардуми бекор ба онҳо ҷалб карда шавад, инчунин барои таъмири роҳҳо, пулҳо ва иморатҳо чун қувваи корӣ истифода бурда шаванд ва ба онҳо музди меҳнат пардохта шавад. Ин метавонад садди роҳи аъмоли номашрӯъ гардад.

Чунончи: «Мардумоне, ки аъзои солим доранд, нагузоранд, ки бешуғл бошанд, ба муздурию корҳои мулкӣ ва дурустии роҳҳою пулҳо ва иморат ба заҷр баркашад ва музд диҳад, то дуздию муқмирӣ накунанд».[10]

Аҳмади Дониш роҷеъ ба эҳтироми падару модар ва мувозибати онон ба ҳангоми нотавонӣ ва заъфу пирӣ андешаҳои судманде баён намудааст. Мутафаккир чун пири хирад ба фарзандон панд медиҳад, ки мавҷудияти онҳо аз падару модар аст ва волидайн маҳз ба хотири онҳо худро ба машаққатҳо андохтаанд, пас онҳо ҳақ доранд, ки дар мавриди нофармонии фарзанд биноланд. Адиб чунин менигорад, ки шахсе ки виҷдон дорад, дарк мекунад, ки волидайн дар ҳаққи ӯ чи хизмате ба ҷо овардаанд: «Ва ҳар касе ба виҷдони худ дармеёбад, ки волидайн лозимулитоат ва валиттибоанд, зеро сабаби вуҷуду маърифат ва имону исломи ӯ шудаанд,… дар парваридани ӯ аламу ранҷҳо бардошта».[11]

Аҳмади Дониш зимни баёни ин андешаи пандомез аз сарчашмаҳое чун «Қуръон», оёту ҳадисҳои саҳеҳ ва аз гуфтори бузургони фарҳанги умумибашарӣ Афлотун, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон иқтибосҳо оварда, гуфтори худро тақвият ва зинат бахшидааст. Ӯ роҷеъ ба бузургии модару падар аз китоби «Мишкот» ҳадиси зерро иқтибос меорад: «Қола раҷулун: ман аҳаққу би ҳусни саҳобатӣ? Қола: уммука. Қола сумма ман? Қола: уммука. Қола: сумма ман? Қола: уммука. Қола: сумма ман? Қола: абука. Ва фи ривоятин қола: уммука, сумма уммука, сумма уммука, сумма аббока, сумма адонака фаадноka». Тарҷумаи ин ҳадис чунин аст: «Марде (аз ҳазрати Муҳаммад (с)) мепурсад:

-Кӣ (аз ҳама бештар) сазовори ҳусну таваҷҷӯҳ аст?

-Гуфт: «Модарат».

-Гуфт: «Сипас, кӣ?»

-Гуфт: «Модарат».

-Гуфт: «Сипас, кӣ?»

-Гуфт: «Модарат».

-Гуфт: «Сипас, кӣ?»

-Гуфт: «Падарат».

Ва дар ривояте низ гуфтаанд: «Модарат, сипас, модарат, сипас, модарат, баъд аз ин падарат, сипас, наздиктару наздиконат».[12]

Адиб бо гуфтаи пайғамбар ба фарзандон хитоб мекунад, ки касе падару модари пиронсол дошта бошаду онҳоро хизматгузорӣ накунад, ҳаргиз дохили биҳишт нашавад. Ё ин ки ризои Парвардигор дар ризои падар рафтан аст.[13]

Тарғиби дӯстӣ ва ба ҳам қарин гардидани миллалу адён ва мазоҳиби мухталиф аз ҷониби мутафаккир дастгирӣ ёфта, ба қатори дигар арзишҳо ба эҷодиёти ӯ аҳамияти умумибашариро низ шомил мегардонад.

Мутафаккир дар рисолаи «Меъёруттадайюн», ки аз рӯи мӯҳтаво дар қавоиди дин гуфта шудааст, роҷеъ ба мувосои мазҳаби шиаву суннӣ изҳори ақида менамояд. Ҳарчанд Аҳмади Дониш ҳамчун пайрави мазҳаби суннӣ ва идомадиҳандаи таълимоти Бедил танқиди мазҳаби шиаро вазифаи хеш гузошта бошад ҳам ва ё чун олими варзида бартарии дониши хешро дар улуми динӣ нисбат ба уламои иртиҷоии мутаассиб исбот карданӣ бошад ҳам, мақсади асосии ӯ чун адиби башардӯст ба мусолиҳа ва ҳамдигарфаҳмӣ овардани ҷонибдорони ҳарду мазҳаб буд. Ӯ чунин менигорад: «...Ғараз аз тадвини ин рисола ваҷҳи хусумат ва мунокиша миёнаи шииву суннӣ дарёфтанӣ бувад ва сабаби накӯҳиши Абулмаонӣ дар ҳаққи рафаза (рофизиён) ва хавориҷ (хориҷиён-номи як равия дар дини ислом) маълум карданӣ, балки роҳи сулҳу муолафат бо аҳли ташнеъ (сарзанишшуда, танқидшуда) кушоданӣ…»[14]

Ӯ пайваста мекӯшад, ки миёни муслиму насоро созиш ба амал биёварду ва зикри ақидаи «Ҷамоаи насороро турфа шафқатею муҳаббатест мар аҳли исломро…»[15] низ далели ин ташаббус шуда метавонад.

Мутафаккир ҳангоми баёни ақидаҳои башардӯстонаи хеш миёни ягон дин ва ягон мазҳабу ҷараёни фалсафӣ фарқият намегузорад. Ӯ барои тақвияти фикри хеш гоҳе аз ақидаҳои фалсафии намояндагони фалсафаи Юнони Қадим (Афлотуну Арасту), гоҳе аз афкори судманди китобҳои муқаддаси «Авесто», «Таврот», «Инҷил», «Қуръон», гоҳе аз пандҳои Искандару Нушервони Одил ва гоҳе аз ақидаи таносухиёну аҳли фаромӯшхона (масониҳо) ва дигарон иқтибосу истинодҳо меоварад.

Муаллиф дар ҳикояти «Фаромӯшхона ва баёни қурби соат» роҷеъ ба баробарии давлатҳо ва миллатҳо аз номи фаромӯшониҳо (масониҳо) чунин меорад: «Ва ҳеҷ миллате бо миллати дигар ва давлате бо давлати дигар ба ҳамдигар музоҳим ва мухосим набошанд, магар ба тариқи улфату мувофақат… ва аз тараддуди нолоиқ бозистанд ва ба ҳамдигар мушфиқу меҳрубон бошанд ва қадри ҳамдигар бидонанд».[16]

Ё ин ки иқтибоси дигаре, ки ба гуфтаи Аҳмади Дониш фарангиён дар рӯзнома навиштаанд ин аст, ки ҳама авлоди Одам баробаранд, вале баъзеҳо ба ҳарчи, ки доштаанд, қаноат накарда, мулки дигаронро ғасб намудаанд. Хулосаи адиб чунин аст: «Шарти низому муқтазои адл он аст, ки ҳар касе ба замини худ қаноат кунад ва пурзӯр замини камзӯрро рад кунад» ва агар касе, ки саркашӣ кунад, «фарз аст, ки зӯрон ба иттифоқ бар сари ӯ зӯр оваранд ва ҳаққи заиф аз қавӣ ситонда бидиҳанд».[17]

Мутафаккир барои сафирону расулон, қабл аз ҳама, донишмандӣ ва хушзабониро меписандад, зеро онҳо симои давлатанд.

Беэҳтиромиро нисбати намояндагони дигар давлатҳо сарзаниш намуда, оқибатҳои чунин беандешагиро бо овардани нақли воқеае нишон медиҳад.

Сурати воқеа ин аст, ки чанде аз табааи Фарангу Рус ба азми тиҷорат озими Бухоро мешаванд. Туҷҷори бухороии дар Русия буда охилан ба қӯшбегӣ ба Бухоро хат навишта, тохиронро хосус мегӯянд.

Қӯшбегӣ баъди воруди меҳмонон онҳоро ба ҳабс мегирад. Ин лаҳза дар Русия тамоми туххори бухориро ба қайду ҳабс мекашанд.

Танҳо баъди озод сохтани туҷҷори фарангиву русӣ туҷҷори бухороӣ аз ҳабс озод карда шудаанд.[18]

Мураббии башардӯст роҷеъ ба ҳалли ин масъала китоби алоҳида ё боби алоҳидаи махсусе набахшидааст. Ӯ андешаҳои худро оид ба ин масъала, ҳарчанд дар фаслҳо ва бобҳои гуногун, зимни ҳалли дигар масоил баён карда бошад ҳам, қимати баланди онҳо заррае коста нагардидааст.

Мусаллам аст, ки дар таърихи педагогикаи суннатии мо танбеҳи шогирдон дар шакли зарбу лат падидаи муқаррарӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳатто, волидайн ҳангоми ба муаллим супоридани атфол мегуфтанд, ки гӯшташ аз шумову пӯсту устухонаш аз ман.

Аҳмади Дониш чун маорифпарвари аз ин низоми таълим норизо мегӯяд: «Маро барои чӣ дар он кор доштаанд, ки натиҷа зарб ва шатм (ва қайди) хурдсол бошад».[19]

Ё ин ки: «атфолро шиканҷаи муаллим ва силиву қафои ӯ андак аз хотир меравад, ки ба хокбозӣ даст меёбад, ки агар он ҳол давом ва сабот
пазирад, тифл зуд бемор шавад ва видои қолаб кунад».[20]

Дар ин ҷо андешаи мутафаккир аз он иборат аст, ки ба бачагони синни хурди мактабӣ зимни дарс фишор овардан, бидуни хоҳиши кӯдак ба ӯ дуру дароз дарсу сабақҳо додан, ё зарбу лат додан қобили қабул нест. Агар ин усули нораво зиёд идома ёбад, ҳам ба ҳолати равонӣ ва ҳам ба ҳолати ҷисмонии кӯдак зарбаи сахте ворид мекунад. Ин ҷо таълими бачаҳои муқаррарӣ дар назар дошта шудааст. Албатта, имрӯзҳо барои бачаҳои душвортарбия боз усулҳои дигар ва макотиби мувофиқтаре мавҷуд аст.

Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаи занон, офариниши онҳо ва нақши онҳо дар ҷомеа андешаронӣ намуда, ҳолати занони аморати Бухоро ва инчунин занони Аврупову дигар манотиқро воқеъбинона тасвир намудааст.

Оид ба ин масъала дар андешаҳҳои Аҳмади Дониш ихтилофи назар ба чашм мерасад, лекин мо дар ин боб на дар бораи ихтилофи назар дар андешаҳои мутафаккир, балки оид ба ҳуқуқ ва қурбу манзалати зан аз нигоҳи адиби башардӯст мулоҳизаронӣ мекунем. Мутафаккир бар зидди ақидаи ҷоҳилонаи иртиҷоъпарастон ва баъзе мардони камхирад, ки мегуфтанд: «зан чи қадр дошта, ки ӯро назананд ва ё накушанд ва ё тарку талоқаш нагӯянд?!»[21] баромад намуда, аз ҳуқуқи занон дифоъ менамояд. Муаллиф мегӯяд: «Инон надонанд, ки зан низ мисли эшон нафс дорад ва худро адили мард мепиндорад. Ва ин заъфу забунӣ бар ӯ ба сабаби авориз афтода».[22] Пас заифии қуввати ҷисмонии ӯ баҳона шуда наметавонад, ки ҳуқуқи ӯро поймол кунанд. Адиб занро офаринандаи насли башар дониста, онро волотарин неъмат меҳисобад: «Ва баъд аз имон ҳеҷ неъмат бузургтар аз зани шоиста нест:

Зани хуби фармонбари порсо,
Кунад марди дарвешро подшо».[23]

Аз ин хотир, Аҳмади Дониш аз мардон талаб мекунад, ки то ҳадди имкон занонро набояд талоқдод, зеро Худованд талоқро душман дорад. Ва агар ноилоҷ ҷудо ҳам шаванд, мард набояд, сирри зан ва иллати талоқро ба дигарон фош созад. Албатта, дар зиндагӣ ҳар гуна ҳодисаҳо рух медиҳанд, ки ба худоии оила мусаббиб шуда метавонанд. Аз ин рӯ, тибқи ақидаҳои башардӯстонаи адиб айбу

иллатҳои  ҷудошавиро, ки ба зиндагии ояндаи зан низ халал мерасонида бошанд, марди ҳақиқӣ бояд маншур нагардонад. Чунончи, ӯ мефармояд: «Якеро пурсиданд, ки: «Занро чаро талоқ медиҳӣ?» Гуфт: «Сирри зани хеш ошкоро натавон кард». Ва чун талоқ дод, гуфтандаш, ки «Чаро талоқ кардӣ?» Гуфт: «Маро ба занони мардум  чи кор, то ҳадиси вай кунам?!»».[24]

**КАЛИДВОЖАҲО**: тарбияи башардӯстӣ, педагогикаи халқи тоҷик, ақидаҳои инсонпарваронаи Аҳмади Дониш, инсони комили Аҳмади Дониш, нерӯи фикриву ҷисмонии инсон.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 2.  Душанбе :Дониш. 1989, с. 282.
2. Ҳамон ҷо. 111
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 1. Душанбе: Дониш. 1988, с. 280.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 2.  Душанбе :Дониш. 1989, с. 282.
5. Ҳамон ҷо, с. 111
6. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар А. Дониш. Душанбе: Ирфон, 1964, с. 182.
7. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 2. Душанбе: Дониш, с. 204.
8. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 2. Душанбе: Дониш, 1989, с. 184..
9. Ҳамон  ҷо с. 133..
10. Ҳамон  ҷо с. 167.
11. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ .К. 1.  Душанбе: Дониш ,1988, с.  61.
12. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 1.  Душанбе: Дониш ,1988, с
13. Ҳамон  ҷо с. 48.
14. Ҳодизода Расул. Аҳмади Дониш. Душанбе. 1974, с. 90.
15. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 1.  Душанбе: Дониш, 1988, с. 152..
16. Аҳмади Дониш . Наводир-ул-вақоеъ. К.1. Душанбе: Дониш, 1988, с. 131.
17. Ҳамон ҷо с.132.
18. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.Душанбе.Сарват. 1992, с. 42.
19. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ .К.2. Душанбе: Дониш, 1989,  с. 27.
20. Ҳамон ҷо с.  с.80.
21. Аҳмади Дониш.. Наводир-ул-вақоеъ. К.1. Душанбе: Дониш, 1988, с.252.
22. Ҳамон ҷо с.252.
23. Ҳамон ҷо с.254.
24. Ҳамон ҷо, с.257.



### ГУМАНИСТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АХМАДА ДОНИША

***А.А. Хайдаров***

В статье излагаются идеи Ахмада Дониша–великого таджикского  мыслителя и просветителя XIX в. о гуманистическом воспитании. Автор, анализируя педагогические воззрения мыслителя, подчеркивает актуальность его идеи о роли воспитания в усовершенствовании современного поколения. Сопоставляются передовые взгляды Ахмада Дониша о совершенном человеке с другими взглядами западных мыслителей.

### HUMANE EDUCATION FROM AHMADI DONISH'S POINT OF VIEW

***A.A. Haydarov***

Ideas of a great Tajik thinker and education of the XIX centuries Ahmadi Donish on humane education are depicted in the article. Analyzing pedagogical views of the educator, the author emphasizes urgency of the scholar's ideas on the role of education in improvement of the modern generation. The author compares Ahmadi Donish's progressive thoughts about perfect human with thoughts of western thinkers.


# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНФОРМАТИКИ В ПЕДВУЗАХ НА ОСНОВЕ ПОВЫШЕНИЯ ЕГО ПРАКТИЧЕСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ

***И. Шарифов***

**Курган-тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Концепция целей и места образовательной области "Информатика" в стандартах высшего образования. Всесторонняя компьютеризация современного промышленного производства и стремительное развитие информатизации системы образования привела к необходимости обязательного включения в курс высшей школы предмета, связанного с изучением информатики и вычислительной техники. Курс "Информатика и вычислительная техника" возник не на пустом месте.

Ко времени его внедрения уже имелся опыт изучения основ вычислительной математики и программирования в вузе. Начало массовой реализации этой программы было положено в 60 - х годах прошлого века.

Основная цель нового предмета состояла в "формировании представлений об основных правилах и методах реализации решения задач на ЭВМ и элементарных умений пользоваться компьютерами для решения задач; ознакомлении студентов с ролью ЭВМ в современном общественном производстве и перспективами развития вычислительной техники" [3].

Сейчас информатика претендует на роль базовой дисциплины в системе высшего образования и в комплексе с другими классическими дисциплинами (математикой, физикой, химией, естествознанием, биологией, историей) призвана создавать фундамент профессионального образования в вузе. Многие высшие учебные заведения включают в учебные планы углубленное изучение информатики. В связи с этим в течение ряда последних лет в обсуждении концепции содержания высшего образования существенное место занимают вопросы определения целей, места и содержания информатики и новых информационных технологий в образовании **(НИТО),** в стандартах и учебных планах вузов. Министерство общего и профессионального образования Республики Таджикистан в соответствии с Государственным образовательным стандартом профессионального образования утвердило положения, определяющие:

- роль и место базового курса информатики в учебном плане вуза;
- содержание базового курса информатики в виде обязательного минимума;
- уровень подготовки студентов в виде набора требований к их знаниям, умениям и навыкам;
- процедуры проверки выполнения студентами требований образовательного стандарта.

И н ф о р м а т и к а - в настоящее время одна из фундаментальных областей научного знания, формирующая системно-информационный подход к анализу окружающего мира, изучающая информационные процессы, методы и средства получения, преобразования, передачи, хранения и использования информации, стремительно развивающаяся и постоянно расширяющаяся область практической деятельности человека, связанная с использованием вычислительной техники, информационных технологий и телекоммуникационных сетей [1].

В настоящее время имеется немало публикаций, посвященных дидактическим и психолого-педагогическим проблемам обоснования содержания курса информатики, систематически издаются учебники и учебно-методические пособия, обсуждаются учебные планы, программы, состояние учебно-материальной базы и т.д. Однако, тем не менее, нужны дальнейшие серьезные, многоплановые исследования, направленные на совершенствование изучаемого курса и методики преподавания информатики.

Дело в том, что хотя основы информатики на протяжении длительного периода времени изучается в вузах, но в качестве объекта профессионального обучения по достаточно большому числу специальностей и профессий в системе высшего образования выступает недавно.

Все еще продолжаются дискуссии по определению сущности и структуры самой информатики, до сих пор не удалось обосновать содержание ее курса. Одни говорят - это веление времени, дань моде, явление переходящее, считают информатику сложной премудростью, другие воспринимают информатику лишь как практическую дисциплину, где учат «правильно нажимать кнопки» персонального компьютера. Мы считаем, что информатика и связанные с ней информационные технологии являются необходимой частью профессиональной подготовки современных специалистов с высшим образованием. Претендент на престижную работу должен обладать не только профессиональными знаниями и владеть иностранным языком, но и свободно разбираться в информационной технологии работы на персональном компьютере, что как раз и дает изучение информатики.

Вместе с тем информатика, как никакая другая область знаний, характеризуется чрезвычайно высокой степенью динамики изменений. Очевидно, что стремительные темпы развития компьютерной базы (примерно через каждые 2-3 года происходит обновление) и усовершенствование программного обеспечения компьютеров, расширение сферы их применения являются определяющим фактором изменения и уточнения структуры и содержания курса информатики, заставляют периодически с необходимым упреждением вносить коррективы во все компоненты системы обучения данному предмету с учетом его связей с другими дисциплинами учебного плана. Иными словами, стабильность курса, с педагогической точки зрения, безусловно, желательная, объективно оказывается весьма относительной. Указанные обстоятельства не позволяют успокаиваться на достигнутом, тем более, что уровень разработки психолого- педагогических, дидактических и методических проблем изучения основ информатики еще остается недостаточным. В связи с этим важно провести сопоставительный анализ существующих концепций образовательной области «Информатика», обобщить имеющийся

опыт изучения соответствующего учебного материала. Существующий научно- педагогический задел и накопленный опыт изучения информатики в системе профессиональной подготовки специалистов крайне важны для определения объективных тенденций и основных направлений дальнейшего совершенствования подготовки квалифицированных специалистов данного профиля.

Кроме того, в наши дни создалась принципиально новая ситуация, обусловленная социально-экономическими, научно-техническими и производственными факторами, диктующими настоятельную необходимость обеспечения массовой компьютерной грамотности всех, без исключения, работников, независимо от их квалификации и профиля.

В условиях интенсивного использования компьютерных систем в управлении производственными и социальными процессами, современный специалист любого профиля должен владеть теоретическими знаниями в области информатики и практическими навыками использования вычислительной техники и телекоммуникационных средств в своей профессиональной деятельности.

Вполне естественно, что это требование научно-технического прогресса отразилось, прежде всего, на содержании высшего образования. Разные взгляды на область знаний информатики, и на ее границы определили и разные подходы к формированию содержания и структуры курса в вузе. В настоящее время существуют несколько примерных программ по дисциплине «Информатика», и каждое учебное заведение, ориентируясь на одну их них, проводит обучение в соответствии с потребностями своей предметной области. В связи с этим предстоят дальнейшие серьезные, многоплановые исследования, направленные на совершенствование изучаемого курса информатики и методики его преподавания. Каким же должен быть подход к решению обозначенных выше проблем? И какие же конкретные общедидактические положения и требования могут и должны быть учтены в процессе исследования основных направлений и совершенствования преподавания информатики в вузе?

По мнению Гершунского Б.С, они сводятся к следующим [3]:

1. Общедидактическая концепция целостности учебно-воспитательного процесса, единства преподавания и учения, содержательной и процессуальной сторон обучения требует комплексного подхода к обоснованию всех компонентов учебного предмета: целей, содержания, методов, средств и организационных форм обучения, которые в своей совокупности и взаимосвязи образуют систему обучения основам информатики.

2. Рассматривая проблему взаимоотношений науки (информатики) и соответствующего учебного предмета в процессе обоснования содержания обучения, принципиально важно рассмотреть, дидактически интерпретировать и прогнозировать такие компоненты изучаемой науки, как ее основания, теории, законы и закономерности, категории и понятия, принципы, правила и постулаты, методы, идеи, факты.

3. Содержание обучения любому учебному предмету должно отражать на своем специфическом материале общую структуру содержания образования, ориентированную на реализацию принципа единства обучения, воспитания и развития студентов. В этой связи, определяя содержание обучения по курсу основ информатики, целесообразно ориентировать не только на формирование соответствующих знаний, интеллектуальных и практических умений и навыков, но и на развитие необходимых мировоззренческих и творческих качеств личности каждого студента.

4. Предмет «Информатика», будучи равноправной учебной дисциплиной, в учебном плане вуза, вместе с тем отличается от других предметов своей повышенной прогностичностью, принципиальной нацеленностью на будущее. Поэтому особое значение приобретает выявление относительно стабильного базового ядра этой дисциплины и ее изменяющейся части, нуждающейся в периодической корректировке и обновлении. Указанное обстоятельство повышает роль и значение дидактического прогнозирования содержания обучения данному предмету, диктует необходимость использования в процессе такого прогнозирования специальных прогностических методов отбора учебного материала, в том числе и метода экспертных оценок.

Разумеется, указанные выше задачи значительно легче обозначить, чем их решить. Однако стремиться к такому решению необходимо, если подходить к обоснованию курса "Информатика" научно, с единых концептуально доказательных дидактических позиций, отражающих не только современные, но и перспективные общественные потребности. Конкретизация целей обучения основам информатики предпринимались неоднократно как в нашей стране, так и за рубежом. Речь, в сущности, идет о построении своеобразной модели, отражающей конечные целевые установки изучения курса и предопределяющей поиск средств достижения выдвинутых целей. Такая модель должна содержать детализированный перечень требований к знаниям, умениям и навыкам студентов, компонентам творческой деятельности, мировоззренческим и поведенческим качествам их личности, формируемым на материале данного курса. Создаваемая модель должна носить не констатирующий,

пассивно-созерцательный характер, а, напротив, прогностический, учитывать перспективы научно-технического прогресса в области информатики и вычислительной техники.

В условиях бурного процесса информатизации системы образования, сопровождающегося непрерывным обновлением научных знаний, их дифференциацией и интеграцией, курс информатики требует постоянной корректировки содержания обучения. Сложность проблемы здесь заключается в междисциплинарном характере самого подхода к отбору содержания обучения: с одной стороны, необходимо реализовать принцип научности, предполагающий отражение в учебном курсе наиболее достоверных, значимых как в теоретическом плане, так и в практическом отношении, прогностически сориентированных данных курса информатики; с другой, необходимо руководствоваться собственными педагогическими соображениями и критериями, если иметь в виду доступность отбираемого материала, его системность, последовательность, стабильность, связь с практикой, возможность реализации воспитательных и развивающих функций обучения, политехническую направленность, оптимальность межпредметных и внутрипредметных связей. Поэтому отбор учебного материала, составление учебно-методических пособий по курсу информатики, должны пройти ряд этапов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** информатика, преподавание информатики, основы информатики, информатизация, повышение практической направленности.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Акшаева Л.И. Использование локальной вычислительной сети при обучении студентов //Трансформация потребительской кооперации в рыночную систему: Тез. докл. – Казань: Дом печати, 1997. – С.75-76.
2. Болтянский В.Г., Рубцов В.В. Проблемы компьютеризации обучения. //Математика в шк. – 1989. - №1. – С.69-72.
3. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования: проблемы и перспективы. М.: Педагогика, 1987. – 263с.
4. Добряков А.А., Ищенко В.В. Применение компьютерных технологий в управлении познавательной деятельностью студентов. //Компьютеры в учеб. процессе.–1998.-№8.–С.81-91.
5. Есаулов А.Ф. Активизация учебно-познавательной деятельности студентов. – М.: Высшая школа. 1982, - 82с.
6. Кодиров К., Мирзоев А. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе. – Душанбе, 2006.- 136с.
7. Эль-Амин Мухаммед Абдалла Халафалла. Педагогические условия формирования готовности будущего учителя к компьютеризации учебно-воспитательного процесса. Автореферат диссертации к.п.н. Ходжент, 2007. – 22с.

## МУКАММАЛСОЗИИ ТАЪЛИМИ ИНФОРМАТИКА ДАР МАКОТИБИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ ДАР АСОСИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМТИ АМАЛИКУНОНИИ ОН

***И. Шарифов***

Мақсади асосии мақола аз ташаккул додани фаҳмиш доир ба қоида ва методҳои амаликунонии ҳалли масъалаҳо дар МЭХ, маҳорати истифода бурда тавонистани компютер ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва инчунин шинос кардани донишҷӯён ба нақш ва мавқеи МЭХ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва перспективаҳои инкишофи технологияи информатсионӣ иборат мебошад.

## DEVELOPING OF TEACHING THE INFORMATION IN PEDAGOGICAL HIGH SCHOOL IN THE BASES OF HIGHING ITS PRACTICAL DIRECTION

***I. Sharifov***

The aim given in the article consists in organizing presentation about the basic rules and methods realization decision of task to MCT and an elementary ability using computers for decision of task; the acquaintment students with role MCTin modern social of production and perspective development information technology.

## ТОҶИК – ПЕШВОИ БУЗУРГТАРИН МАЗҲАБИ ИСЛОМӢ

*Ф. Ҳоҷиева*
Институти давлатии забонҳои Тоҷикистон

Ба хотири он ки бештари мардуми шарифи ҷумҳуриамон пайрави мазҳаби ҳанафӣ, яъне мазҳаби Эмоми Аъзам ҳастанд, муносиб дониста шуд, аз зиндагии яке аз имомони сармазҳаби аҳли суннат, ҳуқуқшиноси бузурги аҳли ислом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки комилан равшан ва шево нигориш ёфтааст. Чунки донистани кори нек, рафтори писандида, тақвою эътиқод ва ҳалли масоили фиқҳии ӯ барои ҳар фарди мусулмони ҷумҳуриамон басо зарӯр аст, зеро омӯхтану амал кардан барои ҳаллу фасли мушкилиҳои пешомада аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

8-уми сентябр дар кохи «Борбад»-и пойтахт бо иштироки Президенти Тоҷикистон маросими таҷлили 17-умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон баргузор шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронияш ба муносибати 17-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки соли 2009 соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон шавад. Президенти кишвар дар суханронии пурмӯҳтавои хеш гуфт: «Ҳабдаҳ сол пеш миллати куҳанбунёд, соҳибфарҳанг ва тамаддунсози тоҷик ба дастоварди бузург ва муқаддас - Истиқлолияти давлатӣ ноил гардид, ки ҳоло мову шумо ин рӯйдоди муборак, яъне тантанаи адолати таърих ва бо силсилаи давлатдориҳои чандинҳазорсолаи ниёгонамон пайвастани оини давлатдории навини худро бо камоли ифтихору сарфарозӣ ҷашн мегирем».

Дар идомаи суханронӣ Президенти кишвар бо ишора ба дастовардҳои бузургтарини миллати тоҷик дар тӯли ҳабдаҳ соли истиқлолият афзуд:

«Сарзамини бостонии тоҷикон, ки дорои тамаддуни чандинҳазорсола мебошад, бузургмардони зиёдро ба дунё овардааст. Аксари онҳо дар осори бебаҳояшон ҷавҳари илму фарҳанги замони худро хулоса карда, имрӯз ба мояи ифтихори башар табдил ёфтаанд.

Мероси таърихии фарзандони барӯманди миллатамон имрӯз низ барои худшиносии миллӣ, муаррифӣ намудани тоҷикон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дар гуфтугӯи тамаддунҳо аҳамияти муҳими байналмилалӣ дорад.

Қобили зикри махсус аст, ки тоҷикон дар давоми асрҳои зиёд пайваста дар таҳаввулу инкишофи тамаддун ва фарҳанги исломӣ саҳми бузург гузоштаанд. Шинохти комили таърихи ислом бе омӯзиш ва баҳои муносиб додан ба  нақши махсуси тоҷикон аз имкон берун аст. Аз ин ҷиҳат, исломро аз фарҳанги миллӣ ва фарҳанги миллиро аз ислом ҷудо ҳисобидан хатост.

Мутаассифона, дар кишварамон баъзе равияҳои тундрави бунёдгароёна пайдо шуда истодаанд, ки мехоҳанд ба мардум исломро ҷудо аз арзишҳои миллӣ маънидод намоянд. Чунин муносибат боиси ба миён омадани кинаву адовати динӣ ва низои миллӣ дар ҷомеа шуда метавонад. Фаромӯш набояд кард, ки 97 фоизи мардуми Тоҷикистон пайрави мазҳаби ҳанафия мебошанд.

Мо ифтихори хоса дорем, ки бунёдгузори бузургтарин ва бонуфузтарин мазҳаб дар дини мубини ислом фарзанди арҷманди халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам мебошад.

Таърихи дини ислом собит намудааст, ки дар шинохт ва маърифати фиқҳи исломӣ ҳама ниёзманди мактаби Абӯҳанифа мебошанд. Бояд гуфт, ки ба шарофати талошҳои фидокоронаи ин фақеҳ ва мутафаккири бузург ҳуввияти аҷамӣ ҳифз ва арзишҳои миллӣ инкишоф ёфтаанд. Маҳз бо кӯшишҳои Имоми Аъзам ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони ибодати динӣ нақш ва аҳамияти махсус дода шуда, он дар байни диндорон ҳамчун забони дуюми аҳли биҳишт эътироф гардидааст.

Мазҳаби Абӯҳанифа ҳам таърихан ва ҳам амалан омили муҳими ваҳдати умумиинсонӣ, ҳифзи субот ва амнияти низоми ҷамъиятӣ аст. Ба ақидаи ӯ, ягонагии мақсад, ягонагии гуфтор ва ягонагии кирдори аҳли ҷомеа шарти бақо ва хастии ҳар як миллат мебошад.

Дар робита ба ин, Имоми Аъзам фармудааст: «Худои азза ва ҷалла расули худро ба инсоният ҳамчун раҳмат барои рафъи тафриқа ва афзудани дӯстӣ ва на барои тафриқаю ихтилофи гуфтор ва шӯронидани одамон бар зидди ҳамдигар фиристодааст».

Барои мо тоҷикон шинохти чунин шахсияти камназир дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва инкишофи андешаи миллӣ аҳамияти бузурги ҳаётӣ ва байналмилалӣ дорад.

Бо дарназардошти хизматҳои таърихии ин мураббии маънавии миллатҳо пешниҳод менамоям: Соли 2009-ум, ки баробар ба 1310-солагии ин шахсияти барҷаста мебошад, Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон карда шавад.

Башорати паёмбар (Ъ) бар имом Абӯҳанифа чунин буд, ки «Қола-н-набийу ъалайхис-с-алом лав кона-л-имону инда-сурайё латақовалаху риҷолун мин абнои форс».

(Гуфт Наби алайҳиссалом: «Агар имон дар сурайё бошад, ноил мешаванд мардҳо бар он аз фарзандони форс»).

Ҷаноби муҳаққиқ Ҷалолуддин Ассуйутӣ гуфтаанд: «Ин ҳадис башорат аст бар бузургии Эмоми Аъзам ва дар он ҳеҷ шубҳае нест, чунки дар он замон мисли Эмоми Аъзам мӯъҷизаи зоҳирии пайғамбар (с) аст, зеро он ҳазрат ҳар воқеаро пешгӯӣ мекарданд».[1]

Абӯҳанифа муассиси яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли тасаннун мебошад. Ӯ дар соли 699-и мелодии дар шаҳри Кӯфаи Ироқ мутаваллид шудааст. Дар бораи ному насаби ӯ ва ҷойи таваллуди ӯ маълумотҳои ҳархела мавҷуд аст. Аксари маълумотҳо шаҳодат медиҳанд, ки Абӯҳанифа аз мулки Аҷам аст. Барои мисол дар китобҳои «Ал-мутолиату в-ан-нусус», «Ҷомеъуррумуз», «Ахбори Абӯҳанифа ва асхоби ӯ», «Манокиби имоми Аъзам» (р) ва ғайра зикр шудааст, ки Абӯҳнифа аз Кобул, Бобул, Нисо ва ё аз Тирмиз будааст.

Дар китоби «Таърихи фалсафа дар ислом» ва «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» қайд шудааст, ки бобои Абӯҳанифа - яъне Зӯтиро (Завати низ гуфта шудааст) арабҳо ҳангоми истилои Кобул асир гирифта, ба Ироқ бурдаанд. Ин дар замони халофати Умар рух додаст. Зӯти дар ин ҷо дини исломро қабул карда, номашро дигар кардааст.

Мувофиқи ахбори ҷамънамудае, ки Б. Бузургмеҳр дар мақолааш «Ҳазрати Имоми Аъзам»[2] нишон додаст, бобои Абӯҳанифа Аслан аз Кобул буда, ҳини тиҷорати бардавоми абрешим ва дигар матоъҳои мӯина, дар яке аз музофотҳои форсинишини Ироқ мақоми зист ихтиёр намудааст. Эшон аз ҷумлаи сарватмандони шинохтаи Ироқ буда, соҳиби эҳтироми хоса дар байни аъроб буданд. Абӯҳанифа писари Собит писари Зӯти писари Товус писари Хурмуз аст, ки шоҳи Форс ва фарзанди Сосон буд. Дар китоби «Салоти масъудӣ», ки ба қалами Мавлоно шайх Масъуди Самарқандӣ таллуқ дорад, оиди оиладоршавии Собит ҳикояти ҷолибу рангинеро мутазаккир шудааст: «Собит бар ислом зода шуда, дар он амали қавӣ дошт. Рӯзе лаби ҷӯе вузӯъ мекард. Об себеро шинокунон овард. Собит он себро аз об гирифт. Баъди вузӯ як порае аз он себ бихӯрд. Баъдан дар нафси Собит фикре омад, ки ин себ аз мулки кӣ бошад? Чаро қимати себро надода, аз он тановул кард? Ҷавоби ин корро фардо чӣ тавр хоҳад дод? Ин андешаҳо Собитро қад-қади ҷӯй ба сӯи самти ҷоришавии об равон намуд. Баъди чанде Собит ба боғе расид. Соҳиби боғро дид. Ба ӯ салом дод. Аз ӯ пурсид, ки оё ин навъ себ дар боғи шумо мавҷуд аст? Боғбон пораи себи дар дасти Собит бударо дида, посух дод, ки ин себи боғи ман аст. Собит аз соҳиби боғ хоҳиш намуд, ки қимати ин себро бигӯяд. Соҳиби боғ дар чеҳраи Собит марди погизарӯзгореро эҳсос намуд. Хост ӯро дар доми худ биафканад. Барои ин мақсад гуфт: «Ман ҳаргиз ин пораи себи хӯрдаатро биҳил нахоҳам кард ва ба ҳеҷ қимате маро духтаре ҳаст, ки ӯро чашмони нобино, гушҳои кар, дасту пояш кор намекунанд ва забонаш лол аст. Агар ӯро ба занӣ қабул кунӣ, ман пораи себи хурдаатро мебахшам». Собит дар андеша фурӯ рафт баъдан ба хулосае омад, ки духтари фалаҷи ин боғбонро ба занӣ ихтиёр кунад, то боғбон ӯро бубахшад. Иттифоқо, маросими издивоҷ байни Собит ва духтари боғбон мувофиқи русуми исломӣ ба вуқӯъ пайваст. Собит манкӯҳаашро ҳаргиз надида буд. Нахустин шабе, ки Собит бояд аз ҳамсараш дидор менамуд, ба ҳарамсарояш ворид шуд, дар ҳарамсарой духтари соҳибҷамоле ва бо ҳама андомҳо сиҳатмандеро дид. Тааҷҷуб карда, аз ин духтар пурсид: «Падаратон васфи шуморо ба тариқи дигар карда буд. Ман бошам шуморо дар вазъи ниҳоят барҷамол ва комилияти аъзои бадан мебинам. Духтар шарҳи гуфтаҳои падарашро чунин гуфт: «Падарам манро нобино, кар, ланг, гунг ва ғайра гуфтааст. Ман ба рӯи номаҳрамон нигоҳ накардаам. Бо бегонагон сухан нагуфта, дурӯғ ба забон нарондаам ва ғайбат накардаам. Сухани бад ва фаҳш нашунидаам. Бо дастам бо мардони бегона салом накарда, чизеро надуздидаам. Бо пойҳоям ба маҷлисе, ки тӯҳмату ғайбат будааст, нарафтаам». Баъди шарҳи ҳол ин ду, яъне Собит ва ҳамсараш шукри Худо мекарданд, ки ҷуфти басе сазовор ҳастанд. То дили шаб ба ибодат машғул буданд. Сипас, бо ҳам ҷамъ гаштанд. Эзиди мутаъол дар ин шаб барояшон фарзанди солеҳе эҳсон намуд, ки бешак мояи ифтихори дину миллат гардид.[3] Ин фарзанди маъруф Абӯҳанифа мебошад. Дар соли 80-уми ҳиҷрӣ, ки мутобиқи соли 699-уми мелодӣ мебошад, ба дунё омадааст. Давраи бачагии Абӯҳанифа дар шаҳри Кӯфа гузаштааст. Дар китоби «Таърихи Ҳанафия» навишта шудааст, ки Абӯҳанифа дар ҷавонӣ аз падар ятим мемонад. Модараш дар он айём хеле ҷавон будаст. Ҷаъфари Содиқ Абӯҳанифаро ба никоҳи худ медарорад. Чанде Абӯҳанифа дар хонадони Ҷаъфар зиндагӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки дар баъзе сарчашмаҳо Ҷахфари Содиқро нахуст устоди Абӯҳанифа номидаанд.

Абӯҳанифаи хурдсолу закӣ дар омӯзиши илму адаб, сарфу наҳви араб ва Қуръон рағбати калон зоҳир намуда, ин улуми мазкураро ба хубӣ аз худ намуд. Дар ҷавонӣ Қуръонро комилан аз ёд карда буд. Баъдан ӯ ба касби бобой- тиҷорат шуғл варзида, аксари авқоти хешро дар бозор масраф менамуд. Касе набуд, ки ӯро барои такмили минбаъдаи илмӣ таҳрик намояд. Боре ӯ ба Имом Шаъбӣ ном марде дар бозор шиносой пайдо кард. Миёни ин ду тан сӯҳбати илмӣ боло мегирад. Шаъбӣ фаросату фаҳмиши Абӯҳанифаро дида, ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ҳатман таҳсили илмро идома диҳад. Абӯҳанифа бозорро тарк намуда, дар ҳавзаҳои илмии он замон дохил мешавад. Ибтидоан ӯ ба фарогирии илми калом саъй мекунад ва дар ин соҳа ба дараҷае мерасад, ки забонзади донишпажӯҳони аср ва саромади эшон гардид.

Дар қуввати ҷадал ва нерӯи истидлол он чунон маҳоратеро касб намуданд, ки доимо даргири муҷодаллоти каломӣ ва муборизоти истидлолӣ ва фалсафӣ буданд.

Рабеъ ном марде ривоят мекунад, ки Ибни Ҳубайра охирин волии уммавӣ ӯро барои овардани Абӯҳанифа мефиристад. Ҳанифа вазифаи сардории байтулмолро ба Абӯҳанифа пешкаш намуд. Ӯ аз қабул кардани ин вазифа худдорӣ намуд. Ибни Ҳубайра вайро чанд тозиёна зад. Дар Ироқ ошӯб алайҳи Уммавиён бархост. Ибни Ҳубайра, ки волии Ироқ буд, ҷумлаи фуқаҳоро ҷамъ намуда, ҳар яке аз онҳоро дар вазифае аз аркони ҳукумат мансуб донист. Дар ин ҳангом барои Абӯҳанифа муҳрдориро дар доруламорат сазовор дониста, савганд ёд намуд, ки агар ӯ аз ин вазифа имтиноъ варзад, ба ҷазои сахт гирифтор карда хоҳад шуд. Пас фуқаҳои Ироқ ба Абӯҳанифа гуфтанд: «Ба хотири Худо илтимос мекунем, ки худатро ба ҳалокат наяфканӣ ва ин мансабро қабул кун. Мо ба зӯрӣ ва иҷбор бар ин мансабҳо гумошта шудаем. Абӯҳанифа хоҳиши онҳоро қабул накарда гуфт: «Ибни Ҳубайра, масалан фармоне содир мекунад, ки дар бораи қатли мусулмоне ба ноҳақ». Манро лозим меояд, ки дар зери имзои ӯ мӯҳр бимонам. Қатли ноҳақ баъд аз ширк ба Худо аз гуноҳи кабира аст. Савганд ба Худо, ки ман ин мансабро ҳаргиз қабул надорам». Хабар ба Ибни Ҳубайра расид. Ӯ амр кард, ки ин фақеҳро зиндонӣ кунанд. Ду ҷумъа Абӯҳанифа дар зиндон ҳабс карда шуд. Ӯро дар зиндон азоб медоданд. Ходимони зиндон ҳар дафъа аз ӯ суол мекарданд, ки оё вазифаи мӯҳрдориро қабул мекунӣ ё не?

Ӯ ҳамоно инкор мекард. Баъди шиканҷаҳои зиёд Абӯҳанифа аз волӣ тавассути посбони зиндон хоҳиш намуд, ки ӯро аз маҳбас берун оваранд, то ки ба фуқаҳои Ироқ перомуни қабули мансаб машварат кунад. Абӯҳанифа баъди аз маҳбас озод шудан, бедаранг ба шаҳри Макка ҳиҷрат намуд. Ин ҳиҷрат солҳои 747-748 буд. Ӯ дар доираи уламои шаҳри Макка илми ҳадисро ба ҳадди аъло фаро гирифт.

Соли 750 халифаҳои Аббосӣ ба сари қудрат омаданд. Абӯҳанифа хилофати эшонро хуш пазируфта, ба шаҳри Кӯфа баргашт. Халафаи Аббосӣ Мансур (754-775) баъди бозгашт ӯро эъзоз ва икроми бузург намуда, фармон содир кард, ки 10000 дирҳам ва як каниз ба ӯ ҳадя бидиҳанд. Абӯҳанифа ҳадяи Мансурро қабул накард.

Таҷрибаи дардноки Абӯҳанифа бо ҳокимони уммавиён як бори дигар дар низоми хулафои бани Аббос такрор гардид. Халаифаи Аббосӣ Мансур ба ӯ чунин равияро пеш гирифт ва асли воқеа чунин аст: Ибни Абӯ Лайло қозии шаҳри Кӯфа вафот кард. Мансур гуфт: «Кӯфа аз қозии одиле бебаҳра шуд. Сипас, дастур дод, то Абӯҳанифа, Шарик, Мусъар ва Савриро ба дарбор биёваранд. Пеш аз омадан ин чаҳор тан дар як ҷо ҷамъоварда шуданд. Абӯҳанифа гуфт: «Ман дар ҳаққи шумо пешгӯӣ мекунам, то бубинем, чӣ ҳол рӯй медиҳад? Аввал аз худам оғоз мекунам. Ман барои худам дар назди халифа ҳилае месозам. Сафиён, ту дар роҳ аз чанги маъмурони Халифа мегурезӣ». Ба ту, эй Мусъар, худро назди халифа ба девонагӣ мезанӣ ва аммо ту, эй шарик, дар доми халифа меафтӣ! Сафиёни Саврӣ дар роҳ ба сарбоз гуфт: «Мехоҳам дар гӯшае ба қазои ҳоҷат биншинам. Сафиён ғоиб аз чашми сарбоз паси деворе, ки аз канори он дарёе равон буд, нишаст. Дар ин ҳангом киштие аз он мавқеъ дар убур буд. Аҳди киштиро бо имою ишора ба суи худ хонд. Аҳли киштӣ ӯро шинохта, дар киштӣ савораш намуданд. Сарбоз баъди чанде нидо кард, ҷустуҷӯ намуд. Аз Сафиён хабаре наёфт».

Ҷамоати сенафара иборат аз Абӯҳанифа, Шарик ва Мусъар ба назди Мансур ҳозир карда шуданд. Мусъар худро ба девонагӣ зад. Ӯро аз маҷлис берун карданд.

Навбат ба Абӯҳанифа расиду гуфт: «Эй амиралмӯъминин! Ман, Нӯъмон, фарзанди Собит, ғуломи хазфурӯш ҳастам. Мардуми Кӯфа розӣ нестанд, ки бардаи хазозе қозии эшон бошад. Мансур гуфт: «Ту ба ин кор сазовор ҳастӣ». Абӯҳанифа савганд ёд кард, ки ман ин мансабро ҳаргиз қабул намекунам. Мансур ӯро ҳукм ба зиндон карда, Шарикро дар ин мансаб, яъне – қозии шаҳри Кӯфа таъин намуд».

Дар ситоиши мазҳаби Имоми Аъзам (р) зиёдаравӣ карда, онро аз ҳар назар мазҳаби нав ва бемислу монанд донистаанд. Гурӯҳи дигаре ҳам беинсофӣ нишон дода, изҳор намудаанд, ки Абӯҳанифа (р) ба дараҷаи иҷтиҳод нарасида, балки худ як муқаллид ва тобеи дигарон будааст. Аммо воқеият ин аст, ки Имоми Аъзам (р) дар Ироқ бо як низоми фиқҳии дар ҳоли рушд рӯ ба рӯ шуда, онро рушду тавсеа дода, ҳар чизеро, ки аз устодонаш фаро гирифта буд, ба он афзудааст. Агар рафту дар баъзе мавридҳо аз фақеҳ ё муҳаддиси дигаре пайравӣ карда бошад, дар он таҷдиди назар намуда, ба шахсияти илмии худ истиқлол бахшидааст, то ҷое ки бе ягон хусумат бо дигарон ба дараҷаи иҷтиҳод ва имомат расида, ба «Имоми Аъзам» лақаб гирифтааст.

Яке аз шарқшиносони ғарбӣ бо номи Эдуард Схавгулд бар хилофи баъзе шарқшиноси дигаре, чун Ҷувинбел дар бораи Имоми Аъзам (р) чунин исҳори назар кардааст: «Абӯҳанифа (р) имоми аҳли раъӣ буда ва ӯст, ки назми фиқҳии комиле барқарор намуда, дар замони ӯ равиши пешниҳодие барои фиқҳи исломӣ бар асоси қиёс ба вуҷуд омадааст».

Имом Абӯҳанифа (р) бо шикебоӣ ва хунсардии хоси худ тавонист, фиқҳи исломиро густариш дода, дар он боби ибтикоротро эҷод кунад. Ӯ ҳамчунин бо истифода аз «қиёс ва истеҳсон» фиқҳи

исломиро дар ҷодаи пешрафти худ қарор дод ва дар истидлол ва истинботи аҳкоми шариат роҳро барои фақеҳони баъдӣ, чун Имом Шофеӣ (р) ва бо ин равиш хидматҳои шоёне ба фиқҳ ва усули фиқҳи исломӣ кард. Ин буд, ки пас аз реҳлати Имоми Аъзам (р) мактаб ва роҳравиши ӯ рӯ ба густариш ниҳод ва ба воситаи шогирдон ва фуқаҳои ҳанафӣ ривоҷ ёфта, бар мазоҳиби дигар бартарӣ пайдо намуд. Озодӣ дар баёни андеша истидлол ва иҷтиҳод дар мактаби Имом Абӯҳанифа (р) яке аз омилҳои пешрафти мазҳаби ҳанафӣ дар тӯли таърихи ин мазҳаб ба ҳисоб меравад. Имом Абӯҳанифа (р) бо талфиқ (якҷоя кардан)-и чанд далел фатвоҳои бесобиқае дода аст, ки фақеҳон ва имомони дигар мазоҳиб чунин иқдоме аз худ нишон надодаанд. Ин шуҷоати Имом Абӯҳанифа (р) ҳамеша ҳамроҳ бо басират ва эҳтиёт будааст ва ҳамин аст, ки дар бораи ӯ гуфтаанд. «Ӯ олиме буд, хештандор, ки ба машоири худ истило дошт, дорои қалби собир ва шоир, порсо ва парҳезкор, дар андешаву тафаккур мустақил ва дорои фикри амиқ, ба зоҳири чизе ва масъалае иктифо намекард, сареҳулбаён ва дорои шахсияти бонуфӯз буда, дар баҳсу мунозира чирадаст буд, фақҳе буд мантиқӣ ва каломӣ...».

Баъди вафоти паёбари ислом- Муҳаммад (с), миллати як порчаи мусулмонон рӯ ба парокандагӣ овард. Онҳо ба кашмакашиҳои дохилӣ рӯ оварданд. Сабабгори ин кор ҳисси сарватмандшавӣ, мансабпарастӣ ва дар миёни мусулмонон бештар даст ёфтани дасисаҳои яҳуд ва насоро буд. Баъзе уламо Қуръон ва ҳадисро як сӯ гузошта ба тадрис ва интишори илми ҳикмат, яъне фалсафаи юнониҳо пардохтанд, гурӯҳҳое, ба майдон омаданд, Қуръонро махлуқ мегуфтанд. Гурӯҳе дидори Худои исломро дар рӯз инкор мекарданд. Иддае азоби қабрро дурӯғ шумориданд ва ғайра.

Уламои дилсӯз ба ин дини навин хатари бузургеро эҳсос намуда, ба майдони мубориза идеявӣ (ақидавӣ) баромаданд. Онҳо барои дуруст фаҳмидани маънои оёти илоҳӣ ва аҳодиси набавӣ, қоида ва усули муайяну мушаххас вазъ карданд. Муҳаддисин ба тадвини аҳодис, фуқаҳо ба иҷтиҳоди масоил аз оёт ва ҳадисҳо машғул гардиданд.

Ӯ яке аз чунин муборизони майдони набард ба муқобили фирқаҳои пайдошуда (мӯътазила ва ғайра) аст. Номбурда дар ин амр усули худро вазъ кардааст. Пайравони мазҳаби эҷод намудаи ӯро ҳанафӣ ё аҳноф мегӯянд.

Чунин мазҳабҳо зиёд буданд, вале чаҳортои қавитарини он мақбули оммаи васеи мусулмонон гардид. Онҳо бо номи чаҳор мазаҳаби аҳли суннати ва ҷамоа ёд мешаванд: 1. Ҳанафия. 2. Шофеия. 3. Моликия. 4. Ҳанбалия. Ин чаҳор мазҳаб дар масоили ҷузъӣ ихтилоф доранд, аммо дар асл мисли ҷисми воҳиданд. Аз 2/3 мусулмонони аҳли тасанун дар мазҳаби Ҳанафия мебошанд. Ҳанафиён дар Осиёи Миёна, Туркистони шарқӣ, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш, Туркия, Сурия, Ироқ, Миср, Балкан, Кавкази Шимолӣ, Хитой, Индонезия, Поволье, Анатолия, соҳили баҳри сиёҳ ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Тоторҳо низ дар ин мазҳабанд.

Бештари аҳли тасанун роҳу равиши муайян намудаи Абӯҳанифаро пазируфта, нисбати ӯ эҳтироми зиёде доранд. Аз ин рӯ, пайравони ин мазҳаб ӯро Имоми Аъзам ном ниҳоданд.

Муаррихон ва тазкиранигорон бар исми ӯ, ки Нӯъмон аст, иттфоқи назар доранд. Нӯъмон ба маънии гуногун аст:

1. Ба маънии хун аст. Хун қоимдорандаи бадан аст. Абӯҳанифа саромади илми фиқҳ ва қоимдорандаи фиқҳ аст.

2. Ба маънии гули сурхи хушбӯ аст, ки онро гули шақоиқ ё арғувон меноманд. Бӯи муаттар ва хуш дорад. Муосирон гуфтанд, ки Абӯҳанифа хушбӯиро хеле дӯст медошт ва ҳамеша ӯро аз бӯи хушаш аз дигарон фарқ мекарданд.

3. Нӯъмон бар вазни фӯълон аз моддаи неъмат аст. Куняти Абӯҳанифа. Лақаби эҳтиромии одамон ба расми арабҳо, ки бо аб, абу, аби, ибн, ё бинт меояд, кунят гуфта шудааст. Масалан, Абӯ Алӣ умми, Кулсум, Ибни Сино ва ғайра. Тазкиранигорон инчунин иттифоқи назар доранд, ки куняти Нӯъмон (Имоми Аъзам) Абӯҳанифа аст. Ин кунят аз ду калима иборат аст. Абӯ – падар ва Ҳанифа – касе, ки дар ақидаи худ ба хусус дар ақидаи динӣ пойдор, устувор, пой бар ҷо ва ҳақиқӣ мебошад. Ҳанифӣ дар лафзи араб нишонаи таънис (исми занона) аст. Дар калимаи Ҳанифа (та) тои таънис илова шудааст ва ин калима шакли ҳанифатаро гирифтааст. Ин калима низ обид ё мусулмонро ифода намуда, маънои раванда ба сӯи дини ҳақ ва дини яктопарастиро дорад. Аз сабаби он ки Нӯъмон дар фиқҳи дини худ устувор буд, ӯро Абӯҳанифа хондаанд.

4. Баъзеҳо гуфтанд, ки имом доим гиёҳеро истеъмол мекарданд, ки дар лаҳҷаи мардуми Ироқ ҳанифа номида мешуд.

5. Бархе гуфтаанд, ки имом духтаре дошт – Ҳанифа. Пас, падари Ҳанифа гуфтаанд, аммо дар ҳадди таҳқиқ имом ғайр аз Ҳаммод фарзанди дигаре надоштааст.

6. Дар лаҳҷаи ироқӣ кӯза (офтоба)-и таҳораткуниро ҳанифа гӯянд. Ба сабаби доим бо таҳорат будани Абӯҳанифа ӯро чунин гуфтаанд.

7. Мавлавӣ Ҳикматуллоҳ ибни Фатҳуллоҳи Одилободӣ, Абӯҳанифаро – Абул-миллат номидааст. (Ин зимни баёни куняти ӯ гуфта шудааст).

Абӯҳанифа, забони форсӣ ва густариши мазҳаби ӯ дар Осиёи Миёна.

Чуноне ки дар саҳифаҳои гузашта иттилоъ дода шуд, Абӯҳанифа аслан форс аст. Дар оилаашон бо забони форсӣ гуфтугӯ менамуданд. Паёмбари ислом оиди форсҳо хело таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Барои мисол, гуфтааст: «Беҳтарини Аҷам форс аст». Айзан ӯ гуфтааст: «Биҳиштиён бо забони арабӣ ва форсӣ такаллум мекунанд». Рӯзе Муҳаммад (с) оятеро мехонд. Маънои оят ин аст, ки «агар, эй араб, Шумо аз ин дин рӯй бигардонед, қавме пайдо хоҳад шуд, ки кори ин динро пеш хоҳад бурд. Азҳоб аз ӯ суол карданд, ки он кадом қавм аст? Дар ин асно Салмони Форс дар паҳлуи вай нишаста буд. Паёмбар гуфт: Қавми Салмони Форс кори дин бо шоистагӣ пеш хоҳад бурд».

Абӯҳанифа дар он замонҳои хеле тезу тунди густариши дини ислом ва ҷорикунии забони арабӣ тавонист, ки забони форсиро пойбарҷо қарор бидиҳад.

Аввалан, ин ки ӯ забони форсиро забони дуюми дин баъд аз забони арабӣ эълом дошт. Сонияи ,тафсири Қуръон ва хондани намозро бо забони форсӣ иҷозат дод. Аввалин тафсирҳои Қръон аз он замон аст (мисли тафсири Табарӣ).

Муаррихи муосири Эрон Муҳаммад Ҷаводи Машкур менависад: «Имом Абӯҳанифа, Нӯъмон ибни Собит ибни Қайс ибни Марзбон нахустин фақеҳе ҳаст, ки адои намоз, ё сиғаҳои шаръӣ ва ҳатто тарҷумаи Қуръонро ба забони порсии дарӣ раво донист».

Чунон ки мебинем, нахустин осори забони форсии дарӣ, тарҷумаҳо ва тафсирҳо аз Қуръон бо ин забон аст. Агар порсии дарӣ забони мусулмонони Эрон намешуд ва фуқаҳои бузурге чун Абӯҳанифа бо ҷонишин сохтани он забон дар адои намоз ва сиғаҳои шаръӣ фатво намедоданд ва Абӯнасри Машкон муншӣ ва дабири дарбори Ғазнавӣ онро забони китоби девони давлатии Эрон намесохт, ҳаргиз он забон наметавонист дар Эрон пойдор бимонад, балки монанди дигар мамолики фатҳшуда чун Шом ва шимоли Африқо ба тадриҷ забони миллӣ аз байн рафта ва забони арабӣ ҷои онро мегирифт.

Дар замони салтанати Сомониён забони форсӣ дар баробари забони арабӣ, забони илму адаб, нигориш ва низ давлатдорӣ буд.

Дар ҳаёти маданӣ асри 9-10 ҷараёни «шуъубия» хеле равшану возеҳ дар адабиёт зухур карда буд, (мавқеи калон дошт). Ба зӯрӣ ҷорӣ кардани ислом ва забони арабӣ бо суръат идома дошт. Арабикунонӣ ҳанӯз аз замони тавсиа ёфтани ислом дар мамолики берун аз Маккаю Мадина оғоз ёфта буд.

Дар даврахои ниҳоят вазнин Абӯҳанифа тавонист қарзи миллияти хешро дар назди аҳли форс адо намояд ва қоимияти забони форсиро нигоҳ дорад.

Н. Неъматов дар китобаш «Давлати Сомониён» тазаккур додааст, ки дар Осиёи Миёнаи давраи Сомониён ба таври расмӣ мазҳаби ҳанафӣ қабул шуда буд. Ҳамзамон дар ин мулк пайравони шофеия низ зиндагӣ мекарданд. Онҳо таъқиб намешуданд. Ғайр аз ин, ду мазҳаб дар аҳди Сомониён ҷараёну равияҳои рофизӣ, тасаввуф, мӯътазилия, кароммия ва ғайра вуҷуд доштанд. Дар Самарқанд 17 мадраса ва ҷамоаҳои мӯътазилиён ва карромиён тааллуқ дошт.

Хонум доктор Онимории Шемел, ховаршиноси машҳури олмонӣ, ки аз мавлваишиносони маъруфи муосир аст, давраи аббосиёнро авҷи таммадун ва ҳунари исломӣ медонад ва мегӯяд: «Донишмандони мусулмон осори риёзӣ, фалсафӣ ва тиббиро аз форсӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ ва арабӣ тарҷума карданд. Пояҳои назари фиқҳи исломӣ гузошта шуд (чаҳор мактаби фиқҳӣ: ҳанбалӣ, шофеӣ, ҳанафӣ ва моликӣ)».[4]

Фариддидин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ орифи машҳури қарни шашум ва аввалҳои қарни 7-уми ҳиҷрӣ, ки силсилаи тариқаташ ба Абӯсаиди Абулхайр (р) мерасид дар осори гаронбаҳояш борҳо имомони чаҳоргонаро ба хубӣ меситояд. Аз ҷумла дар «Тазкиратулавлиё» аз онон сухан мегӯяд.

Зикри имоми ҷаҳон Абӯҳанифа (р): «Он чароғи шаръ ва миллат, он шамъи дин ва давлат, он Нӯъмони ҳақоиқ, он ъуммони ҷавоҳири маонӣ ва дақоиқ, он олими орифи суфӣ, имоми ҷаҳон Абӯҳанифаи Кӯфӣ (р).

Сифати касе, ки ба ҳамаи забонҳо сутуда бошад ва дар ҳамаи ҳикматҳо мақбул, кӣ тавонад гуфт? Риёзату муҷоҳада ва хилвату мушоҳадаи ӯ ниҳоят надошт ва дар усули тариқат ва фурӯи шариат дараҷаи рафеъ ва назири нофеъ дошт ва дар фаросат ва сиёсат ягона буд ва дар мурувват аъҷуба буд. Ҳам карими ҷаҳон буд ва ҳам ҷаводи замон. Ҳам афзали аҳд буд ва ҳам аъламий рӯзгор».[5]

Абӯҳанифа Нӯъмон бинни Собит бинни Зуттӣ бинни Моҳ дар «Райҳонатуладаб» гӯяд: «Насаби ӯ ба Яздҷард бинни Шаҳриёр охирин молики Сосонӣ мерасад». Дар соли 70-уми соли ҳиҷрӣ дар Кӯфа мутаввлид шуд ва дар соли 150 ҳиҷрӣ дар Бағдод даргузашт.[6]

**КАЛИДВОЖАҲО**: пешвои мазҳаби исломӣ, мазҳаби ҳанафӣ, фиқҳи исломӣ, мактаби Абӯҳанифа, бунёдгузори мазҳаб, муассиси яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли тасаннун.

АДАБИЁТ

1. Пажӯҳиш дар бораи имомони аҳли суннат, имом Абӯҳанифа, имом Молик, имом Шофеъӣ, имом Аҳмад, Фаридуни Сипарӣ, интишороти Курдистон, соли 1386.-с.65.
2. Маҷаллаи Тоҷикистон, моҳи март-апрели с. 1998.-с.18.
3. Пажӯҳиш дар бораи имомони аҳли суннат, имом Абӯҳанифа, имом Молик, имом Шофеъӣ, имом Аҳмад, Фаридуни Сипарӣ, интишороти Курдистон, соли 1386.-с.16.
4. Шукӯҳи шамс, сайре дар осор ва афкори Мавлоно бо муқаддимаи осори Саид Ҷалолиддини Оштиёнӣ-тарҷумаи Ҳасан Лоҳутӣ, ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ-чопи аввал.1465. с. 18.
5. Тазкиратул авлиёи шайх Фаридаддини Аттори Нишопурӣ, тавзеҳот аз дуктур Муҳаммад Истъломи китобфурӯши Заввор, чопи саввум соли 1360.-с. 50.
6. Пажӯҳиш дар бораи имомони аҳли суннат, имом Абӯҳанифа, имом Молик, имом Шофеъӣ, имом Аҳмад, Фаридуни Сипарӣ, интишороти Курдистон, соли 1386.-с.60.

### ТАДЖИК – ПРЕДВОДИТЕЛЬ ВЕЛИКОГО ТЕЧЕНИЯ В ИСЛАМСКОЙ РЕЛИГИИ

***Ф. Ходжиева***

Данная статья посвящена изучению жизни и деятельности Великого Имама-Абуханифы Нуъмон ибн Сабита – великого религиозного правоведа Ислама.

### THE TAJIK LEADER OF THE GREAT TENDENCY IN THE ISLAMIC RELIGIOUS

***Ph. Hojieva***

The article considers about the study of lige and activities of the great Imomi Abuhanifa Wumon ibn Sobita – the great of Islamic jurist.

## ОСОБЕННОСТИ ВОЕННО – ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА

***С.О. Сатторов***
**Академия педагогических наук РТ**

Военно – педагогический процесс представляет собой сложное социальное явление. Его сущность заключается в целенаправленной организаторской и учебно – воспитательной деятельности командиров, политработников и штабов по подготовке военных специалистов, подразделений и частей к успешному ведению боевых действий в условиях современной войны.

Военно – педагогический процесс – это двухсторонняя активная деятельность командиров (начальников) и подчиненных, в ходе которой осуществляется формирование у воинов высоких морально – боевых качеств, готовности к ведению боевых действий в условиях современной войны, происходит сколачивание подразделений как единых боевых организмов.

Основу военно – педагогического процесса составляет политическая, боевая и техническая подготовка, которую можно рассматривать как одну из форм труда. Продукты этого труда (знания, навыки, умения воинов) имеют огромную общественную значимость.

Направленность и содержание военно – педагогического процесса как процесса социального зависит от ряда факторов.

Прежде всего он обусловлен характером общественного строя, идеологией и политикой правящего класса.

Весь процесс обучения и воспитания воинов пронизан духом идейности, патриотизма, духом высокой ответственности каждого за выполнение своего долга перед Родиной. Данный процесс осуществляется под непосредственным руководством нашего руководства.

Зависимость военно – педагогического процесса от политики государства определяет характер воспитания и обучения личного состава Вооруженных Сил Республики Таджикистан. Это находит свое отражение в таких закономерностях военно – педагогического процесса, как единство воспитания, воспитания и обучения, воспитывающий характер обучения, и обусловливает проявление принципов научности в обучении, целеустремленности и воспитании.

Содержание военно – педагогического процесса зависит от уровня развития производительных сил. Экономика страны является материальной основой мощи наших Вооруженных Сил Республики Таджикистан. Благодаря усилиям и заботе государства и народа она позволяет оснащать Вооруженные Силы Республики Таджикистан новейшими видами боевой техники и оружия, обеспечивать армию всем необходимым для решительного разгрома любого агрессора.

Под влиянием военно – технического фактора изменяются содержание, формы и методы обучения и воспитания. Военно – педагогический процесс стал более напряженным, технически оснащенным.

Военно – педагогический процесс имеет и свою определенную структуру. Как правило, в нем выделяются два этапа: одиночная подготовка солдата и подготовка подразделений, частей, хотя оба эти этапа взаимосвязаны и взаимообусловлены.

По характеру решаемых задач процесс обучения делится на два периода – зимний и летний. В конце каждого периода обучения подводятся итоги боевой выучки и боевой готовности как каждого военнослужащего, так и подразделения, части в целом.

Наряду с плановыми занятиями военно – педагогический процесс включает в себя и вопросы организации службы войск, широкую систему политико – воспитательных мероприятий, проводимых с личным составом командирами, политработниками.

Таким образом, военно –педагогический процесс – явление весьма сложное, динамичное, имеющее свою специфику. Он призван решать конкретные задачи по подготовке воина, подразделений и частей к защите нашей Родины, к успешному ведению боевых действий в современной войне. Растущее боевое мастерство воинов, их готовность к разгрому любого агрессора есть результат напряженной трудовой деятельности, имеющей воинскую направленность. Воинская направленность, специфические условия труда и быта воинов решающим образом влияет на содержание, методику организации и проведение военно – педагогического процесса, определяют его характерные особенности.

Прежде всего воинский труд, овладение воинским мастерством является служебной обязанностью каждого военнослужащего. Эта обязанность юридически закреплена в Конституции Республики Таджикистан (ст.43), в Законе о всеобщей воинской обязанности, в военной присяге и уставах.

В соответствии с требованием военной присяги и уставов воин несет юридическую ответственность за качество своего труда. Недобросовестное отношение к овладению воинской специальностью, к своим обязанностям может быть квалифицировано как уклонение от выполнения своего долга перед Родиной. Обязательность воинского труда, его нравственно правовой характер являются важным условием, способствующим добросовестному отношению военнослужащих к овладению знаниями, навыками и умениями по специальности, к выполнению всех служебных обязанностей.

Существенной особенностью военно – педагогического процесса, обусловленной его трудовым характером, является то, что система знаний, навыков и умений, которыми должны овладеть воины, выступает не только в форме теоретических понятий, категорий и правил, как это имеет место в школьном обучении, но и как основа служебной деятельности, иначе говоря, военно – педагогический процесс осуществляется в неразрывном единстве со служебной деятельностью воинов и носит ярко выраженный практический характер. Получаемые ими знания, навыки и умения в процессе обучения сразу же применяются при несении боевого дежурства, выполнении регламентных работ и т.д. Это, с одной стороны, требует высокой прочности знаний, навыков и умений воинов, а с другой – способствует их закреплению и поддержанию в постоянной мобилизационной готовности.

Непосредственная связь военно – педагогического процесса со служебной деятельностью требует так организовать боевую и политическую подготовку личного состава, чтобы не нарушалась боевая готовность подразделений, частей и соединений. Следовательно, военно – педагогический процесс осуществляется в условиях постоянной боевой готовности войск и направлен на ее обеспечение. Эту особенность исключительно важно учитывать при организации подготовки специалистов непосредственно в подразделениях.

Чтобы обеспечить постоянную, боевую готовность, необходимо как можно быстрее ввести в строй молодого солдата, то есть дать ему необходимые знания, навыки и умения, которые бы обеспечили высококачественное выполнение им функциональных обязанностей по специальности. Это означает, что учебный процесс нельзя равномерно растягивать на два года (срок службы воина). В интересах обеспечения постоянной боевой готовности боевая учеба воинов строится с таким расчетом, чтобы сравнительно короткое время молодого солдата подготовить как специалиста, а в процессе дальнейшей службы совершенствовать его знания, навыки и умения.

Следовательно, учебный процесс в армии носит ярко выраженный концентрический характер, когда материал, изучаемый на одном этапе, повторяется на последующих этапах обучения. При этом важно так строить учебный процесс, чтобы повторение материала обязательно сочеталось с элементами нового, в противном случае воины будут утрачивать интерес к занятиям.

Непосредственная связь учебного процесса со служебной деятельностью, подчинение его задаче обеспечения постоянной боевой готовности требуют от воинов освоения сложной боевой техники и оружия в короткие сроки. Все это значительно повышает затраты интеллектуальных, эмоциональных и физических сил воинов в процессе овладения ими воинскими специальностями.

Одной из важнейших особенностей военно – педагогического процесса является высокая напряженность занятий по боевой подготовке. Это обусловливается, с одной стороны, сокращением срока службы в армии, а с другой – все увеличивающимся объемом программного материала. Умственная нагрузка на единицу учебного времени резко возросла.

О напряженности учебного процесса свидетельствует также возрастание трудозатрат при овладении знаниями, навыками и умениями, необходимыми для эксплуатации и обслуживания современной боевой техники и оружия.

Военно – педагогический процесс носит многоплановый, ступенчатый характер, что также является его особенностью. Командиру и политработнику подразделения в ходе обучения личного состава приходится иметь дело не только с воинами различных специальностей, но и с различным уровнем их профессиональной подготовленности, боевого мастерства (одни только начинают овладевать специальностью, другие же борются за повышение классности). Одновременно с этим руководители военно – педагогического процесса постоянно решают задачу боевого сколачивания подразделения, создания дружного, сплоченного воинского подразделения, создания дружного, сплоченного воинского коллектива, добиваются взаимозаменяемости, полного взаимопонимания и дружеского единения воинов в коллективе. При этом в обучении личного состава важное значение придаётся заблаговременной подготовке равноценной замены каждому, кто будет уходить в запас, а также обеспечению непрерывности в учебе, то есть проведению ее без какой – либо сезонности, спада или раскачки при переходе от одного учебного года к другому.

Многоплановость военно – педагогического процесса обусловливается и тем, что деятельность воинов протекает в разнообразной обстановке, ставит их в самые различные ситуации. Занятия проводятся на разнообразной местности, в любое время суток и года, в неблагоприятных условиях, в сложной оперативно – тактической обстановке, в различной группировке. Поэтому нужны не только прочные знания, навыки, умения, но и психологическая готовность к действиям в разнообразных условиях, неожиданных и опасных ситуациях.

Существенной особенностью военно – педагогического процесса является то, что он пронизывается стройной системой работы, проводимой командирами, политработниками, организациями. Воспитательная работа охватывает своим влиянием весь военно - педагогический процесс, расширяет его границы, направляет его развитие, оказывает постоянное воздействие на достижение высоких результатов учебно- воспитательной работы.

Особенность военно – педагогического процесса проявляется и в том, что обучение воинов одноименной специальности в подразделении проходит в условиях различного уровня их общеобразовательной подготовки (по одной и той же программе обучаются воины, имеющие высшее, незаконченное высшее, среднее, а иногда и неполное среднее образование).

Различие в уровне общеобразовательной подготовки требует максимальной индивидуализации процесса обучения, которая может осуществляться в основном по двум направлениям: по линии внедрения в учебный процесс методов программированного обучения личного состава по индивидуальным планам.

Таковы основные, наиболее общие особенности военно – педагогического процесса, которые необходимо учитывать при организации боевой и политической подготовки личного состава подразделений. Эти особенности наглядно убеждают, что военно - педагогический процесс гораздо шире, многограннее и сложнее, комплекс образовательных и воспитательных задач с целью подготовки воинов к ведению современного боя.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: сущность и особенности военно- педагогического процесса, основы военно- педагогического процесса, содержание военно- педагогического процесса.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Давыдов В.К., Кузнецова И.А. «Военная педагогика» Москва-1986 г.
2. Комарова А.В., Алексеев К.С. «Основы военной педагогики и психологии» Военное издательство, Москва-1988 г.

# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ҲАРБӢ-ПЕДАГОГӢ

*С.О. Сатторов*

Мавзӯи мазкур дар шароити истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами аввалин дар педагогикаи ҳарбӣ ва барои ҳамаи муассисаҳои ҳарбии таълимӣ актуалӣ мебошад, Тайёрии кадрҳои ҳарбиро дар самтҳои сиёсӣ, муҳорибавӣ ва техникӣ фаро мегирад. Омилҳоеро нишон медиҳад, ки ба кадрҳои ҳарбӣ дар ташаккули сифатҳои баланди маънавӣ-ҳарбӣ таъсир мерасонанд.

THE PECULIARITY OF MILITARY PEDAGOGICAL PROCESS

*S.O. Sattorov*

The article considers about the conditions of sovereigntly of Republic of Tajikistan in the science became the first steps in the military pedagogica, it's one of actual sorthe military educational building. It's aggecting train of military cabres in the political militant and thechnical direction.

## СОЗГОРИИ ИҶТИМОИИ ТАРБИЯТИ МОДЕРН ВА СУННАТӢ

***Мухтори Асновандӣ***
**Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар рӯйкарди суннатӣ омӯзиш ва арзишёбӣ, ки танҳо омили назорати омӯзиши суннатӣ аст, ба сурати фардӣ анҷом мепазирад. Ин дар ҳолате аст, ки омӯзиши электронӣ аз сохтори ҷанбаи иҷтимоиёфта махсуб шуда, он аз ҳолати фардӣ хориҷ мегардад.

Омӯзиши суннатӣ такя бар рақобати носолим дорад. Ин дар ҳолест, ки дар омӯзиш бо рӯйкарди ҷадид, мушорикат ба миён омада ва кори гурӯҳӣ ва тимӣ арзиши волотареро касб мекунад.

Дар асри иттилоот ҳаҷми иттилоот рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст, лизо, захира ва ҳифзи иттилоот тақрибан барои фарогирандагон номумкин менамояд. Дар вақтҳои охир вазифаи ҳифзи иттилоот аз фарогирандагони он хориҷ гашта, онҳо мебояд қудрати ба даст овардан ва мудирияти иттилоотро дошта бошанд. Дар ин росто равобити мударрисин бо тарбиятгирандагон аз аҳамияти зиёде бархӯрдор аст.

Муддарисин дар равиши суннатӣ гӯяндагон буда, фарогирандагон танҳо шунаванда ҳастанд. Дар рӯйкарди ҷадид ин сохтор тағйир ёфта, ҳар ду гурӯҳ ба унвони ёдгиранда ва ёддиҳанда амал мекунанд. Дар гироишоти ҷадид муаллим ба унвони манобеи дониш шинохта намешавад, балки ба унвони як омӯзанда ҷиҳати чи гуна фикр кардан ва чи гуна ёд гирифтан шинохта мешавад. Нақши муаллим тағйир меёбад. Муаллим ба донишомӯз меомӯзад, ки чи гуна корро аз худ кунад, то ӯ дар мавриди равишҳо сӯҳбат карда тавонад. Муаллим на ҷузъиёти равиш ба даст овардан ва мудирияти донишро ба ӯ меомӯзад, балки тарзи захирасозии донишро фароҳам меорад.(1:76)

Донишомӯзон ва фарогирандагон дар ин ҳолат бисёр фаъолтар буда, пӯётар аз қабл ҳастанд ва тағйироти сохторӣ дар онҳо низ тараққӣ ёфта, нақши онҳоро низ тағйир медиҳад.

Мӯҳтавои дарс низ дар ҳолати электроникӣ номаҳдуд мешавад, зеро абзори тавлиди давраҳо густариши зиёде ёфта, дар ин ҳолат ёдгирӣ аз ҳолати камӣ ба ҳолати кайфӣ табдил мешавад ва ҳаҷми омӯзиш дигар маъно ва маконе надорад, балки кайфияти омӯзиш аст, ки таъсиргузор ва муассир мебошад.

Аз ин ҷо ки ҳавоси бештаре дар ёдгирӣ бо рӯйкарди ҷадид дахил мешаванд, таъсироти ёдгирӣ низ ба маротиб бештар ва амиқтар аст.

Чунонки мушоҳида мешавад, бештари афрод аз кор кардан ва фаъолият дар манзил дар канори хонавода лаззати бештар мебаранд, зеро дар чунин муҳит кас бо маҳдудияти замонӣ рӯбарӯ намешавад. Илова бар ин, ӯ ниёзманди макони изофӣ барои ҷамъоварии маводи зарурӣ нест.

Дар омӯзиши навин фаъолияти шахс аз лиҳози замонӣ гусастагӣ надошта ва метавон пайвастагиро аз алоими боризи он ба ҳисоб овард. Албатта, дар канори тамоми мазоиёе, ки барои омӯзиши электронӣ матраҳ мекунанд, дигар мазоиёе дар муқобили омӯзиши суннатӣ матраҳ мешавад. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳони саввум, ба далели боло будани равобити отифӣ миёни кӯдакон ва хонавода, равобити байни фарогирон низ аз назари отифӣ рушд меёбад.(2:76) Ин дар ҳолест, ки омӯзиши маҷозӣ ва электроникӣ андаке аз ин равобит мекоҳад ва дар аксари вақт ҳолати корӣ ва идорӣ пайдо мекунад, ки шояд битавон дар солҳои минбаъда ин мавридро ҳифз намуд.

Ҳангоми омӯзиш мо шоҳиди ҷаҳони пур аз такмилҳо ва шикастҳо ҳастем. Канор ниҳодани ақлу хирад ва пайравӣ аз ҳиссиёти дарунӣ, ғароизи ҳайвонӣ ва худхоҳиҳо боиси рушди инсонҳои бераҳм ва бемантиқ гардидааст. Вуҷуди ин ҳама беадолатӣ муайиди ин амр аст, ки башари имрӯзӣ қабл аз ҳар чиз ба тарбият ниёз дорад. Акнун фановариҳои илмӣ рӯзафзун гаштааст ва меравем, то худ маҳсули маҳсулоти худро дида бошем. Дар канори ин пешрафтҳои давр, дур аз интизор ҷои чизе холӣ аст ва он чизест, ки ба илм ҷиҳат медиҳад ва он чизе ҷуз ахлоқиёт нест. Тарбияти носаҳеҳ ва ахлоқиёти фосид сабаб шуда, ки ба ҳамнавъони худ осеб бирасонем. Бештари донишмандон мӯътақиданд, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуди ҷаҳонӣ се роҳи ҳал вуҷуд дорад: ҷанг, инқилоб ва тарбият. Ба эътиқоди баъзеҳо ҷанг кобуси тасвирнопазире аст ва инқилоб равиши ғайритасаввур, вале ин тарбият аст, ки ба оромӣ инсонро рӯ ба такомул мебарад ва ӯро мутаваҷҷеҳи имконоти холиқонаи худ мекунад. Тарбият аст, ки ба инсон ҷиҳат медиҳад ва ӯро ҳадафманд месозад. Тарбият ва танҳо тарбият доруи дарди башарият аст.

Тарбият ба таври суннатӣ ба сурати эҷоди одат аз тариқи бакоргирии шеваҳои танбеҳ ва подош таъриф шудааст. Нигоҳи суннатии тарбият назар бар фарояндӣ будааст, ки таи он ҳадақал ду нафар, яке ба унвони муаллим ё мураббӣ ва дигаре ба унвони мутаррабӣ ба сурати боло-поён бо якдигар иртибот доранд. Дар ин ҷо мураббӣ  дорои вижагиҳо, маҳоратҳо ва тавонмандиҳое аст, ки мехоҳад онро ба мутараббӣ интиқол диҳад. Ин ки ин интиқол аз боло ба поён аст, ба ин маъно сирфан ин раванд як ҷараёнест, ки маҳз ба сабаби мавҷудияти он ин протсесс барқарор аст. Ин интиқоли маҳоратҳо ва маълумот аз тариқи амр ва наҳй кардан ва танбеҳ ва подош сурат мегирад. Дар ин формула, ки тамоми иттилоот аз тариқи мураббӣ ба мутараббӣ ҷорӣ мешавад, мутараббӣ чорае ҷуз гирифтани иттилооти бечунучаро надорад. Чунин системе агарчи қадимӣ аст, аммо ҳанӯз дар порае аз ҷомеаи суннатӣ, рустоҳо ва маконҳое, ки камтар дар маърази пешрафтҳои технологӣ ва илмӣ қарор гирифтаанд, ба роҳатӣ дида мешавад. Дар бисёре аз шаҳрҳо ва рустоҳо ду даҳаи охир чунин вазъеро метавон дид. Таълими мактабхонаӣ ва тарбияти падарӣ– фарзандӣ аз хусусияти чунин системе аст, агарчи чунин тарбият холӣ аз мушкилӣ нест, вале ба назар мерасад, ки ҷомеаи кӯчак ва камтар тавсиаёфта аз чунин системи тарбиятӣ фоидаи зиёде мебаранд. Дар ин ҷомеаи сода афрод зиндагии худро ба дур аз гирифториҳои имрӯзи ҷаҳон сипарӣ мекунанд. Дар чунин система писар дунболаи падар аст ва ҳам аз ҷиҳати вижагиҳои равоншиносӣ  ва шахсиятӣ ва ҳам аз назари маниш ва шеваи зиндагӣ бисёр ба падар шабоҳат пайдо мекунад. Наҷорзода наҷор, раиятзода раият мешавад. Дар ин ҷо тааруз дар интихоб вуҷуд надорад, чун шавқи дигаре боқӣ намемонад, то интихоб шавад. Ҳама чиз аз қабл таъин шудааст. Дарвоқеъ, шояд битавон гуфт, ки гирифториҳои ҷаҳони имрӯз вақте аз тариқи технология ба ҷомеаи содатар сироят пайдо кард, ҳамаи сохторҳои мавҷуд онро бо ҳам зад. Шакке вуҷуд надорад, ки таълиму тарбияти модерн буд, ки ҷомеаи суннатиро аз ҳам пошид. Корбурди равишҳои илмӣ дар таълиму тарбият вижагии мушаххаси тарбияти модерн ва имрӯзӣ аст. Робитаи яксӯяи мурработ ва мутарабии мардуд шинохта шудааст. Ин робита маҷбурӣ нест. Чунин системаи таълиму тарбиятӣ аст, ки сабаби эҷоди тағйироти нисбатан собите дар фард мешавад. Дар ин система технология дар хидмати тарбият қарор мегирад ва тарбият инсонро ба истифодаи беҳтар аз технология раҳнамун месозад. Ҷараёне, ки ҳеҷ гоҳ дар ин аср ба вуқӯъ напайвастааст ва комакон инсон дар хидмати технология қарор дорад. Агарчи аз вижагиҳои таълиму тарбияти суннатӣ адами таваҷҷӯҳ ба тафовутҳои фардӣ ва халлоқияти афрод аст дар тарбияти модерн ва илмӣ бештар сайъ бар шукуфо сохтани истеъдодҳои афрод аст. Агар аз ин таърифи мутаадиде, ки барои тарбият вуҷуд дорад, бигзарем, ба таври куллӣ метавон тарбиятро ҷараёне донист, ки ба таври мустамар дар ҷиҳати рушди ҳамаи ҷамбаҳои фард (ҷисмонӣ, равонӣ, отифӣ, иҷтимоӣ ва динӣ) ва шукофо сохтани истеъдодҳои ӯ вуҷуд дорад. Дар ин маънӣ, тарбият иборат аз омӯзишҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ аст. Ба ин тартиб, тарбият фароянде аст, ки дар саросари умри инсон иттифоқ меафтад ва қоидатан ҷамбаи такомулӣ, рушдӣ ва суудӣ дорад. Бад-ин маънӣ, ки ҳарчи пештар меравем, фард шукуфотар мешавад. Назарияҳо ва мудирияти тарбият баста ба ин аст, ки дидгоҳҳои мо нисбат ба инсон чӣ гуна бояд бошад? Оё ӯро мавҷуди зотан шурур бидонем, ё зотан хуб; ё монанди лафҳи сафед ва заминӣ. Баъзе аз андешамандон инсонро мавҷуди зотан шурур медонанд. Томас Ҳопс мӯътақид буд, ки инсонро бояд тарбият кард ва ахлоқи ҳасана ба ӯ омӯхт. Ин тарбият аст, ки инсонҳоро ба сӯи некӣ ва хубӣ ҳидоят мекунад. Ба назари Ҳопс, агар инсон тарбият нашавад, тарбияти ӯ нопок ва сиришти вай бадхӯиро нишон хоҳад дод. Дар иваз Локк-файласуфи инглисӣ қарни XVII мӯътақид буд, ки инсон мавҷуде аст, дорои зеҳн ва сиришти тиҳӣ аз ҳар вижагӣ. Бинобар ин, дар ҷавоби ин суол, ки зеҳн аз куҷо ин ҳама маводро барои истидлол ва шинохт меоварад? -ӯ ҷавоб медиҳад: «Аз роҳи таҷриба». Таҷриба аст, ки ҳамаи дониши мо сарчашма мегирад ва таҷриба аст, ки саранҷом дониш ҳосил мешавад. Ба назари Локк муҳит дар парвариш ва тарбияти инсон нақши асосӣ дорад. Мо аз роҳи тақлид ва подош ва танбеҳ меомӯзем. Ба унвони мисол, агар кӯдаке бубинад, ки волидайнаш дар қиболи муваффақиятҳои дигарон онҳоро шамотат мекунад, ӯ низ меомӯзад, ки нисбат ба дигарон ҳусуд бошад. Ҳол, агар дар ин ҳолат подош

дарёфт кунад ва кори ӯ аз тарафи волидайн таъид гардад, ӯ сайъ мекунад, ки ҳасодати худро тақвият кунад. Ҷон Локк ҳадафи аслии тарбият ва таълимро назорат мекунад (10:45). Фард аз таърихи тарбият ёд мегирад, то бар омил ва рафтори худ тасаллут ёбад. Рафторҳое аз худ буруз диҳад ва қабл аз анҷоми ҳар амал ва рафтор дар қиболи он андеша кунад. Ӯ пояи ҳамаи фазилатҳоро дар ин медонад, ки фард битавонад аз ирзои хостаҳои худ даст бикашад. Ба назари Ҷон Локк подош ва танбеҳи физикӣ яке аз роҳҳои тарбият аст ва беҳтарин подош танҷид ва ситоиш ва беҳтарин танбеҳ адами қабул ва ибрози норизоиятӣ аст. Жан Жак Руссо-файласуфи Суисӣ (қарни XVIII) бар хилофи Ҷон Локк мӯътақид буд, ки кӯдакон маҳфазаҳои холӣ ё алвоҳи нонавишта нестанд, балки ҳолат ва равишҳои хоси худро аз назари эҳсос ва андеша доро мебошанд. Онҳо мутобиқ бо тарҳи табиат рушд меёбанд ва мо бояд танҳо таҳсилкунандаи ин рушд бошем. Ӯ инсонҳоро бо табиати пок меангошт ва эътиқод дошт, ки агар бигзорем, табиат кори худро мекунад, ҳарчанд ниҳоятан инсонҳо таҳти интиқод ва бандагии нерӯҳои иҷтимоӣ дар меоянд. Жан Жак Руссо дар китоби маъруфи худ ба номи «Эмил» андешаҳои тарбиятиро чунин баён доштааст: «Эмил писари Фарзӣ аст, ки Руссо онро рушд додааст. Ӯ мӯътақид аст, ки Эмил худ тавассути нерӯҳои табиии худ хоҳад омӯхт, роҳ хоҳад рафт ва шурӯъ ба сухан гуфтан хоҳад кард. Чизе ба Эмил таҳмил намешавад, балки озод гузошта мешавад, то худ иштиёқ пайдо кунад. Эмил меомӯзад, ки ҳар чизеро бар асоси таҷрибаи худ доварӣ кунад. Бад-ин сон ӯ метавонад ба дурустӣ биандешад ва амал кунад» (10:34). Ба илова аз замонҳои қадим тарбият бо дин ба гунае омехта буд. Ҳар ҷомеае дар асоси мазҳабе, ки барои худ бармегузид, сайъ мекард, афроди ҷомеаи худро барои бар по доштани суннатҳои мазҳабӣ ва одобу русуми динӣ тарбият кунад. Дар ислом аҳамияти хосе ба тарбияти фарзанд дода шудааст. Чаро, ки яке аз ҳуқуқи асосии фарзанд нисбат ба падар тарбияти дурусти ӯст. Дар аҳамияти тарбият дар ислом ҳамин бас, ки дар «Қуръони Маҷид» аз ҳадафҳои Паёмбарон ба унвони тарбият ном бурда шудааст. Тарбият дар ислом бо маъноҳо ва таъбирҳои мухталифе ба кор бурда шудааст. Ба ин маънӣ, тарбият ба маънои расидан ба рушд аст.

Омӯзиши сареҳи афрод навиштаи хубро бо тавоноии пӯшиш додани унсурҳои мафҳумӣ дар ҳавзаҳои муайян муртабит медонад ва мӯътақиданд, ки ин тавоноӣ шартҳо дорад. Аз миёни онҳо метавон ба тозагӣ ва нав будан, самимият ва равшании мабоҳис ва мавзӯоти омӯзишӣ ишора кард. Дар ҳар ҳол, мавзӯи муҳим дар чорчӯбҳо ва роҳбурдҳои омӯзишӣ ин аст, ки мо дар маърифатшиносӣ ва дар иртибот мухотаби худ ва дар ҷараёни омӯзиш ба дунболи он ҳастем, то дониши сареҳро омӯзиш диҳем. Ин масъала тоби низоме аст, ки онро ба унвони ғоят ва ҳадаф дар ёдгирӣ дар назар мегирем. Вақте натиҷа ва амал аҳамият пайдо мекунад, ки мо аз манзари айнигароӣ ба дунболи шаффофият ва сароҳат ҳастем. Ин мавзӯъ нишондиҳандаи убур аз як минтақаи дониш ба минтақаҳои дигарон аст: Аз конун ба пиромун ва аз пиромун ба марказ, аз қоида ба истифода ва аз амалӣ будан ба фаннӣ будан. Рушд ва таҳаввули одамӣ тобеи фароянде аст, ки фард таи ҳузури худ дар он натанҳо қоидаҳои зистанро меомӯзад, балки мудом дар доми чолаҳое миёни роҳ фурӯ мерезад ва дар пайроҳаҳои пиромуни роҳ мунҳариф мешавад.

Доноӣ аз минтақаи расвосоз ва парту пологӯӣ мегузарад. Инҳо ки ба таври заминӣ дар ҷараёни омӯзиш мудохила мекунанд, дар ёдгирӣ асоси муштарак доранд. Таваҷҷӯҳ ба ин бахши дониш ва пардохтан ба он нақши муҳиме дар омӯзиш дорад.

Аз тарафи дигар, барномаҳои расмӣ-қолибӣ барои интиқоли мафҳумҳо ва мӯҳтавои илмӣ ва ахлоқӣ сохта шудаанд, дар ҳоле ки ин барои дарунӣ шудан ва ниёзмандии мафҳумҳои ахлоқӣ ва ахлоқиёт ба қолиби мутафовут эҳтиёҷманд аст ва он «Барномаи дарсии пинҳон» гуфта мешавад. Омӯзиши ахлоқиро ба таври хос аз таърихи барномаҳои пинҳон, ки шакли ғайрирасмӣ доранд, метавон пайдо кард. Назарияпардозони тарбиятӣ тамаркузи барномаҳои худро бар давраҳое қарор доданд, ки барои ҷомеапазирӣ ва тағйири иҷтимоӣ асосӣ ҳастанд. Пешрафти фановарона ва таҳаввулоти иҷтимоӣ ҷараёнҳои омӯзишро густариш додааст. Ба тавре ки ҷараёнҳои омӯзиш аз кӯдакистон шурӯъ шуда ва то донишгоҳ ва баъд аз он дар ҷомеа идома ёфтааст.

Ҷараёни омӯзиш чунон дар ҳоли тағйир аст, ки қутббанди қадимӣ назири омӯзиши нухбагон дар баробари омӯзиши умумӣ, омӯзиши хусусӣ дар баробари омӯзиши ҷамъӣ, омӯзиши улум дар баробари омӯзиши ҳунарҳои озод ва омӯзиш дар мадориси касбӣ ҷои худро ба сохторҳои бисёр печидатар додаанд.

«Зуҳури иртиботи компютерӣ, омӯзишҳо аз роҳи дур, донишгоҳҳо ва мадрасаҳои ғайридавлатӣ, мадраса ва донишгоҳҳои маҷозӣ, бар барномаҳои «Тарбияти пинҳон» ба сифати низоми назарӣ ва бо арзиш таъкид мекунанд, ки метавон бо кӯмаки он коркардҳои иҷтимоии тарбиятро баррасӣ кард».(15;16)

Вижагиҳои зиндагии синфӣ аз равобити иҷтимоии мадраса ҷудонопазир аст. Дар зиндагии синфӣ арзишҳо, халқ ва интизороти фардӣ ва иҷтимоии хосе вуҷуд доранд, ки бо подош ҳамроҳ аст.

Ёдгирӣ ин хатимашҳое мавриди интизор, ҷузъе аз барномаҳои пинҳон аст, ки бар маҳоратҳои хос таъкид мекунад.

Ин вижагиҳои зиндагии омӯзишгоҳӣ ва зарурати табаият аз интизороти созмонӣ ба ҳадафҳои омӯзишӣ иртибот надоранд, аммо бо тамоми инҳо барои пешрафти ризоиятбахш дар мадраса дар алоқа ҳастанд.

Аз сӯи дигар, сохтори зиндагии хонаводагӣ ба танҳоӣ наметавонад кӯдаконро барои ворид шудан ба дунёи бузург омода кунад. Ҳинҷорҳои фарҳанги омӯзишгоҳӣ асари мондагорӣ бар афрод дорад ва ин сабаб мешавад, донишомӯзон равобити иҷтимоии муваққатӣ барқарор кунанд, ҳуввияти фардии худро пинҳон созанд ва муқаррароти омӯзиши расмиро бипазиранд. Сохтори расмии мадраса, вуруд ба синф, ин оияндаҳоро ба донишомӯзон мунтақил мекунад. Донишмандон мӯътақиданд, ки низоми омӯзишии расмӣ натанҳо барномаи ошкорро омӯзиш медиҳанд, балки арзишҳои назарӣ доштани истиқлол ва касби мавқеиятро, ки барои вуруди кӯдакон ва ҷомеаи бузургсолон зарурӣ ва муфид ҳастанд, ба таври ғайримустақим ба онон мунтақил мекунанд. Хонавода нақши суннатии худро дар эҷоди қонунҳои куллӣ, ғайришахсӣ ва ғайриқобили тағйир ба хубӣ ифо менамоянд.

«Имрӯз усули ахлоқӣ, ки дар хонавода иҷро мешавад, беш аз ҳар чизе мубтанӣ бар ҳаяҷонот ва эҳсосот аст, ба тавре ки идроки интизоӣ аз вазифа ва таклиф нисбат ба ҳамдардӣ аҳамияти камтаре пайдо кардааст.

Дар муқобил, дар мадрасаҳо ба равобити иҷтимоӣ ва аз ҷумла, ба таклиф ба вазифаҳо аҳамияти бештаре дода мешавад».(4:89) Дарвоқеъ, дар мадраса низоми ҷомеъ аз қонунҳое вуҷуд дорад, ки рафтори кӯдакро аз қабл таъин мекунад. Ӯ бояд ба таври муназзам дар дарс ҳозир шавад, бояд сари ҳар соати мушаххасе дар мадраса бошад ва рафтори зоҳиру муносибе дошта бошад, набояд умури синфро ба ҳам занад. Ӯ бояд дарсҳояшро ёд гирифта ва таклифашро анҷом дода бошад ва бояд ҳамаи онҳоро низ ба шакли қобили қабул анҷомида бошад. Тамоми ин умур дар канори ҳам муқарраroти мадрасаро месозанд. Мо аз тариқи машқ ва муқаррарот дар мадраса, метавонем рӯҳи инзиботро дар кӯдак ба вуҷуд оварем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тарбияти модерн ва суннатӣ, равобити мударрисин ва фарогирон, мудирияти иттилоот ва тавлиди дониш, таҳсил дар манзил, таърифи тарбият.

## АДАБИЁТ


1. Арманд, М. Иртиботи нигориши муаллимон нисбат ба равишҳои тадриси фаъол бо вижагиҳои шахсӣ ва ҳирфаии онҳо дар класси панҷуми дабистон / Поённомаи коршиносии аршад, Донишгоҳи тарбияти мударрис.-Теҳрон, 1371.
2. Меҳрмуҳаммадӣ, Маҳмуд. Бозандешии фароянди ёддиҳӣ -ёдгирӣ ва тарбияти муаллим.- Теҳрон: Интишороти Мадраса, 1379.- с. 98.
3. Нодирӣ, Иззат. Санҷиш ва андозагирӣ дар омӯзиш ва парвариш.-Теҳрон: Донишгоҳи тарбияти муаллим, 1365.
4. Роберт, Славин Ҷамъбандии таҳқиқоти анҷомшуда пиромуни ёдгирии мушорикатӣ// Фаслномаи тағйири тарбият.-№ 30.- с.114.
5. Сайф, Алиакбар. Равоншиносии парваришӣ.-Теҳрон: Огоҳ, 1377.
6. Сулаймонӣ, Сафар. Мирзобегӣ, Ҳасаналӣ. Чӣ гуна фарзанди боҳуш ва халлоқ дошта бошем?.-Қум: Нашри фарогуфт,1386.-95 с.
7. Ҳурризод, Баҳман. Ғанисозии таколифи омӯзишӣ.- Теҳрон: Интишороти Лавҳи заррин, 1384.-чопи саввум.-190 с.
8. Ҳурризод, Баҳман. Ғанисозии хонавода барои халлоқияти кӯдакон.-Теҳрон: Интишороти Лавҳи заррин, 1383.-45 с.
9. Ҷеймз, С. Шикофи омӯзишӣ / мутарҷим Саркор Аронӣ ва Муқаддам; Теҳрон: Интишороти Мадраса, 1383.-208 с.
10. Шиъоринажод, Алиакбар. Назарияҳои ангезиш дар омӯзишу парвариш.-Теҳрон: Нашри Най, чопи аввал, 1378.- с. 198.
11. Эллис, Сюзан. Сюзан, Воман. Ошноӣ бо ёдгирӣ аз тариқи ҳамёрӣ/ Тарҷумаи Тоҳираи Росткор ва Маҷиди Мулкон.-Теҳрон, 1376, нашри Най.-с. 101.
12. www.iran-newspaper.com.
13. www.aftab.com.
14. www.vikipedia.com.
15. www.daneshnameh.ir.
16. www.tebyan.com.


## СОЦИАЛЬНЫЕ СООТНОШЕНИЕ СОВРЕМЕННОГО И ТРАДИЦИОННОГО ВОСПИТАНИЯ

***Мухтор Асновандu***

В статье на основе многочисленного фактологического материала сделана попытка рассмотреть социальные соотношения современного и традиционного воспитания. Рассматривается место коллективного обучения (в условиях школы, университета и других образовательных учреждений) в деле воспитания и образования детей. Говорится о необходимости управления информациями и знаниями при современных методах обучения и воспитания. Выдвигается идея о широком использовании современной технологии в системе образования и воспитания детей при различных условиях обучения.

## THE SOCIAL RELATION OF MODERN AND TRADITIONAL UPBRINGING

*Muchtor Asnovandi*

The article considers about the main of numerouse factological materials made considiration of social relation of modern and traditional upbringing. It's considering the place of collecting of teaching (in the condition ofschools, universities and another educational schools) in the matter of upbringing and education of children. It's talks aboutb the neassety of administration of information and unowlebge about the methods of tea and ching upbringing.

## «МАСНАВӢ»-И МАВЛАВӢ ВА АРЗИШҲОИ РАМЗИЮ ТАМСИЛИИ ОН

*Ҷаводи Тоҳирӣ*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Ирфони исломӣ ҷаҳонро розгок мебинад ва дар варои сатҳи зоҳири ашё ҷое пинҳон меҷӯяд ва инсонро ба дарёфту идроки маънои воқеияти сатҳӣ даъват мекунад. Идроки ин ҳақиқат бо ақл мумкин нест ва дар шарҳ намеғунҷад, магар бо рамз ва имо ва ибороти рамзии матн ва гуфтори орифону шоирони рамзгаро нуктаи атфи ҳассосиятҳои гӯянда ва мухотаб ҳастанд, вижагии намодин ва чандмаъноӣ доранд.

Аз назари балоғати адабӣ намод (рамз) аз *«суратҳои хаёлӣ»* аст. Намоди адабӣ як падидаи забонӣ аст ва дар вожаҳои забон шакл мегирад, яъне ашёу ранг ва шахсу акс нест, балки калима аст.

Ин калимаҳо вақте дар як матни адабӣ мисли *«Маснавӣ»* ё *«Девони Шамс»* ё *«Фиҳӣ мо фиҳӣ»* ва... ба рамз табдил мешаванд, агарчи хостгоҳи забонӣ доранд, аммо аз маҳдудаи маъношиносӣ ва мантиқи забонӣ дур мешаванд ва қаламрави маъноӣ ва отифии болотаре месозанд ва вижагиҳое доранд, ки онҳоро аз маҳдудаи нишонаҳои забонӣ ва истиора ва маҷозу тамсил ҷудо мекунанд ва бархе аз ин вижагиҳо ба қарори зер аст:

1. Гунгии зотӣ. 2. Иттиҳоди таҷриба ва тасвир. 3. Чандмаъноӣ ё бемаъноӣ. 4. Иштимол бар маърифати шуҳудӣ. 5. Таноқизнамоӣ. 6 . Таъвилпазирӣ.

Барои намуна, Мавлоно дар баёни андешаи ваҳдати вуҷудии худ баҳрро тасаввур ва намоде аз олами ваҳдати мутлақ қарор додааст ва сел, қатра, чашма, ҷӯй, обгир ва ғайраро, ки ҳамагӣ тасаввуроти олами ҷузъиянд, гӯё дар он дарёи кулл маҳв мешаванд.

Тасвири намодин даричаи вуруд ба дунёи ботин ва олами варои ақл аст. Намод ҳаракатдиҳанда аст ва мухотабро ба дунёи берун аз панҷ ҳис ва ҷаҳонро фаросӯи тан мебарад ва чун гузаргоҳе аст аз ин ҷаҳон ба ҷаҳони дигар, аз ҷаҳони ҳис ба ҷаҳони маъно.

*«Тасвири намодин панҷарае барои дидану шунидан аст, ки ба лиҳози огоҳӣ боз мешавад ва аз он метавон худро бо офтоби оламтоби ҳақиқат пайванд зад» (6:54).* Агар бихоҳем ба сурати мӯъҷиза намодро таъриф кунем, инчунин мегӯем:

Намод ҷонишини андеша, сарчашмаи мафоҳим ва тасаввурот, тасвири озод бо амали озодона аз мафҳумоти ҳиссӣ ба дур, дорои ваҳдати зотӣ бо мафҳуми худ, амиқ ва жарф, гунгу бекарона, дорои ҳуввияте дар даруни матн, тасвиргари куллияти мавзӯъ, марказ ва меҳвари шеър, пинҳонсозии нохудогоҳ, сурати як андеша, нозир ба дарунаи забон ва пазироии амиқ ва жарфо бо такрор дар матн аст. Намодҳоро бар ҳасби далолати символик (рамзӣ) ба чаҳор даста тақсим кардаанд:

1. Намоди далолатгир, ки ҳамон нишонаҳои қарордодӣ ҳастанд монанди $H_2O$ ба маънии об.

2. Намоди истиорӣ, ки ҳам далолатгар аст ва ҳам сурати табиӣ ба ҳамроҳ дорад, монанди: рӯбоҳ, ки бар шахси маккор далолат дорад.

3. Намоди ёдбудӣ (талмеҳӣ), ки дар хотираи рӯйдоде воқеӣ меафзояд, мисли ҳар касе салиби худ бар дӯш мекашид, ки ёдовари моҷарои Масеҳ аст.

4. Намоди қудсӣ, мисли намодҳое, ки дар ойинҳо ва асотир ба кор мераванд (1:2).

Ин ки намодҳо чӣ гуна ва аз куҷо сарчашма мегиранд, назароти мухталифе вуҷуд дорад, аммо метавон гуфт, ки хостгоҳи намод ба сурати феҳриствор аносире ҳастанд, ки ба онҳо ишора мешавад:

1. Табиат, мисли шаҳри кӯрон, фил, тӯтӣ, оби ҷӯй, бод ва ҳоказо дар шеъри Мавлавӣ.

2. Ойинҳои миллӣ ва асотир, мисли салиб, ки намоди шаҳодат ва рамз дар ойини масеҳият, аждаҳо - намоди ақвоми ориёӣ, досу болға - намоди сотсиализм, ситораи Довуд - намоди қавми яҳуд аст.

3.Дину мазҳаб, мисли намодҳои дини Ислом, аз ҷумла Каъба, Уҳуд, Ҳиро, Замзам, Ҳаҷаруласвад, ки барои мусалмонон дорои маъно ва мафҳум аст.

Намодҳоро аз ҷиҳате дигар низ метавон тақсим кард ва он аз назари наввоварӣ ва ривоҷ аст, яъне метавон қоил ба ду навъ намод аз ин дидгоҳ шуд:

Аввал: намоди ибтидоӣ, мисли офтоб ва баҳр (дарё) дар шеъри Мавлавӣ.

Дуввум: намоди марсум, намодҳое, ки бар асари ривоҷи зиёд дар фарҳанг ва адабиёти як миллат ва ё дар адабиёти ҷаҳон ба як мафҳуми қарордодӣ бадал гардида ва мафҳуми он барои ҳамагон шинохта шудааст. Чарлз Чадуяк ду навъ символизмро аз ҳамдигар фарқ кунонидааст: яке символизми инсонӣ ва дигаре символизми фароравандд (7:12).

Дар символизми инсонӣ тасвирҳо марбут ба отифаҳои дарунӣ ва шахсии шоир аст. Ин навъ намод *«онӣ»* аст ва маҳсули як лаҳзаи равонии хос аст, мисли ин шеъри Мавлавӣ:

*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад мулуламу инсонам орзуст.*

*З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,*
*Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.*
*Гуфт: ёфт менашавад ҷустаем мо,*
*Гуфт: он ки ёфт меннашавад, онам орзуст.*

Аммо дар намодгароии ормонӣ тасовири айнӣ намояндаи ҷаҳонии ормонӣ дар фаросӯи воқеъият ҳастанд, намодҳое аз он ҷаҳони бекарон, ки ин ҷаҳони намоишӣ ноқис аз он аст, мисли *«дарё»* ва *«офтоб»* ва *«шамс»* дар шеъри Мавлавӣ.

Намодгароии ормонӣ дар шеъри ирфонӣ як навъ хезиш ва ҳаракати ормонӣ ва бартариҷӯёна аст, ки ба ҷаҳони моварои ҳис назар дорад. Мизони нохудогоҳӣ дар намоди ормонӣ бисёр бештар аз намоди инсонӣ аст. Ба таври дигар бигӯем, халқи намоди инсонӣ ҳушёронатар аз намоди фароравандa ва маътуф ба масоили ин ҷаҳонӣ аст. Мавлавӣ хеле дақиқ фароянди беихтиёрии шоир дар офариниши намоди истиълоиро баён кардааст:

*Бас кунам гарчи, ки рамз аст баёнаш накунам,*
*Худ баёнро чӣ кунам, ҷони баён меояд (2:12).*

Нисбати намод бо бофти шеър ҳам қобили таҳқиқ ва омӯзиш аст. Бархе намодҳо дар як ҷумла шакл мегиранд ва бархе дар як матн борҳо такрор мешаванд. Бархе дигар низ тасвири конунӣ ва калимаи меҳварии як шеъранд, бинобар ин, ду навъ намод дар бофти сухан падид меояд.

Аввал, намоди хурд: қарор гирифтани як тасвири воҳид дар як банд ё як ҷумла аз шеър дар фазои намодин аст, ки навъи таркиби вожаҳо ва маънию мафҳуми сухан заминаро барои ҷаҳиши тасвир аз сатҳи ҳақиқати забон ба маслиҳати мафҳуми намодин фароҳам мекунад.

Дувум, намоди калон: такрори як тасвир ё вожа дар як матни бузург, мисли «Куллиёти Шамс» аст, ки эҳсоси хосе дар мо меангезад, эҳсоси фаротар аз хондани як вожаи маъмулӣ ё як истиора.

Дар каломи Мавлавӣ *«дарё»* яке аз ин навъ намодҳост ва бузургтарин калидвожаи зеҳни ин ориф маҳсуб мешавад.

*«Дарё»* пеш аз Мавлоно, аз ҷумла дар осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Саноӣ, Аттор, Баҳоуддин Валад ва бархе тафсирҳои ирфонӣ мисли *«Кашфуласрор»* дар мафҳуми намодин ба кор рафтааст. Аммо Мавлоно чунон дилбастаи *«дарё»* ва мустағриқи он аст, ки амиқтарин таҷрибаҳои худро дар дарё мебинад ва онро ба бузургтарин рамзи шеърӣ табдил мекунад.

Акнун бо ин муқаддима бар онем, ки аз рамзгароии Мавлавӣ дар шеърҳояш сухане мӯъҷаз бигӯем ва ин ки ин намодҳо то чӣ андоза ба унвони як абзори коромад дар хидмати офаринандаи маъонии бузург қарор гирифтаанд. Забони намодгароии Мавлавӣ тоза ва дасти аввал аст. Ӯ аз чанд тариқ хуни тозае дар рагҳои рамзгароии ирфонии форсӣ ҷорӣ кард ва шеъри ирфониро пӯёӣ бахшид. Бархе аз шогирдҳои ибтидоии ӯ бад-ин қарор аст:

Аввал: тозагии тасвирҳо: Мавлавӣ дар шеърҳояш аз падидаҳое намод сохт, ки дар суннати шеъри ирфонӣ ривоҷ надошт. Бархе аз онҳо аз ин қароранд:

а) Созҳои мусиқӣ, мисли даф, сурнай, най, чанг, дуҳул, танбур ва рубоб. Ин васоил намоди инсонҳои шоду беиродаанд.

б) Тасвирҳое чун шоҳ, шамс, офтоб ва дарё, ки дар осори Мавлавӣ дар ҳукми *«калоннамод»* ба ҳисоб меоянд ва ба мафҳуми *«кулли мутлақ»* ва *«ҳазрати Ҳақ»* аст.

в) Дигар тасвирҳои шахсии вай аз ин қароранд: шер, оҳу, қамар, ангур, мурғобӣ ва ғайра.

Бархе аз тасвирҳо ончунон дар зеҳнияти Мавлавӣ реша давондаанд, ки лаҳзае ӯро раҳо намекунанд ва пайваста ҳомили мояҳои зеҳнию равонии ӯ ҳастанд.

Дуввум: *ботиннигарӣ ва тасвири аъмоқ,* дар ин гуна тасвирҳо зеҳн аз абъоди ҳиссӣ ва ҷиҳоти шашгона фаротар меравад ва рӯй ба сӯи беҷонибӣ дорад, дар дил зарраи хуршед мебинад ва дар ботин қатраи судҷӯии равон меҷӯяд. Бинобар ин, зеҳни Мавлавӣ аз сатҳи ашё мегузарад ва фаротар меравад ва ба асли ӯ мерасад ва ин манзури аслии намод ва тамсилу символ аст.

Барои вуруд ба баҳси роҷеъ ба *«ба коргирии тамсил дар «Маснавӣ»»* беҳтар аст андаке аз мӯҳтавои тамсил бигӯем. Тамсилро аз ду ҷиҳат метавон тақсимбандӣ кард, яке аз ҷиҳати мӯҳтаво ва дигаре аз ҷанбаи сохтор ва аносири он.

Тамсил аз назари мӯҳтавое, ки дар он нуҳуфта аст, ба чанд навъ қобили тақсим аст:

1.Тамсили ахлоқӣ, монанди ҳикоёти *«Бӯстон»* ва *«Гулистон»* ва *«Калила ва Димна»* ва *«Марзбоннома»*.

2. Тамсили сиёсию таърихӣ, монанди *«Қиссаи муш ва гурба»*-и Убайди Зоконӣ ва *«Мазраъаи ҳайвонот»*-и Ҷорҷ Аврел.

3. Тамсили андеша, монанди ҳикояти *«Пил андар хонаи торик буд»* ва *«Низоъи чаҳор тан бар сари ангур»* дар *«Маснавии маънавӣ»* нишонгари ин тамсил аст.

4. Тамсили рамзӣ, монанди *«Подшоҳу канизак ва табиб»* дар аввалин достони *«Маснавӣ»* ба номи *«Подшоҳ ва канизак»*.

5. Тамсили рӯъё, монанди *«Ардовирофнома»* ва *«Маснавӣ»*, *«Сайрулибод илал аъмод»*-и Саноӣ ё *«Мазҳакаи илоҳӣ»*. Аз назари сурат низ тамсилро ба анвоъе тақсим намудаанд, яъне тамсил бо шаклҳои гуногуне дар матнҳо ва навиштаҳои мухталиф меояд, ки иборатанд:

1.Мисл. 2. Услуби муодила. 3.Ҳикоёти ҳайвонот. 4. Ҳикоёти инсонӣ. 5. Масолик.

Истифода аз ҳар кадоми ин суратҳо бо мӯҳтавои завқӣ ва маънавии худ тақрибан дар аксари матнҳои ирфонӣ ва тарбиятӣ ҷилва кардааст ва орифон каломашон аз сеҳри фавқулъоддае бархӯрдор аст. Ашъори ирфонӣ аз ғанитарину зеботарин шеърҳо маҳсуб мешавад. Ҳар асари ирфонӣ дар ҳақиқат асари ҳунарӣ низ ҳаст ва ба ҷуръат метавон гуфт, ки ҳақиқати ҳунар танҳо дар назди орифон аст. Ҳунари ҳақиқӣ ҷуз дар нисбат бо дин таҳаққуқ намеёбад ва орифон диндортарин халқи Худоянд.

Вуҷуди завқ, ки ҳосили вуҷуд ва сурур дар ҳолатхо ва ҷаззобияти ирфонӣ аст, ки ба ориф қудрати интихоб ва зебоиҳоро медиҳад. Аз назари орифон зебоиҳои олам соҳиби маротиб аст ва ё ба таъбири худи орифон мазоҳири ҷамоли Ҳақ зиёданд. Аҳли дунё зебоиҳоро дар ҷамоли ҳиссӣ ва ҳадди аксар хаёлӣ метавонанд дарёбанд. Аммо аҳли ҳақиқат зебоии ақлӣ ва шуҳудиро низ ҳис мекунанд ва ғайра рӯйгардонии авлиё аз лаззати дунявӣ аз маърифаташон нисбат ба ҳақиқати ин лаззат сар мезанад; гарчи дунё ба эътибор *«олами табиат»* мазҳари Ҳақ аст ва зебост ва *«бадию хато»* дар он роҳ надорад. Аз назари орифон офариниши илоҳӣ мутлақан зебост, чун офаринандаи он зебост (7:2).

*«Маснави»*-и Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ бо тамоми ҷаззобиятҳои беназири хеш дорои тамоми хусусиятҳое аст, ки дар боло ба унвони як асари бартар ба он ишора шуд.

Форсизабонони мусалмон бо ин асари бузург ҳамтои Қуръони маҷид ва *«Наҳҷулфасоҳа»* ва *«Наҳҷулбалоға»* ва дигар китобҳои тарбиятиву динӣ бархӯрд менамоем. Шояд газофе набошад агар иддао кунем, ки *«Маснавӣ»* бузургтарини асар бо бештарин таъсир дар миёни форсизабонон будааст. *«Барои шинохти ҳақиқати ҷомеаи иронӣ бояд аносири таъсиргузоранда бар фарҳанги исломии Иронро шинохт ва қитъан «Маснавӣ» яке аз ин осори арҷманди фарҳангӣ маҳсуб мешавад» (7:3).*

Бисёрӣ ҳамон гуна, ки пеш аз ин дар фаслҳои қабл гуфта шуд, *«Маснави»*-ро ба унвони як асари ирфонӣ мебинанд ва аз дигар ҷиҳот ба он илтифоте накардаанд, аз ҷумла ҷанбаҳои тарбиятӣ ва таълимии он, ки барҳақ метавонад дарбаргирандаи бисёре аз назарияҳое бошанд, ки баъд аз ин асар дар ҷаҳони тарбият матраҳ шуда ва ифтихори тарҳи онро дигаре насиби худ намудааст. *«Маснавӣ»* бо густурдагии маъноии хеш дар асри ҷадид таъсири фаровоне бар тафаккури ғарбиён ниҳода ва дар радифи пурфурӯштарин китобҳои он кишварҳо ба ҳисоб меояд, ки ба ин амр дар пажӯҳишҳои марбут ба *«Маснавӣ»* ишора кардем.

Он чи Мавлавиро мутамоиз аз дигарон мекунад, истифодаи абзоре аз тамсил барои баёни нохудогоҳи хеш аст. Ин абзор, ки гоҳ ба сурати қисса ва гоҳ ба шакли ҳикоят ва замоне ба гунаи танз ва ғайра ба кор гирифта мешавад, густурдатарин маъониро дар қолиби калимоту ҷумлаҳо ҷой медиҳад ва таъсири он ба гунае аст, ки тамсил дар тафаккури Мавлавӣ бар асоси сухани Паёмбари Ислом (с) ба кор гирифта мешавад, то ба қадри фаҳми мухотабон бо онҳо сухан бигӯяд.

Барқарории таъодул дар тарафайни муодила барои тафҳим бузургтарин ҳунари Мавлавӣ аст, ки дар *«Маснавӣ»* мушоҳида мешавад. Ба қавли худи ӯ:

*Чунки бо кӯдак сару корат фитод,*
*Ҳам забони кӯдакӣ бояд кушод.*
*Ифтихор аз рангу бӯю аз макон,*
*Ҳаст шодию фиреби кӯдакон.*
*Рангу бӯй дар пеши мо бас косид аст,*
*Лек ту пастӣ, сухан кардем паст.*

(Дафтари чаҳорум: 2577-2579 )

Тамсилоту қиссаҳо барои наздик кардани инсонҳо ба маънонии бузурги осмонӣ ба кор гирифта мешаванд. Барои Мавлоно тамсил нақше ҳамчун олами мисол ва барзахро дорад. Олами ақул ва олами маҳсусот шабоҳат бо ҳам надоранд ва ниёз ба олами восите доранд, ки ин дуро ба ҳам бипайвандад ва ин олам олами тамсилу хаёл аст.

*«Маснавии маънавӣ»* илова бар доштани мӯҳтавои ирфонӣ як китоби ҳунарӣ маҳсуб мешавад, ки дар он ҳунари қисса ва тамсил дар авҷ аст. *«Забони ҳунарӣ як забони символик аст ва ҳунарманд ҳар қадар ба тамсил ва ишора наздик мешавад, аз умқ ва ҷаззобияти бештаре бархӯрдор аст, махсусан, ҳунари (таълиму тарбияти ойинӣ), ки ҳунари символик аст» (7:5).*

Яке аз далоиле, ки Мавлавиро метавон муқаддам бар дигарон донист, ин ки ҳамчунон ӯ дар ин замина даст ба эҷоди асар задаанд, ин аст, ки касе чун ӯ дар ҳайтаи корбурди қисса ва тамсил натавониста ба ироаи матлаб даст бизанад ва дигар, ин ки шахсияти Мавлоно дар байни дигар орифоне, ки дар боби тарбияти инсон сухан гуфтаанд, фарқ дорад.

*«Дар асри Мавлоно дин ва фалсафа дар ҳама ҷиҳат ба авҷи камол расида буд: фалсафаи юнонӣ бо Ибни Сино ва Ибни Рушд дар болотарин ҳад буд, калом бо Ғаззолӣ, андешаи ирфонӣ аз Абӯҳошим Сурӣ ё Сӯфӣ шурӯъ ва ба Ибни Арабӣ такомул ёфт, шеъри ирфонӣ бо Саноӣ ва Аттор ба қуллаҳои баланде даст ёфта буд, бинобар ин, «Маснавии маънавӣ» маншури булурин бо зовияҳои фаровоне аст, ки дар он бозтоби партавҳои шикастаи ваҳдонияти сомӣ, хирадгароии юнонӣ бо аносири фисоғурсӣ, назарияи мисолии Афлотун, назарияи аъло ва назми ҷаҳонии Арасту, ваҳдати Афлотун ва ҷозибае, ки ба назари ӯ ҳоде ба сӯи ваҳдат аст, саволоти мутоноқизи мутакаллимон, масоили назарияи маърифатии Ибни Сино, назарияи улуми Ғаззолӣ ва ваҳдатгароии Ибни Арабиро метавон дид».(3а:2)*

Бо ин тафсирҳо Мавлавиро наметавон ба унвони як офарандаи асар ба ҳисоб овард, балки ӯ ойинаи инъикоси назариёти гузаштагоне аст, ки дар боло ба онҳо ишора шуд, аммо на тасвири мустақими нақли қавлӣ, балки ба унвони як ойинаи маншурсифат, ки аз ҳар зовияаш нури баранге ба чашм мехӯрад.

Ба ҳамин далел аст, ки таҳқиқ ва пажӯҳиш дар бораи Мавлавиро ба унвони рафтан ба сари чашмаи ҳақиқии фалсафа ва ирфон дар дини мубини Ислом ба шумор овардаанд.

Масъалаи дигаре, ки бояд дар мавриди Мавлавӣ ва асараш гуфт ин аст, ки вай танҳо маъхазеро, ки ба он дар *«Маснавӣ»* ба унвони реша ва асоси сухани хеш ишора мекунад, Қуръони маҷид ва ҳадисҳои динӣ аст ва агар ҳам дар миёни суханони хеш назарияе аз гузаштагонро зикр кунад, онро бо иборати *«ҳакимон гуфтаанд»* баён медорад. *«Маснавӣ»* дар як калом ба қавли устод Сайид Ҷалолиддини Оштиёнӣ *«Милоку маҳаки завқи иронӣ аст. Агар касе «Маснавӣ»-ро написандад, надоштани саломати завқ ва тарки латоиф аст(3а:2).*

**КАЛИДВОЖАҲО:** «Маснавӣ»-и Мавлавӣ, арзишҳои рамзию тамсилӣ, ирфони исломӣ, балоғати адабӣ, рамзгароии Мавлавӣ, тамсили ахлоқӣ, тамсили рамзӣ, ойинаи маншурсифат.

## АДАБИЁТ

1. Анӯша. Фарҳангномаи адабӣ.- Теҳрон: Суруш, 1383.-560 с.
2. Ирфони Мавлавӣ.-Теҳрон: Интишороти Субҳ, 1381.-239 с.
3. Куллиёти Шамс.-Теҳрон: Интишороти Мавлавӣ, 1385.-567 с. 3а. Мавлоно.-Теҳрон: Интишороти Мавлоно, 1382.-230 с.
4. Тоҷиддинӣ Алӣ. Фарҳанги намодҳо ва нишонаҳо дар андешаи Мавлоно.-Теҳрон: Интишороти Мавлавӣ,1385.0290 с.
5. Футӯҳӣ Маҳмуд, Балоғати тасвир.-Теҳрон: Интишороти Сухан, 1385.241 с.
6. Фаррухзод Фурӯғ. Девон (таърифи Фурӯғ аз шеър).-Теҳрон: Интишороти Қалам, 1386.-231 с.
7. Чадуяк Чарлз. Символизм/ Тарҷумаи Маҳдии Саҳобӣ.-Теҳрон:Интишороти Мавлавӣ,1379.-24 с.

## «МАСНАВИ» МАВЛАВИ И ЕЁ СИМВОЛИЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ

***Джавод Тохири***

«Маснави» - суфийская поэма, созданная великим мастером, основателем суфийского братства Мавлавийа шейхом Джалолуддином Руми, по праву входит в число шедевров мировой литературы.

Джалолуддин Руми как представитель «интеллектуального» и «прагматического» суфизма в своих нравоучительных притчах, емких афоризмах,умело организованных рассказах, изящных историях, фривольных шутках в доступной форме, ясным и простым языком воспевал совершенство, внешнюю и нравственную, духовную красоту человека, выражая веру в его разум.

## "MASNAVI" MAVLAVI AND ITS SYMBOLICAL VALUES

*Djavod Tachiri*

" MASNAVI " – Sufi ski the poem created by the great Master, the founder Sufi ski brotherhoods Mavlavi, by the right is included into number of masterpieces of the world literature.

Mavlavi as the representative "intellectual" and "pragmatically" Sufi ski in the moralizing parables, the capacious aphorisms, skilful the organized stories, graceful histories, frivolous jokes in the accessible form, clear and a simple language sang of perfection, external and moral, spiritual beauty of the person, expressing belief in his reason

## МУШКИЛОТИ БАРНОМАРЕЗИИ БАЙНИРИШТАӢ

**_Баҳмани Ҳурризод_**
**Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон**

Тақсимбандии соатҳои дарсии рӯзонаи мадрасаҳо чӣ воқеъиятеро инъикос мекунад? Файласуфи инглис Леонел Олвин назарияи олимона дар тавсифи замонбандии ғалати ҷаласоти дарсии мадраса дорад:

*«Вақте дар табиат қадам мезанед, ин гуна нест, ки дар се рубъи соат як соат танҳо бо гулҳо мувоҷеҳ шавед ва баъд аз он ҷонварон, табиат бо ҳамаи аҷзо ва якпорчагии он дар баробари шумо падидор мешавад» (1:42)..*

Рушди дониши башарӣ ва муддати маҳдуди замони дарсии рӯзонаи мадрасаҳо фишоре ба мадрасаҳо ворид мекунад, ки дар ҳоли инфиҷор *(таркиш)* ҳастанд. Ман садҳо бор аз омӯзгорон шунидаам, ки аз хурд шудани ҷаласаҳои дарсии рӯзона шикоят доранд. Донишомӯзон низ ин хурд шуданро эҳсос мекунанд. Хавотирии муштараки донишомӯзон беиртибот будани дарсҳо бо зиндагии онҳост. Аз сӯйи дигар, ба иллати хурд шуданҳои зиёди ҷаласаҳои дарсӣ донишомӯзон ҳаргиз фурсат надоранд, ки як дарсро ба шакли амиқ омӯзанд. Ҳамчунин беиртиботии барномаҳои дарсӣ бо якдигар мавзӯи дигаре аст, ки ҳамеша мавриди баҳс будааст. Аз ин рӯ, ончи ки муҳим аст, ин аст, ки иртиботи воқеӣ байни ҳавзаҳои гуногуни донишро чӣ гуна эҷод кунем? Чаро ки эҷоди иртибот ва пайвастагӣ байни барномаҳои дарсӣ беҳтар аз он аст, ки мавзӯъҳои дарсӣ ба сурати барномаҳои ҷудогона ва берӯҳ дар мадраса дарс дода шаванд.

Барномаҳои дарсии байниририштаӣ *(талфиқӣ)* як фурсат барои эҷоди иртиботи бештар байни риштаҳои илмӣ, ҷудосозии камтари донишҳо ва ангезиши бештар барои бештар пайдо кардани таҷрибаи донишомӯзон тадорук мекунад. Дар воқеъ, барномаи дарсии байниририштаӣ *(талфиқӣ)* мекӯшад, ки маҷмӯи дарс ва зиндагиро ба таври воқеӣ дарҳам танида созад. Донишомӯзон дар мадраса бо ин рӯйкард фурсат меёбанд ва бо машқи демократӣ маҳоратҳои зиндагиро биёмӯзанд, чаро ки ёдгирии дарсҳо ва маҳоратҳои зиндагӣ тафкикнопазиранд.

Аз ин ки донишомӯзони мо маҳоратҳои зиндагиро дар мадраса таҷриба мекунанд, боиси ифтихори мост.

Дар ин мақола зимни шарҳи тафаккур дарҳамтанидагӣ ва навъҳои маҳоратҳои асосӣ ба маърифат чанд намуна аз мавзӯоти дарсӣ ва маҳоратҳо пардохта хоҳад шуд.

**Тафаккури дарҳамтанидагӣ (талфиқ) мӯҳтаво ва маҳоратҳои ёдгирӣ**

Он чи ки дар марҳилаи аввал ба назар мерасад, тафовути нигаришҳо дар иртибот бо ғалабаи маҳоратҳо ва мӯҳтаво дар давраи ибтидоӣ, роҳнамоӣ ва миёна аст. Дар давраи ибтидоӣ тадриси маҳорат ғалаба дорад, яъне тадриси маҳоратҳои хондан, навиштану ҳисоб кардан, фикр кардан, дар ҳоле ки ҳавзаҳои мӯҳтавое мисли улум ва омӯзиши иҷтимоӣ ба мизони камтаре мавриди таваҷҷӯҳ аст. Ҳарчанд ки мизони муваффақияти низоми омӯзишӣ ба далелҳои мухталиф дар омӯзиши маҳоратҳо ва мазмун фарқ дорад. Дар давраи миёна *(мутавассита)* мазмуну мӯҳтавои мавзӯъҳои дарсӣ ба маҳоратҳо ғалаба дорад, чаро ки тасаввур бар ин аст, ки донишомӯзон тақрибан маҳоратҳои пояро ёд гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқи байналмилалии Timss ва Перз нишон аз дараҷаи муваффақияти кишварҳои ширкаткунанда дорад. Ба унвони мисол, дар таҳқиқи татбиқии байналмилалӣ пешрафти саводи хондан - **«парлез»**, ки 35 кишвари ҷаҳон мизони саводи донишомӯзони нӯҳсола, яъне пояи чаҳорумро мавриди арзёбии пешрафти таҳсилӣ қарор додаанд, амалкарди донишомӯзони иронӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои ширкаткунанда ба таври назаррас пойинтар аз миёнгини байналмилалии 500 аст (1:78).

Дар шароите ки ба гуфтаи коршиносон маҳорат дар хондан аз муҳимтарин ниёзҳои ёдгирии донишомӯзон дар зиндагии имрӯз буда ва тавоноии дарки матлаб тафсир ва натиҷагирӣ аз матнҳои дарсӣ ва ғайридарсӣ донишомӯзонро бо афкору иттилооти ҷадид ошно мекунад, то роҳи беҳтар

андешидан ва беҳтар зистанро биёмӯзанд. Танҳо як дар сади донишомӯзони иронии пояи чаҳоруми ширкаткунанда дар ин озмун муваффақ ба расидан ба нуқтаи меъёри 10 дар сад мумтоз, ки 10 дар сад болои донишомӯзон дар сатҳи байналмилалӣ нумраи болотар аз он касб кардаанд, шудаанд (5:68).

Маҳоратҳои дигар ҳам вазъи мушобеҳе доранд. Маҳоратҳое мисли тафаккур дар бораи воқеи рӯзона, табақабандӣ ва дарки равобити сабаб ва натиҷа аз маҳоратҳои шинохташуда дар улум ва таърих аст, ки маъмулан, мавриди ғафлат қарор мегиранд.

*Саволҳое, ки матраҳ мешаванд, иборатанд аз: кадом маҳоратҳо бояд дода шавад? Аз ҳама муҳимтарин ин ки чӣ гуна маҳоратҳо бо мазмуну мӯҳтавое, ки донишомӯзон бояд ёд бигиранд, талфиқ шавад?*

Дарвоқеъ, бояд тасмим бигирем ва маҳоратҳои ёдгириро бо мӯҳтавои барномаи дарсӣ дарҳамтанида (талфиқ) кунем. Барои ин кофӣ аст ҳангоми тарроҳӣ як феҳраст аз мавзӯъот ба маҳоратҳое, ки бояд тадрис шавад, ҳамчун замони омӯзишии онҳо таҳия кунем. Фаъолиятҳое, ки интихоб мешаванд, лозим аст матнӯъ бошанд, чаро ки бояд посухгӯи сабақҳои мухталифи ёдгирӣ бошанд. Дар ин асос ба унвони мисол, вақте маҳорати тафаккур дар саросари барномаи дарсии давра ғунҷонида мешавад, дарҳамтанидагӣ (талфиқ) сурат мегирад.

Агар омӯзиши тафаккур ва дигар маҳоратҳо ҷудо аз мавзӯоти дарсӣ анҷом бипазиранд, донишомӯзон мумкин аст ба ин натиҷа бирасанд, ки тафаккур фақат дар тӯли фаъолиятҳои мадраса анҷом мепазирад. Дар ин ҳолат интиқоли маҳоратҳое мисли тафаккур мумкин аст дучори нуқсон шавад.

Омӯзиш ва ёдгирии маҳоратҳо набояд ба шанс ва тасодуф вогузор шаванд, ин амри лозими тарроҳии дақиқ аст. Он гоҳ ки маҳоратҳои тафаккур ва дигар маҳоратҳо бо ҳадафҳои мавзӯъи дарсӣ иртибот дода шаванд, ғанисозии барномаи дарсӣ амалӣ мегарданд.

**Кадом маҳорат интихоб шавад?**

Дар омӯзиши мадрасавӣ маҳоратҳои пояи хондан, навиштану ҳисоб кардан, ба хубӣ ҷойи худро дар барномаи дарсӣ пайдо кардаанд. Маҳорати тафаккур дар муқоиса бо маҳоратҳои поя камтар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта ва мавриди ғафлат қарор мегиранд.

Бо таваҷҷӯҳ ба рӯйхати (листи) маҳоратҳои зарурӣ бояд теъдоди маҳоратҳоро дақиқан интихоб кунем ва дар омӯзиш рӯйи онҳо тамаркуз кунем.

Тасаввури нодурусти дигаре, ки монеи дарҳамтанидагии (талфиқи) маҳорат - мӯҳтаво мешавад, ин аст, ки мавзӯоти дарсӣ тақрибан маҳоратҳоро омӯзиш медиҳанд, яъне, ин ки мутмаъинан донишомӯзон хуб навиштанро аз тариқи хондани сабақҳои нависандагӣ дар барномаи дарсӣ ёд мегиранд. Таҳқиқотҳо нишон додаанд, чун ин намунаҳо зимнӣ ҳастанд ва донишомӯзон онҳоро ба дурустӣ дарк намекунанд, бинобар ин, зарур аст, ки омӯзгор мустақиман вориди амал шавад ва ёдгирии он маҳоратро бо мазмунҳои дарсӣ моҳирона дарҳамтанида кунад. Аммо як савол вуҷуд дорад, ки мани муаллим чӣ гуна метавонам маҳоратҳоро бо таваҷҷӯҳ ба масъалаи замон барои тадриси китобҳои дарсӣ ироа кунам? Ҳатман омӯзгор бо як замони мушаххас ва рақобати мӯҳтавоӣ мувоҷеҳ хоҳад шуд. Аммо посухи асосӣ ба ин нигаронӣ тарроҳии хуб ва ҳамҳангии маҳоратҳо бо барномаи дарсӣ аст.

Баррасии мазмуну мӯҳтавои дарсии жопуниҳо нишон доданд, ки барномаи дарсии онҳо дар муқоиса бо мазмуни дарсии Амрико ва стандартҳои байналмилалӣ хеле фишурда ва мухтасар аст ва чуноне жопуниҳо мегӯянд: *«кам зиёд аст».* Бар асоси саввумин тақиқоти байналмилалии риёзӣ ва улум (Timss) китоби улуми соли ҳаштуми жопуниҳо дар муқоиса бо миёнгин 65 мавзӯъ барои Амрико дар дарси ҳаштум фақат ҳашт мавзӯро пӯшиш медиҳад (5:54).

«Китоби дарсии жопуниҳо хеле хулоса ва бидуни изофӣ тадвин шудааст. Барои мисол, китоби улуми синфи шашум дар якуним соли таҳсилӣ дорои 60 сафҳа дар қатъи бист то биступанҷ сантиметр аст. Дар дарси улум кулли мубоҳиси марбут ба аҳромҳо, ки ба таври маъмул дар дувоздаҳ соати синфи дарс (ҳар соат 45 дақиқа) тадрис мешавад, фақат дар даҳ сафҳа китоб дар қатъи кӯчак бо ҷойи холи фаровон ва аксҳои марбут ба зиндагии рӯзмарраи донишомӯзон, ки бо таҷрибаҳои онҳо аз аҳромҳо дар зиндагии рӯзмарра, монанди дарбозкуни батареӣ, ва ғайра аст, ироа мешавад. Донишомӯзони жопунӣ дар ҳар як аз мавзӯъоти дарсиро ба сурати амиқ меомӯзанд…» (2:89)..

Омӯзгорони мадрасаҳои мо аз ҳаҷми зиёди китобҳои дарсӣ шиква доранд ва ба ҳамин далел камтар фурсат мeёбанд, ки дар тарҳи дарсҳои худ фурсатҳоеро барои тафаккуру таъмиқи ёдгирӣ пешбинӣ кунанд. Дар бештари коргоҳҳои омӯзишӣ ширкаткунандагон ҳаҷми зиёди китобҳои дарсиро монеаи ҷиддии бакоргирии равишҳои ҷадиди ёддиҳӣ – ёдгирӣ, мисли ёдгирии мушорикатӣ, ёдгирии лоиҳамеҳвар ва ёдгирии рафтори созанда *(халлоқ, эҷодкорона)* медонанд ва ин дар ҳоле аст, ки метавон бо усули фишурдасозӣ ва хулосапардозӣ бар ин ҳаҷм зиёд ғалаба кард.

Ёдгирӣ дар мадрасаҳо бояд мутаваҷеҳи ин масъалаҳо бошад ва ғафлат аз онҳо чизе ҷуз талафи манбаъҳо ва фурсатҳо нахоҳад буд.

Агар мехоҳем барномаи дарсӣ барои донишомӯзон назаррас шавад, бояд ба масоили мавриди тавачҷӯҳи онҳо бипардозем, масоиле, ки мумкин аст ҷанбаи фардӣ ва ҷаҳонӣ дошта бошад.
Бояд равиши бархӯрд бо донишомӯзон озодихоҳона бошад. Калиди ин кор мушорикати донишомӯзон дар шакли бахшидан ба таҷрибаҳои ёдгирӣ аз тариқи ҳамкории онҳо дар барномарезии дарсӣ аст.

*«Чизе, ки масъулони омӯзишу парваришро аз додани ин ҳама ихтиёрот нигарон мекунад, ҳамин нигаронӣ аст, ки эҷодкории омӯзгоронро аз байн мебарад, зеро бе доштани ихтиёрот, наметавонед омӯзгори хубе бошед. Беҳтарин роҳ барои ҳифзи мавқеъият ва ихтиёрот он аст, ки омӯзгор чизеро дарс диҳад, ки донишомӯзон талабгори он бошанд. Дар сурати набудани истифода аз ин фурсат барои баҳрагирӣ аз зарфияти муаллимон танҳо афсӯс хоҳем хӯрд»* (5:67).

Забони омӯзишу парвариш доиман дар ҳоли тағйир аст. Ҷамъбандии тамоми таҳқиқоти анҷомшуда рӯйи рӯйкарди дарҳамтанидагӣ (талфиқӣ) ин аст, ки таъкиди масъалаҳо бар рӯйи донишомӯзон бошад, на он ки мавзӯъҳои дарсии матнҳо дастхуши таҳаввул шаванд.

Мудирони мадрасаҳо бояд тафаккури барномаи дарсии талфиқиро дар мадраса ба вуҷуд оваранд ва тавсиа диҳанд. Тавсия мешавад, аз вожаи талфиқӣ истифода накунанд, то мавқеияти бешатаре ба даст оваранд. Дар иваз бояд бо онҳо аз ин дар ворид шаванд, ки дар садади пайдо кардани роҳе ҳастем, ки барномаи дарсӣ барои донишомӯзон назаррастар шавад. Бо ҳамин забон бо волидайни донишомӯзони дигар сӯҳбат кунанд.

Дар қадами баъдӣ бояд муаллимонеро пайдо кунанд, ки моиланд равиши тадрисро, ки дар бист соли гузашта ба кор бурдаанд, канор бигзоранд ва дарсдиҳиро ба сурати фаъолиятҳои ҷолиб дароваранд. Бо ин равиш, мудирияти синфии дарс содатар хоҳад шуд. Ёдгирӣ дигар танбаливор нахоҳад буд, ирҷои донишомӯзон ба дафтари мадраса ба далелҳои инзиботӣ ва мардудӣ коҳиш меёбад, мизони ғайбатҳо (прогул) ҳам аз сӯйи муаллимон ва ҳам аз сӯйи донишомӯзон коҳиш меёбанд, зеро эҳсос мекунанд, машғули анҷоми корҳои боарзише ҳастанд.

**Як намунаи дарҳамтанидагӣ (талфиқ)**

Барои як вазифаи аккосӣ (суратгирӣ) донишомӯзон вазифадор ҳастанд, матлаберо аз тариқи роёна (компютер) бинависанд, ки ин кор бо шабакаи интернет робита дорад. Ҳамчунин лозим аст, ки аз манбаъҳои китобхонавӣ низ дар таҳқиқоти худ истифода кунанд. Ба сурате ки дар бахши манбаъҳо бояд ҳадди ақал номи се манбаъи мухталифро зикр кунанд. Истифода аз манбаъҳои мухталиф боис хоҳад шуд, то донишомӯзон бо маълумоти гуногуне мувоҷеҳ шаванд ва маҷбур шаванд барои даст ёфтан ба иттилооти саҳеҳ дар мавриди онҳо қазоват кунанд.

Ба унвони намуна барои таклифи **«Зодгоҳи ман»** донишомӯзон се рӯз фурсат доштанд, ки матолиби мавҷуд дар нашриётро биёмӯзанд. Барои шиносоии муҳити атрофи худ ҳамроҳ бо донишомӯзон дар гирду атрофи мадраса ба гардиш бипардозанд. Зимни саволҳое, ки аз донишомӯзон ба амал меояд, мушоҳидаҳои онҳо ва онҷиро, ки аз қабл дар мавриди ин минтақа медонистанд, кори баъдӣ буд. Онҳо сипас, ба унвони аккоси (суратгири) хабарӣ - таърихӣ вазифаҳои худро анҷом медоданд, яъне мақолае дар мавриди шаҳри худ ва таърихчаи онҳо бо ҳазфи ҷалби сайёҳонро таҳия кунанд. Донишомӯзон тасвирҳое аз гузашта, мисли биноҳо, паркҳо, хиёбонҳо ва муқоисаи онҳо бо тасвирҳои гузашта, таҳаввулот дар меъморӣ, мошинҳо ва фазои сабзро нишон диҳанд. Дар марҳалаи баъдӣ гузориши таҳияшударо, ки бо роёна (компютер) чоп карда буданд, ба сурати шифоҳӣ барои донишомӯзон ва муаллимон пешниҳод карда шуд (6:98).

Ошноӣ бо муҳити гирду атроф ва муошират бо дигарон, табодули маълумот (иттилоот) боиси худогоҳии бештар ва ташвиқ ба омӯзиши фардию гурӯҳии донишомӯзон мешавад. Дар чунин фазое рӯҳияи шуҷоъат ва мусбатандешию пешрафт рушди беҳтаре хоҳанд дошт. Инҳо ва даҳҳо маҳорати тавонмандии дигар аз дастовардҳои муҳиму арзишманди рӯйкарди барномарезии дарҳамтанидагӣ (талфиқӣ) аст.

Ҳамеша бояд ба ин нукта фикр кунем, ки зарфиёти инсонӣ таҳти чӣ шароите рушд мекунанд. Бо тавачҷӯҳи равишҳо метавонем ба тавсиаи зарфиёти инсонӣ иқдом кунем.

**КАЛИДВОЖАҲО**: тақсимбандии соатҳои дарсӣ, рушди дониши башарӣ, барномаҳои дарсии байнириштаӣ, тафаккури дарҳамтанидагӣ, омӯзиши мадрасавӣ.

## АДАБИЁТ

1. Алиризо Киёманиш. Ёфтаҳои савумин мутолиаи байналмилалии риёзӣ ва улум (Таймз).-Теҳрон, 1377/ 1998.
2. Муҳаммадризо, Саркоророн. Фарҳанги омӯзиш дар Жопун.-Теҳрон:Рӯзнигор,1381/2006.-241 с.
3. Хурризод Баҳман. Аввалин коргоҳи омӯзишии тарбиятӣ// Муаллифи китобҳои дарсии Созмони пажӯҳиш ва барномарезии омӯзишӣ (Матн).- Теҳрон, 1380/2001.-241 с.
4. Хурризод Баҳман.Ғанисозии фарҳанги омӯзиш (Матн).-Дар ду ҷилд.-Теҳрон: Нашри Лавҳи заррин,1385/ 2006.-Ҷ.1.-267 с.

5. Ҳурризод Баҳман.Ғанисозии фарҳанги омӯзиш (Матн).-Дар ду ҷилд.-Теҳрон: Нашри Лавҳи заррин, 1385/ 2006.- Ҷ.2.-253 с.
6. Ҳурризод Баҳман. Ғанисозии фарҳанги омӯзиш (Матн) /Зери назари С.Сулаймонӣ.-Душанбе: Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон: Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ,2008.-207 с.
7. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе (Текст).- Душанбе: Маориф,1998.-447 с.
8. Выготский, Л.С. Проблемы обучения и умственного развития в школьном возрасте (Текст)// Изб. Психологические исследования.-М.-1956.
9. Кодиров Б.Р. Дидактические основы межпредметных связей естественно-математических дисциплин, направленные на формирование творческого мышления учащихся средней школы (Текст): Дис… док.пед.наук.-Душанбе,2006.-312 с.

**ПРОБЛЕМЫ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ**

***Бахмани Хурризод***

В данной статье особое внимание уделено внедрению межпредметных связей в общеобразовательных школах. Сопоставлен и проведён обстоятельный сравнительный анализ дидактической основы межпредметных связей различных дисциплин. Разработаны рекомендации по эффективному использованию системы методов внедрения межпредметных связей, направленные на формирование творческого мышления учащихся общеобразовательной школы.

**WAYS OF INTERSUBJECT COMMUNICATIONS**

***Bahmani Hurizod***

The special attention is given to introduction of intersubject communications in comprehensive schools. The detailed comparative analysis of a didactic basis of intersubject communications of various disciplines is compared and leads. Recommendations on an effective utilization of system of methods of introduction of the intersubject communications, directed on formation of creative thinking of pupil's schools are developed

# ПСИХОЛОГИЯИ НАВРАСИ ҚОНУНШИКАН

***Ҳ. Ҳасанов***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Як қатор тадқиқотҳои психологӣ исбот намуданд, ки ба қонуншиканӣ намудани ноболиғону наврасон ҳолати ҷараёни дарккунии онҳо, дар зинаҳои паст қарор доштану сари вақт бартараф нагаштани мутташанниҷии рӯҳӣ, ба насиҳатҳо ва маззамати калонсолон эътибор надодани наврасон, ки оқибатҳои нохуш меоранд, низ сабаб шуда метавонанд, -қайд намудааст С.Н. Немов.[1]

Баъди кор наврасони майли ба қонуншиканидошта, ба ҳаммаслакони ҷинояткори худ тақлидкорӣ намуда, дар симои онҳо нисбати худ шахси ғамхорро дида, аз ҳатти кашидаашон набаромада, ҳар як супориши онҳоро бечунучаро иҷро мекунанд. Аз ин ҳолат истифода намуда, ҷинояткорони калонсол заифтарин наврасони тарсончакро ба доми худ кашид, аввал «тарбия намуда», баъд ба фаъолияти мустақилонаи ҷинояткорӣ тела дода, манфиатҳои муфтхӯрона мебинанд.

Ҳамин муаммоҳо сабаб гашта, ҳоло бамаврид ва саривақтӣ аст, ки заминаҳои асосии душвортарбия гаштани наврасон ошкор ва пеши роҳи ҷиноятгарии онхо гирифта шавад. Дар роҳи ин мақсад оила, боғча ва мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ нақши калонро мебозанд. Вале дар шароити имрӯза, танқисии иқтисодӣ, камбизоатӣ ва ҷанҷолҳои оилавӣ, кирдорҳои ғайриқонунии волидайн дар ҳузури фарзандон, таъсири манфии ҳамсинфони мактаббезор, сифати пасти таълиму тарбия дар мактабҳо аз нарасидани муаллимони пуртаҷриба, сабабгори асосии мактабгурезӣ ва бадахлоқии наврасон гашта, ҷамъият доғдору тақдири даҳҳо наврасон зери хавф монданаш мумкин аст. Агар дар оила наврасонро волидайн «рав чизи хӯрдание ёфта биёр»-гуфта, ба кӯча тела диҳанд, дар мактаб муаллимони тасодуфии аз усулҳои педагогӣ чақримҳо дур, мактаббачаро маҷбур мекунанд, ки барои баҳо пул ё чизи дигар оварад. Ҳамин тарзи муомила сабаб мешаваду хислатҳои беҳтарини психологию педагогии наврасон ба рафторҳои ҷинояткорона табдил ёфта, хишти аввали тарбия то ба охир каҷ рафтан мегирад.

Бо вуҷуди он ки дар мактабҳои кишвар як вақтҳо вазифаи психолог ҷорӣ буду манфиати калони тарбиявӣ дошт, дар айни ҳол чун касбҳои технику фаррош ҳар лаҳза ихтисору тағйир дода мешавад, ки ин нисбати нақшаю барномаҳои таълимии давлатӣ" беҳурматӣ ва беадолатию саҳлангорӣ аст.

Омӯзиши тақдири ретсидивистҳо соли 2006 дар раёсати корҳои дохилаи вилояти Суғд собит намуд, ки аз 1000 нафари чандинкарата судшудагон, 41 фисадашон ҷинояти аввалини худро то 18

солагӣ содир карда будаанд. Ана, оқибати аз паси панҷа нигоҳ намудан ба тақдири наврасон,-навишта буд педагоги машҳур Макаренко, ба чунин масъалаи ҳамрадифи замони худаш баҳо дода.

Ҳама камбудию нуқсонҳо дар тарбияи наврасон оқибати ғайричашмдоштеро ба вуҷуд меоваранд, ки ба қавли педагоги машҳури шӯравӣ Г. Сухомлинский, "аз бадбахтии ҷомеавӣ ҳам хавфноктар аст."[2]

Муҳити носолими ҳаёт аз оила то ҷомеа наврасонро ба кирдорҳои ношояму қонуншиканиҳои бераҳмона тела дода, харобшавӣ" ва боздории равандҳои рӯҳиро ба вуҷуд оварда, тундхӯӣ, асабонӣ, сустирода ва дар лаҳзаҳои ҳассос худро идора карда натавонистан дар наврасон зоҳир ва устувор гашта, баъди ин дар онҳо шаш ҳолати зишт: бадхашмӣ, норизогӣ, хусуматгарӣ, тарсончакӣ, танхоҳӣ ва бепарвогӣ ташаккул меёбанд, ки ҳар кадом ба олами ботинию ақлонии шахс таъсир расонда, чунончи И.Л. Павлов қайд карда буд: «шакли муқаррарии рафтори одам на танҳо ба хосиятҳои системаи асаб, балки ба маҷмуи системаи алоқаҳои муваққатии асабии мураккабу устувори таъсироти беруна дар пустлохи майнаи сар ташаккул меёбанд. Ба пешрафти ақл, тарбияи иродонокӣ, мустақилият ва донишомӯзӣ монеъгӣ карда, ноболиғро дар ҷомеа ба одами зиёдатӣ, нодаркор табдил дода, оқибат ба ҷиноятгарӣ тела медиҳанд». [3]

Дар шароити кунунии иқтисодиёти бозоргонӣ авҷи хусусигардонии муассисаю ташкилот ва дигар муассисаҳои давлатӣ ба рӯҳияи психологии шаҳрвандон низ таъсири ҷиддӣ расонда, вуҷуди баъзе ашхосро бештар муфтхӯрию қаллобӣ фаро гирифта, ин ҳолат ба наврасон низ таъсири манфӣ мерасонад ва ин ҳолат ба оқибатҳои нохуш замина мегузорад.

Дар марҳилаи кунунии ҳаёти мо афзоиши талаботҳои ноболиғон аз имкониятҳои волидайни онҳо хело пеш рафта, муд, видео, дискотека, автомашинаи хориҷиронию сигоркашиҳои бемаъниёна ва даст ба нашъамандӣ заданҳо бо шиори: «Ман мехоҳам» омезиш ёфта, аз ин на танҳо аҳли хонавода, балки тамоми ҷомеа ба таҳлука афтодааст, ки тақдири минбаъдаи наврасон чӣ мешуда бошад? Дар муқобил ба чунин рафтори наврасон педагогу психологҳо андеша доранд, ки наврасон бояд бигӯянд: «Ман ҳоло барои ба даст овардани маблағу ашё ва соҳиби он гаштан омода нестам, аз меҳнати софдилонаи худ чизе наофаридаам ва кӯшиш менамоям, ки шахси омода ва сазовори замони худ бошам»

Бо тағйир ёфтани форматсияи ҷамъиятӣ тафаккури наврасон хело зуд тағйир ёфта, тайёрхӯрӣ ва танбалии фарзандон боиси ғаму андӯҳи волидайн гаштааст. Бархе аз волидайн дидаю дониста эркагиҳою худсариҳои фарзандонашонро тарафгирӣ мекунанд ва бе назардошти ҷиҳатҳои психологӣ-педагогии наврасон онҳоро бо ҳар роҳу восита шомили донишгоҳҳои ихтисосҳои ҳуқуқ, тиббӣ ва забонҳои хориҷӣ намуда, муаммо ва дарди сареро ба гардани роҳбарони донишкадаҳои олӣ бор карда, дар иҷрои моҳиронаи вазифаҳои ҷониашон монеъгӣ мекунанд.

Тадқиқотҳои психологӣ собит намуданд, ки наврасон ба ҷойи мактабравӣ ва донишандӯзӣ бештар дар кӯчаю хиёбонҳо, растаҳои назди фурӯшгоҳу бозорҷойҳо, ба иҷрои корҳои гуногуни аз тарафи калонсолон мефармуда, чун аробакашӣ, кӯчарубӣ ва аксар вақт ба кисабурӣ, ғоратгарӣ, ва ҳатто роҳзанӣ ҳам машғул мешаванд.

Мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳои психологӣ ошкор намуданд, ки ба ҷиноятпеша шудани баъзе наврасон худи калонсолон ва наздикони онҳо ҳам сабаб мешаванд.

Аз ҳамин сабаб, барои донистани хислатҳои психологии навраси қонуншикан, таҳқиқгарону муфаттишҳо бояд омодагии хело пухта гиранд. Барои манфиатнок ба роҳ мондан ва таъмини боадолати таҳқиқи кирдорҳои ноболиғон ба эътибор гирифтани шароитҳои қонуншиканиҳои онҳо бо сарчашмаҳои зерин:

-аз камтаҷрибагӣ дар зиндагӣ;

-аз таассубкунӣ ва тақлидкорӣ ба дигарон;

-ба зери таъсири саркарда ва пешво мондан;

-қобилияти аз ӯҳдаи ҳама гуна ҷиноятгорӣ аз дигарон беҳтар баромаданашро нишон додан;

-барои ба даст овардани обурӯ дар гурӯҳи ҷиноятпеша чун калонсол эътироф шудан;

-барои худро ҷасур ва аз дигарон беҳтару болотар нишон додан;

-тарсончакӣ зоҳир карда, аз тарси саркарда, ҷинояте содир кардан замина мегиранд ё на, эътибори ҷиддӣ додан хело зарур ва бамаврид аст.

Барои боадолатона ва объективона таҳқиқ намудани амали наврасон ба масъалаҳои зерин эътибори ҷиддӣ додан ҳатмӣ аст:

-ноболиғ дар кадом синф мехонд?

-доираи дӯстони наздикашро киҳо ташкил мекарданд?

-кадом фанҳоро дӯст медошт ва аз кадомаш бо кадом сабаб мегурехт?

-чанд маротиба дар синфаш мононда шуд?

-аъзои кадом маҳфили дарсӣ буд?

-муносибати ноболиғ бо ҳамсинфон ва хурдсолон чӣ гуна буд?
-Оё фикру маслиҳат ва эродҳои ҳамсинфонро ба назари эътибор гирифта, мепазируфт ё на?

Ба назари эътибор гирифтани натиҷаҳои аз масъалаҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки тааассуротеро дар бораи ҳолати ботинии наврас пайдо карда, самти пурсиши вай пешакӣ маълум ва интихоб карда шавад.

Пеш аз пурсиши навраси қонуншикан муфаттиш бояд талаботҳои Кодекси мурофиаи ҷиноятиро ба эътибор гирад, ки дар моддаи 159 омадааст: Дар вақти пурсиши навраси аз 14 то 16 сола муфаттиш бояд педагогро даъват кунад. Агар зарур шавад, намояндагони қонунии шахси ноболиғ ё хешони наздики ӯ бояд даъват карда шаванд. Баъди пурсиши шахсони ҳозир бо мақсади тасдиқи дурустии нишондодҳои ноболиғ зери протокол имзо мегузоранд. [4]

Дар баъзе ҳолатҳо кормандони ҳифзи ҳуқуқ айби зиёдеро ба гардани наврасони бори аввал даст ба ҷиноят зада бор мекунанд, ё ҳангоми бурдани тафтишоти пешакӣ нисбати наврас дуғу пуписа ва ҳатто латту кӯбро раво мебинанд, ки ин ба ҷиҳатҳои психологию педагогӣ ва хислату одоби касбии корманди милитсия, суду прокуратура ва адолатпарастии инсонии онҳо мувофиқ нест. Зеро наврасии аз беадолатӣ воқифшуда минбаъд нафратеро дар дили кӯчакаш нисбати мақомот ва корманди он пайдо намуда, як умр кинаро фаромӯш намекунад ва ба ҷойи тарбия гирифтан шахси хело хавфноки ҷомеа шуда ба камол мерасад.

Дар роҳи расидан ба мақсадҳои наҷиб, пеш аз ҳама, ҳамкории якҷояи волидайн ва муаллимон хело зарур аст. Аммо муносибати имрӯзаи на ҳама мактабу муаллимон ба шогирдону волидайн мувофиқи матлаб буда, фақат бо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзандон амалест камкифоя ва на ҳамеша манфиатбахш.

**КАЛИДВОЖАҲО:** наврасони майли ба қонуншиканӣ дошта, хислатҳои психологии навраси қонуншикан, тадқиқотҳои психологӣ, тафаккури наврасон, тадқиқотҳои психологӣ.

## АДАБИЁТ

1. Немов С.Н. «Психология». М. 1998. Ч.1 стр.265-266.
2. Сухомлинский. А.В. Рождение гражданина.М.1979.
3. Васильев.В.Л. Юридическая психология. Санкт-Петербург. 1998.стр.331-332.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ.Хуҷанд. с.2006.
5. Хасанов Х.Х. Психология ва педагогика дар фаъолияти мақомоти корҳои дохила. Хуҷанд. 2007,116 с.

## ПСИХОЛОГИЯ ПОДРОСТКА–ПРАВОНАРУШИТЕЛЯ

***Х. Хасанов***

Некоторые подростки совершают правонарушения во время учебы в школе, но в результате правильного воспитания и обучения в будущем становятся примерными гражданами общества. Для достижения данного показателя очень важна правильная работа между преподавателями и родителями.

## THE PSYCOLOGY OF TEENAGER – OFFENCE

***H. Hasanov***

The article considers about the teenager conclude offence during the study at the school, but in the results of good upbringing and teaching in the future become of example of citisim of society. for achievment of this exponent very important a good workbetween teachers and parehts

# ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР БАРНОМАҲОИ ОМӮЗИШӢ

***Сидиғе Солиҳӣ***
**Донишгоҳи Паёми Нури Мозандарони Эрон**

Имрӯз нақшу таъсири фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ бар ҳеҷ кас пӯшида нест. Аз ҷумла, бистарҳои муносиби ин тағйирот низомҳои омӯзиш ва парвариш аст. Аз ин рӯ, фановариҳои иттилоотӣ таҳаввулот ва тағйироти шоистае дар ин ҳавза дошта ва хоҳанд дошт. Кишварҳои гуногуни дунё, бавижа, кишварҳои мутараққӣ, дерзамонест, ки дар амри бакоргирии абзорҳои муносиб дар омӯзиш сармоягузориҳои калоне кардаанд. Бо таваҷҷӯҳ ба таърифи ҷадиди Юнеско, аз фарди босавод, мабнӣ бар зарурати ёдгирии саводи роёнаӣ, таваҷҷӯҳи амиқтар ба мӯҳтавои омӯзишию системаҳои нави омӯзишӣ амре бадеҳӣ ба шумор меояд.

Барои ошноии бештар бо тавонмандиҳо ва вазъияти бакоргирии фановарии иттилоот дар кишварҳои пешрав, дар зер вазъияти бархе аз кишварҳоро баррасӣ мекунем.

Дар Инглистон аз ибтидои вуруди роёнаҳо, ниёз ба як тарҳу роҳбурди миллӣ барои истифода аз фановарии иттилоот дар омӯзиш ташхис дода шудааст. Роҳбурди фановарии иттилоот барои мадориси Инглистон, Вилз ва Ирланди Шимолӣ ба таври маҷзо, аммо мушобеҳ бо тарҳи миллӣ тавсиа ёфтааст. Роҳбурди фановарии иттилоот дар мадорис ибтидо аз тариқи омӯзиши микроэлектроник тавсиа ёфт (аз с.1984 то с.1986). Сипас, ин фаъолият ба василаи воҳиди пуштибонии омӯзиши микроэлектроник дунбол шуд. Ин воҳид дар соли 1988 бо шӯрои фановарии омӯзишӣ[1] ташкил шуд ва дар соли 1988 ин шӯро нақши ҷадидеро бо номи дафтари фановарӣ ва иртибототи омӯзиши Инглистон ба ӯҳда гирифт. Дар соли 1988 давлат воҳиди фановарии иттилоот дар мадорис (ITIS)-ро[2] ташкил дод, то назир бар ҳазинаҳо ва махориҷи ин ҳавза бошад. Роҳбурди аввалия бар ташвиқи омӯзиши муаллимон дар заминаи фановариҳои ҷадид ва таҳияву тадоруки сахтафзор дар мадорис муттамарказ буд. Муддати ин тарҳ 5 сол буд. Тайи ин муддат, фановарии иттилоот вориди барномаҳои дарсӣ шуд ва ба манзалаи ҷузъи асосии барномаи миллии таҳсилии донишомӯзони 5-16 - сола дар назар гирифта шуд. Тахсиси буҷа барои тавсиаи фановарӣ дар Инглис дар соли 1994 мутаваққиф шуд ва роҳбурди давлат аз соли 1994-1997 муттакӣ бар таҳия ва тадоруки иттилоот ва тавсия ба мадорис ва низ ташвиқу тарғиби хариди фановариҳои ҷадид буд. Баъди қонуни соли 1988 тасмим барои харид ва бакоргирии фановариҳо ба мадорис ва коллеҷҳо супурда шуд ва онҳо то ҳадди васеъ худмухтор шуданд. Баъд аз тағйири қудрат дар соли 1997 роҳбурди давлат тағйироте ёфт. Ин роҳбурд бештар бар тавсиаи шабакаи миллии омӯзишӣ[3] муттакӣ буд. Ба манзури расидан ба ин аҳдоф давлат барномаҳоеро барои соли 2002 доштааст, ки ин барномаҳо иборатанд аз:

1. Ҳама мадорис бояд ба шабакаи NGFL муттасил шавад;
2. Ҳама муаллимон бояд салоҳияти кофӣ ва иттилооти лозим дар заминаи фановарии иттилоотро дошта бошанд;
3. Ҳар яке аз донишомӯзон замони тарки мадорис бояд фаҳми дурусту комиле аз фановарии иттилоот дошта бошанд;
4. Ҳама фаъолиятҳо дар мадориси давлатӣ бояд электронӣ бошад.

Истифода аз фановарии иттилоот боис шуда, то донишомӯзон иттилооти бештареро дар замони кӯтоҳтаре ба даст оваранд. Онҳо абзорҳои иртиботӣ монанди почтаи электронӣ, даврнигор, роёнаҳо ва конфронсҳои видеоӣ, марзҳои замону маконро дар нур дида ва фурсатҳои ҷадиди омӯзиширо фароҳам кардаанд. Акнун имкони ироаи омӯзиш дар сатҳи васеи мухотибон пароканда ва дур аз дастрас, ё бакоргирии абзорҳои видеоии дутарафа бо дастрасии доим дар шабакаҳои густурдаи ҷаҳонӣ фароҳам омадааст.

Давлати Амрико низ ҳазинаи қобили таваҷҷӯҳеро барои фановарии иттилоот ва омӯзиш дар назар гирифтааст. Бо вуҷуде ки ҳама мадорис аз роёна истифода мекунанд, сатҳи истифода аз он ба таври қобили мулоҳизае мутафовут аст.[4]

Аҳдофи роҳбурди миллии фановарии иттилооти Амрико барои муаллимон ва донишомӯзон ба ин шарҳ аст:

1. Ҳама донишомӯзон ва муаллимон ба фановарии иттилоот дар синфхонаҳо, мадорис ва манозил дастрасӣ хоҳанд дошт.

2. Ҳама муаллимон аз фановариҳои иттилоотӣ ба таври муассир барои кӯмак ба пешрафти таҳсилию касби стандартҳои пояи донишомӯзон истифода хоҳанд кард.

3. Ҳама донишомӯзон аз маҳоратҳои лозими саводи иттилоотӣ ва роёнаӣ баҳраманд хоҳанд шуд.

4. Таҳқиқ ва арзёбӣ, корбурдҳои отии фановариро дар амри омӯзиш ва ёдгирӣ тавсиа хоҳад бахшид.

5. Мутун ва мӯҳтавои диҷитол ва корбурдҳои шабака, омӯзиш ва ёдгириро мутаҳавил хоҳад кард.

Давлати Зеландияи Нав низ таваҷҷӯҳи хоссе ба нақши абзорҳои фановарии иттилоот дар амри омӯзиш доштааст.

Авомили асосӣ ва далоили мавриди назари давлат ба ин шарҳ аст:

- Ниёз ба маҳоратҳои фановарии иттилоот барои рақобати муваффақиятомез дар арсаи бозорҳои ҷаҳонӣ (далели иқтисодӣ);

- Низоми омӯзишӣ бояд донишомӯзонро барои мушорикати фаъолу комил дар дунёе, ки дар он зиндагӣ мекунанд, омода кунад (далели иҷтимоӣ);

Фановарии иттилоот бояд имконоти билқува лозимро барои афзоиши муваффақияти донишомӯзон дар дарсҳо таъсире дошта бошад (далели асарбахшии омӯзиш);

Фановарии иттилоот метавонад ба ҳалли мушкилоти омӯзиш ношӣ аз дурии роҳ ва масофат, ба хусус дар мавриди мадориси маҳалии кӯчак кӯмак кунад, (далели короии омӯзиш).

Ҳар як аз далоили мазкур бо якдигар иртибот доранд ва дар кул, ҳама авомили ёдшуда, аз ҷумла, далоили давлати Зеландияи Нав барои истифода аз фановарии иттилоот дар мадорис аст. Дар мадориси Зеландияи Нав истифода аз фановарии иттилоот дар ҳавзаҳои зер сурат мепазирад:

1 дар килосҳои дарси оддӣ;
2 омӯзиш аз роҳи дур;
3 дар мудириятиву идораи мадорис[5]

Илова бар кишварҳои ғарбӣ соири кишварҳои дунё, аз ҷумла, давлатмардони осиёӣ низ ба ин амр таваҷҷӯҳи хос доштаанд. Дар миёни кишварҳои осиёӣ, ки таваҷҷӯҳи хосе ба амри фановарии иттилоот доштаанд, метавон ба Сингапур ишора кард. Сингапур аз назари бахрабардорӣ аз фановарӣ дар омӯзиш ёздаҳумин ҷойгоҳро дар ҷаҳон дорад. Дар айни ҳол мақоми аввали Осиёро дорост. Ин кишвар парчамдори инқилоби сахтафзорӣ будааст. Тарҳи аслии он дар соли 1997 ироа шудааст, ки мутазамини фароҳам овардани як роёна барои ду кӯдаки то қабл аз соли 2002 буд.[6]

Дар Ҷопон аз ҳар се мадраса, як мадраса ба интернет васл шудааст. Дар ростои тавсиаи аҳдофи омӯзишӣ, давлати Ҷопон дар назар доштааст, то қабл аз моҳи марти соли 2002, 40000 мадрасаро ба Интернет васл кунад ва дар соли баъд ҳар донишомӯз дар мадраса ба як роёна дастрасӣ хоҳад дошт. Донишомӯзони ин кишвар дар 6-солагӣ ба фарогирии роёна мепардозанд. То 8-солагӣ қодир ба дастрасӣ ба Интернет ҳастанд ва дар даҳсолагӣ барои таҳқиқ дар пружаҳои вижа аз он бахра мегиранд.

Тайван низ аз ҷумлаи кишварҳое аст, ки гомҳои бузурге барои фатҳи қалъаҳои фановарии иттилоот бардоштааст. Ин кишвар дар ҳоли пиёда кардани як тарҳи ҷомеъ барои табдили низомҳои омӯзишии суннатӣ ба низомҳои омӯзишии роёнаӣ дар бархе аз мадорис аст. Давлати Тайван дар назар доштааст то қабл аз соли 2001, сесаду шаст миллион доллар сарфи таҳияи роёна барои синфхонаҳои дарсӣ кунад.

Пешбинии фановарии иттилоот дар омӯзиш коре душвортар аз пешбинии ояндаи фановарии иттилоот аст. Яке аз далоили ин душворӣ, масъалаи таъмини буҷа аст. Донишомӯзон ва муаллимон буҷаи мадорисро танзим намекунанд. Ба қавли Соросон(1990) онҳо фақат қудрат ҳастанд. Масъалаи дигар, ин ки омӯзишу низоми омӯзишӣ ба роҳатӣ тағйир намекунад. Омӯзиш як низоми печида аст. Ба ин далел пешбинӣ ва пешгӯии ин амр коре душвор аст. Аз тарафи низомҳои омӯзишии оянда бояд донишомӯзон ва донишҷӯёнро барои зиндагӣ ва фаъолият дар деҳкадаи ҷаҳонӣ омода кунанд.

Низомҳои омӯзишии ҷорӣ бо ниёзҳои ҷомеаи иттилоотӣ созгорӣ надоранд ва дар воқеъ ин ниёзҳо аз тавон ва қобилиятҳои лозим баҳраманд нестанд.

Фановарии иттилоот вориди зиндагии инсонҳо шуда ва дар ҳама ҷо ҳузур дорад ва мардум саросар дунёро ба ҳам муртабит мекунад. Мардум дар ҳар синну сол, макони ҷуғрофиёӣ, мавқеъият ва вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо ҳар гуна ниёзи омӯзишӣ қодир хоҳанд буд аз низомҳои омӯзишии иқтисодии нуқоти дунё баҳраманд шаванд. Дар айни ҳол ин низомҳо, гувоҳиномаҳои мӯътабар дар сатҳи ҷаҳонӣ содир хоҳанд кард.

Бархе аз пешбиниҳои оянда иборатанд аз:

1. Дастёбии густурдаи донишомӯзон ва донишҷӯён ба тавон ва имконоти роёнаӣ.
2. Иттисоли мадорис, муассисот ва ҳатто манозил ба шабакаҳои ҷаҳонӣ.
3. Истифодаи бештар аз убури расонаҳо[7] дар омӯзиш.
4. Ҳушмандтар шудани роёнаҳо.
5. Омӯзиш дар ҳар замону макон (дастрасии доим).
6. Иттисол ба муассисот аз манозил ва эҷоди гурӯҳҳои ҷадид бо унвони донишомӯзони хонагӣ[8].
7. Тағйир дар низоми омӯзиши муаллимон ва мураббиён (омӯзиши бидуни истиҳдом ва зимни хидмат).
8. Тағйир дар мӯҳтавои мутуни дарсӣ.
9. Афзоиши бахраварӣ ва короии низомҳои омӯзишӣ.
10. Афзоиши короии муаллимон.
11. Афзоиши тавони илмии донишомӯхтагон.
12. Тағйири нақши муаллимон ва мураббиён.
13. Ҳамоҳангӣ ва яксонсозӣ, имконоти омӯзишӣ барои ҳама довталабон ва мураббиён.
14. Эҷоди рақобатҳои созанда байни муассисот ва марокизи омӯзишӣ (барои тақвияти тавони илмӣ ва омӯзишии донишомӯхтагон).[9]

Дар поён ба назар мерасад, мутаҳаммилтарин пешбинӣ ва тасаввури оянда дар хусуси омӯзиш, таҳаввул дар моҳияти низомҳои омӯзишӣ ва ё ба иборате таҳаввул ва тағйири чашмгир дар таърифи ёддиҳӣ ва ёдгирӣ аст. Аз тарафе ба далели таҳаввуле, ки фановариҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ дар куллияи муносиботи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии дунёро падид меоварад, омӯзиш, ёдгирӣ

ва ёддиҳӣ мутаносиб бо ниёзҳои рӯ ба таҳаввули ҷавомеи оянда дастхуши тағйироти бисёр хоҳанд буд. Аз тарафе, бо таваҷҷӯҳ ба гароиши давлатҳо ба умури электроникӣ ва дар воқеъ табдили онҳо ба давлатҳои электроникӣ, лузуми таваҷҷӯҳи бештареро ба омӯзишҳои фановарии иттилоот (ба вижа дар насли оянда) аҳамияти бештаре дорад.[10]

Имрӯза нақшу таъсири фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ бар ҳеч кас пӯшида нест. Аз ҷумла, бистарҳои муносиби ин тағйирот низомҳои омӯзишӣ ва парваришӣ аст. Аз ин рӯ, фановариҳои иттилоотӣ таҳаввулот ва тағйироти шоистае дар ин ҳавза дошта ва хоҳанд дошт. Истифода аз фановарии иттилоот боис шуда, то донишомӯзон иттилооти бештареро дар замони кӯтоҳтаре ба даст оваранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: фановарии иттилоот, барномаҳои омӯзишӣ, таъсири фановарии иттилоот, аҳдофи роҳбурди миллии фановарии иттилоот,таҳқиқ ва арзёбӣ, маҳоратҳои лозимии донишомӯзон.

## АДАБИЁТ


1 National council for Educational (NCET).
2 Information Technology in Schools.
3 National Grid for Learning (NGFL).
4 Косиб донанда, Эрач (1380), Корбарии фановарии иттилоот, маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши саросарии иттилоърасонӣ, Донишгоҳи санъатии Моликаштар, Теҳрон.
5 The use of Information Technology in Schools? Oct? 1997.
6 The future of Information Technology in education.
7 Hypermedia.
8 Home schooler.
9 Departmen of education E-lerning: national education plan. Executive summary.
10 Information Techology in edication. ENCARTA (cd rom)/ 2000.
11 Касиб Донанда Эрач. Корбарии фановарии иттилоот (маҷмӯаи мақолот), Теҳрон, 1380, с.170.
12 Фардоиш Ҳошимм. Манбонии технулужии омӯзишӣ, Теҳрон: Самт, 1385, с. 246.


### ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ СЕТЕЙ В УЧЕБНЫХ ПРОГРАММАХ

*Сиддика Солихи*

В данной статье говорится о пользе использования информационных сетей в учебной программе.

### THE USING OF INFORMATION'S SITES IN THE EDICATIONALS PROGRAMMS

*Sidika Solihi*

The article considers about the using of information's sites in the edicationals programms.

# ПЕШНИҲОДҲО БАРОИ ОМӮЗИШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ

***Муҳаммади Нажод***
**Донишгоҳи Паёми Нури Мозандарони Эрон**

Маҳоратҳои лозим барои табдили муассири дониш ва иттилоот ва тавлидот ва хадамоти ҷадид ҳамчун яке аз шохисҳои иқтисод мувофиқ аст ба далели ин дониш ва иттилоот, муҳимтарин ҷараён барои бахравари рақобат ва арзиш афзудааст ва давлатҳо аввалияти бештариро ба тавсиъаи сармояи инсонии худ додаанд, давлатҳо дар саросар ва тавсиъа дар ҳоли тамаркуз бар роҳбурдҳои афзоиши дастёбӣ ба омӯзиш ва тавсиъаи кайфияти иттилоот ҳастанд. Тасмимгирон ин саволҳои асосиро аз худ мекунанд. 1) Дар иқтисоди мубтани бар иттилооти ҷаҳони кунунӣ чӣ шароитро барои омӯзиш таъин кунанд? 2) Оё омӯзиш баробар бо дунёи ба суръати мутаҳаёир кунуни ҳамгом шудааст? 3) Оё барои эҷоди таҳир, улгуҳои хуб (дар ҳадди тавони иҷроӣ) вуҷуд дорад?

Ин навишта ба баррасии як дунёи тағйир ёфта бо синфҳои дарси тағйирнаёфта мепардозад ва пешниҳодҳои барои иҷрои тарҳи фановарии иттилоот дар синфҳои дарсии кишварҳои дар ҳоли тавсиъа ироа медиҳад. Имрӯза равиши муносиби омӯзиш нисбат ба гузашта аҳамияти бештаре дорад, зеро ҷаҳони шабакашудаи кунунӣ хостори нируҳои корӣ аст, ки бифаҳманд фановариро чӣ гуна ба масобаи абзорӣ барои афзоиши бахраварӣ ва халоҳият ба кор бибаранд.

**Шабакаи ҷаҳонӣ, модел барои ёдгирии шабакаӣ.**

Дар соли 1997 бонки ҷаҳонӣ барномаи шабакаи ҷаҳониро дар посух ба тақозои кишварҳои дар ҳоли тавсиъа барои роҳбурдҳои омодасозии чавонон ба манзури рақобат дар дунёи иттилоот ва фановарӣ ва дониш оғоз кард.

Шабакаи ҷаҳонӣ яке аз навтарин ва мувофиқтарин барномаҳои бонкии ҷаҳонӣ ба манзури кӯмакрасонӣ ба кишварҳои дар ҳоли тавсиъа аст. Ҳадафи ин барнома тачҳизи мадорис ва вазоратхонаҳои омӯзишу парвариши кишварҳои дар ҳоли тавсиа барои ба ҷараён андохтани фановарихо маҳоратҳо ва манобеи омӯзишӣ ба манзури омодасозии донишомӯзон ва муаллимон барои вуруд ба дунёи шабака шудааст.

Пас аз гузашти чаҳор сол шабакаи ҷаҳонӣ бо 21 кишвар, барои гирдоварии мадориси маҳрум дар як мадрасаи ҷаҳонӣ, шабакаӣ кор гирифтааст.

Ин шабака ҳазорон донишомӯз ва муаллимонро дар саросари ҷаҳон барои ёдгирии мушорикатӣ пайванд медиҳад ва ба вазоратхонаҳои омӯзишу парваришӣ кӯмак мекунанд то ба коргирии ёдгирии шабакаиро дар мадорис ҳидоят кунанд ва онро фаро бигиранд. Шабакаи ҷаҳонӣ холигии мавҷуд байни кишварҳои дар ҳоли тавсиа ва саньатиро дар мавриди маҳоратҳо, дониш ва фурсатҳои омӯзишӣ пур мекунад. Ҳамон тавр ки фосилаи байни донишомӯзони фақир ва бойро дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа пур мекунад.

**Дарси 1: Озмоишгоҳҳои компютерӣ дар кишварҳои дар ҳоле тавсиа замон ва пул сарф мекунанд, аммо....**

Таьсиси як маркази компютерӣ ва иттисоли қобили боварӣ ба интернет, барои бештари мадрасаҳо дар дунёи имрӯз монанди орзу аст. Дар як баррасӣ аз муаллимони кишварҳои дар ҳоли тавсиа, бештари муаллимон дар Африқо ва кишварҳои Америкои Лотинӣ, унвон карданд, ки надоштани сахтафзор ва нармафзори муносиб ва набуди дастёбӣ ба интернет, монеи аслӣ бар сари роҳи истифода аз компютерҳо дар омӯзиш аст. Гузориш ин ҳақиқатро инъикос мекунад, ки дар бештари ин мадрасаҳои кишварҳои дар ҳоли тавсиъа, нисбати донишомӯз ба муаллим 1 ба 80 аст. Ба ҳар ҳол бештари мадрасаҳо аз роҳи сими телефон метавонанд ба интернет васл шаванд. Ва дар бештари мавридҳо сими телефони қадимӣ ва тачҳизотҳои қадимӣ тағйир наёфт. Бо ин сатҳ қобилияти тавассул ба интернет, як озмоишгоҳ бо 10 то 20 компютер дар Ҷумҳурии Угондо, монанди саробе аст, ки чандин мусофирро дар биёбон ба дунболи худ мекашонад.

Болои ин мушкилот мадрасаҳо мачбур ба истифода аз ин марказ ҳастанд ва дар ҳадди имкон барои сохт ва ирсоли почтаи электрики, эҷоди саҳифаҳои “ВЕБ МАҲАЛӢ” истифода аз дискҳои нурӣ ва қарор додани саҳифаҳои вай дар почтаи электрики бисёр талош мекунанд ҳамчунин муаллимон ёд гирифтанд, ки бо вучуди чунин маҳдудиятҳо, чӣ гуна синфро идора кунанд. Бисёре аз муаллимон синфҳои худро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд, то замоне, ки гурӯҳе машғули ҷустуҷӯ ва ё халқи иттилоот, барои анҷоми пружа ҳастанд, бақияи донишомӯзон ба сурати “офлайн” кор мекунанд. Шумори андаки компютерҳо нисбати донишомӯзон, хабар аз чолиши бузург барои касби фановарии иттилоот ва иртиботот медиҳанд. Эҷоди фановарии компютер дар мавридҳои барои мадрасаҳо дар як кишвари дар ҳоли тавсиа, номутаносиб ва печидааст. Ба иборати дигар корбурди фановарӣ бояд арзонтар ва соддатар тавсиа ёбад. То байни донишомӯзон ва муаллимон корбурди бештаре дошта бошад.

**Дарси 2. Пуштибонии фаннӣ набояд нодида гирифта шавад.**

Тачҳизи мадорис ба компютерҳо кори нисбатан осон аст. Нигаҳдорӣ ва давоми кор бо онҳо ҳазорон мушкил аз мавонеи электороникӣ гирифта то вирусҳо гард ва хок, гармо, об ва ҳаво ва намӣ мумкин аст фаъолияти марказҳои компютери кишварҳои дар ҳоли тавсиаро мутаваққиф кунанд.

Вале ду мушкил бештар ба чашм мехӯрад: аввал, набудани технисиянҳои тамомвакт, дуюм афрподе, ки омузишҳои лозимиро дида бошанд. Инон ғолибан дар ҷустуҷӯи шуғли пурдаромадтаре дар ҷои дигаре ҳастанд ва ҳангоми ба даст овардани фурсат мадрасаро тарк мекунанд. Худи вазоратхонаҳои омӯзишӣ ва парваришӣ ба манзалаи ироаи даҳгонаи хадамот ба мадорис, ба наҳви беморгунае тачҳиз шудаанд.

Дар ҳоле, ки пуштибонии фаннӣ амри иҷтинобнопазир аст, бештари мадорис бе пуштибонии фаннӣи раҳо шудаанд. Як роҳи ҳал додани масъулият бештар ба донишомӯзон барои ҳифз ва нигаҳдории ин марказҳо ҳаст. Вақте, ки технисиянҳои ҳирфаӣ вучуд надоранд, бисёре аз донишомӯзон метавонанд бо фановарӣ созиш пайдо кунанд.

**Дарси 3. Зерсохтҳои иртиботии ғайрирақобатӣ, сиёсатҳо ва муқарарот, монеи барқарори иттисол ва нигаҳдорӣ мешавад.**

Аз он ҷо, ки бештари кишварҳои дар ҳоли тавсиа ҳатто барои муколимоти маҳаллӣ, ба таври дақиқ ҳазина мекунанд мудирон бо буҷаҳои андак маҳдуд, аз иттисол ба интернет дурӣ мечӯянд. Ба ҳар ҳол натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар мадорисе, ки ба интернет бо суръати боло дастрасӣ доранд, беҳбуд дар табақабандӣ, корбурд ва такмилдии барномаҳои дарсӣ ҳосил мешавад.

Падидор шудани фановариҳои бесим заминае аст, ки ниёз ба таваҷҷӯҳ дорад. Аз он ҷо, ки иттисолоти хатҳои насбшуда қобили итминон дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа мунҳасир ба навоҳии шаҳрӣ аст, интихоби бесим барои иттисолоти рустоӣ ва беруншаҳрӣ бисёр қобили тааммул аст. Ҳангоми бо тавсиаи бесим ва вуҷуди он дар ҳама ҷо давлат бояд тахти пушиш ва сиёсатҳои вогузории муҷҷавизро барои ҳусули итминон аз вуҷуди фурсат, барои тахти пӯшиш қарор додани ҳама минтақаҳои кишвар, арзёбӣ кунад.

**Дарси 4. Истифода аз фановарии бесим муносибтарин равиш барои иттисол ба интернет аст.**

Тибқи ёфтаҳои шабакаи ҷаҳони, дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа, муносибтарин фановари барои иттисоли мадорис фановарии бесим аст. Дар ҳоле, ки иттисол ба интернет аз тариқи хатҳои телефон ҳаргиз як роҳи ҳалли воқеӣ нест, зерсохтҳои иртиботӣ дар бисёре аз кишварҳои дар ҳоли тавсиа бисёр заиф аст. Мадориси кишварҳои дар ҳоли тавсиа дар ҳоли эҷоди зерсохтҳои хатҳои маҳаллӣ аз тариқи бесим ҳастанд. Дар Угондо музокироте ба манзури арзёбии мадорис барои вусъат бахшидан ба паҳнои иттисол ба интернет аз тариқи фановарии бесим дар ҷараён аст. Панҷ мадраса аз даҳ мадрасаи аслӣ, ки барои узвият дар пружаи тарҳи шабакаи ҷаҳонӣ дар соли 1997 интихоб шуда буданд, ба сабаби хатҳои иртиботии қадимӣ натавонистанд интернетро ба кор баранд.

Акнун барномаи шабакаи ҷаҳонӣ дар ҳоли таҷриба кардани табаоти бесим дар навоҳии рустоӣ барои эҷоди иттисоли бесим аст. Агар ин роҳи ҳал муваффақиятомез бошад, метавон онро дар навоҳии рустоӣ ва дар нуқтаҳои дурдаст ба кор гирифт.

**Дарси 5. Мушорикати иҷтимоӣ мадрасаҳоро дар таъмини хазинаҳо ёрӣ мерасонад.**

Яке аз бузургтарин чолишҳое, ки дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа барои иттисоли мадрасаҳо ба интернет вуҷуд дорад, мушкили таъмини буҷа аст. Чӣ гуна як мадраса дар кишвари мисли Угондо бо даромади сарона солонаи 310 доллар, тавоноии пардохти 250 доллар дар моҳ барои интернетро доранд?

Як посух ба ин савол, мушорикат дар таҷҳизот ва сармоягузории созмонҳои бузургтар аст. Бархи молиёт аз роҳи коҳиши молиёт бар маҷмаъҳои омӯзишӣ ва бархе бо тамини буҷа ва ё боз кардани мадрасаҳо пас аз соати кори рӯзона ва дар охири ҳафта ва таътилот барои афрод ва анҷуманҳое, ки даст дар кори омӯзиш ва дастёбӣ ба иттилоот ҳастанд, таъмин хоҳад шуд. Шабакаи ҷаҳонӣ тарҳи мушорикати мадрасаҳоро бо як давраи омӯзишии 40-соата дар бораи истифода аз мадрасаҳо ба унвони марказҳои ёдгирии ҳамагонӣ оғоз кардааст.

Ин давраи омӯзишӣ ба мадорис кӯмак мекунад, ки навъи хадамот, ирояи онҳо, маркази муносиб барои тавсиаи коргарон, ва мудирияти молии марказро ташхис диҳанд. Ин роҳбурд на танҳо ҳадафи тавсиаи хазинаҳои ҷориро дар байни теъдоди зиёдтаре дунбол мекунад, балки анҷуманҳоро дар фаъолияти мадраса ба кор мебарад ва иҷтимоӣ барои бузургсолон ва омӯзиши доимӣ умр фароҳам меоварад.

Шабакаи ҷаҳонӣ ибтидо ин мафҳумро дар Ҷумҳурии Зимбавбе тарҳ кард. Гурӯҳи дигари корбарон донишҷӯёни донишгоҳи озоди Зимбавбе ҳастанд, ба тавре, ки мутаҷовиз аз 3000 донишҷӯ дар марказ барои дастёбӣ ба маводи дарсии ҳар давра ва иртибот бо устодон ба сурати “онлайн” кор мекунанд, ва ниҳоят ҳудуди 70% корбарони ин марказ занҳо ҳастанд. Тавфиқи ин тарҳ мусталзами ташвиқи мадорис дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа ба манзури гушудани дарҳо ба иҷтимоъ ба манзалаи пули байни шаҳр ва рустои кишвар, байни ҷавонони дохил ва хориҷи мадорис ва дар ниҳоят байни духтарон ва писарон барои дастёбӣ ба омӯзиш аст.

**Дарси 6: Мушорикати бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ амри зарурӣ аст.**

Вазорати омӯзиш ва парвариш наметавонад ба танҳоӣ ӯҳдадории таҷҳизи мадорис бошад. Давлатҳо бояд барои мувофиқ шудан роҳбурдҳои мушорикатиро густариш диҳанд. Ҳанӯз намунаи бисёр ҷолибе аз мушорикат, асари бахш, байни бахши хусусӣ ва давлатиро нишон медиҳад. Теъдоде аз иёлатҳои Ҳинд гунаҳои мутафовите аз мафҳуми ёдгирӣ, иртиботеро ба василаи мушорикатӣ бо бахши хусусӣ ва компаниҳои омӯзиши компютерӣ ба кор гирифтанд. Давлат иёлати Корнотоко, ҳафт ҳетор мадрасаро бо омӯзишгоҳҳои ICT ба таври ҳайратангез ва фақат дар муддати 45 рӯз таҷҳиз кардааст.

Ин кор аз тариқи мушорикат бо як муассисаи омӯзишии хусусии компютерӣ анҷом шуд. Давлати Корнотоко бо ин муассиса барои таҷҳиз ва нигаҳдории марокизи компютерӣ қарордод баста ва дастуруламале барои омӯзиши фаннӣ барои донишомӯзон дар тайи соатҳои кории мадорис фароҳам кардааст. Дар иваз муассисаи омӯзишӣ як қарордоди 5 сола барои ирояи омӯзиш ва иҷозаи истифода аз таҷҳизот пас аз соати кории мадорис ба манзури ирояи омӯзиши хусусӣ мунъақид кардааст.

**Дарси 7: Пайванди ICT ва фаъолиятҳои омӯзишӣ барои густариши истеҳсолот дар омӯиш амри зарурӣ аст.**

Намунаи мушорикати бахши хусусӣ ва давлатии мазкур роҳе барои таҷҳиз ва фароҳам кардани қобилияти иттисол ба интернет бо ҳадди ақали ҳазинааст. Ва улгуи бисёр хубе аз роҳбарии

бахше давлатро нишон медиҳад. Аммо дар ин улгуҳо насби зерсоатҳои физикӣ осонтарин бахши ин фаъолият аст.

Замоне, ки бисёре аз вазоратҳонаҳо дар саросари ҷаҳон кумитаҳои барои компютерӣ кардани мадорис ташкил дода буданд, теъдоде низ роҳбурдҳои марбут бо як порча кардани корбурди комютерҳо ба масобаҳаи як абзори омӯзишӣдар синф дарсро таблиғ мекарданд. Яке аз мавонеъи, ки шабакаи ҷаҳонӣ (ВЕБ) ба он рӯбарӯ аст, набудани сиёсати шаффоф да вазоратхонаҳои омӯзиш ва парвариши компютерҳоро фақат ба манзалаи як мавзуъ ҷойгузини лозим барои як давраи дарсӣ мебинанд. Ва бинобар ин бар маҳориятҳо авалия истифода аз компютер таъкид мекунанд. Замоне, ки дар нуқтаи шурӯъи омӯзиши компютер ҳастем, васли компютерҳо ба интернет дар давраҳои васеътар заминасози якдигари мешаванд. Натоиҷи арзёбии шабакаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муаллимон ба таври ифроти ба пружаҳои мушорикатӣ ва омӯзишӣ мабнои тааҳҳуд доранд, аммо мудирони мадорис ҳимояти сохтори бисёр каме мекунанд ва бештари корбурд аз сари бахши фановарӣ иттилоотро дар дарс пешниҳод мекунанд. Давраҳои омӯзишӣ, ки ниёз аст ҳамаи муаллимон дар кишарҳои дар ҳоли тавсиа бигузаронанд иборатанд аз таҷҳиз ва пурбор кардан ва гузаронидани замони каме бари таҷриботи тоза дар синф. Озмунҳо нишон медиҳанд, ки тедоди зиёде аз муаллимон ва донишомӯзон дар ин бора ангеза доранд. Дидгоҳи муштарак ин аст, ки "то замоне, ки ин тарҳ ичро нашавад касе ба аҳамияти он пай намебарад". Вазоратхонаҳо бояд кумитаҳои барои ёрӣрасонидан ба муаллимон ба манзури эҷоди ваҳдат корбурди фановариҳо, компютерҳо ва интернет дар мадорис бо мадди назари қарор додани давраҳои дарсӣ, озмунҳо ва маҳсулоти омӯзишӣ ташкил бидиҳанд. Компютерҳо дар фароянди ёдгирии мушорикатӣ нақши андаке доранд. Онҳо танҳо абзори мисли бақияи абзорҳо барои ёдгирӣ ҳастанд. Пайванд додани компютерҳо ва интернет ба манзури омӯзиш як ҳадафи чолишангез аст. Аммо яке аз муҳимтарин мавориде аст, ки сиёсатгузорони омӯзишӣ метавонанд руйи он кор кунанд.

**Дарси 8. Омӯзиш, омӯзиш, омӯзиш.**

Тавсиаи маҳоратҳои ҳирфаии муаллим дар қалби ҳар фановарӣ ва барномаҳои дарсӣ мавқуф ҷой дорад. Муаллимон на танҳо ба омӯзиши дарсӣ ниёз доранд, балки ба ҳимояти муассисоти омӯзишӣ ба манзури якдигар ба коргирии фановарӣ дар тадрис ниёзманданд. Муаллимон бояд синфҳои дарсро аз ҳолати истодагӣ ба равиши пӯё дар муҳитҳои ёдгирии донишомӯз меҳвар, тағйир диҳанд.

Чи дар ин навъи муҳитҳо бо афроди тимҳо, ҳам дар синфи худаш ва ҳам дар синфҳои маҷозӣ дар сар то сари ҷаҳон аз роҳи интернет иртибот барқарор мекунад.

Бештари муаллимон, бо тарс ба фановарӣ менигаранд ва бо сабкҳои тадриси худашон роҳадтар ҳастанд. Ҳар барномаи омӯзишӣ бояд ба муаллимон кӯмак кунад то марҳалаҳои вуруди фановарӣ ба синфи дарс ва омӯзишро аз ибтидо тай кунанд. Ба ибораи дигар муаллимон бояд бо корбурди интернет барои дастёбии сареъ ба иттилоот аз масрафкунандагони иттилоот ба тавлидкунандагони иттилоот – ба манзури созиш ба воқеиятҳои фарҳангӣ ва омӯзишӣ табдил шаванд. Баъзе кишварҳо шабакаҳои ОНЛАЙН ё анҷуманҳои таҷрибӣ эҷод кардаанд, ба таврe, ки муаллимон манобеъро барои табодули тарҳи дарсҳо, барномаҳои дарсӣ ва табодули андешаҳо ва таҷрибот бо муаллимони дигар дар миён мегузоранд.

Шабакаи ҷаҳонии "ВЕБ" бар омӯзиш ва кӯмак ба муаллимон ба манзури истифодаи фановарӣ ба масобаҳаи як абзор, барои ҳаракати синфҳои дарсӣ ба сӯи таомил дар як муҳити ёдгирӣ кунҷковона тамаркуз кардааст.

Барои мисол: як муаллими физика дар Перу мегӯяд; пас аз омӯзиш, ман ва донишомӯзонам бо ҳам дар фароянди тадрис ширкат кардаем ва ғолибан ман аз онҳо ёд гирифтам онҳо аз ин мавзӯъ лаззат мебаранд ва ман ба он ифтихор мекунам. Арзёбии шабакаи ҷаҳонии ВЕБ ба масобаи як натиҷаи омӯзишӣ нишон медиҳад, ки се чаҳоруми муаллимоне, ки ба равиши мушорикатӣ кор мекунанд баён кардаанд, ки компютерҳо ва интернет онон ро қодир ба тавсиаи бештари маводи дарсӣ намекунанд. Мутаҷовиз аз 80 % муаллимон мавриди баррасӣ баён кардаанд, ки алоқа ва гароиши онҳо ба тадрис ба чорчӯби барномаҳои шабакаҳои ҷаҳонии "ВЕБ" хеле бештар афзоиш ёфта буд. Аҳамияти як муаллим бо ангеза ва алоқаманд ба тавсиаи маҳсулоти омӯзишӣ дар ин ҷо хуб мушаххас мешавад.

**Дарси 9. Фановарӣ сатҳи иштиғоли духтаронро боло мебарад.**

Таҳқиқоти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки омӯзиши занон ба манзалаи яке аз авомили аслии тараққии ҷомеа ва тавсиаи иқтисодӣ аст. Мутолиот нишон медиҳанд, ки як сол таҳсилоти баъд аз мадраса даромадҳоиояндаи як занро дар ҳудуди 15% дар муқоиса бо 11% барои як мард афзоиш медиҳад. Ғолибан гуфта мешавад, ки вақте шумо ба як зан омӯзиш медиҳед, дар воқеъ ба як хонавода омӯзиш медиҳед. Замоне, ки 70 % духтарон дар Мавритания дар мадориси ибтидоӣ буданд, нархи сабти ном ба таври фоҳиш ба 11% сатҳи дабиристон поён омад. Бар ин асос мутолиаи шабакаи ҷаҳонии ВИПИ нишон медиҳад, ки духтарон дар касби маҳоратҳои академикӣ асарбахштаранд ва

боздиҳии сармояҳои бештаре доранд. Аз ин рӯ, омӯзиши духтарон аз аввалияте дар фароянди тавсиа бояд бархурдор бошад.

**Дарси 10: Фановарӣ ба донишомӯзон ангеза ба синфҳои дарс энержӣ мебахшад.**

Вақте мадорис ба интернет васл ҳастанд, муаллимон ба бозандешии шеваҳои тадрис мепардозанд ва донишомӯзон иҷозае аз фановариро доранд ва онгоҳ метавонанд таъсири зиёде дар фароянди ёддиҳӣ- ёдгирӣ дошта бошанд. Муаллимон мебинанд, ки чӣ гуна корбурди компютер дар синфи дарсӣ энержӣ мебахшад ва синфрро ба муҳити барои ёдгирӣ табдил мекунад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** фановарии иттилоот, барномаҳои омӯзишӣ, таъсири фановарии иттилоот, аҳдофи роҳбурди миллии фановарии иттилоот,таҳқиқ ва арзёбӣ, маҳоратҳои лозимии донишомӯзон.

АДАБИЁТ

1. Пешрафт дар омӯзиши Амрико, С. Андерсон, маркази омӯзиш ва рифоҳи Амрико, 1962, 180 с.
2. Мабонии назарии технологияи омӯзишӣ, Фардониш, Ҳасан Теҳрон:Интишороти Самт.1385, 246 с.

**РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ИНФОРМАЦИОННЫХ СЕТЕЙ В ОБУЧЕНИИ**

***Мухаммади Нажод***

В данной статье даются ценные рекомендации по использованию информационных сетей в обучении.

**THE RECOMMENDATION ABOUT THE USING OF INFORMATIVE NETS IN THE TEATING**

***Muhammadi Najodi***

The article has given about the costly recomendation about the using of informative nets in the teating.

# ХОНАВОДА ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛИИ ДОНИШОМӮЗОН

***Муҳаммади Муътақиди Лориҷонӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳар ҷомеа мизони пешрафти таҳсилии донишомӯзон аз меъёрҳои муҳими санҷиши короии низоми омӯзишии он ҷомеа аст. Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки бузургтарин нишонаи он таавувл аст. Суръати таавувл дар ҳадде аст, ки инсони имрӯзаро ба шигифт ва ҳайрат вомедорад. Асри ҳозира асри санъат аст. Зиндагӣ дар чунин ҷаҳон душвор хоҳад буд. Магар ин ки по ба пои санъат ва технологӣ пеш рафт ва худро ба илм ва технология муҷаҳҳаз намуд ва ҳангоми бо санъат ва технология низ ҷуз дар сояи омӯзиш ва парвариши насли ҳозир мумкин нахоҳад буд, ки зарурист барои расидан ба ин ҳадаф; ба кӯмаки кӯдакон ва навҷавонон бишитобем ва ононро дар муваффақияти таҳсил ёрӣ кунем. Бо таваҷҷӯҳ ба пешрафти сареҳи кишварҳои тавфиаёфта дар муқобили рушди ночизи кишварҳои дигар ва ҳамчунин бо дарназардошти ин нукта, ки пешрафт ва тараққии ҳар кишвар дар марҳалаи аввал вобаста ба низоми таълиму тарбияти он кишвар ба унвони зербано ва пояи он низом мебошад. Зарурати таваҷҷӯҳ ба низоми омӯзишу парвариш ва беҳбуди кайфии равишҳои омӯзишии он муҳим ба назар мерасад.[1,120]

Муваффақият дар заминаҳои таҳсилӣ ва шуғлӣ ба унвони як амри муҳим ва лозим дар ҷомеаҳои рӯ ба пешрафт даромада ва чунин ҷомеаҳо чи дар сатҳи рақобатҳои байналмилалӣ ва чи барои боло бурдани сатҳи зиндагии иҷтимоӣ ва иқтисодии афроди ҷомеа ногузир аз пешрафт дар таҳсили илм ва санъат мебошанд. Аз ин рӯ, дар ин гуна ҷомеаҳо ғолибан аҳамияти таҳсилот ва иштиғол, ки ба таври чашмгире афзоиш мeёбад, яке аз паёмадҳои фароянди пешрафт дар ҷомеа, боло рафтани сатҳи илмӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар зиндагии мардум аст. [2,83]

Афроди як ҷомеа барои ёфтани як узвияти қобили қабули иҷтимоӣ бояд ба мизони болое аз он даст ёбанд. Имрӯз пешрафтҳои фарҳангӣ ва теъдоди навомӯзони ҳар кишвар яке аз авомили муҳим дар санҷиши пешрафти кишварҳо аст. Бо муқоисаи бисёр сода метавон дарёфт, ки теъдоди босаводон дар кишварҳои санъатӣ аз теъдоди босаводон дар кишварҳои дигар бештар аст.

Ҳар кишвар барои эҷоди таҳаввули асосӣ дар вазъи зиндагии мардум ва ҳидояти онон ба хушбахтӣ, аввалин қадаме, ки бармедорад, босавод кардани мардум аст. Зеро, ҳеҷ гуна таҳаввули иҷтимоӣ ва навсозӣ дар сарзамине, ки мардуми он дарки дурусте аз воқеиятҳо надоранд, имконпазир нест.[3,142]

Мутаассифона, масъалаи муваффақият ва шикасти таҳсил барои авлиёи хона ва мадраса ба дурустӣ рушан нест. Ва камтар касе тавонистааст ба таври дақиқ таъин кунад, ки чӣ авомил боиси

муваффақият мешавад. Чаро дар шароити яксони як синф иддае муваффақ ҳастанд, ва иддаи дигар номуваффақ? Авомили пинҳони шикастҳои мутавоҳии иддае аз донишомӯзон чист? Оё сатҳи даромад ва шуғли волидайн заминасози муваффақият ва шикасти донишомӯзон аст? Оё нигариши донишомӯзон нисбат ба мадраса дар муваффақият ва шикасти таҳсилии онҳо муассир аст? Оё имконоти омӯзиш, равобити хонаводагӣ байни аъзоёни хонавода дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон ё уфти таҳсилии онон муассир аст? Тибқи таҳқиқоти ба амаломада ва анҷомшуда авомили зиёде дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон муассир ҳастанд, ки баъзе аз он авомил иборат аст аз: [4,95]

1. Донишомӯз (Иллати фардӣ).
2. Хонавода (Иллати хонаводагӣ).
3. Муҳити иҷтимоӣ (иллати иҷтимоӣ).
4. Мадраса (Иллати омӯзишгоҳӣ).

Дар мавриди омили муҳими донишомӯзӣ битавон ба омилҳои солимии ҷисмӣ ва беҳдоштӣ, авомили ҳирсӣ, зеҳнӣ, ҳушӣ, эътимод ба нафс ва талоши фардӣ ишора намуд. Ва дар хусуси муҳити иҷтимоӣ метавон фарҳанги ҷомеа, иқтисоди ҷомеаро ба унвони авомили муассир дар пешрафти таҳсил ном бурд. Мадраса ба унвони яке аз муассиртарин омил дар ин амр бо масоили мӯҳтавои китоби дарсӣ ноҳамоҳангир буд. Равишҳои тарбиятии хонаву мадраса, таъсири ҳамсолон, чигунагии ироаи масоили омӯзишӣ, шираҳои арзишёбӣ, нигаришҳои донишомӯзон ба таҳсил ва мадраса мувоҷеҳ аст. Ба хонавода ба авомили чун шахсият саломати равонӣ ва ҷисмонии онҳо, шираҳои тарбиятӣ дар хонавода, шуғл ва таҳсилоти волидайн, вазъияти иқтисодӣ ва фарҳангии хонавода ва равобити иҷтимоии хонавода ва ниҳоят муттағайириҳои дигари муассир метавон ишора кард.[5,136]

Бо каме тааммул метавон дарёфт, ки хонавода умури дигарро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Чаро ки аввалин таъсироте, ки фард дарёфт мекунад, аз муҳити хонавода аст. Ва ҳатто таъсирпазирии фард аз соири муҳит низ метавонад нашъат гирифта аз муҳити хонавода бошад. Хонавода поягузори бахши муҳим аз сарнавишти инсон аст ва дар таъини сабк, зиндагии оянда, ахлоқ, саломатӣ ва амаликунии фард дар оянда нақши босазоеро ба ӯҳда дорад. Хонавода ҳастии аслии наҳодҳои ҷомеа буда ва корхонаи одамсозӣ аст. Хонавода зимни таъмини ниёзи соири воҳидҳо ва ниҳодҳои иҷтимоӣ ба нерӯи инсонӣ, фарҳанг ва арзишҳои худро аз тариқи аъзояш мунтақил мекунад. Ба ҳамин далел, короии хонавода дар таҳаққуқи вазоифаш шохиси умда дар рушди ҷомеа аст. Бад-ин гуна саодат ва шақовати афрод ва ҷомеа дар гирои короии хонавода қарор мегирад. Ва хонавода аст, ки муҳимтарин нақшро дар пешрафти таҳсили донишомӯзон ифо мекунад.[6,11]

Аз ин ҳама умуре, ки дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон муассиранд, хонавода нақши бештар ва бузургтареро ифо мекунанд. Чаро ки хонавода аввалин ниҳодест, ки инсон дар он аз лиҳози ҷисмӣ рушд ёфта ва аз ҳайси рӯҳӣ парвариш мeёбад.

Файласуф ва мутафаккирон аз дер боз бар ин бовар буданд, ки хонавода ниҳоди калидӣ дар сохтори иҷтимоии ҳар ҷомеа аст. Ва ҳар чи саломат ва рушди хонавода пештар бошад, болидагии ҷомеа низ афзунтар хоҳад буд. Ва бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки ҳар чи дар ҷомеа афрод бо таҳсилоти болотар бошанд, он ҷомеа болидатар хоҳад буд. Аз ин рӯ, дар фарҳангҳои мухталиф ҳамвора танҳидоте дар ҷиҳати рушди ҳар чи бештари хонаводаҳо итихоз шудааст. Хонавода таъсири асосӣ бар аъзояш дорад. Инсон дар хонавода ба ҳуввият ва рушди шахсият даст мeёбад. Дар хонаводаҳои солим ва рушдёфта афрод дар маҳдудаи васеътар ба такомули маънавӣ ва ахлоқӣ ноил мешаванд. Хонавода на танҳо омили таъинкунанда дар боландагии инсон аст, балки ба унвони як воҳиди иҷтимоӣ дар таавvули ҷомеа низ нақши босазое дорад. Хонавода фарҳанг ва арзишҳои худро аз тариқи аъзояш ба ҳамаи ниҳодҳои ҷомеа интиқол медиҳад. Ва ба ҳамин далел, короии хонавода дар таҳаққуқи вазоифаш нишонаи бузурге дар рушди ҷомеа аст.

Хонавода аввалин омӯзишгоҳе аст, ки фард онро таҷриба мекунад. Мӯҳтавои омӯхтаҳои фард иртиботи мустақим бо пурмояги муҳити хонавода дорад. Ин пурмоягӣ на фақат дарбаргирандаи авомил аз қабили имконоти рифоӣ ва таҳсилоти волидон аст, балки шомили рушди ахлоқии хонавода, ва барқарории иртибот ба ин аъзо ва пешрафта будани муқарраротӣ хонавода низ мешавад. [7,211]

Мушаххас аст ҳар чи ғинои тарбиятӣ ва омӯзишии фард бештар бошад, ҷомеа низ бад-ин лиҳоз рушдёфтатар хоҳад буд. Аз ҳамин ҷиҳат, аз тариқи барномаҳое, ки пуштибонии таҳқиқотии муносиб дар мавриди хонавода дорад, метавон қобилиятҳои хонаводаро дар тарбият ва рушди аъзояш, ки ҳамон фарзандон ҳастанд, афзоиш дод. Шинохти короии хонавода заминае хоҳад буд, то ниҳоди хонавода аз таваҷҷӯҳ бархӯрдор шавад. Чун дар ин муҳит аст, ки метавон истеъдодҳои фарзандонро шиносоӣ кард ва парвариш дод.

Яке аз масоили мавриди таваҷҷӯҳи уламои таълим ва тарбия ёфтани мутағайирҳои марбут ба хонавода мебошад, ки ба навъи пешрафти таҳсилии фарзандон дар иртибот аст.[8,79]

Соҳибназарони таълиму тарбият бар ин ақидаанд, ки волидайн бо ҳамкорӣ ва кӯмак ба муаллимон дар заминаи пешрафти таъсилии фарзандони худ метавонанд бисёр муассир воқеъ шаванд. Таҳқиқоти муттааддид нишон медиҳад, донишомӯзоне, ки волидайни онҳо афроди огоҳ ва босавод ҳастанд ва беҳтар ба роҳнамоии онон мепардозанд, пешрафти таҳсилии онҳо бештар аст. Дар таҳқиқе, ки ба василаи Лител ва ҳамкоронаш (1973) анҷом дода шудааст, тафовути донишомӯзон аз лиҳози синну сол, сатҳи таҳсилоти волидайн ва суботу пойдории хонаводагии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Онон ба ин натиҷа расидаанд, ки пешрафти кӯдаконе, ки волидайни босавод ва хонаводаи босубот доштаанд, бештар будааст. Таҳқиқи дигаре, ки дар заминаи таъсири равишҳои тарбиятӣ дар рушди истеъдодҳои мутафовити ақлонӣ анҷом шудааст, нишон медиҳад, ки модароне, ки аз назари каломӣ ровитар ҳастанд ва мавқияти каломии бештаре барои фарзандони худ фароҳам мекунанд, фарзандони онҳо пешрафти бештаре доранд.

Иддае аз пажӯҳишгарон низ ба шеваи тарбияти хонавода ва фароянди таомулоти байни аъзо ишора мекунанд. Дар ин таҳқиқ табақаи иҷтимоӣ ва шираи тарбият ба унвони ду мутағайири умда ва муассир дар амалкарди таҳсилӣ дар назар гирифта шудааст. Натиҷаи ҳосил нишон медиҳад, ки донишомӯзоне, ки дар хонавода муҳаббати бештаре дарёфт мекунанд, амалкарди таҳсилии беҳтаре доранд. Ба илова, волидайне, ки назорати бештаре бар кӯдаконашон доранд, дар муқоиса бо хонаводаҳое, ки назорати камтаре доранд, фарзандони муваффақтаре дар таҳсил доранд.

Баррасиҳо аз он аст, ки нақши волидайн дар пешрафти таҳсили донишомӯзон муассир буда, кӯмак ва роҳнамоии онҳо аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст. Бинобар ин, роҳнамоии таҳсилии фарзандон амре бисёр зарурӣ аст, ки наметавон кори омӯзиш ва тарбиятро танҳо ба муаллим ва мадраса супурд ва аз нақши хонавода ғофил шуд. Донишомӯзон вақти зиёдеро дар манзил мегузаронанд ва илова бар ин ки тахти таъсири аъмол ва рафтори волидайн ҳастанд, аз онҳо интизори кӯмак ва роҳнамоӣ доранд, яке аз ин нақшҳо эҷоди муҳити ором барои мутолиа ва анҷоми таколиф аст.

Баробари таҳқиқоти анҷомшуда авомили зиёде дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон асари мустақим ё ғайримустақим доранд, ки аз байни онҳо хонавода нақши муҳимтареро ифо мекунад.

Хонавода ба унвони аввалин ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки кӯдакон таҷриба мекунанд. Фароҳам будани муҳити солим, омода будан, имконоти рифоӣ, барқарории иртиботи дуруст байни волидайн, роҳнамоӣ ва мусоидат ба донишомӯзон барои шинохти беҳтар ва истифода аз абзорҳои дурусти омӯзишӣ аз мавридҳое ҳастанд, ки метавонанд дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон муассир бошанд. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки волидайн метавонанд бо ҳамоҳангӣ бо муаллимон заминаи пешрафти таҳсилии фарзандони худро фароҳам намоянд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** хонавода, мизони пешрафти таҳсилии донишомӯзон, муваффақият ва шикасти таҳсил, саломати ҷисмӣ ва беҳдоштӣ, тарбияти хонавода.

## АДАБИЁТ

1. Аҳмадӣ. Таълиму тарбият. Интишороти Анҷумани авлиё ва мураббиён Теҳрон (1987).
2. Афруз. Кӯдакони истисноӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон (1990).
3. Худоёрӣ. Фард - масоили ҷавонон. Интишороти рушд (1996).
4. Сайф. Равоншиносии парваришӣ. Интишороти рушд Теҳрон (1988).
5. Шарафӣ. Анвои хонавода. Интишороти анҷумани авлиё ва мураббиён Теҳрон (1997).
6. Шариатмадорӣ, таълиму тарбият. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон (1980).
7. Софӣ. Хонаводаи мутаодил ва номутаодил. Интишороти Анҷумани авлиё ва мураббиён Теҳрон (1985).
8. Наҷориён. Хонаводаи коромад. Рисола: «Коршиносии аршад» (2002).

## СЕМЬЯ И ЕЕ ВКЛАД В ПРОДВИЖЕНИИ ОБРАЗОВАНИЯ

***Мухаммади Муътакиди Лориджони***

Семья является ячейкой общества в которой дети получают первостепенное воспитание и обучение. Наличие здоровой среды, доверительные отношения между детьми и родителями – залог хорошей учебы и воспитания. Родители и учителя могут очень близко взаимодействовать в деле воспитания и образования подрастающего поколения. Статья посвящена изучению данной проблемы.

## THE FAMILY AND DEPOSIT IN THE MOVING UP OF EDICATION

*Muhammadi Mutakidi Lorijoni*
the article sonsiders about the family one of the society in whieh children get the para mount of the first order of upbringing and teating. the healhy environment and trusty relation bet ween childrens and parents. the investment of good edication and upbringing. the parants and teachers can closely cooperate in the matter of upbringing and edication.

## БОЗИДАРМОНӢ ВА ФОИДАИ ОН

***Алиризо Ҷаъфарӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳадаф аз бозидармонӣ эҷоди як муҳити самимона ва роҳат аст, то кӯдак битавонад дар ҳангоми дармон аз тавоноиҳои худ дар ҳалли мушкилот баҳра гирад. Бозидармонгар бидуни таваҷҷӯҳ ва арзишҳо ва рафторҳои пазируфташуда кӯдакро дарк мекунад. Ӯ, бо инъикоси он чи кӯдак мегӯяд, афкор ва эҳсосоти ӯро ислоҳ мекунад. Бар асоси ин воқеият бозӣ ба васила табдил мешавад, ки кӯдак метавонад аз тариқи он ба изҳори замири нохудогоҳи худ бипардозад ва эҳсосоти тарс ва нигарониҳои худро иброз кунад.(1,145)

Бозидармонӣ ба ду сурати мустақим, яъне бо дахолат ва роҳнамоии бозидармонгар ва ғайри мустақим, яъне бидуни дахолати бозидармонгар сурат мегирад. Дар равиши ғайримустақим кӯдак ҳар ҷиҳатеро, ки мехоҳад, интихоб мекунад ва ба таври куллӣ ба ӯ иҷоза дода мешавад, ки дар ҳангоми дармон озодона бозӣ кунад ва кам-кам тағйир ёбад. Албатта, ин тағйирот вобаста аст ба таҷриба, афкор ва эҳсосоти гузаштаи кӯдак, ки дар ба вуҷуд омадани огоҳӣ, яъне он чи лозимии як дармони муваффақона аст, дар ин равиш ба кӯдак иҷоза дода мешавад, то ки худаш бошад. Бозӣ фурсатест, то кӯдак эҳсосоти нуҳуфтаи худро аз умқ ба сатҳ оварад ва бо онҳо рӯ ба рӯ шавад. Онҳоро назорат кунад ва ё аз онҳо даст бардорад. Ҳангоме ки кӯдак ба ҳолати раҳоӣ аз эҳсосоти нуҳуфтаи худ мерасад, дарки рӯшани худро оғоз мекунад ва ба унвони ҷоиза ҳаққи фикр кардан, тасмим гирифтан ва шиносондани худро ба унвони як фард ба даст меоварад. Утоқи бозидармонӣ муҳити рушду нумӯи муносибест, ки кӯдак муҳимтарин фарди он ҷост. Муҳит дар ихтиёри ӯ ва ӯ дар ихтиёри муҳит аст. Ба тавре ки ҳеҷ кас ба ӯ намегӯяд, чи кор кунад. Ва ё ҳеҷ кас аз ӯ интиқод намегирад. Ба кӯдаке, ки дар утоқи бозӣ пазируфта шудааст, эҳтиром гузошта мешавад ва ӯ метавонад бо оромиши хотир тамоми эҳсосоти худро буруз диҳад. Ба ҳамин далел, барои кӯдак фурсати муносибе пеш меояд ва озодии кудак ҷойгузини пешниҳодҳо, маҳдудиятҳо, интиқодҳо ва адами таъйиди бузургсолон мешавад. Пазириш ва дарки дӯстона дар утоқи бозидармонӣ ба кӯдак оромиш ва амнияти фикрронӣ мебахшад. Ӯ метавонад истиқлоли худро ба даст оварад.(2,97)

Асбоббозиҳо василае барои эҳсосоти кӯдак ҳастанд ва бозии озодона воситае барои баён ва ташкили шахсияти кӯдак аст. Ҳадафи бозидармонӣ ҷонишин кардани рафтори хоси мавриди назари бузургсолон ба ҷои рафтори кӯдак нест. Аз ин рӯ, пеш аз дармон мусоҳибаи тахассусӣ вуҷуд надорад ва бозидармонгар бидуни таваҷҷӯҳ ба нишонаҳои рафторӣ кудакро дар ҳамон вазъияте, ки қарор дорад, мепазирад ва мӯътақид аст, ки он чи дар гузашта барои кӯдак иттифоқ афтодааст, аҳамият надорад, зеро зиндагӣ дар ҳоли тағйир ва табдил аст ва ҳолати пӯё дорад. Ба ин сабаб, агар ҷараёни дармонро ба таҷрибаҳои гузашта бозгардонем, кӯдак ба ҳамон ҳолати гузашта бармегардад ва имкони рушд дар замони ҳолро аз даст медиҳад. Аз сӯи дигар, кӯдак, ҳангоме ки омодаи бозидармонӣ мешавад, чизҳоеро интихоб мекунад, ки барои ӯ боаҳамият аст. (3,157)

Бозидармонгар нақши бисёр фаъолеро иҷро мекунад, ки лозимаи он заковат ва ҳассосияти хос нисбати аъмоли ӯ, гуфтаҳои кӯдак ва баррасӣ ва санҷиши пайвастаи рафторҳои ӯст. Бозидармонгар бояд ҳамвора дар иртибот бо кӯдак, ҳолати пазириши комилро ҳифз кунад ва мавқеияти лозимро барои сӯҳбат кардан бо ӯ фароҳам созад. Ба кӯдак эҳтиром бигузорад ва бо садоқату дурустӣ бо ӯ рафтор кунад. Бозидармонгар дар кор бо кӯдак набояд шитобзада бошад. Зеро, дар ин сурат кӯдак дар тавоноиҳои худ дучори шакку тардид мешавад ва эътимод ба нафси худро аз даст медиҳад. Бозидармонгар бояд кӯдакро дӯст бидорад ва бихоҳад, ки онҳоро воқеан бишносад. Дар бозидармонӣ син, ҷинс ва шакли зоҳирии кӯдак чандон муҳим нест. Он чи муҳим аст, шинохти тарзи фикрҳо ва равишҳои худсозии кӯдакон дар бозидармонист. Лозим ба тавзеҳ аст, кӯдак бениҳоят нисбат ба садоқати бузургсолон ҳассос аст. Ва хеле саҳеҳ метавонад нопойдории рафториононро дарк кунад. Ба ин сабаб, беҳтар аст, ки бозидармонгар тарзи фикр ва бардошти худро дар ҷараёни бозидармонӣ барои кӯдак рӯшан созад. Вай бо садоқат дармонро идома диҳад. Як бозидармонгари сахтгир ва ноором наметавонад робитаи дӯстона ва оромеро бо кӯдак барқарор созад.

Усули бозидармонӣ бисёр сода аст. Ин усул замоне муфидаст, ки ба таври пайваста ва содиқона ва тадбир ба кор гирифта шавад, то битавонад ҳарчӣ зудтар бо кӯдак иртибот барқарор кунад. Бозидармонгар бо нишон додани тарзи бардошти худ кӯдакро ба таври комил мепазирад ва бо барқарории иртиботи дӯстона ором ва собит ба ӯ наздик мешавад.

Бозидармонгар бояд мавқеи муносиберо барои сӯҳбат кардан ба кӯдак эҷод намояд, то кӯдак битавонад бо озодии комил ба баёни эҳсости худ бипардозад. Умр ва жарфҳои эҳсосе, ки кӯдак дар утоқи бозӣ ва дар ҳини дармон нишон медиҳад, бо мавқеияти бавуҷудомада аз тарафи бозидармонгар иртиботи мустақим дорад. Барои мисол, агар кӯдак огоҳона дар утоқи бозӣ об бирезад ва бозидармонгар ба зудӣ онро хушк намояд, кӯдак эҳсос мекунад, ки озодии худро аз даст додааст. Бозидармонгар бояд ба эҳсосоти кӯдак ва бозтобҳои он таваҷҷӯҳ намояд ва нисбат ба эҳсосоти кӯдак, ки аз тариқи гуфтугӯ баён мешавад ва аз роҳи бозӣ ошкор мешавад, огоҳии комил дошта бошад. Бояд гуфт, ки шиносоии эҳсосот ва тафсири онҳо ду мақулаи ҷудогонааст, зеро кӯдак эҳсосоти худро ба сурати вонамудӣ аз роҳи бозӣ нишон медиҳад. Ҳар гоҳ бозидармонгар бихоҳад рафторҳои вонамудиро баён кунад, дар воқеъ онҳоро тафсир кардааст.(4,139)

Бозидармонгар интиқод намекунад, то кӯдак эҳсоси дилсардӣ ва яъс накунад. Агар кӯдак кӯмак бихоҳад, бозидармонгар ба ӯ кӯмак мекунад. Агар барои ба кор бурдани василае роҳнамоӣ бихоҳад, бозидармонгар фақат ӯро роҳнамоӣ мекунад ва ҳаргиз пешниҳоде ба ӯ намекунад. Барои мисол, васоили бозиро барои манзури хосе ҷулӯи кӯдак намечинад. Бозидармонгар мӯътақид аст, ки агар ба кӯдак фурсати лозим дода шавад, кӯдак тавоноии ҳалли мушкили худро дорад ва ҳар гуна тағйири рафторӣ дар кӯдак, чунончи арзиши боқӣ мондан дошта бошад, бояд ҳосили шинохте бошад, ки худи кӯдак онро ба даст овардааст. Ҳангоме ки бозидармонгар масъулияти тағйир ё адами тағйири рафторро ба ӯҳдаи кӯдак мегузорад дар воқеъ дармонро рӯи ӯ мутамарказ мекунад ва ин вогузории масъулият ба шакли амри ихтиёрист. Бозидармонгар набояд дар ҷараёни дармон тааҷҷуб кунад ва дармон бояд ба сурати як ҷараёни тадриҷӣ ва гом ба гом бошад. Ҳангоме ки кӯдак омода мешавад, то эҳсосоти худро дар ҳузури бозидармонгар баён кунад, наметавонад ин корро бо шитоб анҷом бидиҳад. Агар ӯро таҳти фишор қарор диҳем, мумкин аст аз баёни ин эҳсосот худдорӣ кунад, зеро кӯдак ниёз ба замон дорад, то масъалаҳоро бишносад. Иҷоза диҳед, кӯдак ҳар андоза, ки мехоҳад, вақт сарф кунад, то ба таодули лозим бирасад. Кӯдак шахсияти бисёр печидае дорад ва наметавон ба осонӣ ҷузъе аз шахсияти кӯдакро ҷудо кард, зеро бозидармонгар кӯдакро ба андозаи худи ӯ намешиносад ва наметавонад эҳсосоти ҳақиқии кӯдакро, он тавр ки кӯдак баён мекунад, баён кунад. Ӯ танҳо қодир аст эҳсосоти баёншудаи кӯдакро инъикос кунад. Агар бозидармонгар ба ин натиҷа бирасад, ки кӯдак дар ҳангоми дармон ҳеҷ пешрафте накардаст, беҳтар аст ба ёддоштҳои худ нигоҳ биандозад ва бубинад, иллати муқовимати кӯдак дар дармон чист. Дар бозидармонӣ муҳимтарин ва асоситарин омил маҳдудияти замон аст. Зеро замони мулоқот собит аст ва муддати таъиншуда барои бозӣ бояд риоя шавад. Дар айни ҳол бояд мурoқибат намуд, ки ин маҳдудият ба унвони як омили фишор ба кор гирифта нашавад.(5,182)

Утоқи бозидармонӣ ҷоест, ки дар он эҳсосҳои кӯдак таҳрир мешавад. Ба унвони мисол, садои мусиқиҳои мутадовид барои таҳрики шунавоии кӯдак. Як утоқи бозидармонии хуб бояд вижагиҳои зерро дошта бошад:

1. Панҷара ва нури кофӣ;
2. Оина;
3. Мизу сандалии стандарти кӯдак;
4. Ҷевонҳои то ба андозаи 1,5 м.;
5. Дастшӯӣ бо оби гарму сард;
6. Анвои асбоббозиҳои мутафовит, монанди арӯсак ва хонаи арӯсакӣ, анвои мошинҳои бозӣ, боғивашти пластикӣ, кортҳои бозӣ, асбобҳои ошпазхона барои бозӣ, анвои гуногуни қаламҳои ранга, хок барои гилбозӣ, васоили сохтмонсозии кӯдакона, часп ва обиранг ва ғ.;
7. Ниқобҳои мутафовид;
8. Фарши хона бояд қисман қолинпӯш бошад;
9. Зарфи шино ва об.

Утоқи бозидармонӣ утоқи дарс ва мадрасаомӯзишӣ нест, балки утоқи бозист.(6,110)

Ба ҳамин сабаб, агар дар ӯтоқ ба бозӣ маҳале барои баргузории намоиш дар назар гирифта шавад, натиҷаи матлубе ба даст хоҳад омад. Кӯдаконе, ки таҳти дармон қарор мегиранд, бештар кӯдаконе ҳастанд, ки аз ишқ, муҳаббат осоиши хотир ва шодмонӣ, ки ҳаққи мусаллами ҳар кӯдаке ҳаст, маҳрум мондаанд. Онҳо барои ҳифзи худ дар ин дунё доиман дар ҷангу ҷидол ҳастанд ва мушкилотеро доранд, ки ба танҳоӣ аз ӯҳдаи ҳалли он барнамеоянд. Ба ин сабаб, сайъ мекунанд, бо рафторҳои пархошгарона аз қайди фишорҳо халос шаванд, дар ҳоле ки ин рафторҳои пархошгарона мушкилоти бештареро барои кӯдакон ба вуҷуд меорад. Кӯдаке, ки пархошгар аст, ба унвони як кӯдаки масъаласоз

ва музоҳим барои худ ва атрофиён шинохта мешавад. Дар муқобил, кӯдаконе ҳам вуҷуд доранд, ки ба далели ниёзи фаровон ба кӯмак ба дунёи нокомиҳо кашида мешаванд ва ҳамеша сокит, ором ва танҳо ҳастанд ва камтар ҳарф мезананд. Баъзе бо хоидани нохун, макидани ангушт, шаббедорӣ, дидани хобҳои ошуфта ва ғизо нахӯрдан машғул мешаванд. Кӯдаконе, ки мушкилоти таҳсилӣ доранд ва кӯдаконе, ки беқарории дарунӣ доранд, ҷузви ин даста ба шумор мераванд.(7,152)

Бозидармонӣ як роҳест, барои дарки бештари кӯдакон ва кӯмак ба онҳо дар созгорӣ бо муҳити худ ва барои фаҳми бештари кӯдакон.

Бозидармонӣ яке аз равишҳои муассир дар дармону мушкилоти рафтор ва равонии кӯдакон аст. Ба таври куллӣ, бозӣ нақши муассире дар рушди кӯдак дорад ва дар ҳини бозӣ метавон ба бисёре аз вижагиҳо масоил ва рушди кӯдак пай бурд. Бозиҳои кӯдакони мухталиф ва навъи рафторҳое, ки аз худ зоҳир мекунанд, тафовутҳое бо якдигар доранд. Ҳарчанд навъи бозиҳо дар гурӯҳҳои синнӣ муштаракоте дорад, аммо навъи интихоби кӯдак дар бозӣ аҳамияти хос дорад. Бозидармонгар дар воқеъ аз мавқеияти бозӣ барои эҷоди иртибот бо кӯдак истифода мекунад ва талош мекунад ба таҳлияи ҳаяҷонии ӯ ва ҳалли мушкилоти ӯ дар зиндагии оддиаш бипардозад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** бозидармонӣ, дахолат ва роҳнамоии бозидармонгар, асбобҳои бозидармонӣ, утоқи бозидармонӣ, равишҳои муассир дар дармону мушкилоти рафтор.

## АДАБИЁТ


1. Дуктур Маҳҷур. Равоншиносии бозӣ. Нашри Роҳкӯшо, 1997.
2. Муҳаммад Алии Аҳмадванж. Бозӣ ва рушди кӯдакон. Интишороти Мутарҷим. с.2000.
3. Ҳойидаи Мувасақӣ. Равоншиносии бозӣ. Донишгоҳи озоди Карач. с. 2001.
4. Саидмуҳаммадмеҳдии Таботабоиниё. Асбоббозӣ, омӯзиши дармон. Ҷаҳоди Донишгоҳи улуми пизишкӣ. с.2000
5. Омӯзиш аз роҳи бозӣ. Тарҷумаи Лайло Анкаҷӣ. Интишороти Мадраса, с. 1992.
6. Суҳроби Мурӣ. Ҳамаи кӯдакон тезҳуш ҳастанд. Нашри Дониши Ирон, с. 1998.
7. Шеффер. Гузидае аз техникҳои бозидармонӣ. Тарҷумаи Собиқӣ. Нашри Арҷуманд, с.2004.


### ЛЕЧЕНИЕ ПОСРЕДСТВОМ ИГР И ЕГО ПОЛЬЗА

***Алиризо Джафари***

Лечение посредством игр - это один из способов для лечения и устранения трудностей у детей. Игры и разные поступки детей отличаются друг от друга. Человек, который с помощью игр лечит детей, для контакта с детьми хорошо использует разные виды игр, для того чтобы решить их проблемы.

### THE IMPACT OF GAMES WITH ELEMENTS OF VIOLENCE ON THE INTERNET ON CHILDREN AND ADOLESCENTS

***Alirizo Jafari***

This article describes the adverse impact of games with elements of violence; whist is widely common throughout the world through the internet.

# РУШДИ ОТИФӢ ДАР ТАРБИЯТИ РАСМӢ ВА ҒАЙРИРАСМӢ

***Ҳасани Қулубӣ***
**Академия илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тарбият ба маънои роиҷи он амри навзуҳур ва ҷадид аст. Ба ин маъно, тарбият бо мадраса ва синфи дарс мулозимат дорад ва умдатан бо таваҷҷӯҳ ба хостгоҳи он амри иҷтимоӣ ва иҷборӣ аст. Ин навъ тарбият, бо шакле аз фаъолиятҳо таъбир мешавад, ки ба гуфтаи Айснер: «аз он ба унвони тарбияти отобусӣ метавон ном бурд».

Шаклгирии дунёи ҷадид, таҳаввулот ва тағйироти печида ва густурдаеро дар пай доштааст, ки он шаклдиҳандаи ҷаҳони модерн буда, шомили ақлоният, озодӣ ва баробарӣ аст. «Инсони нав» дар матни ин дунё ва бар пояи хирадварзии хеш, мушобеҳи мавҷуди озод ва баробар бо дигарон аст, ки ӯ бо тадбир бо масъалаҳои фардӣ ва ҷамъии хеш эҳтимом меварзад.

Дар ин росто талоши густардае қарор дорад, ки ба манзури ҳалли як таорузи усулӣ ва бунёдӣ ҳазв шудааст, таорузе, ки байни ду усул: озодӣ ва инзибот вуҷуд дорад. Агар озодӣ асли решадор дар вуҷуди одамӣ аст, ҳаёти ҷамъи башар, истимрор ва бақои ҷомеа барои риояти назм мебошад. Аз ин манзур, тарбият аз чунон манзалат ва эътиборе бархӯрдор будааст, ки ба манзалаи санги бинои

таҳаввулот ва тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмӣ дар назар гирифта шудааст. Ҷаҳони модерн марҳуни шаклгирии инсони нав аст ва ин вазифаи муҳим бар ӯҳдаи тарбият гузошта шудааст. Дар ҳамин росто таъсиси ниҳодҳои иҷтимоӣ, ки ин вазифаро ба душ мекашанд, зарурати иҷтинобнопазир будааст (11; 13).

Шаклгирии ниҳоди мадраса ва ниҳодҳои вобаста ба он бар асоси ин эҳсос, зарурат ва сурати берунӣ пайдо кардааст. Ин-мадраса аст, ки ба сифати як истгоҳи миёнҷӣ вазифаи омодасозии инсони навро барои вуруд ба ҷомеа ва ифои нақши муассир ва коромад ба ӯҳда дорад. Печидагии таҳаммулоти иҷтимоӣ, тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ пешрафтҳои илмию фарҳангӣ дар мафҳум ва маъно, маъмуриятҳо ва вазифаҳои мадраса ва тарсими чашмандозҳои ҳол ва ояндаи он нақши муҳиме доштаанд.

**Тарбияти ғайрирасмӣ.** Тарбияти суннатӣ аз лиҳози моҳият ва мӯҳтаво ғайрисохторӣ аст. Илова бар ин, тарбияти суннатӣ моҳияти шинохторӣ надорад. Моҳияти ғайришинохтии тарбияти ғайрирасмӣ ва суннатӣ заминаи бархӯрд аз озодии ғайриматниро фароҳам меоварад. Ин дар ҳолест, ки ҷараёни омӯзиши расмӣ ва таъсироти инкорнопазири он дар фазое, ки лаҳни гуфтор аҳамияти волотаре дорад ва ҳошияҳои муҳити матн бар сиёҳаҳои матн афзалият пайдо мекунанд. Ин тарбият бар хилофи тарбияти расмӣ густурда аст ва дар макону замони муайян ва маҳдуд хулоса намешавад. Чунин тарбияте умдатан суннатӣ ва ба қавле ба ҷои мех бар чакуш (болға) мутамарказ кардан аст. Дониши заминӣ дар он муҳимтар аз маърифати қонуният ва он чи гуфта намешавад, таъсиргузортар аз он аст, ки сароҳатан баён мешавад. Аз ин рӯ, ин навъ тарбият метавонад таъсироти худро бар ҷо бигузорад (14).

Тарбияти суннатӣ бар хилофи тарбияти расмии модерн дар ду сатҳ: ношинохторӣ ва фарошинохторӣ осори шигирфи худро бар афрод таҳмил мекунад. Дар сатҳи ношинохторӣ ба истиқрор навъе рӯйкарди илмӣ дар фард меанҷомад. Тарзи рафтор ва тарзи талаққии афрод, беш аз он ки мутаассир аз омӯзиши мустақим ва расмӣ шинохта шавад, тобеи ҳузури рӯ дар рӯ дар мавқеиятҳо, шароитҳо ва айни бурузи аъмоли одамӣ аст. Ин дар шароитест, ки чунин рафтор имкони бурузи амалиро фароҳам месозад ва асарбахш будан ва муфид будани амалро дар шароити айнӣ нишон медиҳад.

Дар ин мавқеиятҳо эҳсос бо аъмоли кас гиреҳ мехӯрад ва ба масал, таъми талху ширини тиҷорат зоиқаи одамиро ҳамеша тоза нигоҳ медорад ва хотираҳои мондагореро дар зеҳни вай бар ҷой мегузорад.

Тарбияти суннатӣ бар хилофи тарбияти расмӣ ва модерн табиатан моҳияти нуҳуфта ва пинҳон дорад; ҳарчанд ӯ ошкор шавад ҳам, ин дар ҳолест, ки тарбияти модерн баръакс, моҳияти ошкор дорад, ҳатто агар чи он баён нашавад ва пинҳон ҳам намонад. Меҳвари аслии талошҳои мураббиён дар тарбияти ҷадид возеҳ кардан, сода кардан ва равшан кардани мавзӯъҳо ва роҳу равишҳои гуногун аст.

Аз зарурияти чунин рӯйкардҳо, хирадпазир кардани мавзӯъҳо мебошанд. Дар назар гирифтани тафаккури мантиқӣ ва истифода аз ҳуш дар нишон додани равобити мафҳумҳо ва масъалаҳо дар ин чорчӯб зарурат дорад. Масъалаи ҳуши ҳаяҷонӣ низ, ки дар пажӯҳишҳои охир мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, дар ин росто метавонад мавриди таҳлил қарор дода шавад. Нишон додани аҳамият ва нақши ҳаяҷонҳо дар роҳандозӣ ва баҳрагирии ҳуш талоше аст, дар ин ҷиҳат, ки рабти мантиқии ҳаяҷонҳо дар тафаккур ва ҳушро тобеъ кунад ва нақши абзорҳои ҳаяҷонот ва отифҳоро дар тарбияти ақлонӣ нишон диҳад.

Аз ин рӯ, гуфтугӯ пиромуни тарбияти пинҳон ҳеҷ гоҳ онро ошкор нахоҳад сохт ва ҳамчунон пинҳон хоҳад монд ва осори шигирфи худро бар ҷой хоҳад гузошт. Ҳузури тарбияти пинҳон дар зиндагӣ мисли таъми ширин нӯшидании гуворое аст, ки агар дар бораи он баҳс шавад, ба чашм намеояд ва дар айни ҳол ҳамагон аз таъми ширини он лаззат хоҳанд бурд. Тарбияти суннатӣ усулан пинҳон аст ва аз ин манзар, усултарин ва бунёдтарин тафовутро аз ҳайси моҳият ва амалкард бо тарбияти расмӣ ва модерн дорад.

**Рушди отифӣ.** Рушди отифӣ ба маънои доштани назорат рӯи авотифи мусбат ва манфӣ аст. Яке аз нишонаҳои рушди отифӣ доштани эътидол аст. Ҳамон тавр ки пархошгарии маҳз ғалат аст, мутеъ будани маҳз низ ғалат мебошад. Матлаби дигаре, ки рушди отифии ҳар фард бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор бигирад, ҳисси вазифашиносӣ аст. Ба шахси вазифашинос гуфта мешавад, ки вазифаҳои нақширо, ки бояд ифо кунад, ба хубӣ бишиносад ва анҷом диҳад. Ба таври куллӣ вазифашиносӣ дар нақшҳое баён мешавад, ки афроди вазифашинос эҳсоси матбуе аз зиндагӣ дорад ва аз он розӣ ҳастанд. Афроде, ки аз рушди отифӣ бархӯрдоранд, дар зиндагӣ эҳсоси оромиш мекунанд ва ба дигарон ҳам оромиш медиҳанд (1: 79).

Зикри як нукта дар ин ҷо зарур аст, ки ба назар мерасад ва он нақше ҳаст, ки волидайн дар тарбияти фарзандони худ доранд. Духтар ё писар бояд аз ҷинсияти хеш розӣ бошад. Дар ғайри ин сурат, рушди отифии ӯ бо ихтилол рӯ ба рӯ мешавад. Волидайн бояд бидонад, ки барои ӯ духтар ва

писар фарқе надорад. Тафовут дар нақше аст, ки онҳо дар оянда ифо мекунанд. Бояд онҳоро бо садоқат, қотеъият, дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ тарбият кард, то он ҷо, ки қабл аз издивоҷ мавриди таваҷҷӯҳ қарор бигирад. Аммо бисёре аз нукотро баъд аз издивоҷ бояд мадди назар дошт ва барои расидан ба ҳадди матлуби он талош кард.

Қатъан аз ҳар духтар ё писари ҷавоне, зимни баргузории ин пажӯҳиш суол шуд, ки онҳо меъёри хушбахтии баъд аз издивоҷро чи медонанд: яке, аз меъёрҳояшро ба доштани тафоҳум ихтисос медиҳад. Дигаре тафоҳумро шабеҳи ҳам будан ва ихтилофи назар надоштан мепиндорад, дар ҳоле ки зану шавҳар бояд мукаммали ҳам бошанд, на ин ки мисли ҳам шаванд. Барои дастёбӣ ба тафоҳум бояд битавонем шароити якдигарро дарк кунем ва худро дар ҷои дигаре бубинем. Чизе ки ҳар завҷи ҷавоне бояд бидонад, ин аст, ки ҳеҷ рафторе ба худии худ сар намезанад. Мусалам аст, ки зан яке аз аркони муҳими ҷомеаи исломӣ буда ва нақши ҳаётӣ дар рушд ва боландагии ҷомеаи башарӣ бар ӯҳда дорад. Дар садри Ислом яке аз арсаҳое, ки занон дар он ҳузури фаъол доштанд, арсаи сиёсат буд. Ҳузури занон дар арсаи фаъолиятҳои сиёсӣ бо тамоми фишорҳое, ки аз тарафи ҳокимони золим ва ё иҷтимоъ ва ё боқимондаи таассуботи ҷоҳилӣ бар онҳо ворид мешуд ва ҳамчунин даҳолаташон дар арсаҳои мухталиф, аз ҷумла байат бо Паёмбари Акрам (с) ва ҳиҷрат ба диёри дигар барои таҷвини дини муқаддами Ислом ва дифоъ аз ҳарими поки вилоят, худ дарсе аст, барои занони имрӯз, ки худро ҷудо аз сарнавишти хеш надошта ва ҳар ҷое ки лозим аст, ба вуруд ва саҳнаҳои мухталиф вазифаи хатарноки худро ба навҳи аҳсан ба анҷом расонанд.(6: 180)

Фаъолиятҳои илмии занони садри Ислом чун дар заминаи улуми Қуръон чи дар заминаи ривояти ҳадис ва чи дар заминаи адабиёт худ баёнгари майл ва фарогири илму дониш буд. Онон гоҳ ба унвони як ҳофиз ва ё муфасири Қуръон, гоҳ ба унвони як ровӣ ва гоҳ ба унвони як зани шоир дар саҳни ҷомеа ҳузур пайдо карданд ва нақши азим дар пешрафти фарҳанг ва тамаддуни Ислом бозӣ намуданд.

Ҳузури занони садри Ислом дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла кӯмак ба иқтисоди хонавода ва корҳое, ки як зан метавонад онҳоро анҷом диҳад, худ дарсе аст барои ин насл, то бо ҳифзи ҳарими кӯшиш ва исмат, дар равнақ додани иқтисоди хонавода бебаҳра набуда ва саҳнаи фаъолиятҳои иқтисодиро холӣ нанамоянд. Занон нақши муҳиме дар тарбияти фарзандон ва насли нав доранд, чаро ки занон бо тарбият ва созандагии мардони бузург, бештарин саҳмро дар тарвиҷи дини ноби муҳаммадӣ бар ӯҳда доштаанд. Дар ин хусус модарони аймаи атҳор алайҳисалом, фазоил ва тақвои онҳо ва эҳтимоми онон дар тарбияти фарзандон мавриди таваҷҷӯҳ будааст.(7: 45) Муҳити хонавода ҳамчун сарзамини ҳосилхезе аст, ки фарзандон ҳамчун гулҳои шодобе дар он мерӯянд. Ба ақидаи бархе аз андешаварон, саодати фарзанд ба навҳи хонавода марбут аст ва дар таҳлили ҷойгоҳи хонавода модар нақши аввалро дорост.

Модар аз ду ҷиҳат ҳоизи аҳамияти вижае дар тарбияти фарзанд аст: аввал, ин ки кӯдак муҳимтарин солҳои шахсияти худро дар муҳити унс ва улфат бо ӯ мегузаронад ва ин солҳо фурсати камназире барои пазириши одатҳо, сифатҳо ва соири вижагиҳои рафторӣ аз модар аст. Сонияи, модарон ба лиҳози отифии холисонаи худ паногоҳи эътимодноке барои кӯдакон ҳастанд ва қудакон, ҳар замоне ки эҳсоси ноамнӣ мекунанд, ибтидо ба модар паноҳ мебарад ва амнияти мавриди назари худро дар оғуши вай ҷустуҷӯ мекунад.

Рӯйкарди авомили тарбиятӣ ба одамӣ рӯйкарди кайфӣ аст, на камнӣ. Яъне, ин ба син бастагӣ надорад. Дар ин миён нақши омили тарбияти аслӣ, яъне модар бисёр пуррангтар ва асаргузортар мебошад. Албатта, ниҳоди хонавода, ҷомеаи нисбатан кӯчакро ташкил медиҳад, ки дар ҳар як аъзои он ба навҳе бар дигаре таъсир мегузорад. Дар чунин таъсири мутақобила маҷмӯае аз эътиқодот, одоб, русум ва арзишҳои ахлоқӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ шакл мегирад.

Имом Саҷод (а) зимни баёни гушае аз заҳмати тоқатфарсои модар дар масири рушд ва тарбияти фарзанд мефармоянд: «Ҳаргиз касеро ба танҳоӣ ёрои сипос ва тақдир аз модар нест, магар, ин ки аз Худованд мадад ҷӯяд ва аз ӯ тавфиқи анҷом додани ин вазифаро биталабад» (6:78). Бинобар ин, мусаллам аст, ки тарбият яке аз ҳаётитарин ниёзҳои ҷомеаи башарӣ буда ва аз муҳимтарин ҳуқуқи фарзандон бар волидайн, махсусан модарон мебошанд. Рафъи монеаҳо ва эҷоди муқтазиёт барои парвариши истеъдодҳои моддӣ ва маънавӣ дар ҷиҳати расидан ба камоли хулқат аст. Тарбият ҷараёни зарурӣ ва дорои аҳамият буда ва иқдом ба он осоре чун оромиши виҷдон ва доштани фарзанди солеҳро барои волидайн ба дунбол дорад.

Авомили монанди варосат ва муҳит ваирода дар амри тарбият асаргузор ҳастанд. Зану мард барои иқдом ба тарбият бояд ба бистарсозӣ барои он бипардозанд. Яъне, заминаҳои тарбиятро аз солҳои қабл аз таълиди фарзанд ва аз замони интихоби ҳамсар шурӯъ карда ва шароити қаблиро риоят намоянд.

Дар замони борварӣ модар вориди марҳилае мешавад, ки вазифаи ӯ дар баробари тарбияти фарзандаш шакли ихтисосӣ мегирад. Ибтидо, модари борвард бояд аз марҳилаҳои рушду ҷанини хеш огоҳӣ пайдо кунад ва ба рафъи ниёзҳои ӯ дар ҳар марҳила бипардозад. Равоншиносони рушд

омилҳоеро чун бемории модар, масрафи баъзе доруҳо, алкул, маводи мухадир тавассути ӯ ва ҳатто ғизои модар, ки меҳӯрад ба раванди рушди ҷисмии ӯ муассир медонанд.

Масъалаҳои мисли афкор ва ҳолатҳои модар, шунидаҳо ва дидаҳои ӯ, назари модар ва ғайра ба рушди рӯҳӣ ва маънавии ҷанин таъсир мегузоранд. Ҳатто иштиғоли модарон дар хориҷ аз хона метавонад дар рушд ва тарбияти фарзандон таъсиргузор бошад. Мизони таъсири иштиғоли модар бар фарзандон, робитаи наздикӣ бо вижагиҳо, нигаришҳои иҷтимоӣ, шароити мавҷуд дар хона ва иҷтимоъ, ҷинс ва синни кӯдак ба тарзи рафтори модар бастагӣ дорад. Модар бо дар назар гирифтани омилҳо, аз фарзандаш ғофил нашуда, дар ҷиҳати рушди фарзандаш иқдом менамояд. Ин муроқибатҳо то лаҳзаи таваллуди фарзанд идома меёбад. Баъд аз таваллуд низ модари намуна дар андешаи анҷоми корҳои барои хидмат ба фарзандаш мебошад. Пешвоёни динӣ барои рӯзҳои аввали тавлид одобе чун хӯрондани хурмо ба кӯдак, гуфтани азон ва иқома дар гӯши навзод, хатна, ақиқа, шукургузорӣ, интихоби пӯшиши муносибро ба пайравони хеш тавсия мекунанд ва ривояти ҳар кадоми ин бар навзод таъсири мустақим ва ё ғайримустақим мерасанд.

Дар канори ҳамаи инҳо тавсиаи дин ва илм ин аст, ки модарон фарзандонро аз шири худ маҳрум накунанд, чаро ки фоидаи зиёде барои он вуҷуд дорад. Ин кор дар баробари риояти одоби шир додан, таъсироти тарбиятии бисёр фаровон дорад. «Модар бо созандагиҳое дар худ бояд бикушад. Модари намуна фарзандро дар домани пурмеҳру муҳаббати худ бипарварад ва барои онҳо ошиқона мураббӣ бошад» (4:56). Зани огоҳи мусалмон медонад, ки беш аз шавҳар дар сохтан ё вайрон кардани бонои ахлоқии кӯдак муассир аст. Саодатҳо то ҳудуди нисбатан зиёде ба модарон марбут аст. Чи бисёранд кӯдаконе, ки падарони носолеҳ доштаанд, вале модари солеҳи он норасоӣ ва камбудро ҷуброн кардааст ва баръакс, чи бисёр буданд фарзандоне, ки падари солеҳ доштанд, вале иллати носолеҳ будани модар дучори олудагӣ гаштаанд.

Занони мусалмон дар нақши модарӣ шеваи фидокориро аз ёд намебарад. Ӯ аз замони ҳамл бо андешадорӣ сайъ дорад, ки худро чун сарбози соим ва муҷоҳид дароварад ва пас аз тавлиди фарзанд бо нигоҳдории ӯ, ҳазонати ӯ, домани ӯ дили худро конуни парвариши ҷисмӣ ва ахлоқии кӯдак кунад. Дар амри вилоят ва раёсат ҷонишини шавҳар бошад ва ҳамаи тавон ва қувваи худро дар ин роҳ басиҷ кунад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** рушди отифӣ, тарбияти расмӣ ва ғайрирасмӣ, нақши модарӣ, шеваи фидокорӣ, шакли ихтисосӣ, тарбияти суннатӣ, тарбияти фарзанд.

## АДАБИЁТ

1. Абдулҳусайн Ҳоирии Шерозӣ. Тарбияти исломӣ.-Теҳрон: Дафтари таҳкими ваҳдат, 1360., 261с.
2. Алмосӣ Алӣ Муҳаммад. Таърихи омӯзишу парвариши Ислом ва Ирон.-Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири кабир,1381.-446с.
3. Аминзода Муҳаммадризо. Фарҳанги таълиму тарбияти исломӣ.-Қум: Муассисаи «Дар роҳи ҳақ», 1376.-ч.1.-354с.
4. Аҳмадӣ Сайид Аҳмад. Усулу равишҳои тарбият дар Ислом.-Теҳрон: Муассисаи интишороти ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1372.-335с.
5. Биҳиштӣ Аҳмад. Ислом ва тарбияти кӯдак.-Теҳрон: Созмони таблиғоти исломӣ, 1372.-ч1.2.-351с.
6. Биҳиштӣ Аҳмад. Тарбият аз дидгоҳи Ислом.-Қум: Паём, 1360.-216с.
7. Қоимӣ Алӣ. Парвариши мазҳабии кӯдак.-Теҳрон: Иршод, 1358.-79с.
8. Стиглер Ҷеймз. Шикофи омӯзишӣ / тарҷ. Саркоронӣ.-Теҳрон: Интишороти мадраса,1383/2006.-231с.
9. Ҳурризод Баҳман. Ғанисозии фарҳанги омӯзиш (Матн) / Зери назари С. Сулаймонӣ.-Душанбе: Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон: Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, 2008.-207с.
10. Шукуҳӣ Ғуломҳусайн. Таълим ва тарбият ва мароҳили он.-Машҳад: Муассисаи чоп ва интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1368.-213с.
11. www.iran-newshaher.com.
12. www.aftab.com.
13. www.vikipedia.com.
14. www.daneshnameh.ir.
15. www.tebyan.com.

## РАЗВИТИЕ МИЛОСЕРДИЯ В ОФИЦИАЛЬНОМ И НЕОФИЦИАЛЬНОМ ВОСПИТАНИИ

***Хасан Кулуби***

В статье сделана попытка рассматривать место милосердия в официальной и неофициальной воспитательной деятельности. Отмечается, что современная технология является стимулом образовательной деятельности и милосердие, как элемент воспитания, уходит на задний план. В этих, условиях в развитии милосердия большую роль играет семья и семейный уют, так как дети находят свое спокойствие у семейного очага. В этих условиях родители должны помогать детям в деле образования и воспитания.

THE DEVELOPMENT OF CHARITY IN THE OFFICIAL AND UNOFFICIAL UPBRINDIND

*Hasan Kulubi*

The article considers about the place of charity in the official and unofficial upbringing's activity. It's remarning that the modern technology is a stimulus of educational activities and charity as an element of upbringing goes to the past plan. In these condition in the family and families comport, so as children found their guiet at the family. In these condition parants must help to their children in the matter of edication and upbringing.

# ЭФФЕКТИВНОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ СРЕДСТВАМИ ШАХМАТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Н. Комилов***
**Научно-исследовательский институт педагогических наук АПН РТ**

Современная концепция общего образования во главу угла ставит идею развития личности ребенка, формирования его творческих способностей, воспитания важных личностных качеств. Всё это и многое другое в значительной степени способствует обучению игре в шахматы. Если до недавнего времени основное внимание ученых было обращено на школьный возраст, где, как казалось, ребенок приобретает необходимые каждому знания и умения, развивает свои силы и способности, то теперь положение коренным образом изменилось. Значительную роль в этом сыграл "информационный взрыв" – знамение нашего времени. Сегодняшние дети умнее своих предшественников – это признанный всеми факт. Это связано в первую очередь со средствами массовой информации, опоясавшими мир каналами связи, с утра до ночи льющими поток разнообразных знаний в детские умы. Сегодня становится все больше детей с ярким общим интеллектуальным развитием, их способности постигать сложный современный мир проявляются очень рано – в 3–4 года.

Школьное детство – небольшой отрезок в жизни человека. Но за это время ребенок приобретает значительно больше, чем за всю последующую жизнь. "Программа" школьного детства поистине огромна: овладение речью, мышлением, воображением, восприятием и т.п. Невольно возникает вопрос: за счет чего возможно столь быстрое усвоение обширнейшей программы?

В психологии есть такое понятие: сензитивность (чувствительность к воздействиям определенного рода). Так, наибольшая сензитивность к языку у детей в 12–13 лет, 15- летние дети легче и лучше, чем дети другого возраста, обучаются чтению. К сожалению, в школьном детстве пока не выделены все сензитивные периоды, в частности обучения игре в шахматы. Но достоверно известно одно: не стоит пропускать эти годы, иначе происходит необратимый процесс. Упущено время – потеряны возможности легко и безболезненно усвоить главное для этого возраста. Школьники необычайно чувствительны к разного рода воздействиям, и если мы не замечаем результатов каких-то воздействий, то это еще не свидетельствует, что они ничего не значат. Дети, как губка, впитывают впечатления, знания, но далеко не сразу выдают результаты.

Исследования, проведенные современными российскими психологами Л.Венгером, В.Давыдовым, В.Мухиной и др., свидетельствуют о том, что возможности маленького человека велики и путем специально организованного обучения можно сформировать у школьников такие знания и умения, которые ранее считались доступными лишь детям значительно более старших возрастов.

И это очень важно, так как школа в наше время предъявляет к малышу, оказавшемуся на ее пороге, массу серьезных требований. С первых же дней учебы первоклассник должен ответственно к ней относиться, подчиняться требованиям и правилам школьной жизни, должен обладать развитыми волевыми качествами – без них он не сможет сознательно регулировать свое поведение, подчинять его решению учебных задач, организованно вести себя на уроке. Произвольным, управляемым должно быть не только внешнее поведение, но и умственная деятельность ребенка – его внимание, память, мышление. Ребенку необходимо уметь наблюдать, слушать, запоминать, добиваться решения поставленной учителем задачи. И еще надо последовательно овладевать системой понятий, а для этого требуется развитие отвлеченного, творческого мышления. К тому же наибольшие трудности в школе испытывают не те дети, которые имеют к концу школьного возраста недостаточный объем знаний и навыков, а те,

которые проявляют интеллектуальную пассивность, у которых отсутствует желание и привычка думать, решать задачи. А это закладывается с раннего детства.

Итак, ребенок должен, должен, должен... Но система воспитания и обучения, культивируемая в детских садах, не в полной мере справляется с поставленными задачами. И здесь, словно волшебная палочка, на помощь могут прийти шахматы, как бы специально созданные для детей в школе. Ведь игровая деятельность существенно влияет на формирование произвольных психических процессов, в игре у детей развивается произвольное внимание и произвольная память. В условиях игры дети сосредоточиваются лучше и запоминают больше, чем в условиях лабораторных опытов. Игра в шахматы в большей степени способствует тому, что ребенок переходит к мышлению в плане представлений. Игровой опыт ложится в основу особого свойства мышления, позволяющего стать на точку зрения других людей, предвосхитить их будущее поведение и на основе этого строить свое собственное поведение. Игра творит произвольность на доброй воле самого ребенка, организует его чувства, его нравственные качества.

Шахматы – это не только игра, доставляющая детям много радости, удовольствия, но и действенное, эффективное средство их умственного развития. Процесс обучения азам шахматной игры способствует развитию у детей способности ориентироваться на плоскости (что крайне важно для школы), развитию аналитико-синтетической деятельности, мышления, суждений, умозаключений, учит ребенка запоминать, сравнивать, обобщать, предвидеть результаты своей деятельности, содействует формированию таких ценнейших качеств, как усидчивость, внимательность, самостоятельность, терпеливость, гибкость, собранность, изобретательность и др.

Поэтому начинать обучение мудрой игре желательно как можно раньше, но безусловно на уровне, доступном для ребенка. Л.Выготский указывал, что обучение должно идти на один шаг впереди развития, вести его за собой. Так с какого же минимального возраста можно приобщать маленького человека к игре деревянных королей? Попробуем определить и сензитивный период для обучения шахматной игре. Поможет нам в этом остроумный опыт английского психолога Ф.Гудинафа. Он писал: "Постарайтесь возможно более ясно представить себе новорожденного младенца... что тот умеет, а чего не умеет делать... А теперь подумайте о взрослом человеке... Рассмотрите подробно, что он способен делать, в особенности из того, что принято считать признаками интеллекта... А теперь вернемся к отправному пункту, к новорожденному... Пройдитесь медленно по возрастной шкале и на каждой ступени спрашивайте себя: на кого больше похож типичный ребенок этого возраста тем, что он способен делать, – на взрослого или на новорожденного? Продолжайте это занятие до тех пор, пока вы не найдете возраст, в котором, по вашему мнению, сходства и различия так точно уравновешивают друг друга, что трудно отдать предпочтение тем или другим".

К числу приоритетных организационно-педагогических мер, позволяющих обеспечить решение проблемы организации шахматной деятельности школьников в сфере образования следует отнести:

1. Развитие творческого мышления учащихся - это явление высшей психической функции человека, проявляемой через процесс обучения и развития личности.
2. Развитие творческого мышления учащихся носит поэтапно-возрастной характер (дошкольник, младший школьник, подросток и старшеклассник) и с каждым этапом переходит на качественно новый развивающий рубеж.
3. Уровень развития творческого мышления учащихся зависит от уровня мастерства учителей.
4. Согласованность учебно-воспитательного процесса по всем предметам позволяет достигать большего эффекта в общем развитии учащихся, гармонично развивать все сферы их умственной, эмоциональной и физической деятельности.
5. Постоянно учить школьников быстрому и оперативному припоминанию ранее усвоенного в целях более продуктивного усвоения нового.
6. Создавать у учащихся потребность обращения к учебникам смежных предметов в классной и домашней самостоятельной работе путем постановки задач, указаний, требований, разъяснений и воспитания интереса к усвоению многосторонних знаний о предмете или явлении реальной действительности.
7. В формировании умений учащихся использовать предшествующий опыт необходимо развивать коллективные методы учения и систематически поощрять индивидуальные достижения в припоминании и использовании знаний смежных предметов
8. Постоянно побуждая школьников к работе по припоминанию смежных знаний, необходимо формировать умения творческого их применения.

9. Личный опыт, наблюдения и экспериментальная работа на протяжении многих лет убедили нас в том, что и программы, и учебники, и практика уже располагают значительными возможностями для реализации межпредметных связей. Но еще большая работа предстоит по расширению этих возможностей.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** творческое мышление, шахматная деятельность, формирование творческих способностей, процесс обучения азам шахматной игры, развитие творческого мышления.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Рогов Е.И. Общая психология. М., 1995. С. 448.
2. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. / С.Пб.: Питер Ком., 1998, -С.720.
3. Сухин И. Шахматы, третий год, или Тайны королевской игры.— Обнинск: Духовное возрождение, 2004.
4. Сухин И. Шахматы, третий год, или Учусь и учу.— Обнинск: Духовное возрождение, 2005.
5. Суэтин И. Как играть дебют.— М.: ФиС, 1981.
6. Левин В.А. Воспитание творчества. Томск: Пеленг, 1992.
7. Левитес Д. Г. Практика обучения: современные образовательные технологии. М.: 1998.

**САМАРАНОКИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ МАКТАБИЁН ТАВАССУТИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ШОҲМОТ**

***Н.Комилов***

Консепсияи имрӯзаи таҳсилоти умумӣ рушди шахсияти бача, ташаккули қобилияти эҷодии он, тарбияи сифатҳои муҳими шахсиятро дар ҷойи аввал мегузорад.Шоҳмот танҳо бозӣ нест, ки ба бачаҳо хушнудӣ меорад, балки василаи муассиру самарабахши инкишофи фикри онҳо низ мебошад.Раванди таълими қоидаҳои бозии шоҳмот қобилият ва фаъолияти таҳлилию таркибӣ (таҳлилию синтетикӣ)-и мактабиёнро инкишоф медиҳад, онҳоро водор месозад, ки бар ёд гиранд, муқоисаю ҷамъбаст намоянд, натиҷаҳои фаъолияти хешро тасаввур кунанд ва арзишмандтарин сифатҳо – нишастан, бодиққатӣ, мустақилиятнокӣ, сабру тоқат, ихтироъкорӣ ва ғайраро ба даст оранд.

**EFFICIENCY TO FORMATION CREATIVE THINKING of SCHOOLBOYS MEANS of CHESS ACTIVITY**

***N. Komilov***

Game in chess in the big degree promotes that the child passes to thinking by way of representations. Game experience lays down in a basis of special property of the thinking, allowing to become on the point of view of other people, to anticipate their future behavior and on the basis of it to build own behavior. Game creates randomness on good will of the child, will organize its feelings, its moral qualities.

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯ, МАЗМУНИ ТАҲСИЛОТ ВА ТАЪЛИМИ ТАЪРИХ ДАР МАКТАБ

***Т.Н. Зиёев***

**Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии ҶТ**

Ҳузури муаллифи мақолаи мазкур дар дарсҳои зиёди омӯзгорони фанни таърихи мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру навоҳии гуногуни кишвар, корҳои озмоишӣ дар мактабҳои такягоҳӣ, иштирок дар конфронсҳои илмӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, курсҳои бозомӯзию такмили ихтисос ва вохӯрию ҷамъомадҳои гуногуни дигар бо омӯзгорон, инчунин омӯзиши таҷрибаи пешқадами баъзе давлатҳои хориҷӣ дар тӯли беш аз даҳ соли охир, таҳлили сохтор ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсии таърихи дар истифода қарордошта имконият доданд ба хулоса биёем, ки дар таълими ин фан дар мактабҳои таҳсилоти умумии кишвар имрӯз ҳам қолабҳои камсамари китобҳои дарсии даврони шӯравӣ ва мувофиқ ба онҳо роҳу усулҳои таълим дар фаъолияти қисме аз муаллифон китобҳои дарсии таърих ва омӯзгорон арзи вуҷуд доранд. Тавассути онҳо наметавон мақсаду вазифаҳои таълими фанни мазкурро самаранок ба иҷро расонид. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур ҳаддалимкон баъзе хусусиятҳои назария ва мазмуни таҳсилоти фанни таърихро дар мактабҳои теҳсилоти умумии кишвар болои коғаз барорем. Бояд гуфт, ки қисме аз онҳо аллакай дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва таълифи китобҳои дарсии таърих барои мактаб татбиқ гардидааст.

Дар даврони шӯравӣ фанни таърих дар асоси идеологияи дар давлату ҷомеа ҳукмрон таҳия карда ва таълим дода мешуд. Мақсади чунин мазмуни таҳсилот ба ташаккули ҷаҳонбинии марксистию ленинӣ ва тарбияи коммунистии насли наврас нигаронида шуда буд. Дар шароити

давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки Тоҷикистон дар ин самт рӯ ба рушд аст, мақсаду вазифаҳои мазмуни таҳсилоти фанни таърих дар заминаи андешаҳои башардӯстона ва тамаддунасос таҳия гардида, ташаккули шахсияти ҷомеаи шаҳрвандиро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, чунин будани мазмуни таҳсилоти фанни таъриху усулҳои таълими он аз тағйир касб кардани мақсаду вазифаҳои таълимию тарбиявии ин фан вобаста аст, ки аз табиати давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомееаи шаҳрвандӣ ба миён омадаанд. Чунин давлату ҷомеа эҳтиёҷ ба он доранд, ки шаҳрвандони ҷавон ҳамчун фарзандони сазовору вафодори Ватан, шахсиятҳои мустақили дорои ақидаҳои шахсӣ, озоду озодандеш, мавқеъ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ, боигарии маънавию ахлоқӣ, тафаккури интиқодию масъулиятшиносӣ, башардӯст ва дорои сифатҳои дигари волои инсонӣ тарбия ёфта ба камол расанд. Аз ин рӯ, мақсаду вазифаҳои фанни таърих ва роҳу усулҳои таълиму омӯзиши он бояд ҳамоҳанги ҳамдигар бошанд.

**1.Масъалаи даврабандии таърих.** Тавре маълум аст, дар даврони шӯравӣ таърих аз рӯи қолабҳои идеологии марксизм-ленинизм даврабандӣ карда шуда буд, ки асоси онро мубориза синфӣ, антагонизм дар байни синфҳои дорою заҳматкаш, ба миён омадани мухолифат дар байни нерӯҳои истеҳсолкунандаю муносибатҳои истеҳсолӣ ва инқилобҳои иҷтимоӣ ташкил мекарданд. Даврабандии нави курсҳои таърих дар асоси методологияи гуманистии тамаддунасос бо дар назардошти сатҳи пешрафти истеҳсолот, ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии марҳилаҳои таърихӣ сурат гирифтааст. Бо ҳамин сабаб, ин даврабандӣ дар курсҳои таърих ба даврабандии таърих дар замони шӯравӣ мувофиқат намекунад. Ҳудудҳои асосии даврабандии таърих дар замони шӯравӣ инқилобҳои иҷтимоӣ буданд. Дар даврабандии таърих дар шароити давлати демократӣ, ки дар он аслан таърих ба режими сиёсӣ тобеъ нест, ҳудудҳои давраҳои таърих, оғоз ва анҷоми ҳар ҷараёни (протсесси) калони таърихӣ аз назари рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлату ҷомеа мебошад, ки онҳо ҳудудҳои болоравӣ ва ё таназзул доранд. Ин меъёр (критерий) ба ҳарду курси таърих – таърихи умумӣ ва таърихи халқи тоҷик дахл дорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, даврабандии таърихи умумӣ чунин сурат мегирад: **Давраи аввал - таърихи дунёи қадим** – аз асри санг сар карда то воридшавӣ ба таърих ва давлатҳои қадим (тахминан аз 2,5 миллион сол қабл аз ин ва то оғози асри III милодӣ). **Давраи дуюм - таърихи асрҳои миёна** – аз чоряки аввали асри III то нимаи дуюми асри XV. **Давраи сеюм** - таърихи давраи нав - **марҳалаи якум** – аз нимаи дуюми асри XV то миёнаҳои асри XIX. **Давраи сеюм - таърихи давраи нав - марҳалаи дуюм** – аз миёнаҳои асри XIX то соли 1918. **Давраи чаҳорум** - таърихи навтарин - **марҳалаи аввал** – аз соли 1918 то соли 1945. **Давраи чаҳорум** - таърихи навтарин - **марҳалаи дуюм** – аз соли 1945 то соли 1970. **Давраи чаҳорум** - таърихи навтарин - **марҳалаи сеюм** – аз соли 1970 то имрӯз.

Таърихи умумӣ аз рӯи ин даврабандӣ, аз аввал то охир бо усули пайдарҳамӣ дар синфҳои зерин омӯхта мешавад:

Дар синфи 5 - давраи аввал - таърихи дунёи қадим.
Дар синфи 6 - давраи дуюм - таърихи асрҳои миёна.
Дар синфи 7 - давраи сеюм - таърихи давраи нав - марҳалаи якум.
Дар синфи 8 - давраи сеюм - таърихи давраи нав - марҳалаи дуюм.
Дар синфи 9 - давраи чаҳорум - таърихи навтарин - марҳалаи аввал.
Дар синфи 10 - давраи чаҳорум - таърихи навтарин - марҳалаи дуюм.
Дар синфи 11 - давраи чаҳорум - таърихи навтарин - марҳалаи сеюм.

Даврабандии таърихи халқи тоҷик вобаста ба хусусиятҳои дар боло номбурда чунин сурат мегирад: **Давраи аввал - таърихи қадими мардуми форсзабон** – аз асри санг сар карда то воридшавӣ ба таърих ва давлатҳои қадими мардуми форсзабон (тахминан 500 ҳазор сол қабл аз ин ва то оғози асри III милодӣ). **Давраи дуюм - таърихи асрҳои миёнаи форсу тоҷик** – аз чоряки аввали асри III то солҳои 70-уми асри XIX. **Давраи сеюм - таърихи давраи нави халқи тоҷик** – аз солҳои 70-уми асри XIX то солҳои 1917 - 1924. **Давраи чаҳоруми таърихи навтарини халқи тоҷик - марҳалаи аввал** – аз соли 1924 то соли 1945. **Давраи чаҳоруми таърихи халқи тоҷик - марҳалаи дуюм** - аз соли 1945 ва то имрӯз.

Ин давраҳо низ аз аввал то охир дар пайдарҳамӣ дар синфҳои зерин омӯхта мешаванд:

Дар синфи 5 - давраи аввали аввал - таърихи қадими мардуми форсзабон.
Дар синфи 6 - давраи дуюм - таърихи асрҳои миёнаи форсу тоҷик - марҳалаи аввал.
Дар синфи 7 –давраи дуюм - таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик - марҳалаи дуюм.
Дар синфи 8 – давраи дуюм - таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик - марҳалаи сеюм.
Дар синфи 9 –давраи сеюм - таърихи давраи нави халқи тоҷик.
Дар синфи 10 - давраи чаҳорум - таърихи навтарини халқи тоҷик - марҳалаи аввал.
Дар синфи 11 -давраи чаҳорум - таърихи навтарини халқи тоҷик - марҳалаи дуюм.

Дар баробари дар ин сатҳ даврабандӣ шудан ҳар кадом давраҳои таърихи умумӣ ва таърихи халқи тоҷик ба марҳалаҳои хурдтари онҳо тақсим мешаванд, ки онҳо низ нишонаҳои ҳудудҳои хурди

худро доранд. Дар мавриди таълифи китобҳои дарсӣ ва таълими таърих муаллифон ва омӯзгорони бояд хусусиятҳои даврабандии таърихи умумӣ ва таърихи халқи тоҷикро хуб донанд

**2.Дарси имрӯзаи таърих**. Тавре аз илми педагогика бармеояд, дарс воситаи асосии тарбияю таълими хонандагон мебошад. Ин нишондод баҳснопазир аст. Лекин гап дар сари он меравад, ки дар шароити демократикунонии ҷомеа ва таълиму тарбияи мактабӣ кадом дарс рисолати худро самаранок иҷро карда метавонад?

Қаблан, дарс, агар омехта бошад, дар чаҳорчӯбаи шаш қисмати (звенои) он сурат мегирифт, аз ҷумла фанни таърих ҳам: лаҳзаи ташкилии дарс, пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии донишҳои хонандагон доир ба мавзӯи омӯхташуда, эълони баҳо ва супоридани вазифаи хонагӣ. Баъзе намудҳои (типҳои) дарсҳо аз қисматҳои таркибии камтар иборат буданд. Тақсимбандии дарс ба он вобаста буд, ки омӯзгор дар он “фигураи асосӣ” ба шумор мерафт. Риоя шудани тақсимбандии номбурдаи дарс яке аз нишонаҳои муҳимтарини “самаранокӣ” ва “дурустӣ”-и ҷараёни таълим ба шумор мерафт.

Дар ин рисолати худ омӯзгор дар дарс диктатор буд; мақсади асосии ӯ дар таълим ва тарбия ҳокимиятро бо пуррагӣ дар дасти худ нигоҳ доштан ва ба иродаи худ тобеъ кунонидани шогирдон буд. Аз рӯи ин талабот, омӯзгор дар дарс аз ҳад зиёд фаъол буд. Хонандагон бошанд, пурра тобею иҷрокунандагони амру иродаи ӯ буданд. Имрӯз рисолати омӯзгор ва шогирдони ӯ тағйир касб кардааст. Ҳарду тарафи таълим ва омӯзиш (омӯзгор ва шогирдон) субъектҳои асосии дарс мебошанд. Бинобар ин, омӯзгор таълим медиҳад ва шогирдон фаъолона мазмуни таҳсилотро меомӯзанд. Агар қаблан омӯзгор дарсро ҳамчун воситаи таълиму тарбия истифода мебурда бошад, пас имрӯз он воситаи омӯзиши хонандагон ва худташаккулдиҳии онҳо аст, ки ин фаъолияти хонандагон дар зери роҳбарии бевоситаи омӯзгор ва ҳамкории мутақобила ба мароми ҳарду тарафи таълиму омӯзиш мувофиқ сурат мегирад.

Бо ҳамин сабабҳо дарсҳои имрӯзаи таърих аз қолабҳои қаблии худ то як дараҷа орӣ гардидаанд. Акнун омӯзгор вазни асосии таълими пурраи мавзӯъро ба зима нагирифта, **масъалаҳои муҳимтарин, марказӣ ва мушкилфаҳми мавзӯъро** кушода, роҳу усулҳои ташкили омӯзиши хонандагонро муайян ва ташкил мекунад, ки аз мақсаду вазифаҳои дарс ва интизорӣ аз он ба миён меоянд. Дар чунин дарс овози омӯзгор хеле кам садо медиҳад. Сабаб он аст, ки ӯ дар ҷараёни таълиму омӯзиш бо ҳамроҳии шогирдон дар ҳолати ҳамкорӣ қарор дорад.

Дар дарси имрӯза аз дарси қаблӣ қисматҳои ташкилӣ, эълони баҳо ва супориши вазифаи хонагӣ боқӣ мондаанд, ки онҳо низ имрӯз тағйир касб кардаанд, масалан, баъзан такрори вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, супориши вазифаи хонагӣ нолозим мешавад. Пурсиши вазифаи хонагӣ низ бо усули шӯравӣ сурат намегирад. Хонандагон мавзӯи дарсро асосан дар дарс (дар синф) меомӯзанд. Дар хона бошад, онро танҳо такрор карда, дар баробари ин ягон амали дигарро ба ҷо меоваранд, ки ба онҳо омӯзгор супориш ва ё маслиҳат додааст. Бинобар ин, дар дарси оянда хонандагону омӯзгор маъмулан **вазифаи хонагиро такрор** мекунанд ва дар тӯли на бештар аз 10 дақиқаи дарс. **На камтар аз се ду ҳиссаи вақти дарс** (30 дақиқа) бояд барои таълим ва омӯзиши мавзӯи нав сарф карда шавад. Барои ҳамин усули таълим ва омӯзиши мавзӯи нав дар дарс комилан тағйир касб кардааст.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки гузоштани баҳо ба фаъолияти омӯзишии хонандагон низ таҷдиди назар мехоҳад, ки ин масъалаи мавзӯи мақолаи дигар хоҳад буд.

**3.Таълим ё омӯзиш ва ё ҳарду?** Мо дар вақташ ба он одат карда будем, ки дар мактаб таърихро ба хонандагон **таълим** медиҳем. Бо ин вижагарой мо гуфтанӣ будем, ки хонандагонро аз донишҳои муайян, ки аз талаботи барномаҳои таълимӣ ба миён меомаданд, мусаллаҳ менамоем. Ин ибора тибқи педагогикаи тобеи он давру замон дуруст буд. Чунки ҳар чи ки мо, омӯзгорон, ба шогирдон мегуфтем, меомӯзонидем ва мефармудем, ишон бояд ҳамчун сухани ягонаи рост қабул мекарданд. Мо бошем, худамон он донишҳоро аз китобҳои дарсӣ ва сарчашмаҳои дигар мебардоштем ва низ онҳоро ҳамчун ҳақиқати қотеъ қабул мекардем. Чунин таълим ҷараёни дарсҳои моро танҳо яктарафа пеш мебурд: шогирдон ба мо ва дониши мо тобеъ таълим мегирифтанд.

Вале дар ҷомеае, ки ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ба шаҳрвандон кафолат дода мешаванд, таълиму тарбия наметавонад яктарафа ва ба иродаи омӯзгор тобеъ шавад. Имрӯз ба ёрии омӯзгору олим ва мушовири фаннии таърих педагогикаи ҳамкорӣ омадааст, ки он аллакай ба таълиму тарбияи мактабии насли наврас рӯҳияи демократӣ ворид сохтааст, аз он ҷумла, дар таълимиу омӯзиши фанни таърих низ.

Дарвоқеъ, дар таълиму тарбия тарафу ҷанба ва омилҳои зиёди ҷомеа ширкат меварзанд, лекин дар ҷараёни дарс ва алалхусус, дарсҳои таърих танҳо ду субъекти асосии таълиму тарбия иштирок менамоянд – омӯзгор ва шогирдон. Вазифаи асосии омӯзгор таълим додан аст, ки ба он роҳҳои роҳбарӣ ба омӯзиши хонандагон, додани маслиҳат ба онҳо, ташкили босуботу самараноки ҷараёни таълим буда. вазифаи хонандагон аз омӯзишу ба даст овардани донишу малака иборат аст. Ин кор аз

хонандагон фаъолияти мустақилонаи маърифатиро низ тақозо дорад. Аз ин рӯ, донишу малакаи хонандагон аз фанни таърих ва ё мавзӯъҳои мушаххаси он фаъолияти дутарафаи субъектҳои асосии таълимро тақозо дорад. Бо дар назардошти ин гуфтаҳо имрӯз чараёни дарс аз фанни таърих амалишавии **таълим ва омӯзиш** мебошад, яъне дар чараёни дарс ҳардуи онҳо ҳузур доранд.

**4.Масъалаҳои марказии мавзӯъҳо дар китобҳои дарсӣ** Аз рӯи усули анъанавии дарсҳои таърих баёни мавзӯи нав тахминан 20-25 дақиқа идома меёбад. Баъд аз ҳузур дар дарсҳои баъзе омӯзгорон, аз чумла омӯзгорони соҳибтачриба мо пурсон мешудем, ки чаро шумо ба баёни мавзӯи нав ин қадар вақти зиёд сарф карда, барои омӯзиши мавзӯъ аз тарафи худи хонандагон дар зери роҳбарии шумо вақт намондед? Дар чавоб ба ин савол мегӯянд, ки мавзӯъ ниҳоят калон буд, аз ин рӯ, он вақти зиёдро тақозо намуд... Чунин чавоб касро қонеъ карда наметавонад. Бале, дар ҳақиқат баъзе мавзӯъҳо дар китобҳои дарсии таърих хеле калон ба назар мерасанд. Чи бояд кард, ки омӯзгор мазмуни онро ин қадар дуру дароз ва бо пуррагӣ нақл накунад. Аз тарафи дигар, вазифаи омӯзгор аз он иборат нест, ки мазмуни мавзӯъро бо пуррагӣ нақл кунад. Қаблан талабот ҳамин тавр буд, имрӯз ҳам ҳамин талабот вучуд дорад. Ба ҳар ҳол, ба ин масъала тавачӯҳ мекунем.

Аввалан, китоби дарсӣ танҳо барои омӯзгор навишта намешавад, он аслан барои хонандагон таълиф мегардад. Дуюм, дар ҳар мавзӯи китоби дарсӣ маводҳои индуктивӣ (маводи назариявию шарҳи умумии масъалаҳои мавзӯъ) ва дедуктивӣ (далелҳо, воқеаҳо, факту рақамҳо, мисолу санаҳои таърихӣ ва амсоли инҳо) мавчуд мебошанд, лекин маводи индуктивӣ назар ба маводи дедуктивӣ якчанд маротиба зиёдтар аст. Ба таври дигар гӯем, маводи дедуктивӣ ин сурати мазмун буда, маводи индуктивӣ махрачи он, яъне далелҳо барои исботи сурати чараёни таърихӣ, соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлату чомеа заруранд. Онҳо барои фаҳмидани масъалаҳои дедуктивии марказии ҳар мавзӯи дарс кӯмак мерасонанд. Гапи дигар он аст, ки маводи дедуктивӣ ва индуктивӣ дар мавзӯъ чӣ тавр омадаанд ва онҳо масъалаҳои хурд ва ё масъалаҳои марказии онро чӣ тавр кушодаанд.

Ин чо манзури мо он аст, ки дар ҳар мавзӯъ аз як то се масъалаи марказӣ меистад. Ҳамаи нақл, он ё дедуктивӣ бошад ва ё хоҳ индуктивӣ, дар атрофи ҳамон масъалаҳо сурат мегирад. Мисол аз мавзӯи "Паҳншавии ҳаракати ислоҳотхоҳӣ" аз китоби дарсии "Таърихи асрҳои миёна"-и 6. Ин мавзӯъ аз се масъалаи марказӣ иборат аст: 1.Авчгирии ҳаракати ислоҳотхоҳӣ. 2.Калисои калвинӣ. 3.Авчи инквизитсия. Мисол аз мавзӯи "Чопон" аз китоби дарсии "Таърихи умумӣ"-и синфи 10. Ин мавзӯъ аз ду масъалаи марказӣ иборат аст: 1.Вазъи вазнини ичтимоию иқтисодии Чопон баъд аз Чанги якуми чаҳонӣ. 2. Сиёсати истилогаронаи хоричии Чопон.

Агар омӯзгор ҳамин чиҳати мавзӯъҳоро дар таълиму омӯзиши таърих ба ҳисоб гирад, самаранокии дарсҳои ӯ беҳтар хоҳад шуд. Дар акси ҳол ӯ ба лектор мубаддал мегардад, ки хонандагон аз чунин таълим самараи кам мебардоранд ва дарси таърих, аз як тараф ва, омӯзгору шогирдони ӯ, аз тарафи дигар, рисолати аслии худро ба чо оварда наметавонанд. Охир ҳикмати миллати точик оид ба таълим кайҳо боз усули таълимро дар дарси имрӯза муайян кардааст: "Шунидан кай бувад монанди дидан". Аз ин рӯ, хонандагон бояд аз устоди худ кам шунаванду бештар худашон омӯзанд. Дар ин сурат боварӣ дорем, ки дар дарсҳои таърих рисолати омӯзгор ва хонанда босамар ичро хоҳад гардид.

**5.Сохтори мавзӯъҳо дар китобҳои дарсӣ.** Дуруст аст, ки сохтори методии на ҳамаи китобҳои дарсии таърих ба талаботи усулҳои фаъоли таълим мувофиқат мекунад. Сарфи назар аз ин, як қисми муаллифон чидду чаҳд ба харч додаанд, ки китобҳои ба зимадоштаи худро ба ҳамин талабот мувофиқ таълиф намоянд. Бояд гуфт, ки ҳар як китоби дарсӣ барои усулҳои муайяни таълим навишта мешавад. Зимнан мо ҳамчун мураттиби барномаҳои таълимии таърих ва муаллифи як силсила китобҳои дарсии таърих чидду чаҳд ба харч додаем, ки ҳаддалимкон ин омилро ба назари эътибор бигирем ва ин кор ба мо то кадом дарача муяссар шуд, дар ин бора танҳо омӯзгору хонандагони гиромӣ баҳои воқеӣ дода метавонанд.

Дар ин китобҳои дарсӣ матни муаллиф аз рӯи мазмун ва мантиқи он дар зерсарлавҳачаҳо пайдарҳам чо ба чо карда шуда, мувофиқ ба мазмуни мавзӯъ суратҳо бо баёни номи онҳо мураттаб омадаанд. Дар баъзе китобҳои дарсӣ дар байни матнҳо саволу супоришҳо низ ҳастанд, ки онҳо ба тавачҷӯҳи хонандагон нигаронида шудаанд. Дар байни матнҳо ва ё дар охири онҳо пораҳо аз манбаҳои гуногунмазмун оварда шудаанд. Дар охири мавзӯъ бошад, якчанд саволу супориш барои такрори мустақилона ба хонандагон пешкаш шудааст.

Чунин таълиф шудани китобҳои дарсӣ ба он хотир аст, ки хонандагон дар зери роҳбарии омӯзгор ҳар як мавзӯи мушаххасро омӯзанд. Вале тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, аз ҳамин намудҳои маводи дидактикӣ омӯзгорон ғолибан танҳо аз матни муаллиф истифода мебаранду халос. Ин камбудиҳо аз иллати одатҳои кӯҳнапарастӣ (консервативӣ) иборат будани усулҳои ташкили таълим дар дарсҳои таърихи ин қабил омӯзгорон ба миён омадааанд.

Чунин омадани таркиби мавзӯъҳо, ки мо зикр кардем, барои он зарур аст, ки омӯзгор бо ҳамроҳии шогирдон аз ҳар кадоми он ҳамчун воситаи дидактикӣ истифода бибаранд. Масалан,

хонанда матни муаллифро хонда, баъд аёнияти он – сурату мусаввира, ҷадвалу диаграмма ва схемаҳоро омӯхта, аз рӯи онҳо нақл таҳия мекунад ва ба ҳамин воситаҳои тасвирию графикӣ дониши худро пурратар, донишҳоро ба малака ва малакаро ба маҳорат мубаддал мегардонад.

**6.Забони китобҳои дарсӣ.** Яке аз масъалаҳои мактабии аз тарафи аҳли ҷомеа мавриди танқиди шадид қарор гирифтаи мо имрӯз он аст, ки забони як қисми китобҳои дарсии таърих хеле мураккаб мебошад. Ин камбудии муаллифони китобҳои дарсӣ бо якчанд сабаб рух додааст: ба таври кофӣ надонистани хусусиятҳои методии дарси мактабӣ; аз рисолаҳои илмӣ ва ё китобҳои дарсии хориҷӣ таҳтуллафз тарҷума шудани маводи таълимӣ; ба таври бояду шояд надонистани имкониятҳои идроки хонандагон, дар ин замина хуб надонистани хусусиятҳои синнусолии онҳо; муҳаррири илмию забонӣ ва ороиш (дизайнер) надоштани қариб ҳамаи нашриётҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; то як дараҷа орӣ будани китобҳои дарсӣ аз матни содаи ба хонандагон фаҳмо; бепарвоии маҳз зоҳир кардани қисме аз муаллифони китобҳои дарсӣ.

Омӯзгор дар мавриди тайёрӣ ба дарс бояд муайян кунад, ки дар мавзӯъ кадом мафҳумҳои илмӣ ва калимаҳо барои хонандагон ношиносу нофаҳмо ҳастанд. У ин қабил калимаю ибора ва мафҳумҳоро ба шогирдон қисман фаҳмонидаю қисман дар тахта навишта ва ё бо роҳи дигар ба онҳо дастрас мегардонад, то ки онҳо дар идрок ва маъоифати мавзӯъ мушкилии зиёд надошта бошанд.

Аз тарафи дигар, қисме аз омӯзгорон бар он ақидаанд, ки барои хонандагони макотиби таҳсилоти умумӣ китобҳои дарсӣ аз таърих бояд хеле сода таълиф карда шаванд. Ба ин андеша қисман розӣ шудан мумкин аст. Вале ин талаби омӯзгорон асосан барои синфҳои 5 - 7 қобили қабул аст. Лекин дар баробари сол то сол ба синфҳои 8, 9, 10 ва 11 боло рафтани хонандагон забони китобҳои дарсии ин фанҳо то андозае мураккабтар шудан мегирад. Ин усул барои он зарур аст, ки баъди хатми мактаби таҳсилоти умумӣ шогирдони мо аз китобҳои дарсии таъйиноти макотиби касбӣ ва адабиёти гуногуни илмӣ, аз он ҷумла, оид ба таърихро фаҳмида тавонанд.

**7.Манбаю сарчашмаҳои дар китобҳои дарсӣ истифодашуда.** Манбаю сарчашмаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраи дар китобҳои дарсии таърих омада дар аз бар кардани маводи таълимӣ мақоми хоса дошта, мазмуни таҳсилотро пурраю рангинтар мегардонанд. Бояд иброз дошт, ки манбаю сарчашмаҳои дар китобҳои дарсии таърих истифодашуда дар муракабӣ гуногунанд: дар синфҳои поёнӣ сода ва дар синфҳои болоӣ мураккабтар. Дар ҳар ҳолат манбаю сарчашмаҳо бояд бо мавзӯъҳо ҳамоҳанг бошанд ва онҳоро пурраю фаҳмотар гардонанд; аз ин рӯ, қисмати таркибии мазмуни таҳсилот аз таърих мебошанд. Қисме аз манбаю сарчашмаҳо дар китобҳои дарсии синфҳои 5 ва 6-и аз таърихи умумӣ овардашуда афсонаю ривоят ва асостирӣ мебошанд. Чунин манбаъҳо дар ин китобҳои дарсӣ бо дарназардошти хусусиятҳои равонию қобилияти идрок, майли зиёд доштани кӯдакони ин синну сол ба афсонаҳо, ривоятҳо, асотирҳо ва аз тариқи бозию аёнияти гуворои ба зеҳни бача мувофиқ сурат гирифтани омӯзиши таърих ҷой дода шудаанд.

Масалан, дар мавзӯи "Ҳаёти одамони қадимтарин"-и китоби дарсии "Таърихи дунёи қадим"-и синфи 5 афсонаи "Одамон оташро чӣ тавр ба даст даровfarданд" дода шудааст, ки он гарчанде ягон хел аҳамияти илмӣ надорад, хондану шунидани он хонандагонро ба ваҷд оварда, дар чеҳраи онҳо хушҳолие падид меояд. Ин афсона андешаи хонандагонро оид ба зарурати оташ дар ҳаёти инсон боз ҳам қавитар мегардонад

Дар мавзӯи "Ҷопони самурайҳо ва сёгун"-и китоби дарсии "Таърихи асрҳои миёна"-и синфи 6 сарчашмае дода шудааст, ки он **"Одатҳои самурайҳо"** ном дорад. Ин сарчашма ба ривояту афсона шабоҳат дорад, гарчанде ки ин расму русуми самурайҳо аслан воқеӣ буда, он дар бораи тарзи ҳаёти самурайҳои асримиёнагии Ҷопон нақл мекунад. Ин пораи сарчашма донишу малакаи хонандагонро оид ба мавзӯи номбурда то як дараҷа предметӣ ва қавӣ мегардонад.

Дар мавзӯи "Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз оғози асри XIX то анҷом ёфтани ҷанги мулкӣ"-и китоби дарсии таърихи умумии синфи 8 якчанд сарчашмаи мазмуни таърихию ҳуқуқӣ дода шудааст: **1. Пораи баромади Ҷон Браун. 2. Нутқи охирини Ҷон Браун 2 ноябри соли 1859. 3. Қонун дар бораи ғуломони гуреза аз 18 ноябри соли 1850. 4. Аз мактуби Авраам Линколн ба ношири "Нию Йорк Трибюн" Г.Грил аз 12 августи соли 1862".** Ин сарчашмаҳо ҳуҷҷатианд ва воқеияти таърихии ИМА-и ҳамонгвақтаро хеле гуворо кушода медиҳанд. Хонандагон бо ёрию ҳамкории омӯзгор ин сарчашмаҳоро омӯхта, донишу малакаи худро оид ба мавзӯи номбурда боз ҳам пурратар мекунанд.

Маслиҳати мо ба омӯзгорони фанни таърих зимни ин масъала он аст, ки дар мавриди таълиму омӯзиши ҳар як мавзӯъ аз манбаю сарчашмаҳои дар онҳо овардашуда самаранок истифода бибаранд. Барои ин усули таълими таърихро бо сохтори мазмуни таҳсилот ва матнҳои ёрирасони китобҳои дарсӣ мувофиқ кунонанд.

**8.Мақоми маводи тасвирӣ дар китобҳои дарсӣ.** Дар бораи мақоми аёнияти тасвирӣ дар таълими таърих дар адабиёти марбут ба педагогикаи умумӣ ва педагогикаи (дидактикаи) хусусии ин фан хеле зиёд навишта шудааст ва махсусан дар адабиёти педагогии даврони шӯравӣ. Дар онҳо аз он

ҷумла гуфта шудааст, ки аёният ин мазмунан ҳамон матни мавзӯъ аст, ки дар худ инъикос намудааст ва дар байни ҳар як намуди аёнияти тасвирӣ робитаи пайдарҳамӣ вуҷуд дорад. Яъне дар китоби дарсӣ ду хатти пайдарпайи мазмуни таҳсилот вуҷуд дорад – аз тариқи матн ва аз тариқи аёният. Ин гуфтаҳоро мо низ тасдиқ намуда, таъкид мекунем, ки омӯзгорон ин хусусияти китобҳои дарсиро ба назари эътибор бигиранд.

Бояд таъкид кард, ки аёнияти тасвирӣ: аввалан, вақти омӯзгорро дар баёни мавзӯъ сарфа мекунад; дуюм, идроки маводи омӯзишро дастрастар мегардонад; сеюм, маромнокии омӯзишро дар хонандагон баланд мебардорад; чорум, ба омӯзиш унсури равонию эҳсости идрок ворид месозад Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки маводи тасвирӣ дар китобҳои дарсии таърихи насли якум барои мактабҳои таҳсилоти умумии кишвар бо дарназардошти баъзе истисноҳо, хеле каманд, ки ба ин ҳолат дар нашриётҳои дохили Тоҷикистон набудани мутахассисони марбут ба ихтисос сабаб шудааст.

Ин буд он чанд хусусияти назариявӣ, мазмуни таҳсилот ва таълими таърих дар мактаб, ки ба назар гирифтани онҳо сифату самаранокии таълифи китобҳои дарсӣ ва таълими таърихро дар мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон баланд хоҳад бардошт.

**КАЛИДВОЖАҲО**: таълими таърих дар мактаб, хусусияти назариявӣ, мазмуни таҳсилот, маводи тасвирӣ, манбаю сарчашмаҳо, самаранокии таълифи китобҳо.

## АДАБИЁТ

1 Зиёев Т.Н. Таърихи дунёи қадим. Синфи 5. –Душанбе, Сарпараст, 2005. – 272 с.
2 Зиёев Т.Н., Шарифов Р.Я.Таърихи асрҳои миёна.Синфи 6.–Душанбе,Сарпараст, 2005 - 288 с.
3 Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 7. –Душанбе, Матбуот, МТЛ ОПЕК, 2003. -320 с.
4 Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 8. –Душанбе, Сарпараст, 2002. -336 с.
5 Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 9 –Душанбе, Сарпараст, 2002. -208 с.
6 Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ. Синфи 10. –Душанбе, Собириён, 2005. -208 с.
7 Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик.. Синфи 8. –Алмати, Атамура, 2000 –148 с.
8 Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б.Таърихи халқи тоҷик.Синфи 11-Душанбе,-Собириён, 2006.-192 с.
9 Хоҷаев С. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 7. –Душанбе, Сарпараст, 2002. –192 с.
10 Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 10. –Душанбе, Собириён, 2005. –192 с.
11 Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Синфи 9. –Душанбе, МТЛ ОПЕК, 2000.–312 с.
12 Яъқубов Ю. Таърихи қадими халқи тоҷик. Синфи 5. –Алмати, Атамура, 2000. -216 с.
13 Яъқубов Ю.Таърихи халқи тоҷик.Синфи 6,Душанбе,PLEIADES PUBLISHING Ins, 2001.

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕОРИИ, СОДЕРЖАНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ПРЕПОДАВАНИЯ ИСТОРИИ В ШКОЛЕ

***Т.Н. Зиёев***

В статье отражаются вопросы особенности школьного учебного предмета истории, периодизация истории, современные уроки истории, структура и содержание школьных учебников истории, язык и стиль текста, использование источников и наглядности в учебниках истории. Эти и другие вопросы автором раскрываются на конкретных примерах, и при этом предлагает эффективные пути и средства улучшения качества учебников истории и преподавание этого предмета в школе

## HISTORY THEORY, EDUCATION AND TRAINING SPECIFICS AT SCHOOLS

***T.N. Ziyoyev***

The article reflects specifics of history subject, historical period break up, modern history subjects, structure and content of history schoolbook, the language and text style, use of sources, and visibility means in history schoolbooks. This and other issues are discovered by the author as specific examples and at the same time suggested effective ways to quality improvement of history schoolbooks as well as history teaching at schools.

# СИСТЕМА САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНФОРМАТИКИ КАК НЕПРЕРЫВНОЕ УСЛОВИЕ ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЯ МАТЕМАТИКИ

*И. Шарифов*
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Рассматривая психолого-педагогический аспект самостоятельной работы студентов, большинство исследователей делят ее на две части: обязательную, которая проводится в процессе учебных занятий и подготовки к ним, и дополнительную, которая выполняется ими лишь в меру их интересов и склонностей. В контексте нашего исследования особый интерес представляет организация аудиторной самостоятельной работы на лабораторно-практических занятиях по дисциплинам образовательной области «Информатика».

Деятельностный подход к обучению означает возможность управления процессом усвоения знаний только через деятельность, выполняемую при обучении. В соответствии с этим, самостоятельную работу студентов можно рассматривать двояко: как неотъемлемую часть основной (учебной) деятельности, характеризуемую определенным уровнем самостоятельности, и как вид деятельности, выделенный из основного процесса.

Организация самостоятельной работы студентов должна быть профессионально-направленной. При организации самостоятельной работы познавательная деятельность обучаемого протекает в полном соответствии его индивидуальным возможностям. Функция самостоятельной работы состоит в обучении студентов извлекать и отбирать факты, делать выводы, анализировать полученные результаты, принимать решения. Она готовит будущего учителя к непрерывному образованию, добыванию новой информации на протяжении всей жизни. Самостоятельная работа предполагает активную умственную деятельность студентов, связанную с наиболее рациональным способом выполнения предложенных преподавателем заданий, с анализом результатов работы.

Исходя из опыта работы, мы считаем, что практические занятия целесообразно проводить в форме семинаров и лабораторных работ. Это позволяет строить систему обучения таким образом, что наряду с закреплением теоретических знаний на семинаре, студенты получают конкретные умения и ориентировочную основу для самостоятельного переноса этих знаний и умений на решение учебно-педагогических задач на лабораторной работе.

"Традиционная методика семинарских занятий строится как отчет студента по теме занятия. Обучающийся прочитывает заданную литературу, использует конспекты лекций и воспроизводит все это в виде ответа на вопрос. Иногда такие занятия разнообразятся постановкой докладов, когда один зачитывает текст, а другие его обсуждают" [4].

Классический семинар проходит по определенному сценарию: составляется программа семинара, подбирается литература и по каждому вопросу назначается докладчик, содокладчик и оппонент. Докладчик излагает в тезисной форме содержание вопроса, содокладчик его дополняет, оппонент излагает противоположную точку зрения. Иногда количество персонажей увеличивается: эксперт делает сравнительный анализ аргументов и контраргументов, определяет область их истинности, провокатор задает "каверзные вопросы", приводит неожиданные примеры, инициирующие общую дискуссию, ассистент осуществляет материально-техническое обеспечение и поддержку работы остальных персонажей.

В современной педагогической практике методика проведения семинаров претерпевает изменения. Известны семинары, на которых реализуется модельный метод обучения (модельные семинары), проблемные семинары, объяснительно - иллюстративные и эвристические, семинары-практикумы. Однако различие между ними не организационные, а содержательные, лежащие в характере рассматриваемых вопросов и решаемых студентами задач.

Примером модельного семинара может служить деловая игра. Игровое моделирование есть процесс принятия и исполнения роли, адекватной человеческой деятельности в моделируемой обстановке, процесс воспроизведения межличностных взаимоотношений и импровизация роли в соответствии с поставленной целью [6]. Играя свои роли, студенты моделируют профессиональную деятельность, задавая самостоятельно начальные условия, возвращаясь к ним, уточняя ответ на запросы. Таким образом, деловая игра это:

- модель взаимодействия людей в процессе достижения некоторых целей;
- групповое упражнение по выработке решений в искусственно созданных условиях, имитирующих реальную обстановку.

Дидактическая ценность использования игровой деятельности обусловлена тем, что в имитационной игре сочетаются следующие принципы оптимальной технологии обучения: 1) активность; 2) динамичность; 3) занимательность; 4) исполнение ролей; 5) коллективность; 6) моделирование; 7) обратная связь; 8) проблемность; 9) результативность; 10) самостоятельность; 11) системность[6].

Лабораторная работа проводится в условиях лабораторного комплекса, оснащенного компьютерной техникой. Лабораторные работы направлены на приобретение профессиональных умений и навыков в процессе выполнения учебных профессионально-ориентированных задач.

Особый интерес при организации самостоятельной работы студентов на семинарских и лабораторных занятиях представляет использование метода проектов. Речь здесь идет о разработке учебных проектов, где под проектом понимается определенным образом целенаправленная деятельность.

Метод проектов в педагогике - явление не новое. Он применялся и в отечественной дидактике в 20-30 гг., и в зарубежной. Последнее время этому методу уделяется пристальное внимание в отечественной педагогике. В основе метода проектов лежит развитие познавательных, творческих навыков обучаемых, умений самостоятельно конструировать свои знания, умений ориентироваться в информационном пространстве, развитие критического мышления. Метод проектов всегда предполагает решение какой-то проблемы, предусматривающей, с одной стороны, использование разнообразных методов, с другой, интегрирование знаний, умений из различных областей. Работа по методу проектов предполагает не только наличие и осознание какой-то проблемы, но и процесс ее раскрытия, решения, что включает четкое планирование действий, наличие замысла или гипотезы решения этой проблемы. Результаты выполненных проектов должны быть предметными, т.е. если это теоретическая проблема, то конкретное ее решение, если практическая, то конкретный практический результат, готовый к применению.

Проекты по дисциплинам образовательной области «Информатика» могут быть исследовательскими, творческими, игровыми, практико-ориентированными, информационными в зависимости от доминирующего в проекте метода.

Исследовательские проекты требуют хорошо продуманной структуры проекта, обозначенных целей, актуальности, социальной значимости, продуманных методов исследования и методов обработки результатов.

Творческие проекты не имеют детально проработанной структуры, она только намечается и далее развивается, подчиняясь логике и интересам участников проекта. Здесь необходимо обговаривать только планируемые результаты.

Информационные проекты направлены на сбор информации об исследуемом объекте, анализ и обобщение фактов, предназначенных для широкой аудитории. Цель проекта - результат (статья, реферат, доклад, видео). Структура такого проекта может быть обозначена следующим образом: предмет информационного поиска - поэтапность поиска с обозначением промежуточных результатов - аналитическая работа над собранными фактами - выводы - корректировка первоначального направления (при необходимости) -дальнейший поиск информации по уточненным направлениям — анализ новых фактов - обобщение - выводы и т.д. до получения определенных данных - заключение — оформление результатов (обсуждение, редактирование, презентация, внешняя оценка).

Практико-ориентированные проекты отличает четко обозначенный с самого начала результат деятельности участников проекта. Причем этот результат носит четко ориентированный на социальные интересы, личные интересы участников проекта.

Имеется несколько видов современных учебных проектов, позволяющих плодотворно использовать учебный потенциал глобальной компьютерной коммуникации (А.К. Айламазян, В.В. Вихрев, И.В. Роберт, А.Ю. Уваров). В работе Е.А. Крюковой* рассматривается классификация, которая является расширением схемы, предложенной Дж. Левиным и продолженной В.А. Извозчиковым и К.П. Козловым:

- обмен локальными решениями общей проблемы;
- проведение совместных наблюдений;
- изучение общего и особенного;
- подготовка совместных публикаций;
- участие в игровых имитационных моделях;
- выполнение уникальных совместных проектов.

В качестве примера приведем учебный проект, выполненный студентами в курсе «Теория и методика обучения информатике». Цель учебного проекта заключалась в выявлении особенностей преподавания информатики в малокомплектных школах. В проекте участвовали сельские школы

Борисоглебского и Новохоперского районов Воронежской области, имеющие доступ в Интернет. Студенты под руководством преподавателя составили вопросы анкеты и разослали по электронной почте. Анализ полученных ответов позволил определить основные трудности учителей и предложения по их преодолению. Выводы обсуждались на методическом объединении учителей школ г. Борисоглебска и района, при участии студентов выпускных курсов и методистов по информатике. Основываясь на результатах анализа писем учителей, студенты выполнили методические разработки конкретных уроков с учетом специфики малокомплектных школ в условиях недостаточной технической оснащенности, некоторые из которых были предложены к обсуждению на методическом объединении. Учителя-практики делали замечания и давали рекомендации. Методические разработки уроков были внедрены в процесс обучения в период педагогической практики. Практически все из них получили отличные отзывы учителей и методистов.

При организации проектной деятельности необходимо:

1. Наличие значимой в исследовательском плане проблемы (задачи), требующей интегрированного знания, исследовательского поиска для ее решения.
2. Практическая, теоретическая, познавательная значимость предполагаемых результатов.
3. Самостоятельная деятельность студентов.
4. Определение совместных целей проекта.
5. Определение базовых знаний из различных областей, необходимых для работы над проектом.
6. Структурирование содержательной части проекта (с указанием поэтапных результатов).
7. Использование исследовательских методов:

- определение проблемы, вытекающих из нее задач исследования;
- выдвижение гипотезы их исследования, обсуждение методов исследования;
- оформление конечных результатов;
- анализ полученных данных;
- подведение итогов, корректировка, выводы.

Основными критериями оценивания проекта являются:

1. Аргументированность выбора темы, обоснование потребности, практическая направленность проекта и значимость выполненной работы.
2. Объем и полнота разработок, самостоятельность, законченность, подготовка к восприятию проекта другими людьми.
3. Аргументированность предлагаемых решений, подходов, выводов, полнота библиографии, цитаты.
4. Уровень творчества, оригинальность темы, подходов, найденных решений.
5. Качество пояснительной записки: оформление, соответствующее стандартным требованиям рубрицирование и структура текста.

При защите проекта оценивается: качество доклада (полнота представления работы, подходов, результатов, убедительность и убежденность); объем и глубина доклада, эрудиция, межпредметные связи; педагогическая ориентация (культура речи, чувство времени, удержание внимания аудитории); качество ответов на вопросы.

Использование средств информационно - телекоммуникационных технологий позволяет и преподавателю, и студенту совершать самостоятельную работу в индивидуальном и независимом друг от друга режиме. В результате оценки преподавателем выполненной работы и ее корректировки, обучаемый получает возможность работать систематически над повышением дифференцированной оценки результатов своей деятельности, причем такая коррекция не создает для него стрессовых ситуаций, так как изменения касаются только определенной части работы. В процессе такой работы создается собственный интеллектуальный компьютерный архив. В результате такого подхода приобретаются навыки непрерывного самообразования с акцентом на самооценку, самоуправление, мотивационное саморазвитие: стимулируется освоение студентами рациональных и образных методов познания; происходит индивидуализация обучения. Причем содержание всех учебных занятий по дисциплине усваиваются в личностно - ориентированном временном режиме с применением персональной и дистанционной компьютерной поддержки.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: самостоятельная работа студентов , процесс изучения информатики, подготовка учителя математики, модельный семинар, метод проектов, учебный проект.

## ЛИТЕРАТУРА

8. Богоявленский Д.Б. Пути к творчеству. – М.: Знание, 1981. – 96с.
9. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении. – М.: Педагогика, 1980. – 240с.

10. Проблемы активизации самостоятельной работы студентов. Межвуз. сб. науч. тр. /Пермский университет. – Пермь, 1979. – 400с.
11. Шарипов Ф. Интегрированное обучение: проблемы, поиски, размышления. В 2-х частях. Душанбе: изд. Маориф, 1999, 2000. – 120с. +135с.
12. Шарифов Дж. О видах самостоятельных работ. //Математика в школе, 1976, №5. – С.48-51.
13. Шарифов Дж. Самостоятельная работа студентов как средство специальной подготовки будущих учителей. – Душанбе: Маориф, 1997. – 80с.

## СИСТЕМАИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ИНФОРМАТИКА ҲАМЧУН ШАРТИ МУТТАСИЛИ ТАЙЁРИИ ОМӮЗГОРИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

*И. Шарифов*

Дар мақола намудҳои гуногуни корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар мавриди омӯзиши информатика муоина карда мешавад. Воситаҳои технологияи ахборотӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки новобаста аз якдигар корҳои мустақилонаи таълимиро дар шакли инфиродӣ ба иҷро расонанд.

## THE SYSTEM OF SELF WORKING OF THE STROLENTS IN THE PROCESS OF LEARNING INFORMATION AS MAIN CONDITION FOR PREPARING TEACHERS OF MATHEMATICS

*I. Sharifov*

In the article descries the different species an independently works of students in process the learning an information science. The using means of information-telecommunication technology lets and teachers, and students to accomplish an independently work in individual and independence each other of regime.

## ЖУРНАЛИСТИКА

# ТЕЛЕВИЗИОНИ ХУСУСӢ Ё ТАВАҲҲУМИ СИЁСӢ

*Ризо Ҳодӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

«Албатта, лозим аст куллияи барномаҳои ин фиристанда тобеи таахҳудоти Идораи кулли интишорот бошад». Замоне, ки аввалин телевизиони Эрон дар соли 1337 ҳ. ба сурати хусусӣ ва танҳо бо ин таахҳуд оғоз ба кор кард, касе фикр намекард, 50 сол баъд яке аз асоситарин мушкилоти арсаи садову симо, таъсиси як канали телевизиони хусусӣ бошад.

Албатта, иддае мӯътақиданд, ки мушкил ончунон ҳам асосӣ нест ва мешавад бо тафсири нармтаре ин масъала ҳал шавад, аммо аз тарафи дигар, бархе фаъолони сиёсӣ ва синамоии наздик ба давлат ҳеҷ тардиде ба худ роҳ намедиҳанд ва бидуни пазириши ҳар гуна баҳсу сӯҳбате дар ин бора ҳозир ба ироаи ҳеҷ посухе намешаванд, ё тарҷеҳ медиҳанд, ки дар ин бора сукут кунанд.

Аммо, аз тарафи дигар, бештари устодону коршиносони иртибототи Эрон бар лузуми вуҷуди телевизиони хусусӣ таъкид мекунанд ва бархе ҳуқуқдонон ҳам мушкили қонунии ин қазияро қобили ҳал медонанд.

● **Телевизиони мунҳасир ба фард дар дунё**

Доктор Маҳдии Мӯҳсиниёнрод, узви ҳайати илмии донишгоҳ ва нависандаи китоби «Эрон дар чаҳор каҳкашони иртиботӣ» аз аввалин мунтақидони инҳисор дар садову симо дар Эрон аст. Суханронии Мӯҳсиниёнрод дар даҳаи 60 дар Донишгоҳи Амири Кабир ва исрораш бар поёни инҳисори давлатии садову симоро метавон як руҳдод дар он давра донист. Ин мударрис ва муҳаққиқи иртиботот дар нишасти устодони иртиботот бо раёсати Созмони садову симо дар соли 1986 ҳам дубора бар ин хостаи худ исрор варзид. Мӯҳсиниёнрод телевизиони феълии Эронро як нусхаи мунҳасир ба фард дар курраи Замин медонад ва истидлол мекунад, ки «дар соли 1986 ЮНЕСКО мутолиаи ҷаҳонӣ анҷом дод ва як ҳафта телевизионҳои ҷаҳонро муқоиса кард. Ман он замон худам як ҳафта рӯи телевизиони Эрон кор кардам ва онро ба гузориши ЮНЕСКО изофа кардам. Телевизиони Эрон дар он давра танҳо нусхаи ҷаҳонӣ буд, ки огаҳии тиҷорӣ пахш намекард, акнун ҳам мунҳасир ба фард ҳастем, чун танҳо телевизионро дорем, ки мусиқиро пахш мекунад, хонандаро намоиш медиҳад, вале оркестрро ба намоиш намегузорад»[1].

Дар ҳоли ҳозир давраи инҳисори давлатии радио ва телевизион дар ҷаҳон поён ёфтааст ва мо ҷузъи нодиртарин кишварҳое ҳастем, ки ҳанӯз радиову телевизионамон давлатӣ аст ва ба назари ман, пофишорӣ барои бақои ин инҳисор сабаб хоҳад шуд, дучори мушкилот шавем, ки ҳалли он бисёр мушкилтар аз он хоҳад буд, ки алон аз таъсиси як шабака пешгирӣ кунем.

Ба назарам, бо таъкид бар ин, ки ин нигоҳ комилан мунтабиқ бо фаҳми қонуни асосӣ аст, ишора мекунам, ки дар қонуни асосӣ ин масъаларо, ба истилоҳ, манъ кардаанд, аммо ба рағми ишроф бар ин нукта, мегӯям, ҳамон тавр ки дар қонуни асосӣ бонкҳо ва бимаҳо бояд комилан дар инҳисори давлат бошад, акнун нестанд ва мушкилашон бидуни ҳамапурсӣ ва танҳо бо таъвил ва тафсир ҳал шудааст, ки ин масъала ҳам бояд ҳал шавад.

Хуруҷ аз ин инҳисор зарурист ва ман фикр мекунам, пофишорӣ бар ҷилавгирӣ аз таъсиси телевизиони хусусӣ иштибоҳи бузургест, ки боиси заъфи ҳокимияти фарҳангии Эрон мешавад ва ин заъф дар ҳоли бештар шудан аст. Ин иштибоҳ аст, ки саъй мешавад созмондиҳии авқоти фароғат ба шакли давлатӣ ва бо контроли комил анҷом шавад, ин масъала мунҳасир мешавад, то контрол аз дасти давлат хориҷ шавад.

Гурӯҳе ҳам аз асотиди иртибототи донишгоҳҳои Эрон мӯътақиданд, хусусисозӣ дар ҳавзаи телевизион машрут ба хусусисозии комил дар арсаи иқтисодӣ мебошад ва мӯътақиданд, ки дар ин бора бояд чанд нуктаро мадди назар дошт. Дар ваҳлаи аввал, ин таҳаззуб аст. То замоне ки таҳаззуби воқеӣ дар Эрон вуҷуд надошта бошад, вуҷуди телевизиони хусусӣ дар Эрон бемаънист. Масъалаи баъдӣ ин аст, ки бахши хусусии мо наметавонад телевизион дошта бошад, чун моликияташ дар амал мушаххас нест, зеро хусуситарин ҷоҳо ҳам дар амал ба сурати ғайримустақим дар ихтиёри давлат ҳастанд ва аз тарафи давлат сармоягузорӣ мешаванд ва масъалаи охир ҳам ин, ки дар ҳар сурат, агар телевизиони хусусӣ ҳам вуҷуд дошта бошад, тибқи қавонини байналмилалӣ маҷбур аст, муқарраротии кишвари мабдаъро риоят кунад. Пас, бо таваҷҷӯҳ ба ин далел, ҳанӯз омодагии ҳузури телевизиони хусусӣ ба он сурат вуҷуд надорад.

Бархе аз ҳуқуқдонон ва асотиди ҳуқуқи иртиботот ҳам, ки бо ҷиддият аз озодии ҳар расонае дифоъ мекунанд, бо таваҷҷӯҳ ба фазои расонаии мавҷуд ин воқеиятро ғайри қобили инкор медонанд, ки ниёзи мубраме ба анвои расонаҳои озоду мустақил, аз матбуот ва радиову телевизион вуҷуд дорад

ва бояд пазируфт, ки расонаҳо дар сатҳи дунё тавсиаи амиқе пайдо кардаанд ва дастрасӣ ба онҳо ҳам бисёр содаву осон шудааст. Дар чунин мавқеияте маслиҳатҳои миллии ҷомеаи Эрон иқтизо мекунад, шароите фароҳам шавад, ки эрониён битавонанд, барои ҳиросат аз фарҳанг ва ҳуввияти худашон аз расонаҳои миллӣ ва бумӣ истифода кунанд. Яъне, вуҷуди расонаҳои ғайридавлатӣ ин имконро медиҳад, ки ҷомеа ба ҷои гироиш ба расонаҳои форсизабон ва ғайрифорсизабони хориҷ аз Эрон аз расонаҳое, ки дохили кишвар тавлид мешаванд, истифода кунанд.

Бархе аз рӯзноманигорон ва фаъолони матбуот ҳам ин инҳисорро музир дониста ва зарари онро мутаваҷҷеҳи ҷараёни иттилоърасонӣ ва амнияти миллӣ медонанд. Дар ҷараёни иттилоот, вақте расонаҳои миллӣ, бавижа, радиову телевизион дар инҳисори давлат ва ҳукумат бошанд, мудироне мансуб мешаванд, ки ҷараёни тавлидоти онҳо мутобиқи салоҳдиди ҳукумат бошад. Дар натиҷа, ашколи яксадоӣ ва ҷараёни яксӯяву аз боло ба пойини иттилоот эҷод мешавад (тибқи назарияи иқтидоргароёна). Ба лиҳози манофеи миллӣ ҳам набуди расонаҳои тавлидӣ барои бахши хусусӣ давлатро дар маърази иттиҳомоте дар арсаи байналмилалӣ қарор медиҳад ва дар амал давлат худаш заминаи таҳдиди манофеи миллиро фароҳам мекунад.

● **BBC-и форсӣ: аз таҳдид то рақобат**

Ресиверҳо дар Эрон тақрибан 29 канали моҳвораии форсизабонро намоиш медиҳанд. Ҳарчанд ҳар кадом аз ин каналҳо мухотаби хоси худро дорад ва баррасии пазириши онҳо аз сӯи мардуми Эрон баҳси ҷудоеро металабад, аммо ҳеҷ кадом аз онҳо то кунун натавонистаанд, рақиби телевизиони давлатии Эрон бошанд. Шояд далелаш ҳам ин бошад, ки бештари ин телевизионҳо тиҷорӣ буда ва бархе дигар ҳам, ки мутааллиқ ба гурӯҳҳои сиёсӣ ва оппозитсион ҳастанд, бо таваҷҷӯҳ ба таҷрубаи каме, ки доранд, наметавонанд мухотаби дархӯр барои худ дасту по кунанд. Аммо ин рӯзҳо, ки муддатест аз шурӯъ ба кори бахши ҷадиде аз телевизиони BBC бо унвони «BBC-и форсӣ» мегузарад, ба назар ин телевизион аз каналҳои «Лос-Анҷелес» ва ҳатто – "VOA" «Садои Амрико» бисёр фарқ мекунад, чун даҳҳо соли таҷруба пушти BBC ҳаст. Қатъан, то чанд соли дигар, ки *диш* (=моҳвора) аз системи дарёфт ҳазф шавад, садову симо дар канори чандин рақиби ғайридавлатӣ аст ва дар он шароит аст, ки бояд ба рақобат бо онҳо бипардозад, ба ин далел, ки бояд ба ин инҳисор поён дода шавад, то телевизионҳои бумӣ ёд бигиранд, ки чӣ гуна дар дунёи бидуни диш дар канори рақибони ҷаҳонӣ рақобат кунанд. Масъулони ин бунгоҳи хабарии ҷаҳонӣ (BBC-и форсӣ) низ дархостҳои худро мабнӣ бар доштани дафтарҳое дар Эрон матраҳ кардаанд, ҳарчанд то ба ҳолӣ Эрон ин дархостҳоро напазируфтааст ва баъид аст, ки ба ин зудиҳо ҳам бипазиранд.

● **Манъи сареҳи қонунӣ вуҷуд надорад**

Замоне ки дар бораи телевизиони хусусӣ сӯҳбат мешавад, масъулон сареҳан ба қонуни асосӣ ирҷоъ медиҳанд ва бо ин истидлол, ки ин масъала дар Қонуни асосӣ мамнӯъ шудааст, ҳеҷ кас посухгӯ нест. Аммо ҳуқуқдонон бо баррасии ин масъала мӯътақиданд, ки роҳҳое вуҷуд дорад ва Қонуни асосӣ таъсиси радио ва телевизиони хусусиро ба таври сареҳ мамнӯъ накардааст. Аз тарафи дигар, мабоҳиси Қонуни асосӣ дар мавриди Созмони садо ва симо кунунӣ буда ва ба мавориди хусусӣ ишорае нашудааст.

Аз тарафе, бо тарҳи асли озодии баён ва ҳиросат аз он, бояд ин мавзӯъро мадди назар қарор дод, ки вақти баҳси озодии баён аст; анвои расона аз васоили иҷрои аслии озодии баён ҳастанд ва телевизион ҳам яке аз расонаҳост ва инҳисори он дар дасти давлат бо асли озодии баён созгор нест. Аз тарафи дигар, Қонуни асосӣ танҳо Созмони радио ва телевизионро давлатӣ эълом мекунад. Албатта, агар ғайр аз ин ҳам бошад ва телевизионро давлатӣ эълом кунад, бо таваҷҷӯҳ ба асли 44-и Қонуни асосӣ метавон қоил ба ин тафсир буд, ки телевизион бояд дар моликияти мардум бошад. Бинобар ин, далеле барои тафкики радио ва телевизион аз асли 44 вуҷуд надорад. Яъне, вақте маҷмаи ташхиси маслиҳати низом мепазирад, ки бахшҳои муҳими иқтисодӣ хусусӣ шаванд, чӣ далеле дорад, телевизион аз он ҷудо шавад. Ба ин сурат, метавон аз назари ҳуқуқӣ ҳам рафъи монеъ кард. Дар ҳамин росто, коршиносони мутааддиде мӯътақиданд, ки манъи қонуне барои таъсиси телевизиони хусусӣ дар Эрон вуҷуд надорад.

Аз тарафе, бар асоси асли навадуми Қонуни асосӣ таъйин ва интисоби раиси Созмони садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон бар ӯҳдаи Мақоми муаззами раҳбарист, аммо таъсиси радио ва телевизион барои бахши хусусӣ ба таври комил мамнӯъ нашудааст ва аз он ҷо, ки дар Қонун садо ва симо ниҳоде давлатӣ муаррифӣ гардида, лизо, манъе барои таъсиси шабакаҳои хусусӣ ба мувозоти садо ва симо вуҷуд надорад ва ба назар намерасад, Шӯрои нигаҳбон низ дар ин маврид эроде бигирад. Зимни ин ки инҳисори васоили пахш мутобиқи қонун дар ихтиёри ҳокимият аст, аммо монее барои иҷораи он вуҷуд надорад. Яъне, телевизиони хусусӣ барои интишори садо ва тасвир каналеро иҷора кунад ва монанди соири расонаҳои мактуби хусусӣ дар муқобили қонун посухгӯ бошад. Яъне, мӯҳтаворо мунташир кунад ва мисли як рӯзнома дар муқобили шӯрои назорати феълӣ посухгӯ бошад.

Ба ҳар ҳол, мўътақидам бо ҳамин қавонини мавҷуд ҳам, метавонем телевизиони хусусӣ дошта бошем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** телевизиони хусусӣ, таваҳҳуми сиёсӣ, давраи инҳисори давлатии радио ва телевизион, фазои расонаии мавҷуда, маънҳи сареҳи қонунӣ, таҳдид аз рақобат.

## АДАБИЁТ


1. Доктор Маҳдии Мўҳсиниёнрод. Эрон дар чаҳор каҳкашони иртиботӣ. – Теҳрон, сафҳаи 35.
2. Ин матлаб бардошти озоду таҷрубии нигоранда дар ҳавзаи хабари радио ва телевизион мебошад.
3. Доктор Маҳдии Мўҳсиниёнрод. Эрон дар чаҳор каҳкашони иртиботӣ.–Теҳрон, Интишороти «Суруш», 1387 ҳ.


## ЧАСТНОЕ ТЕЛЕВИДЕНИЕ ИЛИ ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОПАСЕНИЯ

***Ризо Ходи***

Одним из основных проблем в сфере теле- и радиовещания Исламской Республики Иран в настоящий период является вопрос об учреждении частного телевизионного канала. Постановка проблемы, ее исход, а также оптимальные пути ее решения рассматриваются автором в данной статье.

## PRIVATE TELEVISION OR POLITICAL ILLUSION

***Rizo Hodi***

One of the most basic problems of Radio and Television of Islamic Republic of Iran is currently in establishment of a private television channel. Of course some people believe that favor so problem is not the basic and soft interpretation of the law will be solved, but on the other hand some political activists and cinematic close to the government, there is no doubt for the acceptance and without any discussion and talk about the present no response. At present article has been proposed while investigating the problem and its consequences, for solving it

# ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ, ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Ҷ. Якубов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асри ХХ1 ба таърих, агар аз як ҷониб ҳамчун асри демократикунонии сартосарии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва навгониҳои технологияҳои иттилоотӣ ворид шуда бошад, аз тарафи дигар, боиси сар задани як қатор проблемаҳои муҳими глобалӣ, ба монанди экстремизм, терроризм, фундаментализм ва рух додани мушкилоти экология марбут гардид. Вобаста ба муҳимиятиашон ин мавзўъҳо дар ВАО мавриди муҳокимаву баррасии зиёд низ қарор доштаанду доранд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар якчанд соли охир майдони фаъолияти журналистика васеъ шуда, истилоҳҳои нав арзи вуҷуд намуданд. Бахусус, таваҷҷўҳи бештари муҳаққиқон ба журналистикаи соҳавӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқон доир ба Журналистикаи варзишӣ, Журналистикаи сиёсӣ, Журналистикаи иқтисодӣ, Журналистикаи экологӣ ва ғайра китобу дастурҳо таълиф намудаанд. Мо дар ин мақола доир ба иттилои экологӣ, заминаҳои пайдоиш, ҳадаф ва вазифаҳои журналистикаи экологӣ дар Тоҷикистон маълумот пешниҳод кардаем.

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи матбуоти экологӣ ё ба таври дигар «матбуоти сабз» дар Русия ба замони бозсозӣ рост меояд. Бахусус, баъди садамаи Чернобил дар ВАО-и замони шуравӣ маводҳои таҳлукаангез пайдо шуданд. Воқеан, садамаи Чернобил проблемаи глобалӣ буд ва барои бартараф кардани он маблағи зиёд ва кўмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур буд. Аз таъсири радиатсия ҳазорон одамони атроф нобуд шуда, садҳо нафари дигарро аз маҳали истиқоматашон ба ҷойҳои безарар кўчониданд. Давлати шуравӣ барои кўдакони чернобилӣ ғамхорӣ зоҳир карда, онҳоро бепул барои истироҳат ба лагери машҳури «Артек» фиристод. Аз ҳама гўшаву канори мамлакат ва хориҷа ба кўмаки чернобилиҳо омаданд. Таъсири он то ба имрўз эҳсос карда мешавад.

Аз давраи бозсозӣ одамон умедвориҳои калонро интизор буданд. Маҳз дар замони бозсозӣ мавзўи экология ранги сиёсӣ ва иҷтимоӣ касб кард. Проблемаҳои экологӣ аз саҳифаҳои нашрияҳои махсусгардондашуда ба саҳифаҳои нашрияҳои оммавии шўҳратдошта кўчиданд. Дар нашрияҳои ондавраина ба ҷои очерку ҳикоя дар бораи табиат ё мақолаҳои илмӣ хабару навигариҳои оммавӣ пайдо шуданд. Муҳаққиқи рус Л. Коханова қайд намудааст, ки: «ҳангоми гузаронидани пурсиш дар замони бозсозӣ одамон ҳолати муҳити зистро муташанниҷ баён карда, бад будани вазъи саломатиро

ба таназзули муҳити зист нисбат медоданд. Барои аз чунин вазъи мушкил баромадан ва муайян намудани омили асосии таъсиррасонӣ пурсидашудагон матбуотро дар ҷои аввал гузоштанд»[1]

То охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта дар бораи масъалаҳои ҳифзи табиат ва муҳити зист дар саҳифаҳои нашрияву маҷаллаҳо маводҳо ба табъ мерасиданд, ки хусусияти табиатдӯстдориро доштанд, аммо оҳанги сиёсӣ надоштанд. Истилоҳи экология ҳамчун проблема ва хусусияти геополотикӣ-дошта баъди солҳои 90-ум дар журналистика маълум шуд.

Пеш аз он ки дар бораи журналистикаи экологӣ ҳарф занем, аввал мехостем, дар бораи чӣ будани иттилои экологӣ маълумот диҳем.

Истилоҳи иттилои экологӣ дар боби 3, моддаи 15-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоъ» ишора карда шудааст.

Фаҳмиши иттилои экологӣ ба лексикони журналистон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии экологӣ дохил шудааст. Мақола дар газета, протоколи сифати оби муайянкардашуда аз дарё, филми характери маърифатидошта, маърӯзаи расмӣ доир ба ҳолати сиҳатии омма, матни қонун ё стандарти таъсирро муайянкунанда-ҳамаи ин мисолҳо ба иттилои экологӣ мансубанд. Ҳамчунин, ба иттилои экологӣ ҳам маърӯзаи намояндагони ҳукумат, ҳам хабари газета, ҳам баромади коршиносро дар конференсияи илмӣ доир ба вазъияти муҳити зист дохил кардан мумкин аст.

Дар моддаи 2-и «Конвенсия доир ба дастрасӣ ба иттилооот, иштироки омма дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ» (Конвенсияи Орхус) истилоҳи иттилои экологӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Маълумоти экологӣ ҳамагуна иттилоеро меноманд, ки дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ, видеоӣ ва электронӣ доир ба ҳолати унсурҳои муҳити зист, ба монанди ҳаво, атмосфера, об,хок, ландшафт ва иншооти табиӣ, гуногунии биологӣ ва ҷузъҳои он, аз ҷумла, организмҳои ирсияташон дигаршуда ва робитаи мутақобилаи байни он унсурҳо; оид ба омилҳо, чун моддаҳо, энергия, садо ва афканишоти нурҳо; ҳамчунин созишномаҳо дар соҳаи муҳити зист, сиёсат, қонунгузорӣ, нақша ва барномаҳое, ки барои таъсир расондан ба унсурҳои муҳити зист мусоидат мекунад; оид ба вазъи саломатӣ ва амнияти одамон, шароити зисти одамон, ҳолати бино ва иморатҳое, ки ба онҳо унсурҳои вазъи экологӣ таъсир мерасонад, пешниҳод шудаанд». [2]

Шакли пешниҳоди иттилои экологӣ гуногун аст. Масалан, китобҳо, мақолаҳо, репортажҳои радио ва телевизионӣ, дискҳо, кассетаҳои видеоӣ, базаи маълумотҳо, сайтҳо дар Интернетро ба шакли пешниҳоди иттилои экологӣ дохил кардан мумкин аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки иттилоъ байни журналистика ва аудитория нақши миёнаравро иҷро карда, бо кӯмаки он дигар вазифаҳое, ки дар системаи журналистика мавҷуданд, ҳалли худро мeёбад.

Агар мафҳуми журналистикаи экологиро ба таври маҳдуд маънидод карданӣ бошем, он масоили зиёди экологиро ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ инъикос мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки предмети инъикоси ин намуди журналистика на танҳо проблемаҳо, балки намунаҳои мусбат дар соҳаи истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити зист низ мебошад.

Тавре ба мушоҳида мерасад, вақтҳои охир проблемаҳои зиёд дар робита ба ҳолати муҳити зист, ба монанди ифлосшавии об, ҳаво, таназзулёбии хок ва ғ. ба вуҷуд омадааст ва ин мавзӯъҳо аз назари ВАО дур намондааст. Инъикос кардани мавзӯъҳои экологӣ дар ВАО, аз як ҷониб зарур ва аз тарафи дигар, душворанд. Барои он заруранд, ки вазъи сиҳативу солимии одамон бо ҳолати муҳити зист сахт алоқаманд аст.

Душвории ин мавзӯъ дар чӣ зоҳир мешавад? Азбаски васоити ахбори омма имрӯз барои аксари шаҳрвандон сарчашмаи асосии иттилои экологӣ ба ҳисоб меравад, бахусус аз журналист бисёр вобаста аст, ки оё одамон дар хусуси проблемаи мавҷуда огоҳӣ доранд, онҳо ба он проблема чӣ гуна муносибат мекунанд? Чӣ гуна муносибат доштани омма, дараҷаи маданияти экологии аҳолӣ дар ҷомеа аз ВАО сахт вобаста аст.

Ёдовар шудан лозим аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 «Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дар давраи то соли 2010»-ро қабул намуда буд. Дар он омадааст: «Барнома» ВАО (радио, телевизион ва нашрияҳои даврӣ)-ро вазифадор мекунад, ки барномаҳои илмию методӣ, васоити таълимиро доир ба тарбия ва маърифати экологӣ аз рӯи масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ба таваҷҷӯҳи аҳолӣ фавран расонанд»[3]

Барои дурусту нишонрас пешниҳод кардани масъалаҳои экологӣ ба журналистон зарур аст, ки худашон, пеш аз ҳама мавзӯъро дарк намоянд. Бо ин мақсад, дар яке аз бандҳои «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1999-2008» дар мавриди беҳдошти таълим ва тарбияи экологии аҳолӣ омадааст: «Бо мақсади рафъи бесаводии экологӣ-баланд бардоштани савияи дониш ва тахассусии экологии кормандони соҳаи телевизион, кино, рӯзноманигорон, кормандони радио ва коргардонҳо зарур аст»[4]

ВАО на танҳо вазифаи иттилоърасонӣ ба оммаро дорад, балки вазифаҳои маърифатӣ, таълимӣ ва назоратӣ низ ба дӯши он аст.

Ба вазифаи иттилоърасонии журналистикаи экологӣ ба аудитория пешниҳод кардани маълумот дар хусуси ҳолати муҳити зист, иттилоъ дар бораи хатари мавҷуда ба саломатии инсон ва устувории экосистемаи вуҷуддоштаро дохил кардан мумкин аст.

Вазифаи маърифативу таълимии журналистикаи экологӣ шинос кардани омма бо қонунҳои асосии экосистема, бо хатар ва оқибатҳои манфии таъсири антропогенӣ ба муҳити зист мебошад.

Вазифаи назоратии журналистикаи экологӣ аз он иборат аст, ки дар бораи фаъолияти корхонаҳои ба муҳити зист таъсир расонанда маълумот дода истода, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, то ҳуқуқҳои худро доир ба доштани дастрасӣ ба маълумот дар бораи ҳолати муҳити зист ҳимоя намоянд.

Истилоҳи журналистикаи экологӣ, ки бо номҳои журналистикаи «ноосферӣ» ё журналистикаи «сабз» низ маълум аст, бахусус дар кишварҳои ғарб маъруфият пайдо кардааст. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, ба монанди Юлия Шум, Юрий Казаков, Тамара Арапова, В. Граев, Н. Новошилова, Лоуренс К. Бенре, Майкл Берлин, Асадулло Саъдуллоев дарояндаи наздик талаботи хонанда ва шунавандаю бинанда ба асарҳои таҳқиқӣ, ҳаллу фасли проблемаҳои глобалии зиндагӣ ва ҳифозати муҳити зист зиёд мегардад. Дар ин ҳолат барои аксари шаҳрвандон ВАО ҳамчун сарчашмаи иттилоъ ба ҳисоб меравад.

Журналистикаи экологӣ асосан ба тафаккури баланди инсоният ва ба арзишҳои ахлоқии инсонӣ такя мекунад ва хоси ҷомеаи демократӣ аст. Мавзӯъҳои экологӣ ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа: сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва бахусус демократикунонии ҷомеаро фаро мегирад.

Масалан, соҳибкоре дар наздикии маҳаллаи зисти одамон барои сохтани стансияи фурӯши бензин аз ҳукумати шаҳр иҷоза гирифтааст. Аксари аҳолӣ аз таъсири бензин ба ҳавои атроф бехабаранд. Журналист-эколог бо омӯхтани масъала ҳукуматдоронро ҳушдор медиҳад, ки дар наздикии хонаҳои истиқоматӣ сохтани стансияи фурӯши сӯзишвории нақлиётӣ ба муҳити зист ва саломатии одамон хатари ҷиддӣ мерасонад ва ба аҳолӣ дар такя бо маълумотҳои мутахассисон доир ба вайрон шудани ҳавои атроф тавассути ВАО иттилоъ пешниҳод мекунад.

Яке аз вазифаҳои журналистикаи экологӣ проблемаро ҳақиқатнигорона баён кардану аз рӯи имконият пешниҳоди роҳҳои ҳалли проблема аст. Барои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ аз усули таҳлил сару кор гирифтани журналистон зарур аст. Тавре муҳаққиқони журналистика Усмонов И. ва Давронов Д. қайд намудаанд :«бисёр масъалаҳо, ҳалли дурусти онҳо ба ин метод зич вобаста аст, ки аз он ба таври илмӣ ва конкретӣ истифода бурдани рӯзномаҳо зарур аст»[5]

Тавре маълум аст, баъди пош хӯрдани давлати абарқурати Шӯравӣ бо мақсади демократикунонии ҷомеа дар ҳамаи кишварҳои собиқ Шӯравӣ, созмону институтҳои шаҳрвандӣ пайдо шуданд. Намунаи онҳо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ истилоҳи журналистикаи экологиро намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои тарғиби ғояҳои экологӣ ва пайдо кардани имиҷу баланд шудани мақоми худ байни ҷомеа ворид карданд. Бори аввал бо ташаббуси иттиҳодияи ҷамъиятии «Экспертизаи экологии мустақил»-и Қирғизистон идеяи гузаронидани фестивал-озмуни журналистикаи экологӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод шуда, аз ҷониби донорҳо бо хушнудӣ пазируфта шуд ва аввалин фестивал-озмун дар Бишкек соли 2001 доир гардид. Мақсад аз баргузор намудани фестивал-озмун ҷалби таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеа ба проблемаҳои муҳити зист дар минтақа, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ ва рушди журналистикаи экологӣ мебошад.

Мехостем ин ҷо андаке дар хусуси шарту талаботҳои фестивал-озмуни журналистикаи экологӣ истода гузарем. Аз соли 2001 то ба имрӯз дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Марказӣ 6 фестивали журналистикаи экологӣ доир шудааст. Ҳамоҳангсоз ва намояндаи Тоҷикистон-ташкилоти ҷамъиятии «Дружинаи муҳофизони табиат» ба фестивал соли 2002 ҳамроҳ шуд. Ва соли 2002 журналистони тоҷик, асосан матбуотчиён Баҳодур Зоҳиров ва Наргис Зокирова аз «Вечерный Душанбе», Владимир Воробёв-сармуҳаррири газетаи «Народная газета», Сайфиддин Суннатӣ-хабарнигори «Чархи гардун» дар фестивали 2-ум, ки дар шаҳри Алмаато гузашт, иштирок доштанд. Ҳамин тариқ, фестивалҳои 3-юм соли 2003 дар шаҳри Душанбе; 4-ум соли 2004 дар шаҳри Тошканд; 5-ум соли 2005 дар Алмаато ва фестивали 6-ум дар моҳи июни соли 2007 дар ш. Бишкек доир шуд.

Фестивал дар ду давр (даври миллӣ ва даври минтақавӣ ё финалӣ) гузаронида мешавад. Пеш аз даври аввали озмун ҳамоҳангсозони миллӣ ё масъулон тавассути матбуот, радио, телевизион ва интернет эълон ба табъ мерасонанд. Дар эълон мавзӯъ, шартҳои пешниҳоди мавод, ҳаҷми мавод, жанрҳо муайян карда мешаванд. Масалан, талаботи озмуни шашуми журналистикаи экологӣ чунин мавзӯъҳоро фаро гирифт: нигоҳдории гуногунии биологӣ, тағйирёбии иқлим, об, биёбоншавии заминҳо…

Дар озмун намояндагони матбуот, радио, телевизион ва журналистоне, ки бо интернет-журналистика сару кор мегиранд, коллективҳои эҷодӣ, редаксияҳо, намояндагони иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ иштирок карда метавонанд. Забони баргузории фестивал забони русӣ қабул шудааст, лекин ин маънои онро надорад, ки маводҳо бо забонҳои миллӣ (тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, қазоқӣ,туркманӣ) қабул карда намешуда бошанд. Маводҳое, ки бо дигар забонҳо дар нашрияҳо чоп шудаву дар эфир пахш шудааст, тарҷумаи русиаш бо нусхаи асл гузошта мешавад. Корҳои беҳтарин баъди муайян кардани ғолибон бо иҷозаи муаллифон дар бойгонии фестивал нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин он маводҳо баъд аз ҷамъбасти фестивал дар дискҳои интерактивӣ (CD) гирифта шуда, ба иштирокчиёни фестивал-озмун тақдим карда шуда, ё дар семинарҳои махсус ба намояндагони ВАО тақсим карда мешавад. Ба корҳои ба озмун пешниҳодшуда такриз навишта намешавад ва маводҳо ба муаллифон баргардонда намешаванд. Журналистони матбуот ва нашрияҳои интернетӣ маводашонро бояд ба талаботи жанрҳои мақола, репортаж, хабари васеъ ва очерк пешниҳод намоянд. Талабот ба номгӯи маводҳои радиоӣ аз барномаи муаллифӣ, бахши иттилоотӣ ва репортажи радиоӣ иборат аст. Журналистони телевизионӣ маводи худро дар шакли филми телевизионӣ, барномаи муаллифӣ, сужаҳои ахборӣ ва роликҳои видеоӣ пешниҳод менамоянд.

Баъди анҷоми даври аввали озмун аз ҷониби ҳакамон корҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Журналистоне, ки маводашон дар даври аввали озмун ғолиб дониста шудааст, ба даври ниҳоӣ роҳхат мегиранд. Ҳакамони байналхалқӣ иборат аз намояндагони ВАО, коршиносон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ як ҳафта пеш аз оғози фестивал маводи пешниҳодшударо натиҷагирӣ карда, барои додани ҷойҳои аввал, дуюм, сеюм қарор мебароранд. Баҳогузорӣ ба эҷодиёти журналистон аз рӯи чунин меъёрҳо муқаррар карда мешавад:

Якум, саҳеҳиятии иттилоъ, яъне факту рақам ва дигар маълумотҳо бояд ҷанбаи воқеӣ дошта бошанд;

Дуюм, аҳамиятнокии мавзӯъ ва мундариҷаи маводи ба озмун пешниҳодшуда бояд ба ҳақиқати ҳол мувофиқат намояд ва аз проблемаҳои муҳим ва зарурии минтақа ба ҳисоб равад;

Сеюм, маводи дар конкурс иштирокдошта ба аудитория бо забони равону оммафаҳм баён шуда бошад;

Чорум, мақола ё барномаву намоиш бояд акси садо ё ҳамовозии ҷамъиятиро ба амал оварда, ба беҳтар шудани вазъияти ногувор мусоидат намояд.

Гуфтан мумкин аст, ки фестивали журналистикаи экологӣ як навъ барномаи шоу-иттилоотӣ аст. Дар доираи барномаи фестивал гузаронидани мастер-классҳо барои журналистони ҷавон, намоиши маводи озмун, мизҳои мудаввар, маросими супудани мукофотҳо ба ғолибон ба ҳукми анъана даромадааст.

Фестивали журналистикаи экологиро ҳамасола ташкилотҳои байналхалқӣ, аз қабили UNDP, ОБСЕ, ЮНЕП/ГРИД-Арендал, Фонди Сорос, Маркази экологии минтақавии Осиёи Марказӣ, Барномаи бурсҳои хурди фонди глобалии экологӣ, Фонди Эберт, Каунтерпарт-Консорсиум, ЮСАИД, CAMP/SДС ва ғ-ҳо дастгирӣ мекунанд.

Фестивали журналистикаи экологӣ дар Интернет сайти худро дорад. www.eco-festival.org Дар ин сайт доир ба шумораи иштирокчиёну меҳмонон ва ғолибони озмун маълумотҳо гирд оварда шудааст. Тавре аз маълумоти сайт маълум мешавад «шумораи журналистони иштирокчӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Фестивал-озмунҳои журналистикаи экологӣ аз соли 2001 то соли 2007 се ҳазор нафарро ташкил мекунад».[6]

Яке аз чорабиниҳои дигаре, ки барои навиштани мавзӯъҳои экологӣ ба журналистон кӯмак мекунад, тренинг ва мастер-классҳо мебошад.

Моҳи октябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе барои журналистони тоҷик ва котибони матбуотии вазоратҳо журналистон аз рӯзномаи бонуфузи Англия «Гардиан»-Алекс Кирби ва ширкати радиотелевизионии Би-Би-Си Ҷон Беннет дар мавзӯи инъикоси масоили экологӣ дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ва барномаҳои расонаҳои электронии ахбор тренинги серӯза гузарониданд. Омадани меҳмонони хориҷӣ ба вақте рост омад, ки дар шаҳри Душанбе вируси бемории тифи шикам паҳн шуда, шумораи беморони тифи шикам бениҳоят зиёд буданд. Мавзӯъ ба ҳама рӯшан буд. Барои дақиқ кардани сабабҳои беморӣ дар назди журналистони ҳам хориҷиву ҳам ватанӣ кормандони Вазорати тандурустӣ, намояндагони стансияи эпидемиологии шаҳр, намояндагони Душанбеводоканал даъват шуданд. Дар якҷоягӣ бо намояндагони Душанбеводоканал журналистони ҳам хориҷиву ҳам иштирокчиёни тренинг ба саргаҳи обе, ки ба шаҳр аз қисмати шимоли шаҳр тақсим мешавад ва ҳамчунин ба қисми ҷанубии шаҳр рафта, бо чашмашон ҳолро диданд. Ба масъала бештар журналистони хориҷӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд. Сабаби бемории тифи шикам ошкор карда шуд. Тавре маълум гашт, ба бемории тифи шикам асосан аҳолие, ки аз оби дарёи Варзоб истеъмол мекунанд, гирифтор шудаанд. Маълум шуд, ки дар таркиби оби дарёи Варзоб чубчамикроб–барангезандаи маризии тифи шикам мавҷуд будааст. Аз ҷониби Ҳукумати шаҳр барои бехатарии саломатии шаҳрвандон ба ҳар як хона барои расондани доруворӣ ҳамаи духтурони дармонгоҳҳо

сафарбар карда шуданд. Аз ин тренинг журналистони тоҷик дар хусуси чӣ гуна дастрас кардани сарчашмаи иттилоъ сабақи хуб ҳам гирифтанд.

Бояд гуфт, ки ҷустуҷӯи якҷояи ҳалли мушкилоти экологӣ омили муттаҳид кардани ҷомеа шуда метавонад. Проблемаҳои экологӣ ба ҳар як шахс дахл мекунад, зеро барои зиндагии ҳар як инсон обу ҳавои тоза лозим аст. Барои беҳ шудани ҳолати муҳити зист, рушди устувори ҷомеа диалоги ҷамъиятӣ зарур аст ва ВАО метавонад олоти асосии ин диалог бошад.

Ҳадафи журналистикаи экологӣ ба воситаи пешниҳод кардани маводи санҷидашуда ва асосноки илмӣ мусоидат кардан ба интегратсияи ҷомеа ва ҳалли проблемаҳои экологӣ мебошад.

Рушди устувори ҷомеа аз иттилоотнокии шаҳрвандон вобастагии калон дорад. Чӣ бояд кард, ки рушди устувор ба воқеият табдил ёбад? Ба андешаи мо барои рушди устувори ҷомеа чунин омилҳо метавонанд таъсир гузоранд: якум, инъикоси ҳақиқати воқеӣ бо истифода аз сарчашмаҳои дастрас ва дастнораси иттилоотӣ; дуюм, таҳлили амиқи проблема ва робитаи он бо ҳолатҳои алоҳидаи табиат; сеюм, маърифатнок кардани омма, яъне даъват кардани ҷомеа барои иштирок дар чорабиниҳои мушаххас бахри ободиву шукуфоии муҳити зист.

**КАЛИДВОЖАҲО:** журналистикаи экологӣ, истилоҳи матбуоти экологӣ, ҳолати муҳити зист, вазифаи назоратии журналистикаи экологӣ, масъалаҳои экологӣ, мавзӯъҳои экологӣ.

## АДАБИЁТ


1. Л.А.Коханова, Экологический ПР: составные професcии, М. «РИП Холдинг», 2004,с.87.
2. Конвенсия оид ба дастрас намудани маълумот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани фаъолияти судӣ вобаста ба масъалаҳои муҳити зист, Душанбе, 2003, с.6.
3. Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дар давраи то соли 2010, Душанбе, 1999, с.3.
4. Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1999-2008,Душанбе,«Эҷод»,2006, с.66.
5. 5.Усмонов И., Давронов Д., Таърихи матбуоти тоҷик, Душанбе: «Маориф», 1997, с.138 .
6. www.eco-festival.org.


## ЦЕЛИ И ЗАДАЧИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

*Дж. Якубов*

Тема экологической журналистики в последние годы приобретает особую популярность. Данная статья является очень актуальной, так как эта проблема очень своевременна и требует новых подходов в освещении экологических проблем на страницах СМИ. В последние годы правительство Республики Таджикистан обращает особое внимание на проблемы экологии. Аспекты, которые раскрывает данная статья, очень актуальны, приведены примеры из Центрально-Азиатского Фестиваля экологической журналистики..

## EXISTING CASE, GOALS AND FUNCTIONS OF ECOLOGICAL JOURNALISM

*J. Yakubov*

This article contains the existing case of ecological journalism in Tajikistan. Also it s defined the goals and functions of ecological journalism.

# МАТНИ НАҚЛӢ

*Марям Олидоӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Матнҳои нақлӣ [1] хабарҳое ҳастанд, ки маншаи он аз рӯйдодҳо ё таҳаввул дар рӯйдодҳо нест, балки аз баёноти чеҳраҳои хабарсоз аст. Дар ин хабарҳо паёме дар мавриди вуқӯи рӯйдоде вуҷуд надорад ва ҳама нақли гуфтаҳост. Ба ҳамин сабаб, бисёре аз соҳибназарон ин хабарҳоро *шибҳи хабар [2]* ном ниҳодаанд.

Бар асоси изҳороти ин соҳибназарон, ба далели ин ки дар матни ин хабарҳо рӯйдод ва ё таҳаввуле сурат намепазирад, наметавон ин нақлҳоро *хабар* номид.

Яке аз далоили роиҷ дар ин ҷо ба мазмуни таорифи хабар бозмегардад, ки дар ин таърифҳо хабар, баён, бозгӯӣ ё нақли рӯйдодҳо эълом шудааст, на баёну бозгӯӣ ё нақли гуфтаҳо. Таърифи хабар:

- Хабар нақли сода ва холиси вақоеи ҷорист, ки мавриди таваҷҷӯҳи омма қарор гирад;
- Иттилооти марбут ба он чи рух дода, хабар номида мешавад;

- Хабар гузориши воқеиятҳо (рӯйдодҳои воқеӣ) аст, аммо ҳар воқеиятеро хабар наметавон номид;

- Хабар маводи аввалияи рӯзнома аст [3];

- Хабар бояд фаврӣ ва пас аз ҳодиса ба ҷараён афтад; барои умум ҷолиб бошад; ҳовии иттилооти тоза бошад; хунсо набошад ва идрокоти фарҳангии ҷомеаи хоси худро мунъакис кунад;

- Хабар гузорише бетарафона, дақиқ ва дар айни ҳол саҳеҳу айнӣ аз як рӯйдоди мафрӯз аст (Юнуси Шукрхоҳ, китоби «Хабар») [4];

- Хабар иборат аст аз баёни ҳақиқӣ, айнӣ ва бетарафи ҳаводис ва ваҳоеи рӯзмарра, ки аз лиҳози иҷтимоӣ муфид бошад ва ба сурати густурда дар ихтиёри ҳамагон қарор гирад.

- Хабар гузорише айнӣ аз воқеиятҳост, ки дорои як ё чанд арзиши хабарӣ буда, эҳтимолан таҳти таъсири авомили дарунгурӯҳӣ ва бурунгурӯҳӣ шакл гирифтааст (доктор Наим Бадеӣ, *нақли* доктор Маҳдӣ Мӯҳсиниёнрод)[5].

Дар баҳси таърифи хабар дар китоби рӯзноманигории доктор Мӯътамаднажод, пас аз нақли бархе назарҳо, хабар чунин таъриф шуда: «Хабар эълому баёни ваҳоеи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ ва нақли ақоиду афкори умум аст». Дар ин таъриф матни нақлӣ ба расмият шинохта шудааст. Бинобар ин, дар ҳамаи ин таърифҳо ба равшанӣ ё ба киноя шарти аслӣ барои хабар вуқӯи як рӯйдод ё бурузи таҳаввул дар як ҷараёни хабарист [6].

Хабар аз лиҳози тӯли матолиб ба масобаи кӯтоҳтарин жанр талаққӣ шуда ва роҳи дастёбии хонандаро ба ваҳоеи тоза, маълумоти нав ва зарурӣ ҳамвор месозад. Хабар роҷеъ ба рӯйдодҳои тоза маълумот ироа мекунад, вале ба таҳлили воқеа намепардозад ва ба таври умум ваҳоеро дар бар мегирад, ки комилан ба вуқӯъ пайваста бошад ва вуқӯи онхо ба поён расида ва ё ҳадди аққал, як марҳалаи он анҷом пазируфта бошад [7].

Сабкҳо ва шеваҳои рӯзноманигорӣ дар ду қарни ахир ҳама бо ин ҳадаф пешниҳод ва таҷруба шудаанд, ки кори огоҳӣ аз рӯйдодҳо ва сипас, кори интиқоли он огоҳиҳо ба мухотаб равонтару сареҳтар сурат гирад. Агар қарор буд, байни 70 то 90% хабарҳо гуфторӣ ва нақлӣ бошанд, ҳаргиз ба ин кӯшишҳо ниёзе набуд.

**Тақсимбандии Рэндел**

Дар мавриди бозшинохти матнҳои нақлӣ (ғайрирӯйдодӣ) аз матнҳои рӯйдодӣ (воқеӣ) Дэвид Рэндел табақабандии ҷолибе намудааст. Ӯ дар ин замина хабарҳоро ба чаҳор дастаи куллӣ тақсим мекунад ва сипас, вижагии ҳар дастаро тавзеҳ медиҳад[8].

Рэндел менависад: «Ман вақте сардабир будам, ҳама хабарҳоеро, ки бояд баррасӣ мекардам ва дар мавриди онҳо тасмим мегирифтам, дар чаҳор даста тақсим мекардам:

*Нахуст,* матнҳои нақлӣ, ки рӯйдодеро хабар намедиҳанд ва фақат ҷанбаи назарӣ, тавзеҳӣ ва иттилоотӣ доранд. Манбаи ин хабарҳо маъмулан дорои арзиши шӯҳрат аст. Ҷаззобияти ин хабарҳо агар ҷозибае дошта бошанд, дар ҳарфу сухани тозаест, ки матраҳ мешавад.

Паёми ин даста хабарҳо ҳам ба таври маъмул вуқӯи рӯйдодеро тавзеҳ намедиҳад. Ба илова, ин изҳори назарҳо ҳассосияте барнамеангезад ва касе қарор нест ба ин гуфтаҳо посух диҳад (яъне ба касе зиёне намерасонад);

*Дуввум,* матнҳои нақлӣ, ки рӯйдодеро хабар намедиҳанд, балки посухе, вокунише ё тавзеҳе бар хабарҳои пештар интишорёфта ба шумор меоянд. Ин хабарҳо ба таври маъмул дар дастаи хабарҳои маъруф ба *ҷанги лафзӣ* табақабандӣ мешаванд ва ҷаззобияти онҳо дар тақобили назарҳо ва таомули фикрҳо (на амалҳо) аст.

Ин хабарҳо ба таври маъмул бо феълҳо ва ибораҳои *гуфт, изҳор дошт, тавзеҳ дод, ифшо кард* ва *посух дод, равшан кард, вокуниш нишон дод, такзиб кард, нодуруст донист, таъйид кард, таъкид кард* ва ғ. дар ин даста хабарҳо дида мешаванд;

*Севвум,* матнҳои нақлӣ, ки аз вуқӯи рӯйдоде дар гузашта ё он чӣ рӯй хоҳад дод, хабар медиҳанд. Ин хабарҳо ба гурӯҳи хабарҳои воқеӣ (рӯйдодӣ) наздиктар ҳастанд. Хабарҳои «ваъдаӣ» дар ҳамин гурӯҳ ҷой мегиранд. Ин хабарҳо ҳамеша аз қавли масъулон, муҷриён ва мақомҳои сохта нақл мешаванд ва ҳамеша рангу бӯи расмият доранд.Ин даста хабарҳо ба таври маъмул бо феъл ва таркибҳои *эълом кард, ваъда дод, ташреҳ кард, тавзеҳ дод, баён дошт* ва ғ. шакл мегиранд. Чунонки тавзеҳ дода шуд, дар ин хабарҳо ҳам аз вуқӯи як рӯйдод (ки иттифоқ уфтода бошад) наметавон нишоне ёфт, балки паёми ин хабарҳо ё вуқӯи рӯйдодест, ки гӯё бидуни ҳузури хабарнигорон иттифоқ уфтода ё қарор аст дар оянда иттифоқ биуфтад;

*Чаҳорум,* гурӯҳи хабар аз рӯйдодҳои воқеӣ. Аксар таърифҳои хабар мушаххасаҳои ин гурӯҳи хабарҳоро дар бар мегирад: огоҳии расонаӣ аз воқеае, ки рух додааст. Ҳатто бархе ақида доранд, ки он чи дар мавриди арзишҳои хабарӣ ва авомили гароишу таваҷҷӯҳи умумӣ нисбат ба хабар мешавад, бо хабарҳои рӯйдодӣ [на нақлӣ] рабт дорад. Дэвид Рэндел, ки тақсимбандии болоро тавзеҳ медиҳад, дар поён менависад, ки «аз назари ман аҳамияти ин хабарҳо ба тартиби акс аст. Ба ин маъно, ки ман ҳар

вақт мехостам, барои сафҳаҳои рӯзнома хабар гузиниш кунам, аввал хабарҳои гурӯҳи чаҳорро мепазируфтам, агар набуд, ба суроғи гурӯҳи севвум мерафтам ва ба ҳамин тартиб. Аммо ба нафъи мухотабони рӯзнома, саъй мекардам, ҳаргиз хабарҳои гурӯҳи аввалро имзо накунам»[9].

**Ривоҷи матни нақлӣ**

Дар ҳоли ҳозир матни нақлӣ ба роиҷтарин шеваи хабаррасонӣ дар ҷомеаи расонаӣ мубаддал шудааст, ба ҳадде ки рафта-рафта гӯӣ бақияи анвои хабарҳо, ки бояд шеваҳои аслитар ва роиҷтар бошанд, ҷоро барои ин даста хабарҳо холӣ мекунанд. Натиҷа он, ки дар рӯзномаҳои мо камтар хабареро аз рӯйдодҳо ва вақоеъ метавон ёфт ва ба ҷои ин хабарҳои воқеӣ сафҳаҳои хабарии рӯзномаҳоро матнҳои нақлӣ тасхир кардааст.

Равшан аст, ки матнҳои нақлӣ яке аз анвои хабар дар расонаҳоро бояд дар назар гирифт. Нигаронӣ ин аст, ки акнун хабар аз вуқӯи ҳеч рӯйдоде, чи кӯчак ва чи бузург, ғайр аз он ки масъуле, раисе, вазире, мудири кулле ё як узви равобити умумиҳо бошад, имкони вуруд ба сафҳаҳои рӯзномаро надорад. Дар воқеъ, хатар дар ин аст, ки пӯёӣ, ҷустуҷӯгарӣ ва кашфи ҳирфаӣ ҷои худро ба хабарҳои расмӣ додаст[10].

**Матни нақлӣ чист?**

Матни нақлӣ бештар дар фазои беэътимодӣ миёни масъулон ва расонаҳо имкони густариш меёбад. Ба ин маъно, ки дар маҷмӯаи масири миёни хабарсозон, ба хабарнигор, ба расона ва ба мардум истгоҳи хабарнигор ҳазф мешавад. Ба ин тартиб, нақш ва коркарди хабарнигорон ва маҳоратҳои ҳирфаии онон батадриҷ ранг мебозад ва хабарҳои расмӣ ва бидуни хатар ва дар натиҷа, бидуни ҷозиба, ривоҷ меёбад.

Чунонки хоҳад омад, сайтҳои хабарии пуртеъдод, ки ҳар як аз сӯи як ҷараёни сиёсӣ ё созмони давлатӣ таъмини молӣ ва ҳимоят мешаванд, дар густариши ин шева нақш доранд. Коркунони ин сайтҳо аглаб хабару тамосҳои телефонӣ бо ашхосро шакл медиҳанд ва тардид набояд кард, ки гузиниши мусоҳибашаванда ва навъи пурсишҳо ва посуххо бо ҷаҳонбинии он сайтҳо робитаи мустақим доранд[11].

**Осебҳои матни нақлӣ**

Пас аз тарҳи вижагиҳо, коркардҳо ва заминаҳои матнҳои нақлӣ беҳтар аст ба ин масъала пардохта шавад, ки чунин хабарҳое имкон дорад, осебҳое ба рӯзноманигории ҳирфаӣ бизанад. Бояд равшан шавад, ки ҳуҷум ва вуфури матнҳои нақлӣ чӣ гуна ва аз чӣ роҳҳое осебрасон хоҳад буд.

**Густариши «бигӯ-магӯ»**: ин ки рӯзнома ё расонае назароти мутафовити асҳоби як ҳирфа ё андешаро дар баробари ҳам бигзорад, шеваи тозае нест, аммо ривоҷи ин «бигӯ-магӯ»-ҳо ҷанбаи дигаре меёбад. Камтарин осеб дар ин замина ғофил мондани матбуот ва мардум аз рӯйдодҳои аслӣ ва воқеӣ ва саргарм шудан бо ҷадалҳои нақлӣ аст.

**Чеҳрасозӣ**. Дар панҷ соли ахир, ки хабаргузориҳои кӯчак – сайтҳои хабарӣ бо меҳвар қарор додани матнҳои нақлӣ фаъолият мекунанд, дар сафҳаҳои рӯзномаҳо ба каҳкашоне аз номҳову унвонҳои ноошно бармехӯрем. Соҳибони ин номҳо ва унвонҳо дар воқеъ қаҳрамонони майдони сухан ҳастанд. Аз он ҷо ки аглаб матнҳои нақлии тавлидшуда дар ин сайтҳо ба сафҳаҳои рӯзномаҳо мунтақил мешавад, ҷомеаи рӯзномахон ба ҷои огоҳӣ аз ҳаводис, фақат аз «бигӯ-магӯ»-ҳои хабарсозон огоҳ мешавад. Барои ҷомеа пурсиши муҳим ин аст, ки шӯҳрат додан ба ин хабарсозон, ки фақат ҳарф мезананд, баъдҳо онон ва мардумро ба иштибоҳ намеандозад? Масалан, агар ин ашхос кондидои намояндагии Маҷлис шаванд, мумкин аст бисёре ба собиқаи ҳамон ошноии зеҳнӣ ба онон раъй диҳанд.

**Хастагии мухотабон**. Дарвоқеъ, мухотабони рӯзномаҳо, беш аз он ки дар мавриди вазоиф ва чигунагии амалкарди масъулон ва ё шахсиятҳо чизе бифаҳманд, аз даргириҳои лафзӣ мутталеъ мешуданд, ки шояд мунҷар ба дилзадагӣ ва хастагии мардум шавад[12].

**КАЛИДВОЖАҲО:** матнҳои нақлӣ, иттилооти марбут, хабар, сабкҳо ва шеваҳои рӯзноманигорӣ, хабарҳои гуфторӣ ва нақлӣ, рӯйдодҳои воқеӣ, ривоҷи матни нақлӣ.

## АДАБИЁТ

1. Say Stories.
2. Pseuo-Events News.
3. Манбаи шумораи 1, с. 68.
4. Манбаи шумораи 2, с. 34.
5. Манбаи шумораи 3, с. 172.
6. Манбаи шумораи 4, с. 126.
7. Усмонов, И. Жанрҳои васоили иртиботи ҳамагонӣ.- Кобул, 1360 х., с.23.
8. Манбаи шумораи 1, с. 69.

9. Ҳамон манбаъ.
10. Манбаи шумораи 5, с. 42.
11. Манбаи шумораи 1, с. 70.
12. Манбаи шумораи 1, с. 71.
13. Randall, David. Universal Journalist, Platto Press, London, 1996.
14. Шакархох, Юнус. Хабар. – Теҳрон, Интишороти Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1380 ҳ.
15. Бадеӣ, Наим ва Ҳусейн Қандӣ. Рӯзноманигории навин. – Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи аллома Таботабоӣ, 1378 ҳ.
16. Мӯътамаднажод, Козим, бо ҳамкории доктор Абулқосим Мунсифӣ. Рӯзноманигорӣ. – Теҳрон, Интишороти Маркази нашри *Сипеҳр*, чопи севум.
17. Defleur, Melvin L. Understanding Mass Communication, Houghton Mifflin, New York, 1998.
18. Қозизода, Алӣ. Тарҷ. Китоби Universal Journalist – Рӯзноманигории ҳирфаӣ, Интишороти *Эрон*, соли 1996.
19. Усмонов, И. Жанрҳои васоили иртиботи ҳамагонӣ.- Кобул, 1360 ҳ.

## ПОДРОБНОЕ ОЗНАКОМЛЕНИЕ С «ТЕОРИЕЙ ИНЪЕКЦИИ»

***Марям Олидои***

«Теорию инъекции» следует объяснить тем, что информация, излагаемая СМИ, подобно инъекциям, вводимым непосредственно в тело массы, оказывает на него моментальное воздействие. Данная теория указывает на то, что групповые СМИ имеют непосредственное, быстрое и мощное влияние на массу народа. Руководителям СМИ 40-50-х годов прошлого века в основном удавалось определение степени влияния их информации на массу, что следом, служило причиной коренного изменения их мнения и поведения.

## REFERABLE NEWS

***Marym Olidoi***

In this article proceed About the referable news that situation the kinds of styles of news writing .At the present time current method for media is referable news .that Is not Good because in media is not proceed to event

That the source of the events in sublation, that REFRABLENEWS replaced all manner of information.

# ҶАНГҲОИ РАСОНАӢ

***Алиризо Талхобии Алишоҳ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Расонаҳо пули иртиботӣ ва василаи тасаллут бар афкор, ирода ва эҳсосоти башарияти даврони муосир ба шумор меравbooанд. Марказҳои расонаҳо, ки бо модернтарин фановарии ҷаҳонӣ муҷаҳҳазанд, аз як сӯ, дар иҷрои амалиёти равонии қудратҳо бар зидди миллатҳову давлатҳои мустақил ҳастанд ва аз сӯи дигар, василае барои контрол, заиф кардан, ҷиҳатдиҳӣ ва ҳидояти ҷавонон дар саросари дунё маҳсуб мешаванд. Дутарафа будани расонаҳо ин фурсатро ба вуҷуд оварда, ки давлатҳо ва миллатҳо битавонанд ба он дастрасӣ ёфта, аз он дар ҷиҳати расидан ба ҳадаф ва аз байн бурдани тавтиаҳо ва муқобилият бо мавҷҳои расонаи низоми султа баҳра гиранд. Баромадан ва зоҳир шудани бархе расонаҳои минтақаи пас аз ҷанги аввали Амрико дар даҳаи охири асри гузашта дар Халиҷи Форс (1991) (шабакаи Алҷазира, Аларабия, Алманор, Алолам баъди соли 1996) дар ин росто қобили баррасист.

Қудратҳо бештарин истифода аз расонаҳоро дар ҷанг мебаранд. Бо нигоҳе ба амалкарди Амрико дар ҷанги Ветнам, Ироқ, Балкан, Афғонистон ва дар ҷанги Халиҷи Форс ва ҳамчунин иқдоми равониву расонаиаш бар зидди Ҷумҳурии Исломии Эрон метавон ба ҳадафҳои он пай бурд.

Бо таваҷҷӯҳ ба тоза ва шак будани ҷанги расонаӣ, андозаи харобиовари вай он қадар зиёд аст, ки ҳатто шаҳрвандони кишварҳои мавриди ҳадаф, мутаваҷҷеҳи ҳаҷми вазнини ин ҷанг бар фазои рӯҳиву равонии худ ва атрофиёнашон намешаванд. Қудрати нуфузи сардамдорони ин ҷанг ва қудрати таъсиргузориву нуфузи он ба тарзест, ки дар тамоми хонаҳо, мошинҳо, маҳфилҳо ва маконҳо, шаҳру қишлоқҳо густариш мёёбад. Дар ин ҷанг миллатҳо ва мардум бо хост ва иродаи худ ва қабули маблағ дар маъразй ҳадаф қарор мегиранд.

Ҳадафи ин ҷанг тағйири коркард ва амалкарди давлатҳо ва миллатҳо дар ҳимоят аз дигар давлатҳо ва махсусан, контроли афкор ва зеҳни умуми мардум аст, зеро, ин миллатҳо ҳастанд, ки дар аввалин хатти муқаддами ҳамлаи душман қарор мегиранд. Ба гунае ин ақида вуҷуд дорад, ки агар афкор ва иродаи умумиро нисбат ба мавзӯъ ё чораён ва падидае битавон қонеъ кард, ё ба тарафи хостаҳои худ ҷиҳатдиҳӣ намуд. Дар ҳақиқат давлатҳо тахти фишори афкори умуми миллатҳо ба сӯи

ҳадафҳои душман кашида шуда, дар он роҳ қарор хоҳанд гирифт. Мухотаби ин амал мардуми кишварҳои ҳадаф, мардуми худӣ ва нерӯҳои амалкунандаи душман аст.

Ин ҷанг бар хилофи ҷангҳои низомӣ, ки байни ду кишвар, ё чанд эътилоф ва иттиҳод бо як кишвар сурат мегирад, мумкин аст байни як гурӯҳ аз кишварҳо сурат гирад ҳамчун ҷанги расонаҳои ғарб бо ҷаҳони Ислом, ё низоми султа бар зидди Инқилоби Исломӣ.

Дар асри кунунӣ ба далели печидагии иҷтимоӣ ва аҳамият ёфтани нақши расонаҳои ҷамъӣ дар эҷоди равобити уфуқӣ ва амудӣ дар ҷомеаҳо корбурди ин васоил дар заминаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомӣ беш аз пеш машҳур аст. Коркарди расонаҳо дар тасмимгириҳои рӯзмарра барои мардум ҳам судманд ва ҳам зиёновар аст, зеро расонаҳои гурӯҳӣ ҳамчу теғи ду дам ҳастанд, ки метавонанд пайвастагӣ ва ҳамагунӣ падид оваранд, қодир ба вусъат бахшидан ва чуқуртар сохтани шикофҳои иҷтимоӣ ҳастанд ва ҳам метавонанд хушхабардиҳандаи тавсиа бошанд ва ҳам тухми идеологияи зидди тавсиаро дар фазои ҷомеа пароканда кунанд. Онҳо ҳисси амнияти дуруғинеро талқин менамоянд, фикрҳоро аз масоили асосӣ дур карда, дар баробари ин метавонанд ба эҷоди шуру шавқи ҳаёт ва ифтихор пардозанд.

Расонаҳо метавонанд дар абъоди гуногуни зайл муассир бошанд:

1. Густариши ҳуқуқӣ - асоси рисолати рукни чоруми демократия.
2. Ғанисозии адабиёт ва фарҳанги гуфтугӯ дар ҷомеа.
3. Доман задан ба фарҳанги пурсишгарӣ ва ҷавоб гуфтани муҳаққиқон.
4. Иттилоърасонии шаффофу мустанад ва бетарафона.
5. Кам кардани андозаи догматизм.
6. Ҷиҳатдиҳии ақлонӣ ба эҳсосот ва ҳаяҷонот.
7. Мушорикат ва кӯмак дар тасмимсозии миллӣ.
8. Умқӣ намудани шинохти илмӣ, коршиносӣ ва ақлонии ҷомеа.
9. Афзоиши андоза ва сатҳи тавлиди фикру андеша.
10. Бузург намудан ва мустанадсозии манбаъҳои додаҳо (2. С. 15).

Расонаҳо дар тамоми ҷангҳои қарни бистум ба монанди василае барои ҷанги равонӣ ва таблиғотӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масалан, дар Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ дар ҳоле ки нерӯҳои Олмони фашистӣ дар феврали соли 1943 шикасти сахте хӯрда буданд, радиои Олмон ба дурӯғпардозӣ бар муқовимати сарбозонаш дар баробари сарбозони рус машғул буд. Аммо воқеъият ин буд, ки нерӯҳои Олмон дар баробари ҳуҷуми нерӯҳои Русия таслим шуда буданд.

Амрико дар ҷанги Ветнам аз расонаҳо ва абзорҳои таблиғӣ баҳрабардорӣ кард, аммо расонаҳои озод аз ҷинояти Амрико дар Ветнам афкори умумиро ба шиддат таҳти таъсир қарор дод.

Дар соли 1983 Амрико дар ишғоли Гренада бо дарсе, ки аз ҷанги Ветнам ва амалкарди расонаҳо гирифта буд, сиёсати расонаии худро мавриди баррасӣ ва роҳнамоӣ карда, аз ворид шудани хабарнигорон ба минтақаҳои ҷангӣ ҷилавгирӣ намуд. Дар соли 1991, дар ҷанги аввали Халиҷи Форс низ расонаҳои ғарбӣ иҷозаи ворид шудан ба хатти ҷангро надоштанд. Дар ҷанги Косово НАТО ҳар рӯз конфронси матбуотӣ баргузор мекард ва дар он тасвирҳои аз пеш омодашударо бо чаҳорчӯби мушаххас ва муайян дар ихтиёри расонаҳо қарор медод.

Дар ҷанги Афғонистон нерӯҳои ширкаткунанда дар қиболи афкори умумии дунё равиши сукут ва зидди иттилоотро дар пеш гирифтанд.

Дар соли 2003, дар ҷанги дуввуми Халиҷи Форс расонаҳои дидорӣ аз инҳисори Би-Би-Си ва Си-Эн-Эн берун омаданд ва шабакаҳои нав дар саҳнаҳои ҷанг ҳузур ёфтанд. Дар ин ҷанг ба ҳавзаи Интернет ба унвони рақиби расонаҳои дигар таваҷҷӯҳи махсусе шуд, ба гунае ки дар Амрико ва Урупо андозаи истифодаи корбарон аз Интернет ба болои 70% пас аз оғози ҷанг расид. Аз ҷумла, далоили рӯйкарди афкори умумӣ ба Интернет изофа бар тараддуд дар яктарафа будани ахбори шабакаҳои ғарбӣ, падида ва блогнависи ҷангӣ тавассути сарбозоне буд, ки аз хатти аввал ва минтақаҳои даргир ба интишори ахбор, дидгоҳҳо ва хотироти худ мепардохтанд. Ин масъала дар фазои таблиғотӣ ва рӯзномаӣ ба алтернативи медиа машҳур шуд. Нуктаи ҷолиби таваҷҷӯҳ дар ин ҷанг баҳрагирӣ аз расонаҳои Интернет ва истифода аз почтаи электронӣ буд. Дар нахустин соати шурӯъ шудани ҷанг беш аз 116 млн. эмайл тавассути ширкати Американ онлайн ирсол ва дарёфт шуд (www.geocities.com/shmtsb).

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки дар ҷанги соли 2003 Амрико ва Британия дар ишғоли Ироқ аз ҷанги расонаҳо зиёд истифода карданд. Аз дигар коркарди расонаҳо ва сарбозони он дар ҷанги расонаӣ зуҳури навъи тозае аз хабарнигорон буд, ки чанд моҳҳо пеш тавассути Пентагон омӯзиш дида буданд ва бо эзом шудан ба минтақаи Халиҷи Форс ва Ироқ ҳамроҳи воҳидҳои низомӣ дар саҳнаҳои набард ҳузур ёфта, бо дастуруламали Пентагон (дастуруламали 12-саҳифагӣ) барои хабарнигорон (4. С. 12) аз саҳнаҳои ҷанг хабар ва тасвир таҳия намуда, афкори умумиро мустақиман дар ҷараёни ҷанги расонаии худ қарор доданд. Ин гурӯҳ аз хабарнигорон, ки теъдодашон беш аз 500 кас буданд, ба унвони хабарнигорони ҳамроҳ машҳур шуданд (4. С. 226). Бештарин хабарнигорони ҳамроҳ мутааллиқ ба

шабакаҳои Би-Би-Си, Си-Эн-Эн, «Озодӣ», «Садои Америка» ва Факс нюс буданд. Илова бар онҳо, ҳазор хабарнигор низ дар Арабистон, Қувайт ва Ироқ мустақар шуданд. Бо дар назар гирифтани хабарнигорони фаъол дар шимоли Ироқ ва марзи Эрону Ироқ ин рақам ба ду ҳазор хабарнигор дар минтақа расид.

Бо таваҷҷӯҳ ба коркарди дутарафаи расонаҳо ва тавони баҳрабардории тарафҳои дигар, мухолифони ҷанг низ аз тариқи таҳия ва тавлиди паёмҳои интернетӣ, пойгоҳҳои интернетӣ ва интиқоли паёмҳои электронӣ ба созмондеҳӣ ва иҷрои тазоҳуроти зидди ҷанг иқдом намуданд, ба гунае дар як рӯз беш аз шашсад шаҳри ҷаҳон шоҳиди барпои тазоҳуроти зидди ҷанг буданд.

Талоши хабарнигорони ҳамроҳ барои самт додани афкори умум, ки бо ирсоли гузоришҳо ва тасвирҳои мустақим аз саҳнаҳои ҷанг анҷом мешуд, пас аз муддате мавриди бемеҳрии мухотабон қарор гирифт. Зеро ахбори онҳо ё ниматамом буд, ё комилан хато.

Фармондеҳони ҷанги расонаӣ, истротежистҳои амалиёти равонӣ, мутахассисони таблиғотӣ ва коргузорони расонаи байналмилалӣ мебошанд. Аммо сарбозони ин ҷанг дар зоҳир нависандагон, хабарнигорон, муфассирон, тасвирбардорон, тавлидкунандагони хабари матбуотӣ, коргардонҳо, таҳиякунандагон ва аксбардорони расонаҳо ҳастанд. Силоҳ ва таҷҳизоти ин сарбозон низ радио, телевизион, интернет, моҳвора, хабаргузориҳо, камераҳо, коғазу қалам ва дастгоҳҳои чопу нашр мебошанд. Лекин воқеият он аст, ки дар пушти саҳнаи амалиёти расонаӣ сиёсати расонаи қудратҳо ва низоми султа ба мисоли раҳбурди ин ҳаракат қарор гирифтааст, ки ба сурати расмӣ созмон ёфтаанд. Аммо пинҳонӣ бо ҷудо кардани буҷети фаврӣ тавассути созмонҳои иттилоотиву амниятӣ, хадамоти ҷосусӣ ва ташкилоти махсуси низомӣ раҳнамоӣ мешавад.

Бахши дигаре аз мудирон ва раҳбарони расонаҳо соҳибони пулу сармоя ҳастанд, ки онҳо ба мақсади афзоиши сармояҳои худ ҷанги расонаӣ ба роҳ меандозанд ва миллатҳоро барои масрафи колои худ ва ё гароиш ба сӯи худ роҳбарӣ менамоянд.

Ҷанги расонаӣ хусусиятҳо ва нуктаҳои бисёр муҳим ва печида дорад. Коргузорон, барои муассир воқеъ шудани ҷанги расонаӣ бар мухотабон ба иҷрои фанҳо ва баҳрагирӣ аз хусусиятҳои он ниёз дорад. Бисёр возеҳ аст, ки расонаҳо ҳам метавонанд таъсири манфӣ бигзоранд ва ҳам метавонанд таъсири мусбат дошта бошанд. Дар дунёи кунунӣ тамоми фанҳо, абзор ва ҳама сарбозони ҷанги расонаӣ дар ихтиёри касонест, ки ҳадафашон таҳти султа даровардани миллатҳо ва давлатҳост. Коршиносон марҳилаҳои ҷанги расонаиро чунин арзёбӣ кардаанд:

**I. Марҳилаҳои омодагӣ ва иҷрои ҷанги расонаӣ ба мақсади мӯътадил намудани афкори умум, ки Етусен меорад (4. С. 18):**

1. Марҳилаи муқаддамотӣ: шомили пешниҳоди далел ва қонеъ намудани мардум ба мақсади афзоиши фақр, истибдод, беназмӣ ба дунболаи оғоз шудани ҷанг.
2. Марҳилаи қонеъ намудан: бо инъикоси ахбори муҳим ва таҷзия ва таҳлили муқаддамоти мудохилаи низомӣ фароҳам мешавад.
3. Марҳилаи иҷро: ҷамъ намудани манбаъҳо ва сонсур ба мақсади эҷоди заминаи маҳори пушиши хабарӣ.
4. Марҳилаи пас аз ҷанг: оддисозии вазъият ва коҳиши зарарҳои хабарӣ.

**II. Омодасозӣ:**

Шеваи дигаре низ барои омодасозии миллатҳо барои ҷанг тавассути Филлип Нотели, рӯзноманигору муҳаққиқи рӯзномаи бритонии «Гордиан» ироа гардидааст( 4. С. 18):

1. Бӯҳрон, бӯҳронсозӣ аз тариқи гузоришҳои расонаӣ, ба тарзе ки аз байн бурдани бӯҳрон амалӣ набошад.
2. Палиднамоии раҳбари душман ва муқоисаи он бо афроде чун Гитлер бо таваҷҷӯҳ ба зеҳнияти манфии мардум нисбат ба ин гуна ашхос.
3. Шайтон ҷилва додани афроди душман ба унвони шахси бадахлоқ ва носолим.
4. Таҳрики афкори умум дар қолаби ваҳшисозӣ ва ваҳшинамоии душман барои таҳрики эҳсосот ва афкори мухотаб (шунаванда ё бинанда).

**III. Инҳисор кардани расонаҳо тавассути низоми султа**

Майкл Паренти нависанда ва донишманди улуми сиёсӣ дар хусуси инҳисори расонаӣ равишеро ба шарҳи зер ироа намуда, унвон мекунад, ба рағми ин ки расонаҳои умдаи Амрико иддао мекунанд, озод ва ҳамагонӣ ва воқеъгаро ҳастанд, аммо техникҳое ба кор мебанданд, ки дар натиҷа зиддиятҳои бунёдӣ дорад. Ин равишҳо иборатанд аз:

1. **Пинҳонкорӣ аз тариқи ҳазф:** дурӣ кардан аз мавзӯоти эҳсосангез, ки бадтар аз дурӯғпардозӣ аст.
2. **Ҳамла ва аз байн бурдани ҳадаф:** бо иттилои дастгоҳи сонсур аз ба кор наомадани ҳазф ва иттилоъ ёфтани мардум аз мавзӯъ. Расонаҳо ба равиши таҳоҷуми зудҳангом рӯй оварда,

мавзӯъро беэътибор мекунанд. Дар мавридҳое низ бо беэътибор кардани рӯзноманигор вайро хомӯш ва афкори умумиро аз мавзӯи мавриди назар мунҳариф месозанд.

3. **Барчасб задан:** расонаҳо бо истифода аз барчасбҳои мусбат ё манфӣ талош мекунанд, то дидгоҳҳо ва назаротро дар борои мавзӯи муайян аз пеш тайин кунанд. Барчасб, мавзӯеро таъриф ва ташреҳ мекунад, бе он ки ночор бошад, хусусиятҳои воқеъиро, ки мумкин аст ба натоиҷи дигаре оварда расонад, баён намояд.
4. **Эҳтимол ва тасвири пешгирона:** расонаҳо бештар сиёсатҳоеро, ки ниёз аст мавриди баррасӣ ва мутолиа қарор гиранд, қабул мекунанд. Ин масъала ба далели густараи маҳдуд ва классикии гуфтумон ё маҳдудияти меъёрҳои баҳс аст. Ба иборати дигар, гумонҳои баённашуда чорчӯбаи баҳсро ташкил медиҳад.
5. **Пахши барномаҳо бо арзиши исмӣ:** (ба сурати зоҳирӣ) дар ин равиш он чӣ масъулон мегӯянд, бидуни ҳар гуна нақз ва таҷзияву таҳлил пазируфта мешавад. Пахши барномаҳо бо арзиши исмӣ, амалкарди расонаҳоро тақрибан дар ҳар заминае аз сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ ташкил медиҳад.
6. **Кӯчак шуморидани мӯҳтаво:** дар ин равиш ба фиқдони мӯҳтаво ва ҷузъиёти мавзӯот мепардозанд, ба тавре ки фаҳми паёмадҳо ва иллат ва оқибатҳои он барои мухотабон душвор шавад. Ҳамчунин расонаҳо ба пӯшиши хабарӣ, таҳия ва пардозиш бештар аҳамият дода, ба масоили асосӣ аҳамияти камтар медиҳанд.
7. **Тавозуни нодуруст:** ин мавзӯъ равишест, ки дар он тасаввури зеҳнӣ воқеънигари озмойиш мешавад. Аз як сӯ, фақат ду ҷанбаи моҷаро нишон дода мешавад ва аз сӯи дигар, таърифи тавозун душвор аст, зеро худ ба худ ба маънои баробар нест, монанди ҷангҳои Гуотамала ва Салвадор дар даҳаи ҳаштоди қарни гузашта, ки бо навъи ғалате аз тавозун мавриди баҳс ва баррасӣ қарор мегирифт.
8. **Худдорӣ аз пайгирӣ:** дар ин равиш муҷриёни расонаҳо ва мудирони ҷанги расонаӣ бо рӯ ба рӯ шудан бо як посухи мухолиф, ки интизори онро надоштаанд, фавран мавзӯи баҳсро тағйир медиҳанд ва ё барномаро ба баҳонае қатъ мекунанд, ё ба мавзӯи дигаре мепардозанд (4. С. 23-27).

Ҷанги расонаӣ ҳамкории ҳамоҳанг ва наздики бахшҳои низомӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, амниятӣ, расонаӣ ва амалиёти равонӣ ва таблиғии як кишварро металабад.

Тарроҳони ҷанги расонаӣ на ҳатман генералҳои пойгоҳнишин, балки мумкин аст профессорҳои донишгоҳҳои мӯътабари ҳар кишваре бошанд. Дар ҷанги постмодерн гуфтумон ҳаётитарин ҳавза ва силоҳ ҳисоб мешавад. Силоҳе, ки бояд онро аз озодии гуногунранге, ки дар борои манфиатҳо вуҷуд дорад сохт, ё дар воқеъ ҷаъли расонаҳо дорои таъсири қудратманд ва номаълум бар афкори умум ҳастанд ва ин масъала метавонад асари мусбат ё манфӣ бар амалиётҳо дошта бошад.

**Дар ин росто ба назари мо дастгоҳҳои масъули Ҷумҳурии Исломии Эрон бояд чунин аксуламал дошта бошанд:**

- барномарезии миёнамуддат ва дарозмуддат дар хусуси муқобилият бо ҷанги расонаии низоми султа ва иҷрои ҷанги расонаӣ бар зидди он;
- тавсиаи ками дастгоҳҳои муртабит ва имконоти таҷҳизоти мавриди ниёз;
- шиносоии авомилу имконоти дохиливу минтақаии муртабити имконот ва таҷҳизоти мавриди ниёз;
- шиносоии авомилу имконоти дохилӣ, минтақаӣ ва фаромантақаии ин ҷанг;
- омӯзиш, қонеъ кардан ва тарбияи мутахасисини мавриди ниёзи ин набард;
- баргузории ҳамоиш, нишастҳои тахассусӣ ва ҳамандешӣ, иртиқои сатҳи фаъолиятҳои расонаӣ;
- бахрагирӣ аз фановарии бартари расонаӣ ва имконоти навини иртиботӣ дар ҷиҳати муқобилият бо ҳуҷуми расонаӣ.

Масъулон ва дастандаркорони расонаӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон масъулият доранд дар муқобили сели азими ҳуҷуми расонаӣ ва амалиёти равонии душман тамҳидот ва тадобири муносибе бигиранд ва дар баробари муқобилият ва безарар кардани иқдомоти расонаи душман нисбат ба муқобила ва ҳуҷум ба аркон ва иродаи расонаи онҳо иқдомоти шоистаеро ба иҷро гузоранд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** расонаҳо, ҷангҳои расонаӣ, пули иртибототӣ, василаи таблиғотӣ, хабарнигорони ҳамроҳӣ, низоми султа, пахши барномаҳо, барномарезӣ.

## АДАБИЁТ

1. Расонаҳо ва суботи сиёсӣ. Маҷмӯаи мақолот.-Теҳрон: Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ, 1381.
2. Раҳматуллоҳи Содиқӣ. Ҷидоли расонаӣ (баррасии як парванда).-Теҳрон: Созмони интишороти гуфтумон, 1379.
3. www.geocities/shmtsb
4. Етусен. Ҷанги нарм (вижаи ҷанги расонаӣ).- Теҳрон, 1383.

## ИНФОРМАЦИОННЫЕ ВОЙНЫ

*Алиризо Талхобии Алишох*

В статье анализируются информационные войны и их последствия для других стран. В том числе автор приводит многочисленные примеры информационных войн, которые ведут США и Великобритания. Исходя из опыта первой войны на Персидском Заливе (1991 г.) Пентагон во второй войне против Ирака в 2003 году широко использовал сеть приближенных СМИ как CNN, BBC, радиостанции «Свобода», «Голос Америки» и др.

## THE NEWS WAR

*Alirizo Talkhobii Alishoh*

The article considers about the news war and their conseguences for the another countries. inclubing that the author take numerouce examples of news war, which lead USA and Creat Britain. outcome from the experience for the Persian culf (1991) pentagon at the second war against Irak in 2003 years wide used net mouing suel as CNN, BBC, radiostation "Svoboda", "Golos Ameriki" and anothers.

# ФИЛОЛОГИЯ

## БОФТИ ҲУНАРИИ НАВИШТА

***Мисбоҳиддини Нарзиқул***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар лобалои мутуни "Эъҷози Хусравӣ" ба мафоҳиме дучор мешавем, ки бидуни огоҳӣ аз моҳияти онҳо ғарази аслии муаллифро пай бурдан номумкин аст. Бинобар ин, муҳимтарин ва асоситарини онҳоро шарҳ додан ногузир менамояд. Ҳангоми шарҳи истилоҳоти калидӣ аз фарҳангу луғатномаҳо, шарҳи ҳошиявии чопи сангии "Эъҷози Хусравӣ", ки аз фарҳангҳои мӯътабар аҷз шудааст ва андешаҳои бевоситаи Амир Хусрав, ки дар хилоли мутуни расоили панҷгона матраҳ гардидаанд, ҳамчун сарчашмаи асосӣ суд ҷустаем. Дар зайли ҳар як истилоҳ аз он маохиз ёдовар хоҳад шуд.

Истилоҳоти калидии марбут ба "Эъҷози Хусравӣ" дар маҷмӯъ ба кори нависандагӣ ва мафоҳими тавъам ба он ҳунар, ба мисли асомии натиҷаи шуғл, шахсияти ҳунар, ҷузъиётҳои сохторӣ ва мӯҳтавоии навишта иртибот дошта, онҳоро моҳиятан ба чаҳор бахш: асомии анвои навиштаҳо, соҳиби касб ё шуғл, шеваҳои сохторӣ ва бофти ҳунарии навишта тақсим намудан мумкин аст.

Дар ин мухтасар танҳо дар хусуси бахши охирини истилоҳоти мазбур сухан хоҳем гуфт.

Қабл аз вуруд ба мақсади аслӣ, бо мақсади ошноӣ бо собиқаи баррасӣ ва шарҳи истилоҳоти марбут ба ойини нависандагӣ ба собиқаи тадқиқ перомуни ин масъала таваҷҷӯҳ менамоем.

Тадқиқи масъалаи мавриди назар, дар сурате ки мо дар назар дорем, яъне баррасӣ ва бозгӯии истилоҳоти калидии марбут ба асари "Эъҷози Хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ собиқа надорад. Шарҳи ҳошиявие, ки дар ҳошияи чопи сангии асар дучор мешавем, танҳо хусусияти шарҳи маънои калима ва таркиботро дошта, ба сурати илмӣ танзим нагардидааст.

Аммо аз ҷониби донишмандони эронӣ, ки аз асомиашон ёд хоҳад шуд, корҳое дар заминаи баррасии истилоҳоти девонӣ анҷом пазируфтаанд, ки ба масъалаи мавриди назари мо гиреҳ мехӯранд.

Муҳаммад Маҳдии Рукни Яздӣ ном донишманди эронӣ (аз Донишгоҳи Машҳад) дар мақолае бо унвони "Девони рисолат ва ойини дабирӣ аз хилоли "Торихи Байҳақӣ" (Яздӣ, 1374, 233-272) ба масъалаи истихроҷи хусусиёти девони рисолат ва ойини дабирӣ аз китоби Байҳақӣ пардохта, пас аз баррасии масъалаҳои мазийяти китоби "Таърихи Байҳақӣ", аҳамияти девони рисолат, маҳалли ташкили девони рисолат, тафовути рутбаи дабирон, ановини дабирон, шароити дабир, навиштани номаҳо ва шеваи он, аҳамияти алқоб ва ановин дар мукотабат ва мухотабот, мушоҳираи дабирон анвои номаҳоеро шарҳ додааст, ки дар хилоли китоби мавриди назараш ба даст омадаанд. Ҷанде аз анвои номаҳои мундариҷ дар ин мақола, ба истилоҳоти мавриди назари мо низ ҳамоҳангие доранд, ки дар ҳолати зарурӣ аз онҳо ёд хоҳем кард.

Дар фанни адабпажӯҳии ҷадид тадвини фарҳанги истилоҳоти девонӣ низ ба расмият даромадааст. Аз ин навъи таълиф ду китоб пешорӯй дорем, ки яке асари Шамис Шарики Амин "Фарҳанги истилоҳоти девонии давраи муғул" (Шамис, 1357) ва дигаре бо унвони "Истилоҳоти девонии давраи Ғазнавӣ ва Салҷуқӣ" ба қалами Ҳасан Анварӣ (Анварӣ, 2535) мутааллиқ аст.

Китоби "Фарҳанги истилоҳоти девонии давраи муғул" фарҳангест ба тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ аз истилоҳоти девонии давраи муғул, яъне истилоҳоти девонии якуним асрро дар бар мегирад. Фарҳанг аз назари шакл шомили матн ва поварақ мебошад. Дар матн истилоҳоти девонӣ, талаффуз, реша, маънӣ ва шоҳид оварда мешавад, дар понавишт ишора ба маохиз ва гоҳе калимаҳои бегонаи муғулӣ, туркӣ ва чинӣ, ки дар матни шоҳид омадаанд, маънӣ шудаанд. Доираи фарогирии фарҳанг маҳдуд ба калимотест, ки дар созмонҳои идории даврони муғул ба кор мерафтаанд.

Дар ин фарҳанг танҳо панҷ истилоҳ: *девони иншо(девони расоил, девони рисолат), девони туғро, рӯзномача, туғро, муншӣ (нависанда, дабир)* дарёфт шуд, ки чаҳор аз он пайванди мустақим ва яке биловосита ба масъалаи мавриди назар дорад.

Баръакси ин дар китоби "Истилоҳоти девонии давраи Ғазнавӣ ва Салҷуқӣ" бо фасли махсусе дучор мешавем, ки дар он истилоҳоти девони рисолат нисбатан муфассал ироа гардидаанд. Ин китоб аз сездаҳ бахш иборат буда, ҳар кадом ба девон ё созмоне хос ихтисос ёфтааст, ба мисли даргоҳ, девони вазорат, девони истифо, девони арз, девони ашроф, девони рисолат, девони барид, девони қузо, девони ваколат, эҳтисоб ва ҳирас (истилоҳоти марбут ба созмонҳои интизомӣ), чанд девони дигар: девони авқоф, девони садақа ва нафақа, девони муомилоту қисмат ва истилоҳоти мутафарриқаву оҳод дар девонҳо. Дар зайли ҳар бахш истилоҳоти марбут ба ҳамон девон тавзеҳ ёфтаанд.

Дар ин миён бахши шашум шомили истилоҳоти девони рисолат аст, ки пас аз муқаддимае дар тавзеҳи девони рисолат номаҳои маъмул дар девони рисолату дигар девонҳо ва истилоҳоти мутафаррикаи дигаре, ки дар девони рисолат мутадовил будааст, баршумурда шудаанд (Анварӣ, 2535, 160-183).

Бо таваҷҷӯҳ ба мазмуну мундариҷаи ҳар ду асари мазкур метавон ба чанд нукта ишора кард: Яке, он ки дар давраи Ғазнавию Салҷуқӣ таваҷҷӯҳ ба истилоҳоти девонӣ зиёдтар будааст ва муаллифони манобеу маохизи адабию таърихӣ дар хилоли осори хеш ишораҳои зиёде кардаанд, ки бесабаб нест. Маҳз дар давраи Ғазнавӣ аст, ки таваҷҷӯҳ ба китобати форсӣ дар девонҳо беш аз сойири даврaҳо нуфуз пайдо мекунад. Дигар, ин ки аллакай то замони муғул низоми девонӣ ва китобат ба забони форсии тоҷикӣ ҷоуфтода ва муназзам буд.

Баргардем ба асли мақсад. Истилоҳоти калидии мавриди назарро бо таваҷҷӯҳ ба бахши охирини онҳо, яъне бофти ҳунарии навишта баррасӣ менамоем.

1. Латифа – муаннаси латиф, ба маънои аҳволи латифа, ишороти латифа, гуфторе нағз, матлабе борик ва некӯ, нукта, базла, шӯхӣ, нуктаи борик, дақиқа, ишорати дақиқе, ки аз он маъние дар зеҳн хутур кунад, ки онро натавон таъбир кард (Мӯин, 1376-3, 3592). Ҳар чизи некӯ ва форсиён ба маънии сухани некӯ ва писандида истеъмол намоянд, некӯкориҳо ва некӯиҳо (ҳошияи китоб).

Амир Хусрав истилоҳи латифаро бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истифода бурдааст, чунонки гоҳе барои ба даст овардани ғараз дар як маврид бояд паҳлуҳои маъноии зиёдеро ба инобат гирифт. Аз ҷумла, дар мисоли зерин таркиби "латифа дар миён андохтан" истифода шудааст, ки пеш аз ҳама, далолат бар маънии фикри тоза пешниҳод намудан аст, сонӣ ишорати дақиқ ва ғайра: "Латифа дар миён андохт, ки дар кеши шумо тир наяндозанд, ман низ пеш хазидам ва чобукӣ якандоз кардам..." (Хусрав, 1876, рисолаи панҷум, 44).

Тавзеҳи тобиши маъноии ишорати дақиқро бо тарафҳои гуногуни он бо таваҷҷӯҳ ба ишорати "Кашфуллуҳот" дар ҳошияи китоб пайдо намудан мумкин аст: "Дар истилоҳи соликон латифа ишорате, ки дақиқ бувад маънии он, аммо рӯшан шавад аз он ишорат маънӣ дар фаҳм, ки дар иборат нагунҷад... Латифаи инсония ҳукамо нафси нотиқаро хонанд ва дарвешон дилро гӯянд ва дар ҳақиқат танзили рӯҳ аст...".

Ба ин монанд касеро, ки сухани некӣ биёрад, "латифаи Тироз" гуфтаанд.

Худи Хусрав дар нисбати латоиф даъвии балоғат мекунад, яъне латоифи ӯ бо балоғат оростааст. Масалан, дар ҷумлаи "Банда аз ҷавоҳири мадҳ шеърро мувашшаҳ сохт ва подшоҳ бандаро то гулӯ дар гавҳар ғарқ гардонид" латифа чунин аст, ки шоир шеърро мувашшаҳ кард, яъне ороиш дод, подшоҳ шоирро мувашшаҳ гардонид, яъне бо силаи зару зевар то гулӯ дар гавҳар ғарқ гардонид.

2. Ихтироъ – офаридан, нав овардан, навкорӣ кардан, чизе нав ангехтан, эҷод кардан, ҳар мавҷудеро, ки вуҷудаш бо намуна набошад ва қабл аз он монанде надошта бошад, мухтареъ мегӯянд (Мӯин, 1376-1, 165). Шикофтан, офаридан, аз нав берун овардан, падид овардани чизи нав, сохтани чизе, ки пештар монанди он дида нашуда бошад, сохтани дастгоҳ ё мошин, ё чизи дигар, ки қаблан касе назири онро насохта бошад (Амид, 1378-1, 113). Ихтироъ муштақ аст аз خرع, ки ба маънии шикофтан аст (ҳошияи китоб).

Дар нависандагии Амир Хусрав ихтироъ ба маънии офаридан, аз худ иншо кардан ва падид овардани нуктае ҷадид мебошад, ба тавре ки қабл аз ӯ мисли он пайдо нашуда бошад. Масалан, ихтирои ташбеҳоту маонӣ ва ғайра.

3. Ибдоъ – нав пайдо кардан, нав овардан, чизи тоза овардан, кори тозае кардан. Дар истилоҳи илми бадеъ ибдоъ ё саломатулихтироъ он аст, ки мутакаллим ё шоир каломе ё шеъре бигӯяд, ки дар он чанд санъат аз саноати бадеия бошад, аз қабили таҷнис, қалб, мутазод, раддулаҷузи алассадр... (Амид, 1378-1, 113). Эҷод, ихтироъ, эҷоди чизе аз ночиз, шеъри нав гуфтан, ба тарзи навин шеър сурудан (Мӯин, 1376-1, 120).

Дар ҳошияи китоб ба нақл аз "Кашфуллуҳот" ва "Зубдатулфавоид" ибдоъ ба маънии пайдо кардани чизе, ки наву тоза бошад ва дар асоси "Ғиёсуллуғот" ҳамчун навъе аз саноеи шеърӣ маънидод шудааст. Дар каломи Амир Хусрав ба маънии нахуст марсум аст, яъне пайдо кардани андешае, ки наву тоза бошад.

4. Ангехт – шакли масдариаш ангехтан, ба маънии ҷунбондан, ба ҷунбиш даровардан, баланд сохтан, баркашидан, водошт, водор кардан, таҳрик кардан, ҷаҳонидан, шӯронидан (Мӯин, 1376-1, 393). Пайдо кард, ҷунбонид ва иншо кард (ҳошияи китоб).

5. Возеъ - вазъкунанда, муқаррардоранда, созанда, офаринанда, холиқ; он ки дар миёни мардум қавонин ва аҳком падид орад, шореъ (Мӯин, 1376-4, 4651). Возеъ назди Амир Хусрав падид оварандаи чизе ҷадид ва вазъкунандаи ибдоъ ва ихтирое аст, ки боиси ба миён омадани тарзи наве мегардад.

6. Эъҷоз/Иъҷоз – оҷиз сохтан, нотавон гардонидан, оҷиз шудан, нотавон гардидан, аҷз, нотавонӣ; анҷом додани коре, ки дигарон аз он оҷиз бошанд, амре хориҷи одат, ки дигарон аз овардани он оҷиз бошанд (Муъин, 1376-1, 303). Эъҷоз/Иъҷозро аз "эҷоз/иҷоз" фарқ бояд кард. Мурод аз "эҷоз/иҷоз" кӯтоҳ гуфтан, сухани кӯтоҳ кардан, кӯтоҳгӯӣ, хулосагӯӣ, баёни мақсуд дар кӯтоҳтарин лафз ва камтарин иборат (Мӯин, 1376-1, 393) мебошад. Ғарази Амир Хусрав мафҳуми аввалӣ аст.

Истилоҳоти мазкур дар каломи Амир Хусрав танҳо ба маъниҳои мазбур истифода нагардидаанд, балки алфозе, ки ба девони иншо ва асҳоби шуғл ихтисоси бештар доранд, суратҳои корбурди ҳунарӣ ҳам доранд. Дар ин сурат таваҷҷӯҳ бештар ба мақом ва ҷойгоҳи истилоҳ нигаронида мешавад. Ба мисолҳои зерин таваҷҷӯҳ фармоем:

**Туғро:** "Ин ҷо туғрои подшоҳ қатори аламҳои сиёҳро монад, ки барои фатҳ насб шаванд. Алифҳои туғрои султонро дар иморати олам истодест, ки агар сахфи осмон халал орад, сутунҳои он тавонанд шуд".

**Тавқеъ:** "Подшоҳи аҳд ҳангоми ҷулус барои нишондани сиккаи тавқеъ аз Худо ёрӣ мехост, аз фатҳбоби осмонӣ нидо омад, ки "насрумминаллоҳ". Тавқеи султон хони подшоҳист, ки дар колбадаш тавқеъ кардаанд".

**Лисонуссалотин:** Малик Борбак, ки лисонуссалотин аст, комронии ӯ ба фармон комгории он аст. Фалон хонзода дар синни сиву ду лисонулсалотин шуд".

**Парвона:** "Мӯъминонро аз оташ халос нест, магар ба парвонаи рисолати Муҳаммад, вакили дари Худой".

**Рисолат: "**Подшоҳи мо малики Вакилдарро ба рисолати кофирон равон мекунад, то эшонро ба рисолати расул даъват кунад. Умед аст, ки ҳама мусалмон шаванд, зеро ки дар адо гӯӣ ваҳӣ мегузорад".

**Адо** (ба маънии тарз): "Малики хос ҳоҷати адое дорад, ки гӯӣ адои зарру гавҳар мекунад. Фалон адое дорад аз нақши адо парокандатар, ки ҳарф ба ҳарф намепайвандад".

**Балоғат:** "Фалон маликзода ноиби амири ҳоҷиб шуд ва пеш аз балоғат ба маҳали таблиғ расид"...

Ҳамин тавр, ҳар як калима пеши Амир Хусрав ҷойгоҳи мушаххас дошта, ҳангоми маърифати комили андешаҳои ӯ дар як вақт таваҷҷӯҳ ҳам ба маънии луғавӣ, ҳам истилоҳӣ ва ҳам бори маъноие, ки худи мусанниф ба онҳо медиҳад, ҳатто тарҷумаи вожаҳо низ амре зарурӣ мебошад. Нуктаи асосие, ки кулли паҳлуҳои маъноии калимаҳо, истилоҳҳо ва мафумҳои дигарро ба ҳам пайванд медиҳад, ҷанбаи ҳунарии корбасти онҳо мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** бофти ҳунарии навишта, шеваҳои сохторӣ, истилоҳ, махоиз, истилоҳ, мафҳум, истилоҳоти калидӣ, тадвини фарҳанги истилоҳоти девонӣ, ихтирои ташбеҳоту маонӣ.

## АДАБИЁТ

**Яздӣ, 1374-** **محمد مهدیررکنی یزدی، دیوان رسالت و آیین دبیری از خلال تاریخ بیهقی، درمجموعۀ سخن رانی های مجلس بزرگ داشت ابوالفضل بیهقی "یادنامۀ ابوالفضل بیهقی" (مشهد، 21 تا 25 شهریورماه 1349.- انتشارات دانشگاه فردوسی مشهد، شمارۀ 171. - 1374، 729+128 صح.**

**Шамис, 1357–** فرهنگ اصطلاحات دیوانی دوران مغول، تالیف شمیس شریک امین، بهمن ماه، 1357، 290صح.

**Анварӣ, 2535 -** صطلاحات دیوانی دورۀ غزنوی و سلجوقی، تالیف حسن انوری.- تهران، 2535 شاهنشاهی، 321

**Фарҳангнома, 1381–** فرهنگنامۀ ادب فارسیدتنشنامۀ ادب فارسی (اصطلاحات، موضوعات و مضامین ادب فارسی، جلد دوم، به سرپرستی حسن انوشه.- تهران، چاپ دوم، 1381. - 1537 صح.

**Хусрав, 1876–** دهلوی، امیر خسرو، اعجاز خسروی، جلدهای سه، چهار و پنج، مقام لکهنو، 1876، 631 صح

**Мӯин, 1376-1–** دکتر محمد معین، فرهنگ فارسی (متوسط، جلد اول)، چاپ یازدهم.- تهران، 1376. - -

**Амид, 1378-1–** **حسن عمید، فرهنگ فارسی عمید (سه جلدی، جلد اول)، چاپ ششم.-تهران، 1378. - -**

**Мӯин, 1376-3–** دکتر محمد معین، فرهنگ فارسی (متوسط، جلد سوم)، چاپ یازدهم.- تهران، 1376. -.

## ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ АСПЕКТЫ ПОЭТИЧЕСКОГО МАСТЕРСТВА

***Мисбохиддин Нарзикул***

В контексте "Расаил ал – э'джаз" Хосрава Дехлави встречается ряд понятий, что не сознавая их значения не представляется возможным досконально осмыслить глубокое содержание идеи автора. Эти понятия являются ключевыми терминами слога Амир Хосрава и они весьма многочисленны.

В данной статье рассматривается ряд таких ключевых терминов речи Амир Хосрава, которые напрямую связаны с поэтическим мастерством вообще.

LITERATE ASPECTS OF POETICAL ART

*Misbohiddini Narziqul*

A range of notions is presented in "Rasail - al - ijaz" text without understanding and taking in these ideas it is impossible to interpreter author's deep meaning. These notions are key elements to comprehend his works. Also, these elements are abundant in his masterpiece.

In this article key elements, which were mentioned above, are studied by using Amir Khusrav's utterances which are directly related to his art of poetry.

# САНЪАТҲОИ ЛАФЗӢ ДАР МАҶМӮАИ «ФАРЁДИ БЕФАРЁДРАС»-И ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

***Д.Ҳ. Қулов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Санъатҳои лафзӣ барои ороиш ва мавзунии сухан хизмат мекунанд ва як навъ дилхушии шеърӣ низ мебошанд. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар «Бадоеъуссаноеъ» миқдори ин навъи санъатро 27 адад гуфтааст ва Тӯрақул Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» 25 навъи санъатҳои лафзиро нишон додааст. Маъмултарин санъатҳои лафзӣ таҷниси лафзӣ, иштиқоқ, тарсеъ, эънот, мусаҷҷаъ, муздавач, такрир ва тафсир мебошанд, ки дар маҷмӯаи Лоиқ Шералӣ «Фарёди бефарёдрас» (1997) дар мавзунӣ ва равонии калом саҳми назаррас доранд.

Таҷниси лафзӣ аз ду ва зиёда калимаҳои ҳамҷинси якранг сохта мешавад, ки тартиби овозиашон як бошад ҳам, ҳар кадом маънои дигар доранд:[1]

Зода шуда аз Одам, одам нашудам, афсӯс,
Дар олами инсонӣ, олам нашудам, афсӯс.[2]

Дар ин байт такрори калимаҳои «одам» дар мисраи аввал дида мешавад, ки калимаи якум ба маънои ҳазрати Одам (а) ва калимаи дуюм ба маънои муқаррарии инсон омадааст.

Таҷниси ноқис он аст, ки дар таркиби калимаҳои ҳамҷинс ҳамсадоҳо якранг, лекин садонокҳо гуногунанд.[3] Монанди он ки дар байти поён калимаҳои «хурӯсон» ва «Хуросон» таҷниси ноқис аст.

Ту саргармӣ бо ҷанги хурӯсон,
Чи кардӣ бо Хуросони бузургат.[4]

Таҷниси зоид садоноки зиёдае дар яке аз ду калима аст.[5]Дар байти поён иловаи садоноки «у» дар калимаи «гардан» таҷниси зоид аст.

Гардунаи зиндагӣ ба гардан,
Аз гарданаи замон гузаштам.[6]

Таҷниси мураккаб зикри калимаҳои ҳамҷинс мебошад, ки яке аз онҳо сода ва дигаре мураккаб ё ба шакли таркиб аст:[7]

Дарёфтамат ин сон, ҷон ташнаву дил ташна,
Ман ҳам зи лабони ту дилташнагӣ бишкастам.[8]

Дар байти боло «дил ташна» ва «дилташнагӣ» таҷниси мураккаб аст.

Иштиқоқ зикри чанд калимаест, ки ҳуруфи онҳо дар гуфтан ба ҳам наздик ва ҳамҷинсанд ё ҳама калимаҳо аз як калима гирифта шудааст. [9]Дар байти поён калимаҳои «заҳра», «Зӯҳра» ва «заҳр» иштиқоқ аст:

Заҳрае нест, ки ба Зӯҳра парем,
Заҳри қаттоли гурдагоҳи худем.[10]

Тарсеъ санъатест, ки дар он калимаҳои мисраи якуму дуюмро ба сурати мутавозӣ ба як шаклу қолаб чиданро талаб мекунад.[11] Дар байти поён ҷуз калимаҳои якранг, калимаҳои «ҳанг»-у «ранг» ва «оҳанг»-у «авранг» тарсеъ шуда омадаанд.

Аз ҳанги ту оҳанги сухан авлотар,
Аз ранги ту авранги сухан авлотар.[12]

Эънот навъе аз санъати илтизом аст, ки дар қофияҳо пеш аз ҳарфи равӣ такрор шудани ҳарферо лозим мешуморад.[13] Дар рубоии поён ҳамсадои «г» ҳарфи равӣ буда, ҳарфи «н» эънот аст:

Гаҳ бода, гаҳе чакида, гаҳ банг задӣ,
Дар рӯи замин ба осмон ҳанг задӣ.
То ҳарзагии туро набинад аҳаде,
Бар шишаи чашми ахтарон санг задӣ.[14]

Дар шеър гоҳе баъд аз қофия калима ё калимоте чанд такрор мeёбад, ки онро радиф меноманд.[15] Аз 75 ғазали дар маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» фароҳамомада, дар 21-тои онҳо ду ва зиёда калимаҳо радиф шуда омадаанд, ки ғазали зерин намунае аз онҳо буда метавонад:

Он лаъли дилхунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт,
Он ёри маҳзунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Қолиб тиҳӣ созам агар, зору ҳазин ҷони падар,
Рав, беди маҷнунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.
Ин дафтару шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал,
Рав, чархи гардунро бигӯ, Лоиқ видоат карду рафт.[16]

Гоҳе шоирон шеъре мегӯянд, ки дар ҳар байти он ду қофия риоя мешавад. Ин санъат дар чанд рубоиву дубайтиҳои Лоиқ дида мешавад:

Ғазанфарзодаё, рӯбаҳ чароӣ?!
Сикандарзодаё, аблаҳ чароӣ?!
Самандарзодаё, хокистарат ку?!
Паямбарзодаё, гумраҳ чароӣ?![17]

Ҳоҷиб калимаест, ки миёни радиф даромада такрор мeёбад.[18] Дар байти поён ин санъат хеле хуб корбаст шудааст:

Ҳамойин шуд касофат бо шарофат,
Мувозӣ шуд фалокат бо кафолат.
Бинозам «дӯстии халқҳоро»,
Баробар шуд рақобат бо қаробат.[19]

Дар ду байти мазкур калимаҳои «касофат», «фалокат» ва «рақобат» дар қатори аввал ва калимаҳои «шарофат», «кафолат» ва «қаробат» дар қатори дуюм радиф шуда омадаанд. Пешоянди «бо» миёни радифҳо ҳоҷиб шуда омадааст.

Шеъри мусаҷҷаъ навъе аз санъатҳои лафзист, ки 3 навъ дорад ва ин навъҳои санъати мусаҷҷаъ дар ашъори Лоиқ хеле зиёд ба чашм мерасад. Саҷъи мутавозӣ он аст, ки дар ду мисраъ ё ибораву ҷумлаҳо калимаҳое оварда мешаванд, ки ҳам дар вазн ва ҳам дар равӣ як мебошанд. [20]

Эй ҷони меҳмон дар бадан, меҳмоният хуш бигзарад,
Эй хуни қурбони сухан, қурбоният хуш бигзарад.[21]

Дар ин байт калимаҳои «меҳмону қурбон», «бадану сухан» «меҳмонияту қурбоният» саҷъи мутавозӣ мебошанд.

Саҷъи мутавозин он аст, ки калимаҳои саҷъшавандаи охири мисраъҳо ё ибораву ҷумлаҳо дар вазн аз ғайри риояи ҳарфи равӣ якранг аст. [22] Намунаи ин санъат дар маҷмӯа қитъаи мазкур мебошад:

Ин ҷаҳон аст як дилозоре,
Лак-лак инсон аз ӯ дилозурда.
Батни хок аст пур зи мурдаи ҷисм,

Матни хок аст пур зи мурда.[23]

Дар ин қитъа калимаҳои «дилозоре» «дилозурда» ва «дилмурда» саҷъи мутавозин аст. Саҷъи мутарраф он аст, ки дар ду мисраъ ё ибораву ҷумлаҳо калимаҳое оварда мешаванд, ки дар равӣ як хел бошанд ҳам, дар вазн баробар нестанд. Ҳамчун калимаҳои «мизанд» ва «ночизанд», ки дар байти поён омадаанд:

Ин ду-се тан, ки соҳиби мизанд,
Чизнодидагони ночизанд.[24]

Қофияҳои дохили байт саҷъи байт ном дорад.[25] Намунаи ин санъат байти поён аст, ки калимаҳои «иддае», «зумрае» ва «дастае» қофия шуда омадаанд:

Мушти гиребон иддае, сар бар гиребон зумрае,
Ё бегиребон дастае, даъвои майдон омада.[26]

Муздаваҷ санъатест, ки шоир баъди риояти саҷъ ва қофия ду калимаи ҷуфт ва зиёда аз онро паси ҳам ё қариби ҳамдигар меорад.[27] Ғазали мазкур, ки матлаи он ин байт аст, ба пуррагӣ таҷассумгари ин санъат аст:

Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно?
Чаро ба гӯшам зи ҳар забоно расад ғирево, расад фиғоно.[28]
Такрир санъатест такрори бамавриди калимаҳо дар шеър, ки чандгунаест. [29] Аввалан такрори бамаврид ва дилкаш:

Будӣ табиби покҷон байни ғубору гардҳо,
Будӣ табиби содадил бар кулли гарму сардҳо,
Будӣ табиби мардҳо, номардҳо ё мардҳо?..
Будӣ табиби мардҳо! Куштандат ин номардҳо…[30]
Такрори калимае, ки дар аввали мисраъ омадааст, дар охири мисраъ:

Ману ту ҳавсалатангем, амон аз ману ту!
Ману ту даббаву дангем, амон аз ману ту![31]
Такрори калимае, ки дар миёнаи мисраи аввал омадааст, дар миёнаи мисраи сонӣ:

Маҷрӯҳ рӯҳи инсон аз заҳрбори кайҳон,
Пурбим ҷони инсон дар зери осмона.[32]
Дар байти боло калимаи «инсон» дар миёнаи мисраи аввал омада, дар миёнаи мисраи дуюм такрор шудааст.
Навъи дигари такрор калимаи дар мисраи ҳампаҳлу овардашуда, дар дигар мисраъ ҳамчун тафсир такрор мегардад:

Ҳайфи ман дар ин диёри мурдарег –
Мурдареги интизори мурдарег.[33]
Дигар такрори таркиб ё ҷуфт аст.Чунончи, дар ин байт:

Тапидам, бас тапидам, бас тапидам,
Дамидам, бас дамидам, бас дамидам.[34]

Дигар такрори феъл, исм ё сифат дар як қатор аст, ки боиси гӯшнавозии калом шудааст:

Эй асли девони ғазал, шод омадӣ, шод омадӣ,
Нақди дилу ҷон дар бағал, шод омадӣ, шод амадӣ.[35]
Санъати баргардониш такрор шудани яке аз ҳиссаҳои байт аст:[36]
Камони абрӯи ҷонон намезанад тире,
Замин замини камону замон замони камон.[37]

Ин ҷо садри мисраи аввал дар аҷузи мисраи дуюм омада, шаклан як бошад ҳам, маъноан дигар аст.

Навъи дигари баргардониш такрори ҳашви мисраи якум дар аҷузи мисраи дигар аст:

Дарюза мекунанд ба ҳар ҷо зи номи халқ,
Ғофил аз он, ки халқро бадном мекунанд.[38]

Дар ин байт калимаи «халқ» дар охири мисраи аввал ва миёни мисраи дуюм такрор шуда омадааст.

Баъзан калимаҳои такрор шаклан як, вале маъноан дигаргунаанд:

Бинӯш бода, ки парвози мастиат зебост,
Туро, ки бода накардаст ҳеҷ бебода.[39]

Навъи дигари баргардониш такрори калимаҳои охири мисраи аввал дар охири мисраи дуюм аст:

Аз чунин обишхӯри бенури холӣ
Орзӯям хоки холӣ, гӯри холӣ...[40]

Дар ин байт калимаи «холӣ» дар охири мисраи якум ва дуюм омадааст. Дар ин навъи баргардониш низ баъзан калимаҳо шаклан як, вале маъноан дигаранд, ки намунааш ин байт аст:

Ало мардум, шавам қурбони шонат,
Фикан бори ғуломиро зи шонат.[41]

Дар ин байт калимаи «шонат» такрор шудааст, ки аввалан ба маънои шӯҳрату бузургӣ ва сониян ба маънои китф омадааст.

Дар маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» ғазалест, ки матлаи он ин байт аст:

Ало, эй кӯҳи Чилмеҳроб, ало эй саҷдагоҳи ман,
Ба гардун мерасад аз фахри дидорат кулоҳи ман.[42]

Ғазали мазкур, ки бо андаке дигаргунӣ дар маҷмӯа оварда шудааст, санъати мувашшаҳро дар худ инъикос мекунад. Сарҳарфи ҳар мисраъ ба тартиб ҳарфҳои алифбои арабиасоси форсӣ ҳастанд.

Хулоса, нақши санъатҳои лафзӣ дар хушоҳангию ҷозибанокии ашъори маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» хеле калон аст ва истифодаи 12 навъи санъатҳои лафзии дар фавқ нишондодашуда гувоҳ аз ҷирадастию маҳорати баланди қаламкашии Лоиқ Шералӣ медиҳад. Гарчанде ки санъатҳои лафзӣ як навъ суханбозӣ, ё суханороии шоирона бошанд ҳам, лек гумони ғолиб он аст, ки то лафз зебо набошад, маънӣ зебо намешавад. Ба ҳамин тариқ, саҳми санъатҳои лафзӣ дар ифодаи мазмуну ғояи ашъори маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» назаррас ва намоён мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** санъатҳои лафзӣ, маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас»-и Лоиқ Шералӣ, таҷниси мураккаб, таҷниси ноқис, қофияҳо, шеъри мусаҷҷаъ, санъати баргардониш, ҳоҷиб.

## АДАБИЁТ

1. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – Душанбе: Маориф,1990. – с.96.
2. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – Душанбе: Адиб,1997. –с.114.
3. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – Нашри зикршуда. – с.128.
4. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – Нашри зикршуда. – с.185.
5. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Душанбе: Ирфон,1974. – с.17.
6. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.222.
7. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.131.
8. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.147.
9. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.134.
10. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.75.
11.Х.Мирзозода. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф,1992. – с.142.
12. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.162
13. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.138.
14. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.256.
15. Х.Мирзозода.Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Нашри зикршуда. – с.105.
16. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. –с.153.
17. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.178.
18. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.191.

19. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.143.
20. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.175.
21. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.145.
22. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.105.
23. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.145.
24. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.209.
25. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.145.
26. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.208.
27. Х.Мирзозода.Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – с.124.
28. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.66.
29. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан. – с.147.
30. Лоиқ.Фарёди бефарёдрас. – с.106.
31. Ҳамон ҷо. – с. 40.
32. Ҳамон ҷо. – с.66.
33. Ҳамон ҷо. – с. 55.
34. Ҳамон ҷо. – с. 216.
35. Ҳамон ҷо. – с. 178.
36. Ҳамон ҷо. – с. 122.
37.Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан. – с.150.
38. Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. – с.71.
39. Ҳамон ҷо. – с. 79.
40. Ҳамон ҷо. – с. 152.
41. Ҳамон ҷо. – с. 216.
42. Ҳамон ҷо. – с.133.

**ХУДОЖЕСТВЕННОЕ МАСТЕРСТВО В СБОРНИКЕ «БЕЗОТВЕТНЫЙ КРИК» ЛОИКА ШЕРАЛИ**

***Д.Х.Кулов***

Лоик Шерали считается одним из талантливых поэтов 20 века. Содержательная и разновидная поэзия поэта имеет много читателей. В данной статье показано высокое мастерство Лоика Шерали с использованием художественного мастерства в сборнике «Безответный крик».

**THE ORAL CULTURE IN THE WORK "SHOUTING WITHOUT ANSWER" LOYIK SHERALY**

***D.H.Kulov***

The readers admire upon Loyik Sheraly's poetry and his determination with all his talent. His poems and prose works are very popular with Tajik people to this day.He become knows as the best work: "Shouting without answer".

## НАҚШИ УНСУРҲОИ УЛУМИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР ОСОРИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

***Салими Хатлонӣ***
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Омӯзиши унсурҳои табиатшиносӣ, инчунин, мавзӯи тадқиқоти назарӣ ва шаклгирии он мутобиқи ахбори сарчашмаҳои қадимтарини Эрониву Ҳиндиву Юнонӣ ва дигар маохизи атиқа, ҳанӯз аз замонҳои пайдоиши Одам мавриди таваҷҷӯҳ ва пажӯҳиши аҳли таҳқиқ қарор гирифтааст. Пеш аз ҳар назари дигар, ки ин ҷо дар шинохти мавҷудоти табиат ва дарки фаҳми маонии онҳо бо растагорӣ аз бунбастгоҳи тавағҳум ва таҳайюр моро метавонад раҳнамоӣ кунад, дар мавқеъ ҳатмист, ки ровӣ, ҳодӣ ва далел ҳамин маохизе чун ашъори «Маснавӣ» ва ё «Девон»-и Мавлоно бошанд.

Дар бисёр ҳолат бо таҷриба аз омӯзиши осори ӯ ба тасвирҳое рӯ ба рӯ меоем, ки бо хаёл созгор афтодаанд ва дар мавриде дигар, баръакс, чи хаёл ва чи тасвири эҷодкор, аз ҳам ниёзҷӯ расидаанд ва аз назари мантиқ ин амри воқеъист ва дар осори Мавлоно ба ҳукми далоиле фаровон аз ашъори «Девон» ва «Маснавӣ» метавон, ки дар ин мавзӯъ намунаи муаддадеро мисол овард.

Пеш аз он ки табиат ва ё мавҷудеву ҷузъе аз он мавриди тасвир қарор мегирад, эҷодкор нахуст ҳасту буди онро, ки дар зеҳнаш парвардааст, дар эҳсоси худ хаёлан ҷилва медиҳад, ваҷоҳати онро дар тасаввури худ нақш меандозад, баъдан аз маониву бардоштҳои маърифатии он бо сухан тасвир меофарад. Аммо дар ҳар маврид, чунонки маълум аст, моҳияти омӯзиши табиат аз шинохти маънавии

замин ва фазо шурӯъ мегардад, ки оғози шаклгирии тамоми мавчудот ба ҳастии ин ду мафҳум вобастагӣ дорад.

Тасвири замин ва осмон аз назаргоҳи Мавлоно, пеш аз ҳама, вобастагие дорад бар асоси ишқ, ки дар ин маҷоз осмон ҳикмати ошиқ (мард) ва замин ҳикмати маъшуқ (зан)-ро дорад ва осмон хосияти афзояндагӣ ва замин хусусияти зояндагиро доро мебошад, ки ин муаммо дар таъбироти ирфонии Мавлоно дар сувари нӯҳ табақи офоқ, ки ҳар табақе ба тариқате дар иртиботи халқ ва Халлоқ нигаронида шуда, рози номакшуфи он дар бунёди Одам таваҳҳум ва таҳайюрро ба сифати маҳаки фитрӣ ва муфаззали тахайюл ба бор овардааст, чунин сурат меёбад:

Ман ин айвони нӯҳтӯро намедонам! Намедонам!
Ман ин наққоши ҷодӯро намедонам! Намедонам!
Чу тифле гум шудастам ман миёни кӯву бозоре,
Ки ин бозору ин кӯро намедонам! Намедонам!
Замин чун зан, фалак чун шӯ, хурад фарзанд чун гурба,
Ман ин занрову ин шӯро намедонам! Намедонам [1]

Зиндагии инсон бо таҳаввулоти табиат пайванде дорад ногусастанӣ ва инсон аз тариқи мадорики хеш бо ҳама аносири табиат иртибот меҷӯяд ва комгориеро баҳри муваффақ гардидан низ ҷиҳати дастовардҳои бештар, нахустин бор дар ҳамин эҳсосоти зеҳнии худ замина мегузорад.

Ҳар маънае, ки дар мавриди офариниши тасвири ашё ва ё мавҷуде дигар бо партаве ҳувайдо мегардад, маҳсули авотифи тахайюл ва ҳамон эҳсоси зотист, ки дар зеҳни Мавлоно аз шинохти баргу бари табиат ба бор омадааст ва онро пеш аз далелҷӯӣ, ҳанӯз дар оғоз дарк мекунад ва сувари он дар хаёлаш нақше овардааст, ба монанди он ки мегӯянд: «кашфи ҳар як аз қавонини табиат, худ навъе бедорӣ аст, навъе таҷриба аст, навъе шеър аст»[2].

Мавлоно, пеш аз он ки ба нигориши сувари хаёл мепардозад, аввалан, дар мутобиқоти андешаҳои мантиқии хеш иртиботи миёни табиат ва инсонро дар ҳамоҳангӣ бо назари ифодагари ҷаззобият мебинад ва ҳамбастагии онҳоро ба мушоҳида мегирад. Ин аст, ки хонанда ҳангоми мутолиаи осоре чунин, яъне, марбути табиат, хешро дар ҷаҳоне дигар меёбад, ки ин ҷаҳони тасвир аст ва ин ҷаҳон аз назаргоҳи тахайюли ифодагар мавриди дидан ва нигориш қарор мегирад. Тасвири мантиқӣ, ки аз кӯшиши зеҳнӣ ва тахайюли Мавлоно ба бор омадааст, равобити ҳолу ҳолат ва ҳамбастагии миёни табиат ва инсонро ҳамчун падидаи аносири маънавии тафаккур ҳамеша бо ривоҷу кушоиш дармеёбад.

Гурӯҳе аз толибони ақидаҳои маънавӣ ҷанбаи мантиқии осори пурмоя, бавижа тариқи суварофаринии Мавлоноро аз диди назарӣ ва бархе аз нигоҳи мантиқан зеҳнӣ мебинанд, вале аз осори худӣ азаматандозаи ӯ, чуноне дар мувофиқат бар мутолиот бармеояд, агар тарзи назарӣ истифода шуда бошад ҳам, аммо тарзи риояти таомули истифодаи тафаккурро бештар бо мутобиқати қавонини мантиқ мавриди истифода гирифтааст, ки дар мавқеъ аз ин ҷавҳари тахайюл намунаи беҳтарини тасвирҳои шоирии ориф ба бор омадаанд.

Тасвири Мавлоно аз сирояти таваҳҳум ҳамчун мояи асосбахшандаи аносири тафаккур бештар, чунон ки аз ин манзур асоси офариниши тасвирро меҷӯяд, ба бор омадаанд, зеро ӯ аз боздидҳои назарӣ сари ҳар андешаи хеш ба ҳикмати баборовардаи табиат рӯй овардааст, вале бо ин ҳам қаноат намеорад, ки бо руҳдодҳои тағйирпазири тахайюл аз назаргоҳи як нафар инсони эҷодкор, ки худи ӯст, боз ҳам бештар ниёз дорад.

Мавлоно гӯянда ва тасвиргари даррок аст, ҳама аҷзои табиатро мебинад ва набзи олами мавҷудро эҳсос мекунад, чӣ дар обу ҳаво ва, чӣ дар хоку чӣ дар вуҷуди аҷроми осмон. Ҳама он чиро, ки дар эҳсоси хеш ҷой додаст, албатта, дар хаёли тасвирофараш ғунҷоиш дода ва онро ҳифз намудааст ва он ҳамаро нахуст мебинад, ки мегӯяд: «Оташ аз санге равон шуд, об аз санге дигар»[3] ва ин ҳама тасвирҳои гуногун офаридаи ӯ низ маҳсули нақши тахайюл буда, ки дар ашъори «Девон», инчунин, тамсилот ва қиссаҳои ҳикматомези «Маснавӣ» зиёд ба чашм мерасанд. Ва ё дар ин маврид, ки аз назари як бинандаи даррок ба мушоҳида мегирад ва мегӯяд:

Чун зи санге чашмае ҷорӣ шавад,
Санг андар чашма мутворӣ шавад.
Кас нахонад баъд аз он ӯро ҳаҷар,
Чунки ҷорӣ шуд аз он санг он гуҳар[4].

Мавлоно ситоишгари хоку обу замини муқаддас аст, ки қимати ҳастиро дар он тақдис кардааст ва дар ин миён ба истисно Одамро ба донае ташбеҳ медиҳад, ки ниёзманди анфоси

Раббонист, то нумӯ мeёбад ва баҳри иршод бахшидани дигар мавҷудоти олам бо тақдир намудани онҳо ҷадал менамояд, чунонки дар ин қитъа «дона»-ро рамзи Одам медиҳад ва «ишораи баҳор»-ро бо мақдурии нафаси Офаридгор ба тасвир мекашад ва мегӯяд:

Монандаи дона зери хокам,
Мавқуфи ишораи баҳорам[5].

Мавлоно, бо он чӣ ки дар тамсилоти хеш овардааст, тасвири азаливу зотии ашёро, албатта, манзур дорад ва он рангу сурату сирату миҷози ашёро санҷидаву шинохта, дар ҳарф-ҳарфу байт-байти хеш, чунинки таҷассуми ҳастии ин ҳамаро ҳамчун ҷузъи табиат инъикос менамояд. Чунин бармеояд, ки ӯ соҳиби таҷрибаи хоси маънисозӣ, услубшиносӣ, фитрати даррок ва заковати зеҳнии тасвирофаринӣ дорад, ки дар ин таҷриба кам шоироне чун ӯ тавонманду муваффақ расидаанд. Таҷрибаи Мавлоно дар офариниши тасвири табиат ва аҷзои шаклҳои он, аз сарчашмаҳои авотифи шӯурӣ ва зеҳнӣ ба бор омадаанд ва ин ҳама падидаҳои отифӣ дар омезиши ғоятҳои фитрӣ бо тахайюл дар офариниши тасовире чунин дар осори ӯ мусоид афтодааст.

Мавлоно дар зимни офаридани тасвири мавҷудоти олам, аз шинохти аҷзоъ ва ашёъ, абру боду борон, обу хоку сангу гиёҳ, ҳайвонот ва аҷроми осмон, инчунин, бо истифода аз тамоми саноеи бадеӣ комгориву саодат меҷӯяд. Истифодаи саноеи бадеӣ, билхосса санъати ташбеҳ, талмеҳ, рамз ва бавижа, тамсил дар осори пурғояти ӯ нақши пурасрор бозидааст. Чунин тарзи нақшофаринӣ дар қитъаҳои фаровони «Девон» ва «Маснавӣ» бараъло ҳувайдо мегарданд. Қитъаи зер намунаи мисол метавонад буд:

З-абри гирён шох сабзу тар шавад,
З-он ки шамъ аз гиря сӯзонтар шавад[6].

Дар мавриде дигар ҳамбастагии мавҷудоти оламро бо созгории ҳастӣ ва аҷзои Одам мутобиқ ва дар иртибот мебинад:

Ҳар гули сурхе, ки ҳаст аз мадади хуни мост,
Ҳар гули зарде, ки раст, раста зи сафрои мост.
Шаб чу бувад, рӯз низ шӯхраву расвои ӯст,
Коҳиши маҳ аз ғами моҳи дилафзои мост[7].

Мавлоно дар мавқеи офариниши тасвири табиат нахуст рангу сифати зоти Ҳақро мебинад ва аз таровиши нури ҷонбахшои он таҷаллӣ ба сувари офаридаи хеш рангубор бахшида, ҳар тасвиреро бо нерӯи ҷаззоби он пардоз медиҳад. Табиат низ тамоми мавҷудоти оламро аз тариқи ҳамбастагиҳои зотӣ пайвасту баст медиҳад, ки вуҷуди Одам аз азал ба ин пайванд вобастагие дорад. Мавҷудоте табиат дар ҳама тасовире, ки аз ин осор бармеояд, шукри обу хоку адолати фаслро, ки аз тараҳҳуми Офаридгор ба бор омадаанд ва ҳаст шуданро бо мурод истиқбол менамоянд ва бо забони «безабон»-ӣ шукри илтифоти Он доранд, нахуст манзури Мавлоноро шарҳ медиҳанд. Ин ки мегӯяд:

Безабон гӯянд сарву сабзазор,
Шукри обу шукри адли навбаҳор[8].

Мавлоно дар ҷунбиши барг ва ё вазидани бод ва, умуман, дар пешомади ҳама баҳонаву баҳо, ки мавқуфи мавҷудоти олами ҳастӣ ба шумор мераванд, нахуст лутфу марҳамати Офаридгорро мебинад, ки дар мавриди зер мебинем ва чунонки бармеояд, ин икром таъбиреро ба ёд меорад, ки «бе лутфи Илоҳӣ барг дар шохе намеҷунбад». Ин ки мегӯяд:

Ин шамолу ин сабову ин дабур,
Кай бувад аз лутфу аз инъом дур?
Як кафи гандум зи анборе бубин,
Фаҳм кун, к-он ҷумла бошад ҳамчунин.
Чун бимонад дер он боди вазон,
Ҷумларо бинӣ ба Ҳақ лобакунон[9].

Мавлоно ҳатто расидани мева ва баргу шаҷарро низ ба мушоҳида мегирад ва сувари рустани онро аз «оғоз» баҳо мегузорад ва зоҳиру ботини онро бо ифодаи «ҳаст шудан» баҳо мекунад ва моҳияти ҳаст гардидани онро аз «бех», ки бунёду оғоз аст, эътироф мекунад ва «боғбон»-еро, ки меситояд, низ Офаридгор аст:

Зоҳиран он шох асли мева аст,
Ботинан баҳри самар шуд шох ҳаст.
Пас ба маънӣ он шаҷар аз мева зод,
Гар ба сурат аз шаҷар будаш валод[10].

Табиат ҳамеша дар ҳоли тағйирпазирӣ ва фаслшавӣ қарор дорад ва чунин тарзи шаклгирии намои ҳастӣ дар мавҷудияти ашё ва сурати зоҳириву ботинии Одам ба ҳамбастагиҳо ва омезишҳои физикӣ ва кимиёвӣ вобастагие дорад, ки дар ҷазбшавӣ ва пайвастан бо ҳам ҳулул ёфтаанд ва дар амри ин ҳулул офариниши тозаеро ба бор овардаанд ва Мавлоно ин тарзи суратпазириро, ки сувари ҳастӣ, мояи мавҷудро ба бор овардааст, нахуст дар андешаҳои мадракии хеш таҳаммул мекунад ва чунин мушоҳидаро дар осори хеш, чунонки озмудааст, ба риштаи тасвир мекашад. Дар мавқеи кимиёӣ шудани заррот, обу ҳаво ва дигар мавҷудоти табиат бо назариёти тадқиқгар ва кашшофият иқдом мекунад ва дастовардҳои хешро аз чунин дунболагириҳо бо комгорӣ истиқбол менамояд. Чунонки мегӯяд:

Об аз ҷӯшиш ҳамегардад ҳаво,
В-он ҳаво гардад зи сардӣ обҳо.
Балки бе иллат ва берун з-ин ҳикам,
Об рӯёнид таквин аз Одам[11].

Дар ин мавқеият, ки шинохти сувари ҳастӣ аз ҷониби орифе, чун Мавлоно ногузир аст, зеро рӯҳи дарроки ӯ мавҷудияти вазиши бод ва обу оташро мешиносад, чунонки овардааст: «бод низ мисли обу оташ рӯҳу тамйиз дорад»[12]. Сувари чунин омезиши ҷузъӣ ва кимиёӣ шудани аҷзои табиат аз назари таҳқиқгари Мавлоно бо бардоштҳое, ки аз шинохти маърифатии олами мавҷуд дорад, ин тавр таҳлил мегирад:

Чу бодро фисуронад, зи бод об кунад,
Чу обро бидиҳад ҷӯш, аз ӯ ҳаво созад.
Зи кимиё аҷаб ояд, ки зар кунад мисро,
Мисе нигар, ки ба ҳар лаҳза кимиё созад[13].

Мавлоно дар иртиботи мавҷудот ва улуми табиатшиносӣ аз омезиши модда ва маод дар мавриди кимиё ва симиё ба мавқеъ сухан мегӯяд, чунонки моҳияти пайдоиш ва афзоишро, ки нуфӯзи мавҷудотро дар омезиш ва созиш ҳувайдо мебинад, бо таҳқиқ арзёбӣ мекунад. Ва нафаҳоту нафосати ҷонфизои Офаридгор аст, ки «сангеро ҳунар» мебахшад ва онро зарфизо мегардонад ва лутфи Ҳақ аз он гавҳари тобанда месозад. Ин ки мегӯяд:

Օнчунон ки дод сангеро ҳунар,
То азизи халқ шуд, яъне ки зар.
Қатраи обе биёбад лутфи Ҳақ,
Гавҳаре гардад, барад аз зар сабақ.
Ҷисм хок асту чу Ҳақ тобеш дод,
Дар ҷаҳонгирӣ чу маҳ шуд устод[14].

Кашфиёти физикӣ ва кимиёӣ дар ҳар мавриди тавонистаанд, ки то ҳадде розкушои ҳаводису пешомадҳо ва тазодҳои олами мавҷуд бошанд, ки табиати Одам низ аз дидгоҳи Мавлоно бо ин тағйирпазирӣ мислу мушобиҳате дорад. Чунонки тамоми мавҷудот ва зарроти олам дар мавқеи шаклгирӣ ба ҳамдигар вобастагие доранд, мисле ки обу хоку оташу бод дар сурат касб намудани ҳам муассир будаанд ва ин вобастагӣ ба шаклгирии Одаму олам низ беш аз ҳар назаре таъсирпазир аст. Мавлоно бо омӯзиш дар мавриди чунин мушоҳидот бамавқеъ мегӯяд:

Обҳо дар ҳавз агар зиндонӣ аст,
Бод кашфаш мекунад, к-арконӣ аст.
Меҷаҳонад, мебарад то маъданаш,
Андак-андак, то набинӣ бурданаш[15].

Мавлоно моварои табиатро бо тамоми мавҷудоти олам аз шаш ҷиҳат, он гуна ки маънии «шаш ҷиҳат» аз дидгоҳи ӯ моҳияти қудсӣ дорад, мавриди назар ва тадқиқ қарор медиҳад, ки ин олам аз

манзаре чунон тахайюл ва таваҳҳумро ба намо гузошта, дар тафаккури ӯ эҳсосоти таҳайюрро бедор мекунад. Чунонки меафзояд:

Шаш ҷиҳат магрез, зеро дар ҷиҳот,
Шаш дар асту шашдара мот асту мот[16].

Шаш ҷиҳат аз дигар манзар сувари офоқ аст, ки ин назаргоҳро масири сайрулибод, маҳали сайронии Одам, мақоми офарандаи вачд аз дидгоҳи Одам бар мабдаъ ва маод, олами ашё ва фазову ҷирмҳои осмонӣ фароҳам намудааст, чунон дар амре, ки фазо ҷавлонгоҳи андешаву тафаккур ва мовароч чархишу гардиши назари таҳлилгару тадқиқгари Мавлоно дар саросари осори пурмӯҳтавояш ба шумор меравад.

Мавлоно дар ҳар ҳолат аз ҷанбаҳои дигари шинохти маърифатии хеш бо халлоқият назари мутаносибан фарқкунанда дорад, зеро ӯ нахуст шоир аст ва шоир пеш аз ҳар таҳқиқе мояи шуури хешро, ки овардаи ҳикмат аст ва таҷассумгари моҳияти тасвири бадеӣ мебошад, ба хотири муназзам нигоҳ доштани маънавияти адабиёт ба кор мебарад. Бо он ки «шаш ҷиҳат» мегӯяд, аз ҳар ҷиҳате манзур симои Офаридгорро мебинад ва «ҳафт фалак» ташбеҳ ба ҳафт тариқати расидан то ҷониби даргоҳи он, чунонки ин симо дар осори ӯ ҳамеша таҷаллибахши офоқ ва койин ҳувайдо мегардад. Ва ё дар чунин маврид ҷилваи «ҳафт ахтар»-и раҳнамо ва ҳодиро ба тасвир медиҳад, ки низ дар ин олами «шаш ҷиҳат» гувоҳи ҳафт тариқати ишқ ва орзуи расидани солик ба макон, ки мақоми Офаридгор мебошад. Байти зер намунае бар ин гувоҳ аст, ки мегӯяд:

Ҳафт ахтаранд омил дар шаш ҷиҳат, валекин,
Эй ишқ, бардаридӣ ин ҳафтро аз он шаш[17].

Бо он ки «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно низ иборат аз шаш дафтар аст, дар маънии «шаш ҷиҳат» киноя бар ҷаҳони «шашдар», яъне, офоқ, ки мақоми сайрон- атрофи ғарибгардонии Одам аст, далолат мерасад ва Мавлоно аз ин «шашдар» ба мақоми «ҳафтум», ки даргоҳи вуслату ҳулул ба шумор меравад, расидани Одамро нигаронӣ дорад. Чунонки бо ин шаш дафтар Мавлоно «Маснавӣ»-и хешро поён намебахшад ва Одамро ҷиҳати дарёфти тариқати «ҳафтум» аҷобати саргардонӣ медиҳад ва бо иддаои он, ки «Маснавӣ» иборат аз шаш дафтар аст, Абдураҳмони Ҷомӣ ҷиҳати ҷавоб ба муддаиёне, ки аз мавҷудияти «дафтари ҳафтум» газоф бофтаанд, мегӯяд:

Ҳаст з-ин хуш нағмаҳои ҷонфизо,
Маснавӣ дар шаш муҷаллад якнаво[18].

Вале дар ҳар маврид истифода гардидани калимаи «шаш» аз дидгоҳи Мавлоно ифодаи тариқати бепоён ва нотамоми Одами солик аст, ки мазоми асри Аслро ҳадаф дорад ва он тариқати бепоён ва ноаёни ақл аст, ки ба мақоми ишқи азал ҳидоят мехоҳад. Далел ин аст, ки Мавлоно мегӯяд:

*Ақл гӯяд: «Шаш чиҳат ҳад асту берун роҳ нест»,*
*Ишқ гӯяд: «Роҳ ҳасту рафтаам ман борҳо»[19].*

Дар амри дигар аз рӯи шинохти Мавлоно «шаш ҷиҳат» нахуст намое бар уфқи сайронии Одам ва нишоне аз сувари тарафу ҷонибу сӯй ва кӯй аст, ки иқдоми Одамро ҷода мебахшад ва онро амри ҳаракот медиҳад:

Нури чашму мардумак дар дидаат,
Аз чӣ раҳ омад ба ғайри шаш ҷиҳат?
Олами халқ аст бо сӯву ҷиҳот,
Беҷиҳат дон олами амру сифот[20].

Мавлоно дар ҳар маврид ситоишгари ишқ ва ҳидоятгари роҳи расидан ба «ваҳдати вуҷуд» аст ва дар назари хеш айнияти муҷассами ошиқонаву ишқро мебинад. Бо баҳор ва зебоиҳои хокдон, анфоси боду нидои раъду барқ, амвоҷи баҳри гавҳарбор, абрҳову намои моҳ, тағйироти боду ҳаво ва рамзбардориҳои «шаш ҷиҳат» ва бо умед аз хок сар кашидани донаҳоро мебинад ва онро аз умқи ҳайратбори асотир бо муқоисаи асомии Нӯҳ ва ғайра, ки шукргузори номи ӯ, яъне, Офаридгоранд, ба тасвир медиҳад. Чунонки дар ғазали зер овардааст:

Услуби тасвирофаринии Мавлоно дар шинохти маънавии табиат, пеш аз ҳама, дар шинохти маънавии олам ва муайян намудани ҷойгоҳи Одам дар ин моваро ҳувайдо мегардад ва, бо он ки эҷодгаре чун ӯ мушоҳидакор ва зебошинос аст, танҳо ӯ метавонад, ки тамоми мӯъҷиботу рангро дар хоку обу баргу шаҷар ва ҳатто дар симову хунгарди Одам ба инобат гирад, то бошад, ки сувари офаридаашро, ки, бешак, бо сухан иброз мегардад, мӯъҷазу дилнишин ва ҷаззобу гуворо бинад.

Мавлоно дар амри офариниши тасвир зоҳиру ботини аҷзоъ ва куллияи мавҷудоти оламро мӯҷиби ифшо намудан меёбад ва нахуст мукошифаи асрори табиатро дар зоҳиру ботини Одам, бавижа табиати хулқу хӯи хеш имтиҳон мекунад ва ин аст, ки беш аз ҳар эҷодкоре, ки даъвои рамзнигорӣ ва тамсилофарӣ дорад, муваффақтар мерасад. Дар ин мавқеъ сароғоз, чунонки дар саросари осори хеш озмудааст, ҳақиқати мавҷудоти олам ва инъикоси табиатро ба ду навъ, яъне, ҳақиқати кулл, ки бевосита ва мутлақо Офаридгор аст ва ҳақиқати ҷузъӣ, ки мансубияти он ба ашёи олами мавҷуд, яъне табиат ва Одам вобастагӣ дорад, арзёбӣ менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** унсурҳои табиатшиносӣ, офариниши тасвир, ҳақиқати мавҷудоти олам, инъикоси табиат, назаргоҳи Мавлоно, услуби тасвирофаринии Мавлоно, ситоишгари ишқ.

## АДАБИЁТ

1.Куллиёти Шамси Табрезӣ. с. 555.
2.Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Теҳрон, нашри Огоҳ-1366. с. 19.
3.(732 с.)
4.Куллиёти Шамси Табрезӣ. с.190.
5.Маснавии маънавӣ. с. 531.
6.Куллиёти Шамси Табрезӣ. с.595.
7.Маснавии маънавӣ. с. 200.
8.Куллиёти Шамси Табрезӣ. с. 211.
9.Маснавии маънавӣ. с.674.
10. Маснавии маънавӣ. с.345.
11. Маснавии маънавӣ. с.355.
12. Маснавии маънавӣ. с. 295.
13. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Баҳр дар кӯза. Теҳрон, интишороти илмӣ. 1374.с.75.(616с.)
14. Девони Шамси Табрезӣ. с. 366.
15. Маснавии маънавӣ. с. 431
16. Маснавии маънавӣ. с. 38.
17. Маснавии маънавӣ. с. 134.
18. Куллиёти Шамси Табрезӣ. с. 495
19. Абдураҳмони Ҷомӣ. Рисолаи Нойия. с. 3.
20. Куллиёти Шамси Табрезӣ. с. 99.
21. Маснавии маънавӣ. с. 436.

## РОЛЬ ЭЛЕМЕНТОВ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

***Салим Хатлони***

В произведениях Джалолуддина Руми правда о всех существах мира и образ природы отражены двумя способами: 1. Абстрактная правда – существование самого создателя природы – Бога. 2. Частичная правда, то есть сама природа и Человек которые принадлежат Создателю.

## THE ROLE OF ELEMENTS OF NATURAL SCIENCE IN THE WORK OF JALOLUDDIN RUMY

***Salimy Khatlony***

The article considers about the work of Jaloluddin Rumy truth about all of creatures of world and the apperance of nature reflects with two methods: Abstract's truth- the existence of self-creator's noiture-God. 2. The partial of truth, that has nature and person who belongs Creator.

# КУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКАЯ И НРАВСТВЕННО-ВОСПИТАТЕЛЬНАЯ ЦЕННОСТЬ ИНТЕГРИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ И ЛИТЕРАТУРЕ В ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

*М.М. Товбаева*
Таджикский государственный институт языков

Гуманизация и гуманитаризация современного образования определила важность в школьном филологическом образовании культурологического и национально-культурного компонентов, а геополитические изменения в современном мировом сообществе, необходимость обеспечения межкультурной коммуникации определили актуальность изучения национальных языков и литератур. Современные образовательные учреждения Республики Таджикистан, используя мировой и отечественный опыт изучения и преподавания русского языка как неродного и иностранного, на наш взгляд, обязаны построить преподавание языка в широком филологическом и культурологическом аспектах. Невозможно подлинное постижение всех тонкостей и сложностей неродного языка вне литературы: учитель-словесник обязан приобщать своих подопечных не только к собственно языковому, но и эстетическому пониманию художественного произведения на языке оригинала.

В свете теории речевой деятельности учитель-русист должен учесть не только психолого-педагогическую роль и значение литературы на уроке русского языка, но и культурологические и социолингвистические возможности искусства слова. Воспитательный же потенциал литературы поистине неисчерпаем, его роль в формировании речевых навыков школьников и в формировании личности трудно переоценить.

О включении на уроке языка, в том числе и неродного, знаний истории и культуры народа говорили практически все методисты, начиная с Ф.И. Буслаева. Однако, в настоящее время назрела особая необходимость культурологического подхода к изучению языка. Во-первых, культура – это коммуникация. Во-вторых, понятие культура – базовое понятие в межкультурной коммуникации, в общении между членами двух и более разных культур. Наконец, культура – это сумма всего созданного в рамках материальной и духовной культуры человеческого общества: представлений, знаний, обычаев, верований, произведений литературы, архитектуры, живописи и т.д.

А язык – важнейший элемент культуры, форма мышления. В этом плане, язык, мышление и культура системным и неразрывным образом взаимосвязаны между собой, составляя единое целое, где ни один из которых не может существовать без других.

Сегодня весьма актуален вопрос о формировании у обучаемых культурологической компетенции своей и «чужой» страны, которая включает также и литературное образование - ведь литература в этом случае синонимична культуре, без которой невозможна настоящая образованность. Без изучения лучших образцов национальной литературы, как принято считать, образование лишено всякого воспитательного аспекта. Литературное образование как ведущая идея связывает культурную компетенцию страны изучаемого языка с литературно-эстетической компетенцией, включающей в себя функционально-формальные цели обучения: выразительность, принятие перспектив, понимание «чужого», межкультурную коммуникацию, открытость и толерантность.

Проблема взаимосвязи и взаимозависимости языка и культуры в последние годы приобретает широкий международный резонанс. На многочисленных международных научно-практических конференциях обсуждаются проблемы соотношения языка, культуры и идентичности. «Культуроведческий подход к содержанию и методам обучения родному языку, - отмечает Л.А. Ходякова, - предполагает усвоение учащимися в процессе изучения языка жизненного опыта народа, его культуры (национальные традиции, религия, нравственно-этические ценности, искусство) и духовно-эстетическое воздействие на мысли, чувства, поведение, поступки обучаемых»[6]. В этом контексте, литература является не только источником информации о быте и культуре народа, но несёт в себе богатейший историко-культурный и воспитательный потенциал. Она поистине является основным и главным источником знаний о национальной культуре и языке, который изучают школьники.

Относительно литературы мы имеем полное право говорить о приобретении учащимися на уроке неродного языка не фоновых, а основных, базовых нравственно-эстетических знаний и ценностей. В полной мере также приобретает своё значение кумулятивная (накопительная) функция языка. Сведения об истории, культуре, быте и т.д., которые в полной мере отражены в художественном словесном произведении, облегчают учащимся процесс усвоения неродного языка и адекватного восприятия текста на изучаемом языке. Отсюда, координация словесного искусства и языка на уроке поможет реализовать важнейший общедидактический принцип, как интеграция обучения и воспитания.

А.С Пушкин, М.Ю. Лермонтов, Н.В. Гоголь, И.С. Тургенев, Л.Н. Толстой, А.П. Чехов, С.Есенин - каждый по-своему - употребляют изобразительно-выразительные средства. Научить детей,

изучающих русский язык, чувствовать специфику языка каждого из них – задача очень сложная, но важная как в методологическом, так и в методическом аспектах. А сам учитель должен представлять и учитывать огромную роль поэтики в произведениях русской художественной прозы XIX - XX вв. Тексты именно этого периода становятся объектами изучения в школе.

Современный школьник страдает своими фоновыми знаниями, на нём действительно лежит «тяжесть груза столетий». Преподаватель должен учитывать это, чтобы не только смысл предложения из художественного текста, но и эмоционально-поэтические оттенки этого смысла хоть в какой-то степени были уловлены учеником. Таким образом, речь уже идёт об изучении языка в его культурологическом аспекте.

Личностно-ориентированное образование предъявляет сегодня высокие требования к учителю, особенно к гуманитарию. Он должен понимать, что современные школьники легко поддаются влиянию массовой культуры и массового сознания. Для них не литература (тем более на неродном языке), а кино и видео является наиболее популярным и воспринимаемым видом искусства. Обязательность занятия чтением вызывает в них осознанное или неосознанное отторжение, чтение же литературного текста на неродном языке не только не доставляет им удовольствия, а наоборот – вызывает в них неприятие. Л. Выготский, Н. Молдавская, Т. Браже, В. Давыдов, М. Качурин, В. Маранцман убедительно доказали, что возникновению эстетических реакций на художественное произведение способствует развитие аналитических способностей.

Психологи Б. Теплов, П. Якобсон, П. Блонский, Ю. Самоненко считают эстетическую составляющую одной из важных задач всей системы школьного воспитания вообще и литературы в частности. Безусловно, развитие эстетического сознания помогает формированию не только мышления, но и интегрирует деятельность восприятия, воображения и памяти.

Школа диалога культур В. Библера, используя идею М. Бахтина, выдвинула учение о развитии интеллекта через работу сознания по схеме «сознание - мышление - сознание». В итоге они выходят на решение проблемы «сотрудничество понимающих», т.е. от диалога культур к диалогу как основе обучения и воспитания. Именно в связи с этим становятся чрезвычайно популярными интегрированные уроки, где особую ценность приобретает культурологический подход в изучении литературного произведения. Кстати, в этом направлении плодотворно работают современные учёные-методисты - З.С. Смелкова, В.Г. Маранцман, А.Айзерман, Л.В. Шамрей, А. Княжицкий и др.

Изучая язык, нельзя не изучать культуру, в том числе ее важнейшую составляющую часть - литературу. Например, необходимо изучать пословицы, поговорки, афоризмы, внутренние формы слов, сюжеты наиболее известных художественных произведений, фильмов - всё то, что составляет культурные концепты народа, без чего невозможно освоить язык, а значит и культуру народа изучаемого языка.

Концепт является категорией лингвокультурологической. Он несёт основную и дополнительную информацию о культуре данного народа. «Лингвострановедческий подход к слову, - считает В.И. Карасик, - выражается в виде комментария: то или иное явление аксиоматически квалифицируется как культурно значимое и объясняется с привлечением данных из истории, мифологии, фольклора» [4].

Привлечение художественной литературы в высших её проявлениях, т.е. образцов мировой и отечественной классики, является совершенно необходимым. Чтение книг всегда было естественным и любимым занятием, а сама книга являлась практически основным источником знаний. К сожалению, в наше время наблюдается некоторый процесс вытеснения из массового сознания книги и как источника знаний, и как источника жизненного опыта, и как источника эстетического наслаждения; книгу заменяет телевизор, компьютер и книжные суррогаты типа комиксов, пересказов и т.п. Хорошую книгу необходимо пропагандировать, читателя необходимо воспитывать. И тяжесть этого труда ложится именно на школу, на учителя. Одних уроков внеклассного чтения явно недостаточно. Кроме того, присутствие художественной литературы только на уроке внеклассного чтения в конце концов сформирует в сознании учащегося представление о том, что чтение литературы - сугубо предметное занятие.

На наш взгляд, компенсировать эту ситуацию в школьном преподавании могут интегрированные уроки, которые всё чаще внедряются в школьную практику, причём чрезвычайно важно и необходимо, когда частью такого интегрированного урока становится именно литература.

Актуальным вопросом в межкультурной связи является проблема выбора текста, которая важна и для лингводидактики. Понятие «текст» активно изучается лингвистами, литературоведами, культурологами. Для лингвистики текста, в отличие от стилистики текста, существенным, считает В.И. Карасик, является вопрос о тексте как процессе. Текст как феномен человеческой культуры рассматривается при лингвокультурологическом его исследовании, при этом рассматриваются особенности менталитета народа, обусловленные его историей и отражённые в языке.

Одной из составных изучения текста является речевая деятельность. Важно замечание В.И. Карасика о том, что «текст как продукт коммуникации имеет несколько измерений, главным из которых является порождение и интерпретация текста» [4]. Выбор литературных произведений для чтения должен ориентироваться на культурно-специфические предпосылки ожидания обучаемых, на литературные и литературно-дидактические традиции страны и на ее историю восприятия литературы. Надо учитывать также, что реалистичный доступ к «чужой» культуре и литературе нужно извлекать из актуальных социально-политических и культурологических отношений и современных литературных событий в стране. Это происходит в связи с тем, что передача языковых знаний и страноведения исходит из современного состояния языка, а значит из актуальной структуры общества, экономики, политики и т.д. и только в последнюю очередь включает исторический аспект.

Тесная связь литературы и культуры накладывает ограничения текстового и тематического канона, который должен содержать общие культурные темы, например, пространство, время, путешествия, работа, свободное время, еда, квартира, природа, семья, свои и «чужие» портреты с позиции межкультурной перспективы. Если межкультурные аспекты литературы нужно определять в общем, как предмет межкультурного литературоведения, то тогда большое значение должны иметь тексты к темам и сюжетам о культурных встречах и культурных конфликтах. Осознанное включение литературных традиций «чужой» культуры в своей собственной стране или за рубежом соответствует новой учебной цели: новому пониманию «чужого» или межкультурного (литературного) образования.

Выше уже говорилось о воспитательном потенциале литературы, его роли в формировании речевых навыков школьников и в формировании его как личности. О выдающейся роли литературы в обучении и воспитании подрастающего поколения писали А.Д. Алфёров, Ф.И. Буслаев, В.Я. Стоюнин, В.И. Водовозов, В.В. Данилов, М.А. Рыбникова, В.В. Голубков, Н.И. Кудряшов и др. Художественную литературу когда-то М. Горький назвал «человековедением». В этом определении дан и критерий ценности литературы, которая тем выше, чем полней показан в ней человек, чем правдивей и глубже раскрывается концепция человеческой личности. С этим критерием связано решение проблемы значения изучения русской художественной литературы в школе. Это значение, как мы уже знаем, двустороннее – познавательное и воспитательное,- реализуемое в единстве.

Какие цели должен поставить перед собой учитель? Как найти взаимодействие с каждым из учащихся, привлечь его внимание к литературе? Какова роль русской литературы в системе развития русской речи учащихся-таджиков? Как решить на уроках русского языка идейно-нравственное и эстетическое воспитание школьников, когда нет учебного предмета «русская литература» в таджикской школе? Переход общеобразовательных учреждений республики на новые программы и учебники требует интегрированного обучения русскому языку и литературе, где значительное место должно отводиться развитию русской речи учащихся. В свою очередь, это возможно только при использовании на уроках текстов художественной, научно-популярной и публицистической литературы.

Художественная литература обладает исключительной силой воздействия на воображение, мысли, чувства и стремления человека. Произведения русской литературы, рекомендуемые для изучения в таджикской школе, дают не только возможность познакомить учащихся с картинами жизни и быта русского народа, но и готовят учащихся к реальной жизни. Они приобретают литературные знания и навыки, вырабатывают собственные взгляды и убеждения.

Разные ступени обучения ставят определенные задачи, связанные с процессом формирования мировоззрения, нравственного и эстетического развития учащихся. Опираясь на текст изучаемого произведения, учитель привлекает учащихся к решению посильных для них вопросов нравственности и морали, таких, как отношение человека к обществу и природе, взаимоотношение людей в производстве и в быту, смысл и цель жизни, долг и ответственность и т.д. На этой основе возрастает роль изучения классической литературы прошлого, а работа над литературой более позднего периода приобретает более яркую воспитательную направленность.

Каждой национальной литературе присущи интернациональные черты. Для воспитания чувства дружбы народов, уважения и любви к русскому народу важно использовать не только параллели между произведениями родной и русской литературы, но и изучать тексты литературных произведений таджикских писателей, переведенных на русский язык.

Изучая произведения русской литературы на уроках русского языка, учащийся таджикской школы познает тип русского национального характера, исторические особенности его формирования, национальное и общечеловеческое содержание его исканий. Изучение русской литературы дает учащимся знание особенностей жизни русского народа.

Значение изучения русской литературы не исчерпывается расширением знаний учащихся. Изучение русской литературы способствует овладению русским языком. Именно в художественном

произведении отражается русский язык в своих коммуникативных функциях и жизненной достоверности, осознается не только истинное понимание речевого материала, но и правильное пользование им, что, в свою очередь, способствуют развитию русского речевого мышления учащихся.

Изучение русской литературы обогащает и образное мышление учащихся. При этом учащиеся-таджики постигают в какой-то мере новую по сравнению с родной литературой эстетическую систему, новые образы, способы изображения действительности. И все это постепенно обогащает различные виды его деятельности – речевую, эмоциональную, эстетическую. Изучение (чтение) русской художественной литературы значительно облегчает учащимся чтение на русском языке нехудожественных текстов.

В учебно-воспитательной работе таджикской школы интегрированный урок русского языка и литературы является источником богатого материала для идейного и нравственного воспитания подрастающего поколения. В процессе изучения текстов из произведений художественной литературы у учащихся воспитываются нравственные качества, дисциплинированность, культура поведения, любовь к родине, которая сохраняется на всю жизнь. Постигая духовный мир героев изучаемых произведений, размышляя над их поступками, над тем, во имя чего они совершаются и каких личных качеств требуют, учащиеся развиваются нравственно, учатся правильно оценивать поведение литературных персонажей и свое собственное.

Например, приступая к изучению темы «А.С. Пушкин», можно выделить круг нравственных проблем, которые связаны с жизнью, деятельностью, творчеством поэта. Сообщается ученикам, что на уроках пойдет разговор о таких понятиях, как свобода, вольнолюбие, дружба, любовь, преданность, патриотизм. Жизнь А.С.Пушкина – прекрасный пример дружбы, верности и преданности друзьям. У него было много друзей, которых он умел преданно любить, и эта любовь рождала ответные чувства. Это как раз то, что особенно близко юным сердцам наших учащихся. Читая стихи Пушкина, посвященные друзьям, учащиеся могут почувствовать, сколько в этих словах тепла, любви, сердечности.

В нравственном воспитании средствами литературы очень важно обеспечить сопереживание учащихся, учитывать их запросы, интересы, их понимание произведения. Но ученики должны не только прочувствовать, осмыслить проявление лучших человеческих качеств, таких, как мужество, героизм, воля, искренность, но и понять, что воспринятое ими в художественном произведении должно стать для них источником представлений о прекрасном в человеке.

Обращение к художественному тексту на уроках русского языка поможет углубить знания учащихся о языке. Основной целью при этом должно быть не только расширение лексического запаса, закрепление грамматических форм русского языка, но и решение воспитательных задач обучения. Активность восприятия языкового материала обеспечивается эмоциональностью текста, опорой на нравственно-эстетический опыт школьников.

Образовательное и воспитательное воздействие работы с художественным текстом – единый процесс. Таковым должно быть исходное положение, определяющее отбор текста, приемов и форм работы с ним на уроке. Особого внимания заслуживают тексты, значительные с позиций нравственных, мировоззренческих, позволяющие организовать неформальный обмен мнениями и способствующие постижению таких понятий, как, например, «долг», «достоинство», «память» и других, важных для формирования личности человека и гражданина. Следует назвать и такие общепринятые критерии отбора текста, как смысловая завершенность фрагмента; возможность организовать на его основе работу по развитию речи и закрепление грамматических явлений; степень его интересности, новизны.

Расширение и качественное изменение международных связей нашей республики, интенсивное развитие и упрочение кооперации с другими странами во всех областях производства, науки и культуры диктуют реальную необходимость того, чтобы специалист владел, по меньшей мере, одним неродным (иностранным) языком. Такое положение во многом меняет статус последнего, как общеобразовательной учебной дисциплины. Знание как минимум еще одного языка становится одним из действенных факторов экономического, научного, культурного прогресса общества. Следовательно, условия современного образовательного учреждения призваны обеспечить сознательное овладение им как средством межкультурной коммуникации, способствующим установлению взаимопонимания с народами – носителями этого языка, овладению необходимой информацией в контексте избранной специальности. А также средством воспитания, образования, дальнейшего всестороннего развития личности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Браже Т.Ф. Интеграция предметов в современной школе. //Литература в школе.- 1996.-№5.- с. 150-154.
2. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Лингвострановедческая теория слова.- М., 1980.
3. Выготский Л.С. Мышление и речь // Избранные педагогические исследования. - М., 1956. - С. 39.

4. Карасик В.И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс. – Волгоград, 2002.
5. Методика преподавания литературы: Учебник для пед. вузов. / Под ред. О.Ю. Богдановой, Маранцмана В.Г. - В 2-х ч. - М.: Просвещение, 1994.
6. Ходякова Л.А. Живопись на уроках русского языка. - М., 2000.

### АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГӢ ВА АХЛОҚӢ - ТАРБИЯВИИ ТАЪЛИМИ ХАМГИРОНАИ ЗАБОНИ РУСӢ ВА АДАБИЁТИ РУС ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ

*М.М. Товбаева*

Таълими забони русӣ ҳамчун забони ғайримодарӣ дар марҳилаи муосир дар заминаи вусъатпазири филологӣ ва фарҳангӣ ба кор монда мешавад.. Муаллифи мақола дар раванди таълими забони русӣ тавсияҳои мушаххаси хешро перомуни истифодаи маводҳо аз таърих, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои халқӣ пешниҳод менамояд. Алалхусус, паҳлуи лингвистӣ ва фарҳангии масоили пешбинишуда, ки ҷанбаи асосии он робитаи қавии байни забону фарҳанг аст, диққати ӯро ҷалб намудааст. Ин бесабаб нест, зеро забон – ҷузъи муҳими фарҳанг ва оинаи тафаккур маҳсуб меёбад. Яъне забон, фарҳанг ва тафаккур ҳамеша тавъаманд.

### OF THE PROBLEM CULTURAL AND MORAL-UPBRINGING VALUE OF INTEGRATION OF TEACHING RUSSIAN LANGUAGE AND LITERATURE AT TAJIK SCHOOL

*M.M. Tovbaeva*

The author of the article researched the actual problem of teaching Russian language in wide philological and cultural aspects. The teacher of language should introduce pupils not only to language but also to teach them to understand Literature in original.

During the lessons the pupils are taught about the history, culture, traditions and custom of other country.

Culture is a communication, not only among people, but it is a communication of cultures.

A language is an important element of a culture, way of thought. Language, thought and culture are connected with one another, they consist of unified whole. They could not exist without any one.

## СОХТ ВА ТАРКИБИ НОМАҲОИ “ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ”

*Мисбоҳиддини Нарзиқул*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Амир Хусрав дар бораи сохти нома ва ё аҷзои он ба таври мустақим ва ҷудогона баҳс наоростааст, он чи ки дар ин мухтасар мавриди баррасӣ қарор медиҳем, аз хилоли нигоштаҳои ӯ шинохта шудаанд. Бояд гуфт, ки бо таваҷҷӯҳ ба анвои навиштаҳои таркиби асар, сохт ва аҷзои номаҳо ва мухотабот қолаби назарии номаҳоро намоёнидан мумкин аст.

Сарчашмаи асосии мо дар ин бахш танҳо рисолаҳои панҷгонаи таркиби “Эъҷози Хусравӣ” мебошанд. Баррасии муқоисавии андешаҳои мундариҷ дар китобу рисолаҳои дастури нависандагӣ перомуни масъалаи мазкур маҷоли дигар мехоҳад.

Зери мафҳуми нома кулли анвои навиштаҳоро дар назар дорем, ки бо унвонҳои мисол, парвона, мактуб ва руқъа ёд мешаванд. Барои муайян намудани сохт ва таркиби номаҳо ба тартиби мутолиотӣ аввал ҳар навъи онро бо зикри басомади онҳо менамоёнем, сонӣ ба баррасии сохторӣ, натиҷагирӣ ва сойири нукоти лозим мепардозем.

1. Амсала – ҷамъи мисол ва ба маънии фармон аст. Мисоли қузои дорулхилофати Деҳлӣ, мисоли Шайх Шамс (инъоми деҳае)(2)[1], амсалаи фараҳномаи ҷулуси салотини улой, мисоли тавқеъ ба исми шоҳзодаи аср Фаридхон, дом саъодатуҳу дар маънии иқтоъи маъбар ва савоҳил, фармони туғро ҷониби туҷҷори Биҳор ва Маъобир дар маънии овардани туҳафу нафоиси Арабу Ҳабашаву Баҳрайну Барбару Мағрибу Шом (4).

2. Парвона. Парвонаи шуғли иштинора (2).

3. Мактубот – Номаи қозӣ, номаи Шайх, номаи содот (ду нома), мактуби вазир, номаи нозир, номаи ъориз (ъориз – амал ё шуғл, ки лашкарнависӣ аст), номаи мири шикор, номаи Шамс (ҳамчун лақаб ва нисбат хоси Шамс), номаи Шамс (бо нисбати танҷим), номаи Бадр, номаи лақаби Наҷм, Номаи Наҷм (бо риояи ду нисбат – шоириву нуҷум), нома дар латоифи лақаби ъайн (ба маънии

---

[1] Рақами дохили қавсайн нишондиҳандаи он аст, ки то ин ҷо амсала ё парвона, ё мактубот ва ё руқъаҳои рисолаи ҳамон рақам зикр гардидаанд. Масалан, дар ҳамин маврид то ба ҳамин рақами дохили қавсайн амсалаҳои рисолаи дувум зикр шудаанд.

матар), нома дар латоифи лақаби Тоҷ, номаи аслиҳа (он чи ки ба алқоби мардумон маълуму машҳур аст, ба мисли ҳисом, сайф, синон, гурз – чаҳор нома, ба ҳар кадом яктоӣ), нома дар лақаби камнитоҷ, номаи падар ба фарзанд, номаи валад сӯйи волид, номаи арабии сирф, номаи порсии сирф, номаи амсоли арабӣ, номаи ишқ сӯйи парданишин, сӯйи ошиқ зи паси парда ҷавоб, номаи сиёҳ ба сӯйи сияҳхатте (ошиқона), ҷавоби номаи ошиқона, нома дар латоифи мева ва гул, мулотафаи майгун (номаи моҷарои аҳволи мастон ва авсофи шаробу латоифи он), ҷавоби мулотафаи майгун (моҷарои хумхона), дар иншиъоби усул ва фурӯъи мусиқӣ (дар қолаби нома ироа шудааст), нома сӯйи амири мутрибон, номаи Хоҷа Ваҳид, нома сӯйи Хоҷа Шараф, мактуби малик- насири дин (2) мактуби Бадри ҳоҷиб, мактуб ба ҷониби амиралкуттоб, нома дар фиқҳ, нома дар истилоҳи фиқҳ ва назари мумзаваҷ, нома дар истилоҳи мантиқ, нома дар санъати тасриф, нома дар наҳв, нома ба исми фарзанди худ Ғайсиддин Аҳмад, нома ба исми Яминуддини муборак (муштамил бар панҷ бино, ки панҷ бинои мусалмонӣ тавзеҳ меёбад), нома дар лавозими нуру Қуръон ба исми Нуриддин (4), нома сӯйи наҷм, номаи тӯфон, номаи нор, ъазонома аз забони ғайр, ъазонома аз забони Хусрав, дар ҷад бо ҳазл, номаи идборулидбор (дар тазкири барпой доштани суннати таханнус), номаи суҳрулсахр (дар баёни аҳлияти ноаҳлон), дар бароти қабз ва сахр (5).

4. Руқаъот. Руқъаи найшакар, руқъаи танбӯл, руқъаи танбӯл бар оини мадҳ, руқъаи танбӯл бар оини зам, руқъа баҳри хондани ёрони май, руқъаи шатранҷ, руқъаи нард, даҳ руқъа дар баёни маишат бо халқ – дар ъафву шафоат, пурсиши бемор, мубаракбоди риҷъат аз сафар, мубаракбоди татҳир, адаби хоҳиши тазвиҷ, мубаракбоди тазвиҷ, руқъаи дому нисбати тоҷир, таҳнияти зодани фарзанд, хондани дӯстон (бо нисбати даъват), руқъа бар садри ъуло (нисбати иншои фазл) (2), дар ахбор, дар фароиз, дар илми назар, дар истифтоҳ, шаби барот, моҳи сиём, дар шаби қадр, иди фитр, иди дувум (яъне, иди қурбон), руқъаи ъошур, руқъаи гул..., андар анори хандонрӯй, андар сабӯҳ, руқъаи сӯфиён, руқъаи лоғ, дар ҷория, дар ғала, дар тазкир (4), руқъаи камон, руқъаи тир, дар корд, тавқеъи кулоҳ (дар илтимоси кулоҳ), руқъаи ғалла, руқъаи ришта (5).

5. Сойири навиштаҳо. Дар ин ҷо нигоштаҳоеро дар назар дорем, ки ба онҳо исми нома дода нашудааст, ба мисли "Фатҳномаи Лакҳнутӣ бар дасти Султон Ғиёсиддини Булбуншоҳ" (дар оғози рисолаи панҷум омадааст) ва мақолати теғу қалам (мунозара).

Дар феҳристи басомадии мазбур номаҳои таркиби рисолаи сеюмро ба ҳисоб нагирифтаем, чунки онҳо ба ин ё он санъат нигошта шудаанду пеш аз ҳама хосияти дастурии ороиши каломро доранд. Нуктае, ки кулли он номаҳоро ба ҳам мепайвандад он аст, ки бунёдашон бар ибдоъ, вазъ ва ихтироъи баёни ҳунарӣ ва санъатгарона буда, мухотаби ягонаашон маҳвасони тариқи хусравонаи сухан, яъне пайравони тариқи хоси нигоранда мебошанд.

Бахше аз таснифоти Амир Хусравро дар таркиби хатти дувуми рисолаи чаҳорум нигоштаҳое дар бар гирифтаанд, ки шурӯъ аз Худованд мартаба ба мартаба дар зикри маҷмӯи ин ё он ашхос ва ё ашёҳо ба таври баёни латифаомез ба қалам омадаанд. Ба таври зайл: Дар зикри Борӣ ъазза зикруҳу (дар зайли он муноҷоте ҳам омадааст), анбиё, рӯҳониён, авлиё ва машоих, уламо, ҳафазаи Қуръону қуро ва гӯяндагон, подшоҳону мулук, вузарову кутоб дабирон, муҳтарифа (ба маънии пеша), авлоду обо, волидайн, ақрабову ақориб, афлок, ҳафт ахтар – Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Хуршед, Зӯҳра, Аторуд, Моҳ, ҷумла анҷум, мавolиди мардум, хазанда, набот, мева ва сифатҳои ширин, ғала. Нигоштаҳои таркиби феҳриствораи мазкур дар қолаби нома нигошта нашудаанд, аммо ҷудо аз нома ҳам нестанд. Ба ин маънӣ, ки тариқи ангехт ва барбастҳои маънавие, ки пешниҳод мешаванд, ба хотири пурбор кардани матни номаҳо оварда шудаанд, то барои алоқамандон дастури нависандагӣ бошанд.

Чунин барбастҳоро ҷой-ҷой дар хилоли навиштаҳои таркиби рисолаи чаҳорум боз ҳам пайдо кардан мумкин аст, ба мисли сифати қаламу давоту коғаз (дар хитоб ба дабирон), ағрози мухталифа дар фиристодани ҳадоё ва туҳафи лашкарӣ, зикри аъмол ва аксоби халқ, ташбеҳоти муболиға, зикри аъмол бар сабили афзалият, ташбеҳоти зидди мадҳ, афзалияти аъмол ба тариқи зид, мадҳ ба тариқи ахбор, зам ба тариқи ахбор, латоифи ҳуруфи таҳаҷҷӣ ба тариқи мадҳ, ташбеҳоти амсала, ки ин ҳама низ ба мисли боло ба масъалаи дастури арбоби иншо бастагӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар се рисолаи таркиби "Эъҷози Хусравӣ" дар маҷмӯъ панҷ амсала, як парвона, панҷоҳу панҷ мактуб ва чиҳилу як рақъа нигошта шудаанд, ки саросар хосияти дастурӣ дошта, барои навомӯзони тариқи нависандагӣ ва пайравони тарзи хоси Хусрав нигаронида шудаанд. Номаҳоро метавон аз ҷиҳати фарогирии мавзӯъ низ дастабандӣ кард, аммо аз ин кор бениёзем, чунки дар феҳристи рисолаҳо, хаттҳо ва ҳарфҳои китоб, ки дар мабҳаси феҳрасти рисолот ва мундариҷаи китоб дар оғози ҳамии боб зикр гардидаанд, ин ҷиҳати масъала бармало намудор мебошад.

Аз таркиби номаҳо маълум мегардад, ки аҷзои онҳо дар мисолу парвонаву руқъа иборат аз таҳмид, ғараз, таърих ва дар мактубот унвон, таҳмид, ғараз, дуъо, омин, таърих ва таслимот мебошанд, ки ҳар кадом алфози хосе доранд. Ба ҷойи баъзе аз истилоҳоти мазкур гунаҳои дигар ҳам оварда

мешаванд, ба мисли ин ки ба ивази таслимот дар баъзе номаҳо “сари номаҳо”, ба ҷойи таҳмидот зикри Ҳаққ таъоло меояд. Истилоҳоти макур дар номаи порсии сирф ба таври зайл омадааст: сарнабишти нома, сипоси Худо, бандагиҳо, хонданиҳо, ба мисли хонданӣ баҳри зиндагон ба накӯӣ, хонданӣ баҳри мурдагон ба накӯӣ ва акси инҳо.

Ҳангоми таркиби мактубот аз муқаддимоте бояд истифода бишавад, ки шурӯъ аз унвони нома то дуъои он дар ҳар маҳалле ба кор меоянд. Мувофиқи таснифоти Амир Хусрав муқаддимоти мазбур дар маҳалҳои зайл меоянд: дар унвонот, таҳмидот ва тасмияи сари номаҳо, муросилони мактуб ва таслимоти эшон, хадамот ва таслимот, оғози ғараз ва баёни ҳусни аҳвол, расидан ва фиристодани мактуботу муросилот, адъияи зайл. Вобаста ба мухотаби номаҳо барои ҳар навъ дастурҳои нигориш ба таври гуногун оварда шудаанд, ки намунаи онҳоро дар ҳарфи севуми хатти дувуми рисолаи чаҳорум пайдо кардан мумкин аст.

Ҳамаи анвои таркиби мактубот хусусияти раҳнамоӣ доранд, бинобар ҳамин дар зайли ҳар бахши он чандин намунаҳо оварда мешаванд. Бахусус дар мавриди зикри дуъоҳо аз ҳама зиёд. Масалан, дар номаи аввал, ки номаи қозӣ аст, баъд аз овардани анвои таслимот ба зикри дуъоҳо меоғозад ва бо мушаххас намудани сарфасле ба унвони “Адъиятулқуззот маъа рабталҳикоёт валхитобот” чанд намуна зикр гардида, бо таъйини зерфаслҳои “Лилумум”, “Лилмайит”, “Алъакс” намунаҳо зикр мегарданд. Ҳамин тавр, барои ҳар мухотаб ҷудогона оварда мешавад. Барои мисол, дар давоми адъияҳои мазкур, ки ҳамагӣ ба қозӣ марбут буданд, дуъои ноиби қозӣ меояд ва ғайра.

